**АШӮР САФАР**

# БОРОНИ ҲИДОЯТ

*(мунтахаби ашъор)*

Душанбе
«Адиб»
2008

ББК 84 Тоҷик 7-5
С – 35

Мураттиб *Гурез Сафар*

Муҳаррир ***Саидалӣ Маъмур***

С-35 **Ашӯр Сафар. Борони ҳидоят** (мунтахаби ашъор).
– Душанбе, «Адиб», 2008, 336 саҳ.

Шоири Халқии Тоҷикистон, дорандаи Ҷоизаи давлатии ба номи устод Рӯдакӣ Ашӯр Сафар дар шеъру сухан, ҷаҳони маънавӣ ва ҳунар бадеияти худро дорад, ки ба каси дигар монанд нест. Зиёда аз панҷоҳ сол ӯ ба мардум аз накӯиву хушӣ, ҳиммату одамгарӣ, меҳру вафо, покиву садоқат сухан гуфтааст. Подоши ин ҳама маҳбубиятест, ки мардум ба сухани ӯ ва шахсияти мардумии нотакрораш доштанду доранд.

Китоб мунтахабест ба муносибати 80-умин солгарди шоир, ки аз шеъру ғазалҳои дилнишин фароҳам омадааст.

ISBN 978-99947-57-44-2

© Ашӯр Сафар, 2008

# СУХАН АЗ МЕҲРУ ВАФО

Ҳар кӣ бо Ашӯр Сафар нишаста бошад, ӯро шахси хушсӯҳбат, соҳиби завқу фаросати хос меёфт, ки аз ширинсуханиҳо, нақли латоифи мардумӣ, саргузаштҳои шунидании бо хаёлоти шоирона парваридаву ҳуснёфтааш ҳаргиз дилгиру хаста намегардид. Дар сухани ӯ як воқеияти муқаррарӣ ва як лаҳзаи зиндагӣ ҷомаи завқӣ мепӯшид ва бо ҳусну назокати гуфтори зебои рӯҳпарвар ва бо нақшҳои ҳаҷвию мазҳакавӣ, муболиғаҳову кинояҳо мулавван гардида, ба шумо кайфияти тоза мебахшид. Аз ин ҷиҳат, яъне табъи шӯху ҳусни сухан, шахсияти Ашӯр Сафар сареҳан ба Саидалӣ Вализода монанд аст. Идомаи авсофи маданиву маънавии як шоир дар шахсияти шоиру суханвари дигар кори нек аст. Анъанаҳои инсонии мардумро ҳамин гуна касон нигоҳ медоранд ва шахсияти онҳо назди дӯстону наздикон, ақрабову ҳамдиёрон аз ҳамин ҷо азизу мӯҳтарам аст. Сӯҳбату маҷлиси дӯстонае дар Кӯлоб баргузор намешавад, ки лаҳза ё латифаи тозаи зодаи табъи Саидалӣ Вализодаро нашунавед. Дар сӯҳбати Ашӯр Сафар ҳам шумо аз лутфи сухану завқи ҳиҷо ва андешаи хаёлпарвари ӯ баҳра мебардоштед, хоҳ ин сӯҳбат соате идома меёфт, хоҳ аз субҳ то шом. Зимнан, аз шоирони мо устод Боқӣ Раҳимзода низ ин сифатҳоро дошт.

Аз куҷост сарчашмаи илҳому кони завқу фаросати Ашӯр Сафар ва салафҳои ӯ ва он бунёдҳое, ки ин гулшани завқу зарофатро шодоб месозад? Аз зиндагӣ, аз ҳаётӣ будани маншаю маъвои ин завқу фаросат шубҳае надорад. Ходимони давлатӣ, калонҳои мартабаи гуногун, чун раисони колхозу савдо ва ғайра, пирон, занон, кӯдакон, майхорагону бачаҳои қайсар, ошиқону домодҳо ва ҳоказоҳо, хулоса, мардуми ҳама табақаҳо ва навъи ахлоқу одобу тарбия ва адабу фазлу фарҳанг дар муносибат ба шоир маънавияти худро изҳор мекунанд ва ӯ бо ҳамаи онҳо дар табъу завқу фаросат баробар меояд, қудрату фитрати худро нишон медиҳад, агар шикаст бихӯрад, озурда намешавад, зеро тантеву ҳақгӯ ва ҳақиқатбардор аст. Зиҳӣ ақлу зиҳӣ фаросату зиҳӣ кирдор, ки «зи мардум зодаву бо мардумӣ аст». На ба монанди касоне, ки сухани худро, ба қавли гузаштагон, бар курсӣ нанишонда, худ бар курсии маснаду вазифа нишастаанд ва вазъу хитоби иҷтимоиро

шеъру ҳукми сиёсиро камоли хираду ҳусни мардумпарварӣ донистаанд. Шоири халқ будан аз нозу ниёзи мардум сафое дар дилу ҷон парваридан аст, ки сухани ӯ «боз дар дилҳо нишинад, ҳар куҷо гӯше шунуфт», на он ки аз қаҳри соҳибдавлати ҷаҳолатпешае баҳри миннате эҳдо мешавад:

*Танамро дардҳо абгор карданд,*
*Ғамамро беғамон бисёр карданд.*
*Ду поямро набошад тоби рафтор,*
*Ҷудоям аз раҳу рафтор карданд.*
*На султон бошаму не банди султон,*
*Маро аз ҳардуяш бекор карданд.*
*Ба гӯшам мерасад аз ғайб овоз:*
*Адабро «боадабҳо» хор карданд.*
*Фиребандозҳо андар фиребанд,*
*Ба худ иблисро сардор карданд.*
*Надонад кас чӣ ояд пеш охир,*
*Амал кам карда, гап хирвор карданд.*
*Ба кунҷи хона побандам зи нолиш,*
*Ки гӯӣ гирди ман девор карданд.*

Дар мавриде Ашӯр Сафар ба ин фақир гуфта буд, ки касони ба мутолиаи шеъри классикӣ одат карда ва зеҳну завқи худро ба он одат кунонда шеъри моро кам мепазиранд. Ин сухан аслу ҳақиқате дорад ва бе ҳикмат нест.

Дар сухани Ашӯр Сафар ҳикмат ин буд, ки шеъри мо замони воқеист. Дар шеъри классикӣ маъмулан аслу ҳаққу ҳақиқат бастаи замону макone нест, бастаи вақту замон, неку бад, хушиву андӯҳ, ҳусну костагӣ ва амсоли он авсофест, ки ногузир рух менамоянд ва ба асл рангомезӣ медоранд, то ки инсон бидонад манзилу вуҷуди ӯ аз куҷову то ба куҷост. Дар замоне, ки гуфтаанд, аслу ҳақиқат он аст, ки ту мебинӣ ва мақсади бинишу маърифати ту ҳамин ҷост, ҳар чӣ гуфтанҳо шурӯъ шуд ва билониҳоя, ба қавли Ҳофиз, «чун надиданд ҳақиқат, раҳи афсона заданд.» Хулоса, мо ба сари шеъре омадем, ки аслаш васфи русуми зиндагонӣ, рӯйдоди воқеиву авзои ҳолатҳост.

Дар ҳама асру замон шеъри барҷастаро шоирони бузург гуфтаанд. Дар шеъри вуқӯъгӯии замони мо ҳам касони мумтоз диданиву шуниданиҳоро ба маснади шеъру шоирии ҳақиқӣ бардоштаанд. Лекин бо ҳазор афсӯс инро ҳам гуфтан лозим аст, ки носа-

мимият ва беҳунариро дар паси пардаи васфу вуқӯъ ва ҳолат пинҳон кардан ва ба чашми ҷаҳонбини хонанда хок пошидан низ расм шуда ва бисёр касонро ба номи бузурги шоир шӯҳрат додаст. Ин корро бештар касоне кардаанд, ки дар сояи савлати давлат паноҳ бурда, дар амал худро аз асли худ ва мароми мақсади мардум дур кашидаанд. Имтиёзи Ашӯр Сафар аз ҳамин гуна касон дар ин аст, ки ӯ аз зиндагиву андешаи ҳақиқии мардум дур нест. Суханони шоирро андаке тағйир дода гуфтан мумкин аст, ки мо ҳама ва хар як фарзанди айёми худем. Айёми мо бошад, он замон, ки панҷу шаш сол қабл сипарӣ шуд, касро гӯё фурӯ нишонд ва ба дараҷаи ҳайратангезе паст кард. Мехоҳем мо инро ё намехоҳем, бояд икрор бишавем, ки ҳамин фурӯҳиштани шахси худ асоси зиндагӣ ва сифати шеър ҳам дар вақтҳои охир шудааст.

Аз аввалин шеърҳои маҷмӯаи «Гулбоғ»-и Ашӯр Сафар ҳамин оҳанги баҳри зиндагӣ бори миннат кашидану фарсудани инсонро мебинем. Шоир омодаи ҳар чӣ ҳаст, то Кӯлоб обод бошад, модар қариб худро қурбон мекунад, ки писараш зери борон намонад («Манзара»), бачадорӣ, заҳмату ғами он, фурӯ мондан дар зери бори зиндагӣ алъон давлату лаззат аст («Бачадорӣ»). Ин худсӯзиву заҳматбардорӣ, дар қаъри зиндагии заҳматқарин дидани касоне, ки аз воситаи ранҷи худ кам фарқ дорад, дар шеъри «Деҳқон ва каланд» чунин омадааст:

*Эй каланди рӯзу шаб дар обу гил,*
*Дар мақоми зиндагӣ ҳамқисматам,*
*Бохабар ҳастӣ ту аз неку бадам,*
*Ёфтам ман аз ту ҳар як бешу кам,*
*Эй каланди рӯзу шаб дар обу гил.*

*Ҳар ду гӯё ки дугонӣ зодаем*
*Дар таҳи як гӯшаи чархи барин.*
*Ман тапидам дар туву ту дар замин,*
*Баҳри чӣ будем мову ту қарин?*
*Ҳар ду гӯё ки дугонӣ зодаем.*

Шоирро барои ин суханон ситоиш кардан лозим аст ё маломат? На ину на он. Шоир дониставу ҳушёрона ё бидуни он аз рӯи эҳсос вазъи рӯҳияи худ ва замони худро гуфтааст. Чунон вазъе, ки заҳмати каланду каландзан фарқе надорад. Ин ҳам ранҷи тан мекашаду он ҳам ва ба ҷуз эҳсоси феъливу костагии ҷисм фарқе

миёни ину он нест ва саранҷоми чунин зиндагӣ ба ҷуз нестӣ чизе нест.

*Фарқ байни қисмати мо ҳаст кам,*
*Мехӯрад зангор аз берун туро.*
*Аз дарун авзои ман чун кирмҳо,*
*Дарди ҷони мост охир бедаво,*
*Фарқ байни қисмати мо ҳаст кам.*

Барои ҷомеае, ки инсонро ҷузви иҷбории феълии худ медонист ва барои ӯ мақсаде аз тобеияту заҳмат болотар намебинад, инҳо ҳама суханони ҳаканд. Шоир, иродаи феълии эҷодии ӯ асли ҳақиқати зиндагии замони худро ёфтааст ва дар ин ҷо пайвастагии шахсияш бо муҳити худ ва зиндагии ҳамарӯзаи мардум бори дигар мушоҳида мешавад. Дар тасвирҳои муқаррарӣ ва гоҳо аз ҳад зиёд сурати шиносу табиӣ дошта як бор сар фурӯ бурдан лозим аст, ки шоир аз тасодуфи зиндагӣ ё рӯйдодҳои воқеии доимӣ сухан мегӯяд ва ё аз авзои маънавии замон хабар медиҳад. Аз мисоли боло ба осонӣ маълум мешавад, ки ҳаводиси дар шеъри шоир сайқали андешаву хаёл ёфта авзои рӯҳии замони шоирро дуруст инъикос кардаанд.

Шеър арсаи завқу рӯҳоният аст ва аз мағзи донаи он лаҳзаҳои амалии зиндагӣ ҷустан хатост. Шоир ба воситаи лаҳзаҳои диданин зиндагӣ худро мешиносад ва хабар аз ҳолату маънавияти худ медиҳад.Ҷаҳони маънавии Ашӯр Сафар омехтаи муаммоҳои илмии асри мо нест, ӯ аз решаҳои зиндагии халқ шоху барг боровардаву нашъунамо ёфтааст. Ин маънавияти мардумизода бо одобу русуми мавҷуда ва ёддошту таҷрибаҳо такмил меёбад. Масалан, дар шеъре одобу эҳтироми нонро шоир намунаи бузурги одоби ҳамида медонад ва онро ба таҷрибаи мушкилоти зиндагии худ мепайвандад. Ҳамин пайвастагии ахлоқу худшиносии инсон бо таҷрибаи зиндагӣ оҳанги асосии қисми зиёди шеърҳои Ашӯр Сафар шудааст.

Аз ашъораш бармеояд, ки қалби ба монанди ҳамаи шоиру шоирмашрабон ҳассосу соҳибзавқи Ашӯр Сафар моил ба инсону меҳри мардумӣ будааст. Дар шеъри «Касеро дӯст медорад дили ман» майли костагӣ аз зиндагӣ бо ҳасрати дӯстдории ношинохта бо ҳам мепайвандад ва аз гирифтагии қалби ормонӣ нидои ҳасратомезе мекунад:

*Зимистон асту олам барфпӯш аст,*
*Зи сармо балки дарё ҳам хамӯш аст.*
*Вале дар синаи ман дил ба ҷӯш аст,*
*Танам дар сӯзу завқам дар хурӯш аст.*
*Бароям танг бошад манзили ман,*
*Касеро дӯст медорад дили ман.*

Дар адабиёти классикӣ ва имрӯза ҳам рози ҳақиқии шоирро аз он шеърҳое фаҳмидан мумкин аст, ки дар шакли фахрия аз сухани манзуми худ гуфта шудаанд. Маҷмӯаи шеърҳои Ашӯр Сафар низ аз ин гуна шеърҳо бенасиб нест. Аз ҷумла, шеъри «Касе дил дораду ғам, донад аҳволи мани шоир» дар баҳси мақоми шоирӣ ҳаст. Дар ин шеър шоирӣ дар хидмати халқ будан хонда мешавад, ки ин албатта яке аз шиорҳои маълуми замони шӯравӣ буда, барои соҳибони мансаб як навъ худнамоии риёӣ сифат гирифта буд. Хидмати мардумро кардани шоир маънои дигар дорад: вай ситоянда ва ифшогари розҳо, некӣ ва ҳусни ҳақоиқу зебоиҳои зиндагист. Аз сӯи дигар, шоир бори маънавияти мардумро низ бар дӯш дорад ва бадиҳоро накӯҳиш менамояд. Ашӯр Сафар худро парастандаи «сухансанҷу суханҷӯ» мебинад ва маънии дигари чунин парастиш ҳамчун ҳунари суханварӣ шинохтани шоирӣ мебошад.

*...Зи бадхоҳӣ гузар кардам, суханро тоҷи сар кардам,*
*Сухансанҷу суханҷӯро парастам чун дури нодир.*
*Зи гармои баҳорон гул дамад паҳлуи барфоба,*
*Шавад аз сеҳри лафзи хуб кас барнодилу қодир.*
*Нагӯям рӯзи худро ман шабу шабҳои худро рӯз,*
*Чӣ мехоҳад дили гармам, ба гуфтор орамаш зоҳир.*
*Гапи бисёр медонам, вале онро намегӯям,*
*«Сухан бисёр дону андаке гӯ» гуфтаанд охир.*

Маънӣ ва вазифаи иҷтимоӣ доштани шеъри худро Ашӯр Сафар дар шеъри «Ситеза» бо оҳангу танзу норизоӣ баён кардааст. Дар ин мусаддас шоир шеърро мухотаб қарор дода, ба воситаи ин аз худ ва шеъри худ изҳори норизоӣ ва қонеъ набудан менамояд. Шеърро шоир камтар аз як ҳандалаки лошии камарзиш, аз як пари кашниз, хори сари девор камтар медонад, гарчи файзи ин симу заровар мебошад. Ба ин маънӣ, ки дар қиёси шеър чизе нест, вале файзаш аз симу зар болотар мақом дорад. Шеър бо ҳама костагӣ

хабарнигори рӯҳ, баробаркунандаи ғайру худӣ, шавқангез, маншаи дарди сару ҳайрат мебошад. Бо ин ҳама мақом шеъру сухан натавонистанд, ки пеши раҳи бадиву моҷароҳои зиндагиро бубананд. Шоир шеърашро ва ба ин васила худашро маломат мекунад, ки аз дилмондагӣ ё сабаби дигар раҳи ин сели балоро гирифтан натавонистанд:

*Баргӯй, ки эъҷози ту якбора куҷо рафт,*
*Мононди гурезандаи овора куҷо рафт.*
*Бекор шуд аз хизмату бекора куҷо рафт,*
*Дил гашт зи нобудии ӯ пора, куҷо рафт.*
*Имдодталаб омаду бечора куҷо рафт?*
*Сатри туву байти ту ба дафтар ҳадар ояд...*

*Пеш омада як душмании бесару сомон,*
*Аз гӯшт ҷудо кард қазо нохуни инсон,*
*Бар пиру ҷавон чанг аҷал бурд фаровон,*
*Не пахта ба кор омаду не лаъли Бадахшон,*
*Пирӯзии садсола ба як дам шуда вайрон,*
*Аз ҷанг чӣ ояд? Талаф ояд, зарар ояд.*

*Имрӯз чӣ сон оқибати кор бубинем?*
*Аз шарм натавонем, ки дар ҷой нишинем.*
*Аз хуни шаҳидон ба алам лола бичинем,*
*Мо зинда фақат дар лаби домони заминем,*
*Дигар зи ҳама ориву пурдарду ғаминем,*
*Бинӣ, зи дами сӯхта бӯи ҷигар ояд.*

*Ту пеши раҳи як-ду камондор набастӣ,*
*Зӯрат нарасиду хапу ором нишастӣ.*
*Ё майл намудӣ ба раҳи ҷангпарастӣ,*
*Худ риштаи уммед зи хонанда гусастӣ.*
*Шаҳҷоми пур аз бодаи моро бишикастӣ,*
*Аз пешаи нобоби ту ҷон бар ҳазар ояд...*

Ин шеър понздаҳ банд аст ва ҳамаи онро мо ин ҷо оварда наметавонем. Аз ҳамин абёти боло равшан аст, ки шоир аз воқеаҳои солҳои охир сахт дар изтироб будааст ва рӯҳан азият мекашид ва худро маломат мекард. Ин азобу азият аз он ҷост, ки қудрати ин селоби балоро боздоштанро дар худ ва сухани шоирона намеби-

над. Азияти рӯҳӣ далели виҷдон ва шарафи инсонии шоир аст, ки ӯро аз нокомиҳои зиндагӣ дар канор нигаҳ медорад.

Шеъри Ашӯр Сафар аз ҳодисоти ҳамарӯзаи зиндагӣ манша мегирад, вале вай дар замони шӯравӣ бар хилофи баъзеҳо, ё дурусттар ба монанди дигарон, ситоишгари мафкура ва манзумкунандаи шеърҳои замонӣ набудааст. Аз ҷониби дигар, Ашӯр Сафар пойбанди сахти ақоиди иҷтимоӣ, мафкураи ҳизбӣ ва умуман маҳдудияти ақоиду мазҳабе нест. Аз шеъри ӯ бӯи насими зиндагӣ ба машом мерасад. Ӯ сухан аз ҳар неку баде, ки дар рӯ ба рӯ, дар паҳлу, дар гузашта ва имрӯза буд,мегуфт. Суханаш аз қаҳру ғазаб нест, ниҳоди одамдӯсту некназар дорад ва дар зиндагӣ ҳама некиву хубиҳоро медид. Ба мушкилиҳо, пасттинатиҳои мардум, кӯтаҳназарон, фориғболон, сиёҳкориҳо ва ғайраҳо ба дидаи киноя ва ришханд менигарад ва дар ҳақи онҳо сухани ботамасхур ва ҳаҷвӣ мегуфт. Бинобар ин майлаш ба ҳаҷву ҳазл аз табиати беозор ва некбинаш рӯида, як навъ домони ҷаҳолат нест, ки бар рӯи бадиҳо паҳн мешуда бошад. Ин гуна сифатҳои одамии Ашӯр Сафар на фақат аз табиати авлодӣ ва худододии ӯ рӯидаанд, балки натиҷаи фазлу дониш ва, бахусус, донишу баҳрабардорияш аз адабиёт мебошад, яъне танҳо имконоти ками зиндагӣ ӯро мардумпараст ва некӯхисол накардаанд. Аз баракати таҷриба ва фазилати фарҳангӣ ӯ кирдор ва назари некро дар асарҳояш тарғиб менамояд ва чунон ки худаш мегӯяд, аз касе норизоӣ надорад. Табиист, ки подоши некӣ накӯист:

*Нек гуфтам дигарон аз рӯи меҳр,*
*Лаб ба мадҳи хештан накшудаам.*
*Шод кардам гар яке дар сӯҳбате,*
*Аз фараҳ сар то ба кайҳон судаам.*
*Ҳар хатое кардам, айби ман аст,*
*Дар хатои худ касе н-олудаам.*

Пойбанди маҳдудияти назарӣ набудан ба шоир имкон додааст, ки дар ифодаи андеша, даст задан ба мавзӯъ, рӯй овардан ба диданиву шуниданиҳо, ёду андешаҳои дилхоҳ, муносибат ба ёру дӯстон, ашхоси маълуми фарҳангӣ рафтори озоду боз дошта бошад. Албатта, намешавад, ки як шахси ҷиддии фарҳангӣ мавқеи маълум ва устувори диди ҷаҳони маърифати мардуми онро надошта бошад ва мавқеи писандидаи мадании куллӣ ҳам дар шеъри Ашӯр Сафар ҳаст. Ба назари мо, қонуни фарҳангии

эҷодиёти Ашӯр Сафар дар навбати аввал ва аслан дар одобу ахлоқ, фаросату завқи мардум реша дорад. Ҳар як шеъри ӯ бозгӯи ягон ҷиҳати ҳамида, нек ва зебои инсон аст, ки мардум онро бар асари дарози таҷрибаи рӯзгори таърихӣ санҷидаанд ва шоири мо мавриди ҷолибе аз тазоҳуроти онро бо фаросат ва завқи шоирона дарёфтааст. Шинохти ҳақиқатҳои хуши ҷиддӣ ва гоҳо ҷолиби хандаовар, ки ба қонуни ахлоқӣ ва мардумиву суннатии тоҷик мувофиқ аст, асоси шеъри Ашӯр Сафар гардидаанд. Дар шинохти ин ҳақоиқ ӯ гӯянда, такмилдиҳанда буда, онҳоро ба мавқеи назари худ меорад ва сайқал медиҳад ва ба мақоми нотакрори худӣ мерасонад. Дар сухани ӯ розҳои худӣ ҳам ҳаст, вале пайвастагӣ ба зиндагии ҳамарӯза ӯро ба дарёи хоҳишу ормонҳои романтикӣ зиёд назадаанд.

Қолаби шеъри Ашӯр Сафар суннатӣ ва анъанавии тоҷикист. Қисми зиёди шеърҳояш шакли ғазалро доранд, дар шакли маснавӣ, қитъа, мусамматҳои шаклан ноустувор низ шеър гуфтааст. Аммо луғат, ибора ва таркиботаш хеле кам суннатии классикианд. Онҳо аксаран бофта ва ёфтаи андешаи худаш ҳастанд, ки аз сарчашмаи пурфайзи маънавӣ ва андешаву гуфтори мардум об мехӯранд. Барои далели ин иддао як ғазали шоирро иқтибос менамоем:

*Бо мурураш неку бад афсона мегардидааст,*
*Рози пинҳон ҳам бурун аз хона мегардидааст.*
*Аз чӣ мегӯянд «анори дона-дона» дар суруд,*
*Баски хирман сербор аз дона мегардидааст.*
*Дӯст дорад ошиқу маъшуқа рӯ тобад агар,*
*Ошиқ аз бечорагӣ девона мегардидааст.*
*Зӯриву зориву зар ин ҷо намеояд ба кор,*
*Мардуме банди гапи ҷонона мегардидааст.*
*Ишқ агар аз дилбарон сар мезадӣ, хуш давлате,*
*Бенаво дилдодаи шайдо намегардидааст.*
*Зиндагӣ то ҳол моро мактаби н-омӯхтаст,*
*Зиндагиомӯз кас фарзона мегардидааст.*
*Нозукиҳояш бувад бориктар аз мӯи сар,*
*Дар шикаст аз мӯи сар ҳам шона мегардидааст.*
*Нест ҷои шиква аз он дӯст, ки таркат кунад,*
*Рафта-рафта бачча ҳам бегона мегардидааст.*

Ба ин тариқ, Ашӯр Сафар дар шеъру сухан, ҷаҳони маънавӣ, ахлоқӣ ва ҳунар бадеияти худро дорад, ки ба каси дигар монанд нест. Зиёда аз чиҳилу панҷ сол ӯ ба мардум аз некӯиву хушӣ, ҳиммату одамгарӣ, меҳру вафо, покиву садоқат сухан гуфтааст. Подоши ин ҳама маҳбубиятест, ки мардум ба сухани ӯ ва шахсияти мардумии нотакрораш доштанду доранд.

Сад афсӯс, ки вақте ин мақолаи кӯтоҳ ба поён расида буд ва рӯи чопро надида шоири ширинсухан, шахси фозилу меҳрубон, инсони хушсухану сӯҳбаторо, дӯстдори халқу кишвари худ Ашӯр Сафар дида аз олам пӯшида буд. Баъд аз вафот китоби гулчини ашъораш дар Теҳрон чоп шуд, ки муқаддимаи зиндагии бардавоми номи нек, сухан ва шеъри ӯст. Анҷоми рӯзгори шоир оғози сайри таърихии эҷодиёти ӯст. Ба Ашӯр Сафар худованд табъу қудрати ба воситаи ҳунари шоирӣ абадӣ гардонидани номи худро насиб гардонидааст ва халқе, ки шоир барои ӯ месуруд, шаъну эътиборашро абадан нигаҳ хоҳад дошт.

*Ҷумла ёрон чун хаёл аз пеши мо бархостанд,*
*Мо хаёли ёри худро пеши худ биншондаем.*

***Худоӣ ШАРИФОВ,***
*профессор*

15 январи соли 1997

## САҲАРГОҲИ ТАМОШО

Кӯлоб, саҳаргоҳи таманнои ман астӣ,
Шодии дилу хандаи лабҳои ман астӣ.
Хушрӯйтарин ҷои тамошои ман астӣ,
Равшангари ду дидаи бинои ман астӣ.

Ҳар ҷо гапи ту бекаму бекост бигӯям,
Ҳар он чӣ, ки пурсанд, ҳама рост бигӯям.
Як гӯшаи ту зиннати дунёст бигӯям,
Дунё чӣ парастам, ки ту дунёи ман астӣ.

Мурғи ҳавасам дар чаманат лона гирифта,
Оғӯш маро олами афсона гирифта.
Шаҳбози сухан аз кафи ту дона гирифта,
Овози ману минбари болои ман астӣ.

Бошад зи ту меҳре, ки маро дар дилу ҷон аст,
Монандаи хуршеди саҳар нурфишон аст,
Рахшанда раҳи умри ман аз партави он аст,
Гаҳвораи даҳ баччаи зебои ман астӣ.

Безад ба сарат боди Чагам бӯи гули хор,
Сурхоб кунад домани саҳрои ту гулзор,
Атрофи ту аз кӯҳи намак ёфта девор,
Кошонаи аз нону намак бои ман астӣ.

Ман дар панаҳат гашта тавоною ҷаҳонгард,
Ту дар панаҳам гаштаӣ беғуссаву бедард,
Ҳаргиз нагузорам, ки ба рӯи ту фитад гард,
Имрӯзи хушу қисмати фардои ман астӣ.

## МАНЗАРА

Пораи абре чу доғи рӯи моҳ
Гашт пайдо вақти пешин дар само.
Тоқа-тоқа рехт борон аз ҳаво,
Якта ин ҷо, якта дар ҷои дигар.

Бачаҳо аз нам-намаш хуррам шуданд,
Мисли гул хандонрух аз шабнам шуданд,
Дар паропар ҳар сӯ пушти ҳам шуданд
Ҳамчу оҳубарраҳо дар кӯҳу ҷар.

Лек ин дам бо мизоҷи дигаре,
Тохт аз мобайни кӯча модаре,
Ҳис накарда заррае ҳам шалпарӣ,
Медавид он сон, ки гӯё дошт пар.

Пои урён медавиду медавид,
Ҳалқи сӯзон медавиду медавид.
Нимгирён медавиду медавид,
Латтааш афтид аз сар бехабар.

Роҳро ӯ гӯиё дармекашид,
Хешро бар кӯҳи Кафтар мекашид,
Бод рағмаш гӯӣ ханҷар мекашид,
Дур мегардид аз деҳ, дуртар.

Аз балое буд гӯё дар гурез,
Бар куҷое буд гӯё дар гурез.
Бедавое буд гӯё дар гурез,
Гӯиё таҳдид мекардаш хатар.

Абри саргардон варо тарсондааст,
Қатраи борон варо тарсондааст,
Тифли мактабхон варо тарсондааст,
Ки зи пушти пода рафтаст ин саҳар.

## ЭЙ ДИЛ

Эй дил,ту бар гӯшам мудом
Изҳори хурсандӣ кунӣ.
Аз дӯстон орӣ паём,
Шодон шакархандӣ кунӣ.

Беғаштар аз оинаӣ,
Бошам ҳаме ҳайрони ту.
Покизаи деринаӣ,
Ҷону сарам қурбони ту!

Ҳаргиз надорам ман ба ёд,
К-аз одаме бошӣ малол.
Медонамат, ки умрбод
Озод ҳастӣ аз завол.

Дунё пур аз дилбар бувад,
Аммо ту якто хостӣ.
Некат биёмад ё ки бад,
Бо вай ҳаёт оростӣ.

Бар рӯзгору одамон
Бо чашми ту созам назар.
Аз дарду ғамҳои ҷаҳон
Аввал зи ту ёбам хабар.

Ҳар кас, ки дорад дил чунин,
Ҳамдарду ҳамсӯзи ман аст.
Дидори гармаш беҳтарин
Айёми наврӯзи ман аст.

## БАЧЧАДОРӢ

Хотиротам дафтари накшодааст,
Сафҳа-сафҳа рӯи ҳам афтодааст.
Модарам бо чашми чору ашкбор
Пеши рӯям то ҳанӯз истодааст.

Дертар як баччаш меомад ар,
Беқарорӣ мешуд ӯро бештар.
Мор гӯё мегазид ин дам варо,
Ки ҳамеларзид аз по то ба сар.

Оҳи сарде мекашид аз ҷони талх,
Буд ӯро гӯиё даврони талх.
Дошт дар дил оташи аз дуд пур,
Дар даҳонаш оби талху нони талх.

Гоҳ берун гаҳ дарун мемонд по,
Худ ба худ мегуфт вақти рафтуо:
– Шукри фарзандон, ҳазорон шукр, лек
Баччадорӣ мекушад охир маро…

Модари бечораам аз гирудор
Дар ҷавонӣ пир шуд беихтиёр.
Ёфтам охир хабар аз ҳоли ӯ,
То падар гаштам, шудам ман баччадор.

Баччадорӣ бештар будаст ғам,
Шодияш бисёр ҳам будаст кам.
Як ғамаш норафта аз дил то ҳанӯз,
Як ғами дигар шавад болош зам.

Бишнавам гар мошине бархӯрдааст,
Баччае аз ин фалокат мурдааст.
Баччаи худро биёрам пеши рӯ,
Баччадорӣ бар ғамам биспурдааст.

Ҳар балое бар сари одам расад,
Бар сари одам аз ин олам расад,
Дар гумонам баччаи ман дар балост,
Бар дилу ҷон тирҳои ғам расад.

Нест ташвиши маро ҳеҷ интиҳо,
Ғам зи дунболам намегардад ҷудо.
Ҳарфи модар ҳар нафас ояд ба ёд:
«Баччадорӣ мекушад охир маро».

Баччадорӣ баски давлат будааст,
Давлати бемислу қимат будааст.
Ҳар қадар бисёр бошад ҳам, кам аст,
Ғам ба давлатдор лаззат будааст.

## ДЕҲҚОН ВА КАЛАНД

Эй каланди рӯзу шаб дар обу гил,
Дар мақоми зиндагӣ ҳамқисматам,
Бохабар ҳастӣ ту аз неку бадам,
Ёфтам ман аз ту ҳар як бешу кам,
Эй каланди рӯзу шаб дар обу гил.

Ҳар ду гӯё ки дугонӣ зодаем
Дар таҳи як гӯшаи чархи барин,
Ман тапидам дар туву ту дар замин,
Баҳри чӣ будем мову ту қарин?
Ҳар ду гӯё ки дугонӣ зодаем.

Ростӣ аз дастаат омӯхтам,
Тоб овардам чу ту дар кори сахт,
Теппаҳоро мисли суфра карда тахт,
По ба каҷкорӣ намондам ҳеҷ вақт,
Ростӣ аз дастаат омӯхтам.

Гар дамат мекӯфтам болои санг,
Чаппа мешуд гӯӣ як нохуни пом,
Оҳувоям дер медодам давом,
Мезадам бар сар кулӯхи интиқом,
Гар дамат мекӯфтам болои санг.

Байни мову ту ҷудоӣ н-омада,
Зиндагиро ранҷи мо тасвир буд,
Ғам ба дасту пои мо занҷир буд,
Дам гирифтан лаҳзае тадбир буд,
Байни мову ту ҷудоӣ н-омада.

Кокули каҷбеди пеши ҷуйбор
Буд гоҳе соябони сар ба мо,
Кас набудӣ ҳамдаме дигар ба мо,
Ҳамчу хоҳар буд ғампарвар ба мо,
Кокули каҷбеди пеши ҷӯйбор.

Достоне рӯзгори мову туст,
Хондаву нохонда медонад варо.

Хуб нофаҳмонда медонад варо,
Нуктае н-афтонда медонад варо,
Достоне рӯзгори мову туст.

Мансаберо гар ба тавсиф оваранд
Бо ду ҳарфак ёвагӯён бар забон,
Дар талош афтанд худ мансабхарон,
Боиси он балки пеш оранд ҷон,
Мансаберо гар ба тавсиф оваранд.

Кам набошад дар санои мо китоб,
Гуфтаанд аз мост маъмур оламе.
Бе ману ту нест ҳаргиз хуррамӣ,
Ризқу рӯзӣ ёбад аз мо одамӣ,
Кам набошад дар санои мо китоб.

Кас накард аммо ба ин «мансаб» талош,
Дастаи ту монду дасти ман ба дашт.
Ҳаст дар ҳар рӯзамон сад саргузашт,
Дар кафи мо хок зар гӯянд, гашт,
Кас накард аммо ба ин «мансаб» талош.

Мекунанд аз дур танҳо як назар,
Бар дили мо гӯиё ханҷар зада,
Гӯӣ бар он сафҳаҳо озар зада,
Лофҳое аз сари минбар зада,
Мекунанд аз дур танҳо як назар.

Фарқ байни қисмати мо ҳаст кам,
Мехӯрад зангор аз берун туро,
Аз дарун авзои ман чун кирмҳо,
Дарди ҷони мост охир бедаво,
Фарқ байни қисмати мо ҳаст кам.

Баъди ин гардем мо ҳар ду дигар,
Пеш ояд роҳи ту сӯи завод.
Боз эҳё мешавад бар ту ҳаёт,
Ман равам аз даҳр лекин номурод,
Баъди ин гардем мо ҳар ду дигар.

Гар ту оӣ боз бар саҳрои кор,
Бар дигарҳо қиссаи зангор гӯй,
Дар мисол оварда манро пеши рӯй,
Гӯй з-он качбедаки паҳлӯи ҷӯй,
Гар ту оӣ боз бар саҳрои кор.

## ФАСЛИ ДӮСТДОР

Зимистон аст фасли дӯстдори ман,
Ба зери барф мехобад замин ором.
Барору авҷи нав ояд ба кори ман,
Чу пеши дидаам тобад замин ором.

Барорам аз дили ғампарвари худ ғам,
Ки бо дуди тамокуям равад берун.
Ба чашмам олам аст афсонае ин дам,
Шабу рӯзам, ту гӯӣ як бувад акнун.

Сарам болои болишти парӣ бошад,
Хаёлам дур аз ман меравад шабҳо,
Дилам бедор мисли аскаре бошад,
Ки бонӣ мекунад хоки диёри мо.

Ба гӯшам мерасад форам суруди бод,
Ки мегӯяд замини хобро алла.

Чунон ки модари гаҳворадоре шод
Бигӯяд тифлаки нотобро алла.

Саҳар бедор тифлаш мекунад момо
Ба садҳо лутфу садҳо лафзи нотакрор.
Ҳамехоҳам заминро нозуку дилхоҳ
Кунад танҳо баҳор аз хоби дай бедор.

## АШКИ ТОК

Навбаҳор омаду шуд гарм замин,
Ҳар тараф сабза дамидаст маҳин.
Аз таги тарма кашад сар гули тар, –
Ба наво мурғи чаман мегӯяд.

Шабнамо, рӯи маро шуста бимон,
Булбуло, аз ҳавасам хуб бихон,
Насим аз бӯи хушам бар ҳама ҷо, –
Гули бишкуфтадаҳан мегӯяд.

Найи чӯпонӣ биёяд ба фиғон,
З-ӯ биёбад дили озурда тавон.
Карда моил ба чаро рамма ҳама,
Шукр бар дашту даман мегӯяд.

Гиря бисёр кунад аммо ток,
Ашки он шӯра шавад бар рухи хок.
Сари ҳар қатраи ашкаш набуред
Шохаву навдаи ман мегӯяд.

## АЗ БАЛАНДӢ

*Барои Бобоқул Аҳмадов*

Зи хурдӣ бар фарози кӯҳсорон мондаам поро,
Тамошо аз баландӣ кардаам паҳнои дунёро.

Ба мисли зодгоҳи худ надидам кишваре зебо,
Касе, ки дӯст медорад Ватан, дорад гапи моро.

Ҳамеша пешаи ман заҳмати боғ асту гулбонӣ,
Зи дастам сар нахоҳам дод домони таманноро.

Талотум мекунад қум дар бағал бо шӯру ғавғо Панҷ,
Ба рӯи каф намоям соф аз қум оби дарёро.

Шавад шодоб то ки ҳар ниҳоли наврасу навбар,
Дигар кардам барои рӯди шӯху маст маҷроро.

Ба дашти Рушкаву дашти Шакунг орам давоми боғ,
Саросар мекунам сарсабз ҳар ду дашти паҳноро.

Ба сони донаи норанд манро дӯстон бисёр,
Ниҳоли дӯстӣ парварда бахшам зеб фардоро.

## АГАР ЯК МАҒЗИ НОН БИНАМ ТАГИ ПО

Кунам дар хонаам ҷанҷоли бисёр,
Агар як мағзи нон бинам таги по.
Касе рағмам намояд ҳарфи бад такрор,
Ту гӯӣ мешавам оташ саропо.

Ба чашмам зишт тобад баччаам низ,
Агар нохӯрда монад луқмаи хеш.
Касе якдаста нонро бишканад, тез
Намоям аз сари хонам варо пеш.

Чӣ медонанд онҳо, ки надонанд
Азобу дарди бенонӣ ба олам.
Чӣ медонанд онҳое нахонданд,
Ки одам баҳри нон куштаст одам.

Ман он рӯзу замонҳо нағз донам,
Вабои гушнагиро дидаам ман.
Чӣ будӣ нон? Туро гуфтан тавонам,
Ки болояш зи тилло дидаам ман.

Занеро дида будам зору гирён,
Ки колои арӯсияш ба каф дошт.
Ба ҳар дар гашта вай хотирпарешон,
Тамомашро ба як нон нарх бигзошт.

Барои кӯдаконаш то бард нон,
Харидоре вале пайдо накард ӯ.
Агар нон нест, инсон нест инсон,
Зи нон аст одамӣ ободу некӯ.

Зи ҷанг омад ба модар нома такрор,
Зи фарзанди шуҷоъ, ки дошт нусрат:
«Бубинам нони серӣ гар дигар бор,
Намонад бар дилам зинҳор ҳасрат».

Бимирам дар рухи холи фатир ман,
Тавону шодиву илҳомам он аст,
Ба ман аз ҳар чӣ бошад хуб равшан,
Ки шаъну эътибори номам он аст.

Ҳамегӯянд доноёни ҳикмат,
Ки одамро ҷаҳонбон офариданд.
Намирад, то бимонад поктинат,
Якум нону пас имон офариданд.

## ҒАЗАЛИ МОДАР

Рӯзу шаб ҷӯшад ба дил бар бахти фарзандон ҳавас,
Аз ҳавасҳои дилам воқиф набошад ҳеҷ кас.
То саҳаргаҳ алла гӯям дар сари гаҳвора ман,
То ки гардад як замон тифлам маро фарёдрас.
Кӯдакам нолиш кунад, ҷонам барояд гӯиё,
Гар бихандад, зинда гардам гӯиё дар як нафас.
Фориғам дорад зи дарду ранҷ бедардии ӯ,
Метапам аз дарди ӯ чун мурғи побанди қафас.
Ҳарфи нофаҳмаш ба ман з-овози булбул хуштар аст,
Гул ба пеши рӯи ӯ тобад ба чашмам хору хас.
Ғайри хобу роҳати тифлам нахоҳам давлате,
Давлати бедор дар дунёи ман ин асту бас.

## ТИФЛ АЗ ҲАМА КОР БЕХАБАР БУД

Будан ба раҳе ба интизорӣ
Гӯё ки вазифа буду коре.

Ҳар рӯз канори хушки сангоб
Уммед ба дил, зи ранҷ нотоб,

Дирӯза арӯси гашта модар,
Тифлаш сари сина дар паропар

Будӣ нигарони хаткашон, к-ӯ
Орад хате ё паёми некӯ.

Айёми баҳор асп метохт,
Бо сабзаву лола дода пардохт.

Саҳро ҳама то ба кӯҳсорон
Мехонд ба кор марди деҳқон.

Ин ҷой нарехт арчи борон,
Ногаҳ зи табиати баҳорон

Сел омаду чанг зад ба модар,
Бурдаш ба даҳон мисоли аждар.

Модар ба миёни об мерафт,
Чун мавҷ ба печутоб мерафт.

Гаҳ буд ниҳону гаҳ намоён,
Селоба барин ба коми тӯфон.

Лекин зи даруни сели хунхор,
Ки дошт ба сангу чӯб пайкор,

Тифлаш сари даст буд боло, –
Ҷонаш, ҷигараш, дилаш ҳамоно.

Мардум ҳама дар даводав афтод,
Ҳар як дигаре намуда фарёд.

То чораи кор ҷуста монданд,
То дасти шиноварӣ давонданд,

То ёфт асоси чора анҷом,
Карданд бадар зи сел то мом,

Ӯ мурда буду ба дасти болош,
Бар дасти зи сел ҳам тавонош

Тифлаш, писари ягона, номаш,
Ояндаву умри бардавомаш.

Осеб надида монд зинда,
Бигристу накард дер ханда.

Дар ҷанг падар бимурд дар нор,
Аз боиси дилбари вафодор.

Ин ҷой дар об модари ҷон,
Аз боиси тифл – бахти хандон.

Тифл аз ҳама кор бехабар буд,
Ҷон бар тани мардуми гузар буд.

## ТОҶИКИСТОН

Ёд дорам, ки чу мактабрав шудам,
Кафши чӯбин буд поафзоли ман.
Барф мегардид то зону ғарам,
Бе фиғон, бе ханда буд аҳволи ман.

Модарам мегуфт, посурхак[1] кунед,
То ба мактаб медавидам пои луч.
Пойҳоям дар дили барфи сафед
Сурх мегардид бар монанди хуч.

Ҳис накардам сардии барфи туро,
Гарчи посурхак намудам ҳар саҳар.
Имтиҳон мегашт посурхак маро
Аз дайи як сол то соли дигар.

Гушнагӣ омад ба соле мисли мор,
Кӯч бастем аз деҳи кӯҳӣ ба дашт.
Гашт қути мо заморӯғу[2] ҷигор,[3]
Рӯзи мо то нав[4] ҳама бе нон гузашт…

Тоҷикистон, ҳар гиёҳи туст нон,
Дидаи серам ту бошию туӣ!
Сардию гармии ту додам тавон,
Дафтари шеърам ту бошию туӣ!

---

[1] Посурхак – дар барф пои луч давидан.
[2] Заморӯғ – растаниест, ки бехаш мисли картошка аст.
[3] Ҷигор – чағора, қорч.
[4] Нав – вақти пухта расидани ғалла.

## МАШЪАЛЕ БОШАД ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

Дур умре дорад ар кас зистан
Аз диёр – аз зодгоҳи хештан,
Моли дунёяш бувад дар ихтиёр,
Меҳру Маҳ бошанд бар ӯ дастёр,
Об бо фармони ӯ гардад қафо,
Кӯҳ бар ӯ хам кунад сар пеши по.
Кас ба номаш н-оварад як ҳарфи зишт,
Дар ба рӯяш боз бинмояд биҳишт…
Лек вақте мешавад бемор ӯ,
Мебарад аз ёди худ ночор ӯ
Он ҳама дороиву хушҳолияш,
Савлати воломақому олияш.
Ёди хоки зодгоҳаш мекунад,
Дӯхта сӯяш нигоҳаш мекунад.
Дар хаёлаш оварад онро мудом,
Хоҳад аз худ сахт гирад интиқом,
Ки чаро аз вай шудаст охир ҷудо,
Бо ҷудоӣ умри худ кардаст адо.
Майли рафтан мекунад бар зодгоҳ,
К-он бувад бар умри одам ибтидо.
Ашкрезон мешавад аз ҷо равон,
Мурдаашро мекашад бар сӯи он.
Мо кунун мисли ҳамон дур аз диёр,
Ки бувад бемору ҷонаш беқарор.
Бо ҳавасҳои ба хун омехта,
Аз азал то бар кунун омехта,
Бар забони хеш рӯ овардаем,
Сӯӣ ҷони хеш рӯ овардаем.
Ҳастии мо бас забони мо бувад,
Худ забони мо тавони мо бувад.
Чун забони мом ҳурмат мекунем,
Дарди худро худ табобат мекунем.

Чист, гӯ, аз шири модар поктар!
Бо ҳамон дар мо забон омад бадар.
Он, ки бошад аз забони мом дур,
Зиндае бошад, ки ҷо дорад ба гӯр.
Чун забони хештан гум кардааст,
Бо ҳамин яъне ватан гум кардааст,
Модари худро набишносад дигар,
Гӯиё мондаст модар бе писар.
Нест аз ӯ дар ҷаҳон бадбахттар,
Марг ҳам аз ин набошад сахттар.
Аз чунин бадбахтӣ умре дур беҳ,
Дар сухан бо лафзи модар ҷӯр беҳ.
Сад вазифа садқаи шаҳди забон,
Бар забонбезор мон, ояд қирон.
Дар даҳонаш заҳр гардад нони халқ,
Ӯст зарпечак ба нахли ҷони халқ.
Ӯст каждум дар сӯрохи бӯрё,
Неш хилват мезанад бар пои мо.
Ӯст море дар миёни пистазор,
Мекунад гунҷишки лафзи мо шикор.
То «фазилатмандие» бидҳад нишон,
Мекунад қурбон забони моми ҷон.
Бо забони ғайр дар минбар шавад,
Ғарқ бар дарёи карруфар шавад.
Балки мегӯяд сияҳ испедро,
Мансабе дар даст то дорад нигоҳ.
Бо забон не, бо нишоне «зинда» аст,
Бо забони безабонӣ «зинда» аст.
Бо силоҳ истод пеши мо араб,
Ном то гирем ангурро «инаб»…
Зад ба шамшераш ба сар ё ки ба мушт,
Рехт хун, аммо забони мо накушт.
Дар замони тоза бепарво шудем,
Заргарему бе зари соро шудем.
Аз худи мо айб содир гаштааст,
Ростгӯӣ баски нодир гарштааст.

Пеш рафтем аз паси ҳар кӯру кар,
Талхакаҳ хӯрдем бар ҷои шакар.
Нест дигар тоқати сабру сукут,
Об шуд чун барф айёми рукут.
Равшании хона бошад аз чароғ,
Бо дарахташ боғро гӯянд боғ.
Поя лозим, гар ту хоҳӣ боғи ток,
Мефитад бе поя токат рӯи хок.
Байни хору хас бимонад бенумӯ,
Ҳосиле аз вай нахоҳӣ чид ту.
Хонаему шамъи мо бошад забон,
Боғ моему забон оби равон.
Мо ҳамон токему дар нашъунамо,
Поя мебошад забони мо ба мо.
Машъале бошад забони тоҷикӣ,
Равшанӣ бахшад ба ҳар як торикӣ.

## АРЗИ МЕҲР

Шаҳри ман, маъвои ман, Кӯлоби ман,
Махзани ишқи саодатёби ман,
Эй, канори модари ноёби ман,
Рӯзҳо хуршеду шаб маҳтоби ман.

Дур гардам муддате гар аз барат,
Дил биёяд бар канори дилбарат,
Мисли як парвона дар гирди сарат
Чарх гардад, бурда аз ман хоби ман.

Хоку обат аз бароям ҷон шуданд,
Тифлҳоям дар ту раҳгардон шуданд,
Якта-якта рафта мактабхон шуданд,
Боғи умрам, гулшани шодоби ман.

Бо туам бошад ҳаме буду набуд,
Нестам ҷои дигар чашми ҳасуд,
Мурғи дил пардохт дар боғат суруд,
Хонадону фазли ман, одоби ман.

## ШАББОДА

Шаббода лесад рӯи ман,
Бӯи гул орад сӯи ман.
Аз лутф чун Барноякам
Созад парешон мӯи ман.

Орад ба ман пайғоми хуш,
Аз навбаҳор – айёми хуш.
Монанди досак донад он
Роҳи сарою кӯи ман.

Маъвои ман дорад шукӯҳ
Аз домани зебои кӯҳ.
Шаббода низ ин ҷо шуда
Ҳамсояи некӯи ман.

Ҳар бегаҳӣ гардиш кунам,
Бо гардишам варзиш кунам.
Ӯ ҳам ба гардиш мешавад
Бо нозукӣ паҳлӯи ман.

Бо ман, ки созиш мекунад,
Ҷонам навозиш мекунад.
Дам ҳот мегардад маро,
Афзун шавад нерӯи ман.

## БАЧАҲОИ МАН

Ба аспи кӯдакӣ онҳо саворанд,
Ба мисли бод ҳар ҷо раҳсипоранд.
Гаҳе ин ҷо, гаҳе дуранд з-ин ҷо,
Гаҳе бар дашту гаҳ дар кӯҳсоранд.

Ба бозӣ шавқ дорад ҳар яки он,
Чунон шавқе, ки онро нест поён.
Ту гӯӣ барраҳои ширмастанд,
Ки бо сад тоз бинмоянд ҷавлон.

Ба онҳо хос бошад беқарорӣ,
Ба кори хеш банданд ихтиёрӣ.
Шикамҳо серу нав доим сару тан,
Ки пиндоранд дайро ҳам баҳоре.

Гаҳе ғун кардани онҳост мушкил,
Давидан то хами дарёст мушкил.
Ба мисли моҳии дарё гурезанд,
Қапидан моҳии дарёст мушкил.

Пас аз бозиву кореву тамошо
Сари хон бегаҳӣ гарданд якҷо.
Гапи худро бигӯяд ҳар яки ӯ,
Бигардӣ лол дар мобайни ғавғо.

Чу ғавғо мешавад бо авҷ такрор,
Сарат афтад ба чарх аз дарди бисёр.
Вале чун «Мултфилм» оғоз гардад,
Ҳама якбора лаб бандад зи гуфтор.

Гумон созӣ, ки дар он филми зебо
Намояд ҳар кадомаш нақш иҷро.
Гумон созӣ, ки андар хонаи мо
Дар ин ҳангом ғунҷидаст дунё.

# КУЛЧАИ ОРЗУ

## ХОНАИ НОРӮФТА

Миёни халқи мояст одати дерин,
Ки онро кас насозад ҳеҷ гаҳ помол:
Касе аз хона бинмояд сафар ҷое,
Нарӯбанд аз қафояш хонаро дарҳол.

Агар рӯбанд, бошад шарҳи маъно-ш ин:
Мусофир барнагардад мон, дигар аз раҳ.
Аз ӯ безор аҳли хонадон бошад,
Шавад канда паяш хоҳанд аз ин даргаҳ.

Ба як рӯзи пур аз барфу пур аз борон
Мусофир рағми душман гашт Шерафган.
Барои хайрбод омад тамоми деҳ,
Ки дар хона намондӣ ҷой бар сӯзан.

Видоъ карду бирафт аз хона ҷанговар,
Ба як дам гашт хона холӣ аз одам.
Тасалло дод худро модари гирён:
«Раво набвад гирифтан зиндаро мотам».

Чӣ сон ҷангид, ҷангид ӯ куҷо охир,
Хабар бар деҳа не нек омаду не бад.
Валекин модари бори асо то ҳол
Намемонад касе он хонаро рӯбад…

## МӮЗАИ МАРДОНА

*Барои Хадичапаҳлавон Мирзоева*

Ба поям мӯзаи мардонаро бинию механдӣ,
Намедонӣ магар рӯзи ғаму бунёди хурсандӣ?!
Ҷавон ҳам нестӣ, ки дар ҷавонӣ гӯямат бандӣ,
Бубояд, ки намоям бар ту ин асрорро ифшо.

Ҷавон будам, ки абри ҷанг рӯи осмон бигрифт,
Балои гушнагӣ нон аз даҳони кӯдакон бигрифт.
Ҷиҳози наварӯсии маро аз ҷомадон бигрифт,
Бар нархи як табақ ғомук умедам рафт бар савдо.

Паси ҳам мардҳо рафтанд сӯи ҷанги одамхор,
Якаш бо даъвату бе даъват они дигараш аз ор,
Ба рӯзи нанг одам мешудаст аз ҳар чӣ қудратдор,
Агар медод қисмат тан, ба онҳо мешудам ҳамро.

Замини деҳа дар фасли баҳорон зору ҳайрон монд,
Паи ҷуфташ на ҷуфти гову не як марди деҳқон монд,
Ба мисли мурғи ҷӯҷапарваре дар ҳасрати дон монд,
Нигоҳи модари пирам намешуд канда аз саҳро.

Маро мегуфт он гӯё писар шав, духтарам, акнун,
Зи қайди духтарии худ бадар шав, духтарам акнун,
Ба саҳро гав бирону ҷуфтгар шав духтарам, акнун,
Раво бошад зи мӯре ҳам мадад ҷустан ба сахтиҳо.

Писар нею ту гӯӣ ман шудам мардак ба якбора,
Ҷуволи ғаллаи тухмӣ саҳар бинмуда пуштора,
Зи пушти ҳулбаи гав мешудам то шом овора,
Худам чошида дону ҷуфт мекардам худам танҳо.

Ту медонӣ ва ё не, муштаки испор осон нест,
Ду сар гавро мутеъ кардан паи шудгор осон нест.
Ба ҳар як барға тоборӣ ва вақти кор осон нест,
Худам ҳайрони худ будам ба ҳолу пешаам кайҳо…

Ба поям мӯзаи мардона з-он дам сахт қолаб шуд,
Ба он якҷоя шомам рӯз гашту рӯзи ман шаб шуд.
Замони ҷанг охир бар мани нохонда мактаб шуд,
Ки то як умр бошад мӯзаи мардонаам дар по.

## ЁД

Лаҳзаҳои ишқварзии нахуст,
Ки ба ошиқ аз ҷаҳон болотаранд,
Лаҳзаҳои дилбару ширини умр,
К-аз ҷавониҳо ба кас ёд оваранд.

Рафтаанд аз ёди ман балки ҳама,
Мисли хоби дидае бебозгашт.
Рафтаанд аз ёду номаҳрам шуданд,
Дур аз ман дар канори боғу дашт.

Лек дар ёдам бувад ғавғои ҷанг,
Мисли он филме, ки имшаб дидамаш.
Мисли он афсонаи талхе, ки ман
Баъди филм аз модарам бишнидамаш.

Дашти даъватгоҳ будӣ маҳшаре,
Марду зан буданд ин ҷо беҳисоб.
Аз миёни гиряҳои пургудоз
Мешунидам савти маҳзуни рубоб.

Доштӣ сад нола ҳар як тори он,
Гиряҳо гаштанд аз вай талхтар.
Боз мезад бехабар бар думбра
Панҷа Махсуми Шукур ҷои дигар.

То фалак мебурд афғони «фалак»,
Мерасид он балки бар гӯши малак.
Об аз фарёди ҳофиз мешудӣ
Сангҳо гӯӣ ба монанди намак.

Ҷангравҳо низ карда гиряҳо,
Сар ба китфи модарон бигзоштанд.
Рӯи гиря модарон сарборивор
Гиряи фарзандҳо бардоштанд…

Кӯчаи мо шуд тиҳӣ аз мардҳо,
Не падар, не марди дигар монда буд.
Мо ба мисли чӯҷа дар ҷув-ҷув шуда,
Байни мо чун мурғ модар монда буд.

Модар акнун ҳамчу мурғи чӯҷадор
Гашт сарсон аз паи дон ёфтан.
Лек рафта-рафта аз наҳсии ҷанг
Ҷондиҳӣ осон шуд аз нон ёфтан.

Аз адирҳо ризқи худро кофта,
Тухми уштурхор…мехӯрдем мо.
Ки варо ҳам бо азобе ёфта,
Дар ду шаб як бор мехӯрдем мо.

Мурдае мешуд агар, осон набуд
Гӯр кандан, гӯр бинмудан варо.
Гӯр кандан кори душвор асту бас,
Ки аз он тарсанд баъзе мардҳо.

Мард нею баччагон будем мо,
Роҳгум дар кӯчаҳои зиндагӣ.
Ҷои лутфу меҳрубонии падар
Бар сари мо шуд ҷафои зиндагӣ.

Мурд рӯзе баччаи сесолае,
Гӯркан даркор шуд, аммо набуд.
Модари банди азо бархоста
Чори моро рӯи қабристон бибурд.

Бел зад ночор модар, гӯр кофт,
Гӯр канданро ба мо ҳам ёд дод.
Мурдаи фарзанди хушгуфтори худ
Дар лаҳад модар ба дасти худ ниҳод.

Ваҳ, чӣ сон сахтест, вақте модаре
Гӯр бар фарзанди худ худ меканад!
Ваҳ, чӣ сон сахтест, вақте модаре
Мениҳад фарзанди худ худ бар лаҳад.

Баъд аз ин биншаста дар паҳлӯи гӯр,
Гиряҳо бинмуд модар зор-зор,
З-ашки чашмаш гӯӣ тобистони хушк
Шуд иваз бар рӯзи борони баҳор.

Гар нависам гуфтаҳоюю нолааш,
Сад китоби ҳузновар мешаванд.
Абри боронӣ шуда ҳар чашми нек,
Синаҳо маъвои тундар мешаванд.

Оҳ, қабристон чӣ расме доштӣ,
Баъди рӯзе гӯр мешуд ношинос, –
Баъди рӯзе кӯҳна мешуд гӯри нав,
Дар миёни гӯрҳои тоза боз.

Гарчи рафтаст аз миён даҳсолаҳо,
Қабри қабристон шудаст аз ҳад зиёд,
Лек бишносам чу қабри номдор
То кунун он қабри тифли номурод.

То кунун бидҳад садо бар гӯши ман
Нолаи он мом аз болои гӯр.
Нолаи он модаре, ки шавҳараш
Кард қурбон ҷони худ дар мулки дур.

То кунун он нола сӯзонад маро
Мисли чӯби тар, ки дар озар шавад.
То кунун гӯяд ба гӯшам шеванаш
«Сулҳ бояд дар ҷаҳон сарвар шавад!»

## БАЧЧАГӢ

Ёд меоранд гоҳо дӯстон
Баччагии хешро бо сад ҳавас.
Ёд меоранд, аз овони он
Ҳарфҳои нек пардозанд бас.

Баччагӣ, – гӯянду бо лафзи аҷиб
Балки аз худ шеър ҳам иншо кунанд,
Баччагиро хуб хонанду наҷиб,
Гӯӣ онро бо суруд ово кунанд.

Кош, – мегӯянду ҳасрат мекунанд, –
Баччагӣ такрор гардад аз дигар.
Бо хаёле з-он ҳикоят мекунанд,
Ки гуворояст аз шаҳду шакар.

Гӯӣ норозистанд аз умри хеш,
Ки калон гардидаю марде шуданд.

Аз канори баччагӣ аз вақт пеш
Рафтаю марди ҷаҳонгарде шуданд.

Баччагӣ, оре, бувад даврони хуб,
Ҳар кӣ ёдаш мекунад бо ҳасрате.
Ҳар кӣ мехоҳад, ки дар оғӯши он
Боз бошад, боз вақте, соате.

Гарчи ман ҳам гоҳ ёдаш мекунам,
Лек андар ҳасрати он нестам.
Баччагиям буд бас дунёи ғам,
Борҳо аз сӯзи ғам бигристам.

Буд тобистон, ки аз гармии он
Санг метасфид монанди танӯр,
Доштам дар сояи девор ҷо,
Ғарқи хондан карда кайфею ҳузур.

«Модар»-и Горкий диламро сӯхтӣ,
Дидаҳоямро ба об андохтӣ.
Дидам ин, ки Темури хунхорро,
Кард модар моту муташ сохтӣ.

Хестам аз ҷою сӯи модарам
Тохтам, то ки биафтам пеши пош.
Лек дидам ашк рӯи модарам,
Гарчи мекард ӯ ба худдорӣ талош.

Рӯ ба рӯяш буд гирёнрӯ Ҳасан,[1]
Дар забон ӯ дошт ҳарфи талх – ҷанг.
Ранги модар гашт чун хоки сафед,
Шиша шуд гӯё, шикаст аз зарби санг.

---

[1] Ҳасан Ҳабибов касест, ки хабари ҷангро ман аз вай шунидам ва худаш дар даъвати авалин ба ҷанг рафт.

Баъди ин дигар надидам хандааш,
Баъди ин аз чашми ӯ бигрехт хоб.
Баъди ин дар қисмати ояндааш
Ташвишу ғам шуд навишта беҳисоб.

Баъди ин дидам, ки мардон пушти ҳам
Хонаву дар монда ҷанговар шуданд,
Модарон бар кӯдакони ғайр ҳам
Аз сари меҳру вафо модар шуданд.

Баъди ин дидам, ки андар хони мо
Гаҳ лаби нонест, гоҳе нест, нест.
Баъди ин дидам, ки оромӣ ба кас
Аз пагоҳӣ то пагоҳе нест, нест.

Баъди ин дидам, ки поурён манам,
Раҳ равам дар барф ҳам бегуфтугӯ.
Баъди ин дидам, ки бори рӯзгор
Бар сарам уфтод вазнинтар зи кӯҳ.

Баъди ин гуфтам ба садҳо орзу:
– Кош ман аз баччагӣ оям бадар.
То бубинам як нафас рӯзи накӯ,
Мард бошам мисли мардони дигар.

Солҳо рафтанду ман марде шудам
Дар ҷаҳони орзуи бешумор.
Гӯр кардам баччагии хешро
Ҳамраҳи он талхиҳои рӯзгор.

Баччагиям ҳар гаҳе ояд ба ёд,
Гӯямаш, ки дуртар рав аз назар.
Ман нахоҳам ҳеҷ гаҳ такрори ту,
Хоҳам ин, ки боз гардам мардтар.

## ҶӮФТИ МӮЗА

*Барои Паҳлавон Барот*

Зимистон аст, ҷуфти мӯзае бинӣ харидор ӯст,
Барои мӯзаи дилхоҳ саргардони бозор ӯст.
Худаш яктову аммо чашми бисёрест бар сӯяш,
Ки гӯӣ аз тамоми мардуми бозор бисёр ӯст.

Ҳама бишносадаш, гӯяд яке бар дигаре бо дард:
«Ҷавони паҳлавоне буд вақти кори худ ин мард.
Чу тифли хеш тойи пахтаро бар китф мебардошт,
Ба ҳар дам обрӯи коргоҳаш бештар мекард.

Ба мисли тахти деворе буд ӯро паҳнии шона,
Ки тангӣ дошт бар вай дар назар гӯё ки як хона.
Ба ӯ девор не, деворро ӯ такягоҳе буд,
Ки бе ӯ гӯӣ мешуд хонаву девор вайрона.

Барорад то кунун якпоии худ лек гаҳ аз ёд,
Ба як по медавад берун, баногаҳ бишнавад фарёд,
Ба гӯшаш, ки балои ҷанг то ҳоло кашад ҳуштак,
Гумонаш, ин замон хоҳон бувад аз ӯ касе имдод.

Чу бар худ боз ояд, ӯ бубинад байни ҳавлӣ хеш,
Ба монанди дарахте, ки на бар пас меравад, не пеш.
«Чигасҳои маро оред» гӯяд, дида худ якпо,
Ба дил аз нав варо гӯё занад як сӯзи сахте неш»…

Зи косиб ӯ бигирад мӯзаи чармину зебое,
Яке пӯшида бар пою дигарро нестӣ пое.
Касе банди тамошояст, дар дил гиряаш ояд
Аз ин як пою он ду мӯзаю бозору савдое.

Вале ӯ бар чигасдораш ҳамегӯяд ба дилсӯзӣ:
«Бибар ин мӯзаи боқӣ бидеҳ бар бобии Рӯзӣ,
Ки ӯ ҳам мисли ман як пой дорад, пои ман гӯёст,
Ҳамин якпоӣ ҳам, сад шукр, бошад бахту фирӯзӣ».

## ДОҒ

Гашт даъват баъди шаш рӯзи дигар
Ҳафтумин фарзанди модар инчунин.
Бод резонид аз шохи шаҷар
Вопасин бар гӯиё рӯи замин.

Модари банди ғаму дарди гарон
Ларз-ларзон хест, шуд дар гирудор.
Дошт муште орд дар кунҷе ниҳон,
Кулча пухт онро ба ҷони бемадор.

Рӯи ҳар як кулча бо дуғоб шуст,
Кулчаҳо гаштанд сурху нозанин.
Буд ҳар як хуб дилҷӯю дуруст
Ҳамчу рӯи духтарони шармгин.

Тӯшаи раҳ кард модар бар писар,
Тӯшаи кам бар раҳи бисёр дур,
Гашта буд аз сӯз гӯӣ беҷигар,
Кам зи чашми дурбинаш мавҷи нур.

Кулчае бишкаст модар бо мурод,
Бишканад то ки писарро ин сафар.
Гардад аз ними раҳи пурхавф шод,
Ҳоҷати рафтан ба ӯ н-ояд дигар.

Лек н-омад бар амал ин орзу,
Кулча бишкасту сафар нашкаста монд.
Ҷанг ҳам охир шуд андар чор сӯ,
Доғи модар лек аз он ношуста монд.

**ВЕТЕРАН**

*Барои И.К.Иззатов*

Ту бо як дасти маъюб омадӣ аз ҷанг,
Ки аз коми бало ин як нишон буда.
Ба чашмат шӯъла мезад оташе аз нанг,
Ба ҷангу ҷангҷӯ бо нафрат олуда.

Азизу қадрдони мардумон гаштӣ,
Ки ҷоят рӯи чашми одамон гардид.
Ту, ки аз имтиҳони сахт бигзаштӣ,
Ҳама бар ҷисму ҷонат меҳрубон гардид.

Тамомат шуд талошу гирудор ин ҷо,
Шавад вайронае то хурраму обод.
Ба сад ғайрат бигаштӣ пешкор ин ҷо,
Расад бар фотеҳон то аз ту боз имдод.

Бигӯӣ дасти ту не, қалби мо будӣ
Ҷароҳатдор аз тири аду он рӯз.
Ҷароҳатмандии ту раҳкушо будӣ
Ба мо дар фатҳи ҳар кори накӯ он рӯз.

Умеди ғолибият зад ба дилҳо ҷӯш,
Ки душман мешавад бар хоки тар яксон.
Фиғони модарон мешуд каму хомӯш,
Ба уммеде, ки меоянд фарзандон.

Зи дастат хорзоре гашт боғистон,
Ба ёди хотири шерони нусратёр.
Зи расми родмардони накӯпаймон
Басо дилдҷӯй кардӣ боғи анбарбор.

Дил ин ҷо мекушояд аз тамошо хуб,
Хаёл аммо равад бар дуриҳои дур.
Ба пеши дида тобад зиндагӣ марғуб,
Ватанбонӣ шавад чун ҳайкале манзур.

Чу сайри боғ оям бо дили беғам,
Шавам мафтуну масти нузҳату накҳат.
Барой гар зи пешам бо рухи хуррам,
Дудаста мефишорам дасти маъюбат.

## БОВАРӢ

Тифлаконам бар ба бар биншастаанд,
Чун қатори лӯхтакон рӯи палос,
Лаб зи гуфтугӯю ғавғо бастаанд,
Дар тамошои кино банданд боз.

Дар кино ҷанг аст, ҷанги беамон
Аз барои нангу ному кишваре.
Душманеро душманаш гирад нишон,
Мекушад ҷанговаре ҷанговаре.

Тир резад аз ҳаво рӯи замин,
オнчуноне жола борад бо шамол,
Лашкаре гардад ба ҷо андар камин,
Хезад аз ҷо лашкаре баҳри ҷидол.

Ҷумлае гардад агар пирӯзманд,
Кистанду аз куҷо, фарқаш мабод.
«Ин ҳама нусратварон аз мостанд», –
Тифлакон завқида мегӯянд дод…

Боварии тифлакон бошад ҳамин,
К-одами мояст ғолиб дар ҷаҳон.
Гар набуд ӯ қодиру фатҳофарин,
Сулҳ кай мемонд охир ҷовидон?

## МИСЛИ Ӯ МАН НИЗ НОЛАМ БЕҲИСОБ

Бачча будам гарчи дар айёми ҷанг,
Ҷои мардон лек барбастам камар.
Ҷӯш мезад дар дили ман ору нанг,
То бигирам чун писар дасти падар.

Рӯзу шаб мекард кор ӯ дар завод,
Ёфт бар ҷояш намешуд корбар.
Коргаҳ гӯё ки бо ҳукми ҳаёт
Монда буд бар он падар, бар ин писар.

Дар шаби сармо ҳамемондам алав,
То ба бӯғи об гардонам завод.
Ҷони худро монда будам бар гарав,
То дами рӯзи дигар бо ин мурод.

Ки падар як лаҳза сар монад ба хоб
Пеши ман, болои хирвори чигит.
Гашта буд аз дарди бехобӣ хароб,
Дар талоше, ки дамад субҳи умед.

Дод дасти худ падар охир талаф,
Хоб омад чун ба вақти кори ӯ.
Дар заводи равғани пурдуду таф
Гашт дигар баъди ин пайкори ӯ.

Ман ба ҷои ӯ гузаштам ноилоҷ,
Зиндагӣ маҷбур мекард аз дигар.
Зӯр мебахшиду медодам ривоҷ
Гӯиё ки дасти маъюби падар.

Мерасад бар хотири ман ҳар замон
Рӯзҳои талху шабҳои хунук.
Дидаи бехобу ранҷи бекарон,
Пои урён, куртаи шоли тунук.

Нони беному нишон афтодаам,
Ишками аз гушнагӣ танбӯрзан.
Ҷони дар нӯги лабон афтодаам,
Бесарусомонии тоқатшикан.

То кунун менолад аз захми бадан
Захмдори ҷанг – бобои Забир.
Эҳ, чӣ қадр аз ҷанг дар ҳифзи Ватан
Дар тани ӯ тир бошад ҷойгир.

Мисли ӯ ман низ нолам беҳисоб
Аз хурӯҷи дард, ки бар дасту пост.
Гӯӣ аз он солҳои пуразоб
Дар тани ман низ хуфта тирҳост.

# АШК

Гиряҳои талхи модар дидаам бисёр ман,
Сӯхтам паҳлӯяш аз ин гиряи хунбор ман.
Ҳусн бистонад зи одам ё ки ҷон, гӯянд, гул,[1]
Буд гӯи гиряи модар гулу бемор ман.

Дам ба дам меомадӣ аз вазъи ӯ ҷон бар лабам,
Ки надонам ман чӣ гуна рӯз мекардам шабам.
Дасти кӯтаҳ доштам, к-аз гиря озодаш кунам,
Хурд будам, пай набурдам раҳ ба сӯи матлабам.

Бо дугоникҳош ҳам акнун видоъ мекард ӯ,
Аз Ҳусайну аз Ҳасан худро ҷудо мекард ӯ.
Ҳар ду то бошанд якҷо, ҳар ду то оянд боз,
Бо фиғону гиря гӯё ки дуо мекард ӯ.

Чашми хушбахтии модар аз паридан монд дер,
Офтоби шодиашро абри ғам бинмуд зер.
Вақт мерафту кафи дасташ намехорид[2] ҳеҷ,
Буд армонаш ҷавону худ ҳамегардид пир.

Дар хаёлаш ҷанг бо умри ҷаҳон дорад давом,
Ҷанг дар байни замину осмон дорад давом,
К-илтиҷояшро худояш ҳеҷ бишнидан нахост,
Ҷанги ҷон бо теғи тези ҷонситон дорад давом.

Ноумедӣ пеш ояд гаҳ ба кас дар рӯзи сахт,
Буд лек ӯ боумеду интизори рӯзи бахт.
Гарчи мешуд об гаҳ аз нори ғам монданди сурб,
Ё ки гаҳ аз нохушӣ мегашт чун ҳайкал карахт.

---

[1] Гул – номи касалӣ.
[2] Кафи даст хоридан – агар дастат хорад, мегӯянд, ки аз касе чизе ба дастат мерасад.

Дод бар гӯши ҷаҳон овоз як рӯзи баҳор:
«Ҷанг гашт охир ба хуни мардуми бонангу ор!»
Гашт модар бе фиғон дар гиряву ашкаш ҳама
Соф буд ин дафъа мисли чашмаҳои кӯҳсор.

Ашки софаш гашт гӯӣ рӯди бар саҳро равон,
Рӯди соф аз шодмонӣ дошт бар роҳаш фиғон.
Шуста доғи модари фарзандҳояш интизор,
Ҳамчунон мағзобааш мерехт дар ғори калон.

## КУЛЧАИ ОРЗУ

Девони сукути хотиротам,
К-он аст ҳама лаболаб аз ғам,

Як бори дигар варақ занам ман,
Бо дидаи тар варақ занам ман:

Дар деҳаи сербоғи Гулзор
Осудагӣ буд нозбардор.

Мардум ба канори бахт ҷо дошт,
Ҳар дил дили бар худ ошно дошт.

Имрӯз чу дона кишт мегашт,
Фардо чамани биҳишт мегашт.

Хуршед саҳар чу нур мебехт,
Зар гӯӣ ба рӯи деҳа мерехт.

Ҳар сӯй ба дида буд равшан,
Дилҷӯй ба мисли боғу гулшан…

Дар олами поки фасли гармо
Якбора ғубор гашт пайдо.

Хуршед шуд аз ғубор тира,
Нураш чу чароғи пилта хира.

Бобои Қамар – калони деҳа,
Ки буд ба фазл шони деҳа,

Таъбири чунин ғубор мегуфт,
Бо оҳу дили фигор мегуфт:

Дар ким-куҷой ҷангу ҷӯш аст,
К-ин лаҳза ҷаҳон ғуборпӯш аст.

Имсол, ки соли мор бошад,
Хосияти наҳс дораду бад…

Пирони куҳан ҷаҳоншиносанд,
Нохонда ба фаҳм беқиёсанд.

Неку бади зиндагӣ бидонанд,
Озодиву бандагӣ бидонанд.

Таҷрибаи рӯзгор доранд,
Бекор наянду кор доранд.

Ҳар рӯз чӣ гуна ояд, онро
Донанд чу олимони доно.

Аз таҷриба, бе китоб донанд,
Бо гардиши офтоб донанд.

Бобои Қамар, ки инчунин буд,
Дар панҷаи деҳа чун нигин буд.

Аз рӯи шумори вақт он пир
Меҷуст ба ҳар дақиқа тадбир.

Он лаҳза, ки санг мешудӣ нарм
Пеши нафаси баҳори дилгарм,

Дар дафтари хотираш аён буд,
Чун ашк ба нӯги мижагон буд.

Мерафт ба сӯи кӯҳ бо шаст,
Бо шавқ гирифта корд бар даст.

Бар синаи санг мезад ӯ корд,
Мебурд ба санг худ фурӯ корд.

Дар ними нафас ба мисли пешин
Мешуд дили санг боз сангин.

То соли дигар – ҳамон дами гарм,
Он лаҳза, ки санг мешавад нарм,

Мемонд ба санг корд маҳкам,
Бовар бикун, эй ту ақли одам…

Бобои Қамар нагуфт лекин
Поёни чунин ғубори вазнин.

Ё даҳшати сахт пеши рӯ дошт?
Ё бо ғами талх гуфтугӯ дошт?

Ё боиси баччаи ягонаш
Месӯхт чу чӯби тар оташ?

Мекард гусел ё ба майдон
Ӯро ба хаёл байни мардон?

Мегуфт ба дард гоҳ такрор:
«Ё раб, Назари маро нигаҳ дор!»

Се ҳафта пас аз ғубори дилгир
Доданд хабар ба шарҳу тадбир,

К-омад ба сари Ватан балое,
Оташ ба кафу ба дам вабое.

Ҷанг аст ба гуфтугӯй номаш,
Марг аст ба ҳар қадам давомаш…

Шуд дар ғаму беқарор Гулзор,
Гул кам шуда хор гашт бисёр.

II

Хаёлоти мардум дигар шуд, дигар,
Умеду муродаш зафар шуд, зафар.

Назар ҳам ба амри Ватан шуд равон
Ба майдон қатори дигар сафдарон.

Қамар монд танҳо зи мардон ба деҳ,
Зи фикри ғами беш ҳайрон ба деҳ,

Ба ёди Назар ҷон дар озар ниҳод,
Набудаш ба сина дигар қалби шод.

Падар буд вақте чунин дар назар,
Зи аҳволи модар мапурсам дигар.

Намешуд ба чашми зане ашк қоқ,
Зи «хати сиёҳ»-у зи сӯзи фироқ.

Ба деҳ гуфт рӯзе Қамар чун ҳакам:
Ягон суд н-ояд зи ашку зи ғам.

Бубандем бояд камар мо ба кор,
«Ҳама баҳри ҷанг аст» бар мо шиор.

Адир бошад ин ҷо пур аз себу нок…
Пазад чун, бирезад ба болои хок.

Замин аст моро бафайзу самар,
Шавад сад, бикорӣ ту доне агар.

Ба ҷанги далерон мададҳо кунем,
Чӣ хоҳанд онҳо, равон мо кунем».

Ҳама гашт бе гап ба ин гап ризо,
Ҳама шуд чу як тан паи корҳо, –

Чи модар, чи духтар, чи мо, баччагон,
Намегуфт худро касе нотавон.

III

Хат омад аз Назар як рӯз
Ба номи модари дилсӯз.

Бигуфто холаи Зайнаб:
Бидидам хоб ман имшаб

Назарро хурраму хандон,
Валекин буд саргардон.

Хаташро хон, писарҷонам,
Ки тоқат нест дар ҷонам…

Кушодам то хати аскар,
Ба хондан то намудам сар,

Ду чашми модари бесабр,
Бишуд гирён ба мисли абр.

Ду дасташ ларз-ларзон гашт
Чу барги беди байни дашт.

Вале хомӯш буд модар,
Саропо гӯш буд модар.

Бидонад то ҷигарбандаш
Чӣ гуфтаст аз дили беғаш.

Хаташро бехато хондам,
Ба модар нағз фаҳмондам;

– Назар гап мезанад, модар,
Чӣ мегӯям, бикун бовар.

Ба майдонам, сари нангам,
Ки дар Ленинград ҷангам.

Дар ин ҷо душмани ғаддор
Ба гирди шаҳр чун девор

Бупечидаст чандин саф,
Яроқи марг андар каф.

Чӣ сир аст ин, намедонам,
Бинозам, гарчи ҳайронам,

Ба зӯру қудрати ин шаҳр,
Ба тобу тоқати ин шаҳр.

Ба ҳар як зан, ба ҳар мардаш,
Ба насли фатҳпарвардаш.

Ки мурданро намедонанд,
Ҳама дар разму майдонанд.

Касе ин ҷо надорад хоб,
Ҳама орад ба сахтӣ тоб.

Набошад гарчи обу нон,
Нагардад халқ аз паймон.

Ҳама оташниҳодастанд,
Ҳама боэътимодастанд,

Ки гардад хасми дун мағлуб,
Шуда чун мор бас саркӯб.

Задухурд аст рӯзу шаб,
Биёяд ҷон гаҳе дар лаб.

Зи танку тӯпи зарбафзо
Замин ҷунбад ба зери по.

Ки гӯӣ дер не, ҳозир
Расад офоқ бар охир.

Надорад интиҳо пайкор,
Нахобад ҳеҷ гоҳе кор.

Заводе гар шавад вайрон,
Зи тири тӯпи фошистон,

Ҳамон шаб мешавад он соз
Ба азми мардуми ҷонбоз.

Ба мактабҳо нахобад дарс,
Муаллимро набошад тарс.

Агарчи гоҳ-гоҳе тир
Ба деворон шавад ҷогир,

Ба навмедӣ набошад ҷо,
Ба қалби хурду гурд асло.

Зи разми инчунин мардум
Аминам, ҷанг гардад гум.

Шавад яксон адӯ бар хок,
Ватан гардад зи душман пок.

Саломат пеши ту, модар,
Биёям ман, мани аскар!

Ба дастам дӯш вақти ҷанг,
Ки ҳоли хасм мешуд танг,

Бизад чун шоҳиди холис,
Хати як аскари немис,

Ки ӯро ҳам бувад модар,
Хаташ кардаст ин сон сар:

– Умед аз зиндагӣ кандам,
Бигӯ, ки нест фарзандам.

Ҳама ин ҷо бало будаст,
Балои ҷони мо будаст.

Наметарсад касе аз ҷон,
Диҳад ҳар кас ба худ фармон.

Бубандад роҳи тири мо
Ба сина ҳар қадам ин ҷо.

Ба номи модараш ҳар кас,
Барои кишвараш ҳар кас

Сару танро гарав мондаст,
Ба марзаш низ фармондаст.

Заминаш гаҳ шавад озар,
Шавад ҳар ҷангалаш лашкар.

Дарахташ ҳам камон дорад,
Хасу хораш синон дорад.

Чӣ гӯям з-обу дарёяш?
Ман аз Бобои сармояш?

Ба комаш мекашад дарё,
Ба пешаш чун гузори по.

Ба сармои ғазабноке
Шамол аст аспи чолоке,

Ки з-ӯ ҷои гурезе нест,
Ба майдон медавад беист.

Ба ҳар сӯят занад найза,
Бари рӯят занад найза.

Лабат бо найзааш дӯзад,
Кунад як сӯзи ҷонро сад,

Қафас аз найзаҳо созад,
Дар он моро биандозад,

К-аз он роҳи ҷудоӣ нест,
Ба ҷуз мурдан раҳоӣ нест.

Машав ту роҳпӯи ман,
Нахоҳӣ дид рӯи ман…

Магар з-ин момро форид,
Ки хат бар дидаҳо молид?!

Ба ашки дида гуфто пас:
Назарҷонам, гули наврас,

Ту яктоӣ, манам танҳо,
Мани танҳо туро раҳпо.

Падарҷонат шуда дар хок,
Дили ман, синаи ман чок.

Маро бигзошт ҳайрон, рафт,
«Назар» гуфту пурармон рафт.

Худо, кай бас шавад ин ҷанг,
Ки дунё шуд ба чашмам танг.

Бубинам то зи нав рӯят,
Ба мисли гул кунам бӯят…

IV

Омад хабаре ба деҳи Гулзор,
К-омад ба зафар зи ҷанг Бозор.

Мардум ҳама дар даводав афтод,
Бо нек нигоҳу чеҳраи шод.

Чун дар сари теға шуд намоён
Бозори ҷавону марди майдон,

Як остинаш шамол мебурд,
Алвонҷ дами шамол мехӯрд.

Мебуд ҳаёт момии дилсӯз,
Медид писар ба ҳоли имрӯз,

Аз омаданаш накӯ чӣ мегуфт?!
Аз талхии дасти ӯ чӣ мегуфт?!

Шаб ғун бишуданд пеши Бозор,
Яктой намонда аҳли Гулзор.

Гуфтанд ба ӯ зи марги модар,
Аз хориву ғуссаҳои дигар…

Бозор, ки бахши даст дар чанг
Як қатра нарехт ашк аз нанг,

Бигрист ба ёди модари зор,
Монандаи тифли гушна бисёр.

Ҳар кас ба ғами худ ашк мерехт,
Бар талх дами худ ашк мерехт,

Ашке, ки зи чашми модарон рехт,
Як сели ғазаб ба хасми ҷон рехт.

Пурсид якаш ба ҳасрату оҳ:
«Аз Акбари ман наӣ ту огоҳ?

Як ҳафта пас аз ту рафта буд ӯ,
«Оям ба зафар» бигуфта буд ӯ.

Як сол гузашту з-ӯ хабар нест,
Он сон, ки аз Орзу хабар нест».

Пурсид дигар ба чашми уммед:
«Аз ҷону дилам – Азизу Хуршед

Воқиф ту наӣ, ки дар куҷоянд?
Якҷоя буванд ё ҷудоянд?

Худ гушнаи зор ё ки серанд?
Рӯбоҳ ба чанг ё ки шеранд?»

Зайнаб зи Назар бигашт пурсон
Бо ранги хазону чашми гирён:

«Яктои маро ту вар нахӯрдӣ?
Дунёи маро ту вар нахӯрдӣ?

Номаш нашунидӣ аз забоне?
Ё ҳоли варо ту дар баёне?

Як хат ба ман ӯ навишт танҳо,
Дигар хабараш наёмад асло.

Шабҳо, ки барам ба хоб мерафт,
Ҷону ҷигарам ба хоб мерафт.

То субҳ намешуд ӯй бедор,
Хобаш бикунад агар ки такрор.

Ҳолаш бифитад, бигӯ, ба чӣ ранг,
Ҳоло ки шикор мекунад ҷанг?»

То модаре аз ғами дубора
Дилро накунад ҳазорпора,

Бозори ба рӯзи фатҳ толиб
Медод ҷавобҳо муносиб.

Дар охири ҳар ҷавоби худ паст
Мегуфт ба дард ҷанг ҷанг аст…

То ғусса зи қалби чоки Бозор
Як лаҳза шавад канору як бор

Дар рӯш дамад табассум аз нав,
Резад зи чароғи рӯш партав,

Бо даъвати сокинони Гулзор
Омад зи Зағора ҳофиз Асрор.

Шуд базм шаби дигар аҷаб дер,
Медон,ки зи базм кас нашуд сер.

Мехонд ба сӯз ҳофизи халқ,
То дам-дами рӯз ҳофизи халқ:

«Аскарбачаҳо басе далеранд,
Гӯӣ, ки ҳама зи зоти шеранд.

Аз сахтии нанг оҳанинанд,
Монандаи кӯҳ бар заминанд.

Пуртоб ба оташу ба обанд,
Тундар ба миёнаи саҳобанд.

Монанди шафақ ки абрсӯз аст,
Ҳар аскари мо ҷаҳонфурӯз аст…»

Дунёи суруд аҷаб ширин аст,
Аз буғма ва ё аз ангубин аст.

Дар ҳолати ғусса ҳам зарур аст,
Дил хонаи тору он чу нур аст.

V

Овоза шуд якбора боз:
Сарбозе омад сарфароз.

Аз деҳи Гулзор аст ӯ,
Бошад магар ки Орзу?

Акбар бувад ё ки Назар?
Хуршеди сар то по ҳунар?

Ё ки Азиз аст он ҷавон?
Не, не, на ин асту на он.

Будаст ӯ балки Ғаюр,
Яктои бобои Сабур.

Хурдии модар буд ӯ,
Бо ҷон баробар буд ӯ.

Зурӯ тавоно буд беш
Аз ҷумла ҳамсолони хеш.

Дар худ намеғунҷонд ӯ
Ҷӯшу хурӯши орзу.

Як рӯз моли деҳаро
Ӯ бурд дар навбат чаро.

Гурге зи кунҷе бехабар
Бар моли ӯ шуд ҳамлавар.

Бо гурги чолоку ҷасур
Шуд қадбақад охир Ғаюр.

Муште ба фарқаш сахт зад,
Гардид ҳоли гург бад,

Не мурдаву не зинда монд,
Ғелон ба мисли кунда монд.

Заргӯшвораш пӯст канд
Тозон Ғаюри зӯрманд.

Бузғолае беҷо нашуд,
Аз мол кам якто нашуд.

Ин молбони пухтакор
Дар деҳа шуд овозадор.

Аз ин набард – ин саргузашт
Номаш Ғаюри Гург гашт.

Бар пешвозаш бо ҳавас
Карданд роҳӣ як фарас.

То чун Аваз[1] ояд савор
Болои Қир[2] аз корзор.

Ӯ шаҳсавор омад ба деҳ,
Рӯзи баҳор омад ба деҳ.

Аз шодиву фахри баланд
Гул бар сараш мерехтанд.

---

[1] Аваз – қаҳрамони эпоси «Гурӯғлӣ».
[2] Қир – аспи Аваз.

Гӯӣ дар он рӯзи накӯ
Пур гашт деҳи мо аз ӯ,

Захмин ягон ҷояш набуд,
Даҳчанд бардам менамуд.

Нақлу ҳикоят кард ӯ,
Аз марду аз номард ӯ –

Гуфто: «Ба мулки Украин,
Дар кишвари нонофарин

Гаштам ба душман рӯбарӯ, –
Бо марг, марги зиштхӯ.

Касбам буд овардан «забон»
Будам сари як мӯй ҷон.

Як ҳафта шабҳо дар «шикор»
Кардам ба бахти худ барор.

Овардам аз даҳ бештар
Як-як «забони» фитнагар.

Дар шиддати ин гирудор
Гаҳ муштро бурдам ба кор.

Он сон, ки гурги гушнаро
Афтонда будам пеши по.

Доданд аз ин рӯям ҷавоб
Даҳ рӯз, то ки комёб

Гардам ба дидори шумо,
Бинам сару кори шумо.

Аҳволи деҳи дилбарам,
Як бори дигар модарам…

Лекин ба ҳукми рӯзгор,
Ки ҳаст он пуриқтидор,

Гаштам зи рӯяш бенасиб, –
Аз рӯи дунёи аҷиб.

Табъам дигар гардидааст,
Дил пуршарар гардидааст.

Андак гапи ноҷо шавад,
Дар ҷони ман ғавғо шавад.

Тоқат намемонад маро,
Ҳар кас намедонад маро.

Дидан нахоҳам фитнагар,
Нокораву ҳар бадгуҳар…»

Бо хеш Зайнаб-хола гуфт
Ҳасрат ба ғам бинмуда ҷуфт:

– Мешуд Назар гар бо Ғаюр,
Мегашт аҷаб не, марди зӯр.

Мекард сайд аз ҷону дил
Чун ӯ «забон» (чист ин сабил?)

Имрӯз меомад ба деҳ,
Якрӯза мешуд ҳам, чӣ беҳ!

Вохӯрд дар хирман Ғаюр
Рӯзи дигар бо Мадзуҳур. –

Он. ки ба узри пои ланг
Монду нарафт охир ба ҷанг.

Дар дидааш ӯ бад намуд,
Чун садр вақте гап кушуд, –

Гап зад ба занҳо бештар
Бо худситоӣ дар назар.

Яъне, ки дар чашми Ғаюр,
Дар чашми пурхашми Ғаюр

Ӯ тофт мисли муфтхор,
Монандаи як нобакор.

Ҷӯшид бо ҳарфи дурушт,
Маҳкам гиреҳ бинмуд мушт.

Кӯшид бар фарқаш занад,
Ё пои лангашро канад.

Ӯро занон нагзоштанд,
Пеши раҳашро доштанд,

Аз хотири зан зӯртар
Чизе дигар бошад магар?

VI

Вақти рафтан пеш омад бар Ғаюр,
Пештар аз вақт рафтан шуд зарур.

Суфраҳои худ такида модарон,
Кулча пухтанд аз барои аскарон.

Ғун шуда пеши Ғаюри дар сафар,
Ҳар якаш мехост аз сӯзи ҷигар

Бештар мардонагиву сафдарӣ,
Буд ин як орзуи модарӣ.

Холаи Зайнаб ба гап лаб кард боз,
Кулчаҳояш рӯи ҳам бинмуда соз:

– Кӯҳ, мегӯянд, дар дунё ба кӯҳ
Ҳеҷ н-ояд, ҳеҷ гоҳе рӯ ба рӯ.

Лек асло дур набвад аз гумон
Мерасад одам ба одам як замон.

Гар бубинӣ, ҷон Ғаюр, фарзанди ман,
Дурмонда – он ҷигарпайванди ман,

Як-ду кулча деҳ ба ӯ аз номи ман,
Шарҳ деҳ савғои ман, пайғоми ман.

Модари пират, Назар, гӯ зинда аст,
Рӯзу шаб роҳи туро пӯянда аст…

Моми Акбар, моми Хуршеду Азиз,
Очаҷони Орзу мегуфт низ

Гуфтаҳои холаи Зайнаб барин,
Пеш монда кулчаҳо аз остин.

Дида инро, ақл гуфт аз ростӣ,
Қалби модарҳо ҳама яктостӣ.

* * *

Аз Назар бар моми зор
Монд як хат ёдгор.

Ҷони модар бошад он,
Ҷост андар ҷомадон.

Орзу деҳро надид,
Мисли Акбар шуд шаҳид.

Бедарак Хуршед гашт,
Бе гапу бе саргузашт.

Аз Азизам пурсӣ гар,
Ӯ лаби Баҳри Хазар

Чун дифоъҷӯи Ватан
Бохт ҷони хештан.

Пас нагашт аз нав Ғаюр,
Лек доим Мадзуҳур

Тарсид аз гуфтори ӯ,
Ларзид аз рафтори ӯ.

Дар сухан шуд нармтар
Бо занони коргар.

Балки мехонд ӯ суруд
Дар ҳақи зан чун дуруд:

«Хирмани пурдон зан аст,
Деҳаро сарбон зан аст.

Зан бувад дилдори кор,
Зан бувад дунёи ор.

Зан давоми зиндагист,
Зан низоми зиндагист.

Дар ҷиҳоди неку бад
Маргро зан мекушад…»

# НОЛАИ ДИЛ

## ТАБИАТ КАРД НОМАРДИИ САХТЕ

Чӣ даҳшат! Даҳшати марговар омад,
Аҷал аз зери по ногаҳ баромад.
Замин аз ҳайбаташ чун барг ларзид,
Само аз доду войи марз тарсид.
Фурӯ рафта биноҳо, чаппа гаштанд,
Ба шакли пояҳои каппа гаштанд.
Чу мурғон одамон белона монданд,
Ба зери бори боми хона монданд.
Дигар дунёи равшанро набинанд,
Ғиреви моми арманро набинанд.
Суруди тифли мактабхон фурӯ баст,
Садои шеваи армон фурӯ баст.
Сари кӯҳи баланд аз ғусса хам шуд,
Фиғони рӯд лабрези алам шуд.
Фазои соф абри ғам гирифта,
Ватан сар то ба по мотам гирифта.
Сияҳпӯшем аз дарди гарон мо,
«Дареғ» орему «оҳе» бар забон мо.
Зи чашми мост ашки талх ҷорӣ
Ба доман ҳамчунон сели баҳорӣ.
Магар кам буд марги одамизод
Дар ин дунё, ки бинмуданд эҷод
Яроқи заҳролуде ба ҳар кӯй,
Атоми баҳрсӯзе бештар гӯй,
Нуҳуфта дошта кори худ аз мо,
Чунин асрору кирдори худ аз мо,
Табиат кард намардии сахте,
Хазон бинмуд садҳо нахли бахте!!

Ба олам хешро хундор кард он,
Ки бераҳмии мардумхор кард он.
Ҳама дар сӯзи халқи арман астем,
Ки гӯӣ узвҳои як тан астем.
Ба ёриаш ба ҷон омода бошем,
Дари дил сӯи ӯ бикшода бошем.
Харобиҳои ӯ созем обод,
Диҳем абри ғамашро бар кафи бод,
Ки ёвар будани мо гардад исбот,
Бародар будани мо гардад исбот,
Валекин аз фалокат мурдагонро
Намебинем дигар мо ба дунё.
Ғами онҳо ба дил чун доғ монад,
Чу нахли сӯхта дар боғ монад.
Нишоне аз мусибат монда бар мо,
Нагардад шуста, то ки ҳаст дунё.

*декабри 1988*

## ФОҶИАИ ИНСОН

Дили ман пора шуда нолон аст,
Чашми ман ҳавзаи пурборон аст.
Пеши ин зилзилаи бемонанд
Ақли ман ҷой ба ҷо ҳайрон аст.

Мижа таҳ кардани ман осон не,
Ҷон зи бас гӯӣ сари мижгон аст.
Набарам пай, ки дар ин лаҳзаи талх
Ғам гарон аст маро ё ҷон аст.

Ханда бигрехтааст аз лаб дур,
Он ки дар ханда бувад, ҳайвон аст.
Ӯ надорад падару модари пок
Худ канор аз шакари тифлон аст.

Ханда дар рӯзи тараб мебояд,
Зӯрмандӣ амали майдон аст.
Дил зи ғам холӣ шавад як муддат,
Чашм агар аз ғами дил гирён аст.

Ҳар гаҳе аз бари мактаб оям,
Пайкарам гӯӣ ҳама афғон аст.
Пеши рӯ Ленинакан меояд,
Ки ҳама мактаби он вайрон аст.

Гӯӣ ҳар тифлаки вай дар разме
Гашта қурбону ба гил яксон аст.
Он ки бебачча бигаштаст он ҷо,
Аламаш бори ҳама кайҳон аст.

«Мардум аз зилзила мотам дорад»
Гуфтани ин ба даҳан осон аст.
Ту макун ханда, ки ғам дорам ман,
Охир ин фоҷиаи инсон аст.

*декабри 1988*

## ТОЙИРИ ФИКРУ ХАЁЛАМ МУЛКИ АРМАН МЕРАВАД

Тойири фикру хаёлам мулки арман меравад,
Дар фазои ғусса бо фарёду шеван меравад.

То хӯрад ҳасрат бари бехонумон гардидаҳо,
Тайкунон сад кӯҳ бо роҳи муайян меравад.

Барфу борон пеши ӯ зинҳор натвонад гирифт,
Бо хати худ меҳр то бар ҷою маскан меравад.

Меравад чун дӯсте аз дурие дар фавти дӯст,
Гӯиё бо суръати боде дили ман меравад.

Худ агар гирям, равад аз дидаам ашки қатор,
Гиряи мардум бубинам, ҷонам аз тан меравад.

Қатраи ашке ки рӯи хоки пурғам мечакад,
Рӯди хунполо шуда бар кӯли Севан меравад.

Сарҳаду бегонахоҳӣ рафтааст аз ёдҳо,
Дар мусибат душманӣ балки зи душман меравад.

Нолаи мурғи дили арман шунид олам зи бас,
Бар мадад аз чор сӯ дасти Таҳамтан меравад.

Хуни худ пиру ҷавон ҳатто намедорад дареғ,
Кӯза-кӯза хун чу ҷон аз марду аз зан меравад.

Он ки мебошад шарики дарду андӯҳӣ касон,
То ба фардо чун азизи халқу меҳан меравад.

Бо занозанҳо замин аз қаъри худ вайронӣ хост,
Ин ҳама вайронӣ акнун бо занозан меравад.

*декабри 1988*

## СӮГВОРӢ

Аҷаб не, биранҷид аз мо замин,
Ки шуд бесаранҷом дар ҷо замин,
Ғиреве зи худ кард боло замин,
Фалокат биёмад ба ҳукми бало.

Аҷал рӯ ба боло баромад зи таҳ,
Ягон чиз бар он нашуд садди раҳ,
Накарда ба пиру ба барно нигаҳ,
Давонид чангаш ба майли фано.

Дари роҳи субҳи мунаввар бубаст,
Лаби хандабори ҳар ахтар бубаст,
Ба хоку ба санге ҳама дар бубаст,
Наёбад зи комаш касе то раҳо.

Шарора ба як дам шарораш таконд,
Чу шамъе бимурду нишонаш намонд,
Садое надоду видое нахонд,
Ки гӯӣ набуд он ба дорулбақо.

Бигӯянд аз он дам, ки дунё бувад,
Сияҳбахт нодон ба ҳар ҷо бувад,
«Тавоно бувад ҳар кӣ доно бувад»,
На доно бимонду на нодон ба ҷо.

Бигуфтем лофу дурӯғе мудом,
Ки кардем бар худ табиат ғулом,
Задемаш чу ёбӯ якумрӣ лаҷом,
Куҷо он ғулому куҷоем мо!

Замин аст мому башар насли ӯст,
Ба лутфу ба қаҳраш ҳаме рӯ ба рӯст,
Накардем шояд писандаш дуруст,
Ки қаҳраш биомад, ба чинаш ҷафо.

Бигардад даме ки писар нохалаф,
Ба худдонамияш набинад шараф,
Ба тири ғазабҳо шавад ӯ ҳадаф,
Дигар худ наёбад ба дардаш даво.

Чӣ гӯям аз ин дарди беҳад гарон,
Ба хоканд акнун ниҳон одамон,
Гурӯҳе баумру гурӯҳе ҷавон,
Гурӯҳе чу гул нав лабон карда во.

Тасалло набахшид афғон маро,
Ду чашми шаборӯз гирён маро,
Дили дар чаҳи озаристон маро,
Чаро ин қадар ғампарастам, чаро?!

Дигар сабру тоқат ба шиштан намонд,
Ба килкам мадори навиштан намонд,
Ба дашти варақ тухми киштан намонд,
Ба сӯи фалокат шудам роҳпо.

Бидидам дару боми абтар зиёд,
Ба мардум валекин мададгар зиёд,
Ба як кас зи сад кас бародар зиёд,
Танам ҷон гирифтӣ, ду чашмам зиё.

Ба гӯш ақл гуфто: Нашав ноумед,
Сияҳ шуд зи марг арчи субҳи сафед,
Ба рӯзаш кунад зиндагӣ боз ид,
Набояд барад кас ба ин иштибоҳ.

## ҒАМ АСТ АЗ МӮИ САР БИСЁР

Шумори ғам намедонам, ғам аст аз мӯи сар бисёр,
Агар донам, забони ман намегардад кунад такрор.
Ба ҳар такрор баски ҷону тан афтад дар озар боз,
Илоҷеро намеёбам, ки сӯзаш кам шавад як бор.

Ҳисори шодмон дар пеши рӯям ҳайкали марг аст,
Агар бошад аҷал чун бод, одам чун хазон барг аст.
Чӣ сон гӯем худро зинда, инро чун аён дида,
Чунон кӯтоҳ будаст умр, гӯӣ нестӣ зинҳор.

Ғубори яъс рӯзи равшанамро тор гардонда,
Шамолаш пайкарам ларзондаю абгор гардонда,
Зи худ берун шуда, гӯӣ дигар бар худ намеоям,
Мамот азбаски кардӣ бо ҳаёт аз қаҳру кин пайкор.

Агар мебуд Мирзо, кас намедонад чиҳо мегуфт,
Гуноҳи бандагон мегуфт ё қаҳри худо мегуфт.
Ба рӯзи мотами хоки Ҳисораш гиря сар медод
Ва ё баҳри шаҳидон ҷон ато мекард бо ашъор!

Гумонам, кӯҳи сарболо сараш хам кардааст аз ғам,
Ба рӯяш абр не, пӯшидааст он чодари мотам.
Сукуташ маъние дорад, ки гӯяд: бо тамоми зӯр
Намемонам, дигар гардад чунин рӯзи сияҳ такрор.

*январи 1989*

## БА НАВРӮЗ ОМАДЕМ...

Ба Наврӯз омадем аз кӯҳи умр оҳиста-оҳиста,
Қадам бигзошта бо роҳи нав шоиста-шоиста,
Нафасҳои ғаниматро ба ҷон поиста-поиста,
Рухи гул дидаву доғи куҳанро ёд меорем.

Надонем аз чӣ гӯши мо паёпай мекашад фарёд,
Паёме оварад оё, ки чун най мекашад фарёд.
Даме нею каме не, дер он ҳай мекашад фарёд,
Мамот оварда пеши рӯ, хиҷил аз кору кирдорем.

Магар ояд ба гӯши мо ҳанӯз афғони арманҳо,
Фиғони зинда бар зинда ба зери хок мурданҳо,
Шунида нолаи ҷонсӯзу дидоре надиданҳо,
Ки чун абри баҳорӣ ашкҳо аз дида メборем?!

Ба рӯи хоки болои Шарора сабза метобад,
Ба гиря кӯдаке аз сабзазораш мом мекобад,
Ба бӯяш баста мегардад, вале онро намеёбад,
Аз ин манзар ту гӯӣ дил ба чанги гург биспорем.

Гули Наврӯзу гулҳои сияҳгӯш аз чаман чида,
Ту чиниву дигар чинад, ба ҳасрат низ ман чида,
Ба қадри дастаи нобастае бе гап задан чида,
Сари гӯри шаҳидон бо дуои хайр бигзорем.

Дареғо, ки надида бегуноҳон базми Наврӯзӣ,
Ба зери хок хомӯшу надоранд азми Наврӯзӣ,
Қалам ларзида мегӯяд аз ин ғам назми Нарӯзӣ:
Агарчи зиндаем, аз марги ногоҳӣ хатар дорем.

Ба Наврӯз омадем аз кӯи умр оҳиста-оҳиста,
Қадам бигзошта бо роҳи нав шоиста-шоиста,
Нафасҳои ғаниматро ба ҷон поиста-поиста,
Рухи гул дидаву доғи куҳанро ёд меорем.

*марти 1989*

## КӮҲИ ПУРГАНҶ

*Ба ёди Фазлиддин Муҳаммадиев*

Боз як дӯст зи мо дуру канор афтода,
Ба нигоҳам ба ҳаво чангу ғубор афтода.

Хостам аз пайи ӯ дидаи худ дӯзам дер,
Ҷангали миҷҷа раҳи дида қатор афтода.

Хандаи пур зи пасаш гиря биёрад, гӯянд,
Бари шодӣ ҳама дам ғам ба ниқор афтода.

Дили мо сайди балодидаи олам бошад,
Ҳар қадам дар қафасу банди шикор афтода.

Обшор аз бари кӯҳи ғами мо поён рехт,
Ончуноне ки ба ҷар сели баҳор афтода.

Боғбон аз шафати боғ кашид оҳи бадард,
Ки нагун нахли пур аз бор ба бор афтода.

Роҳие хост, ки дам рост кунад зери чанор,
Рӯ ба рӯ дид, ки аз бех чанор афтода.

Ҳаст оне, ки равад, кас накунад ёдаш ҳеҷ,
Ҳаст оне зи пасаш гуфтугузор афтода.

Раҳи мо, ки тарафи сӯҳбати ширин мерафт,
Ин замон шуд дигару сӯи мазор афтода.

Он замон дар кафи мо буд чу гул номаи меҳр,
Ин замон дар кафи мо буттаи хор афтода.

Қадри хуршед шавад беш, чу ояд ба ғуруб,
Гули вартоҷ нигар, сархаму зор афтода.

Он як аз партави меҳраш раҳе равшан созад,
Дили Данко ба кафаш дар шаби тор афтода.

В-он дигар сурати афсона бимонад бар даҳр,
Ки ба симурғи накӯкор савор афтода.

Ҳеҷ гаҳ ҳурмати ёрон наравад аз хотир,
Ба хаёле ҳама хотиранигор афтода.

Он чӣ гуфтему нагуфтем, ғанимат будаст,
Кӯҳи пурганҷ хамӯшасту қарор афтода.

*октябри соли 1986*

## *Ба хотири устод Мирзо Турсунзода*

### ҲАРФИ СӮЗОН

Дар кушодам, нестӣ дар ҷои хеш,
Монд ҳарду поям аз рафтан ба пеш,
Оҳ! – гуфтам ман ба як ҳоли пареш,
Дил даруни синаам шуд реш-реш.

Дар гулӯ печида монд афғони ман,
Сӯхт ҷони бесару сомони ман!

Ларз-ларзон ҷустамат, устоди ҷон,
Дидаҳо пуробу беқудрат забон,
Нестӣ дидам миёни дӯстон,
Аз куҷо омад, бигӯ, боди хазон,

Ки бубастӣ бармаҳал рахти сафар,
Бо раҳе рафтӣ, ки пас н-ой дигар.

Ман надонистам, ки худ кистам дигар,
Бар куҷо рафтан надонистам дигар,
Ҳам надонистам куҷо истам дигар,
Ҳар қадар ки роҳ поистам дигар.

Лек холӣ буд, холӣ ҷои ту,
Дошт нола курсии танҳои ту.

Ин ҷаҳон ғам гашту бар ман бор шуд,
Чун ятимон ҳолам аз ғам зор шуд,
Зиндагиям гӯй, нодаркор шуд,
Ҳарфи сӯзон бар лабам такрор шуд:

– Ҳай дарeғу сад дареғи одамӣ,
К-ояд он деру равад андар даме!

## ДОҒ

Ҳарфи таскинро маёвар пеши ман,
Пора гардад, мон, дили пурреши ман.

Мон ки гиряд дидаи хунбори ман,
Ҷӯ кашад, ҷӯе бари рухсори ман.

Мон равад фарёди ман то осмон,
Кар кунад бигзор, гӯши Каҳкашон.

Бар сари ман буд дасташ силагар,
Буд дасташ гӯиё дасти падар.

Дасти меҳромези вай рафт аз сарам,
Монд ислоҳаш ба шеъри дафтарам.

Мон, ки сӯзам дар ғамаш имрӯз ман,
Мон, ки бошам доимо дар сӯз ман.

Доғи дил дигар нашӯяд ҳеҷ чиз,
Рафт аз мо марди бар дилҳо азиз!

## СИТОРА

Як ситора канда шуд дар осмон,
Тез рафт аз ҷой чун тири камон,
Монд нақшаш лаҳзае оташфишон,
Ноаён шуд баъд аз чашми замин,
Гӯй кам шуд як ситора бо ҳамин.

Лек мегӯянд, вай ҷои дигар
Аз сари нав боз меояд бадар,
Боз монад дар самои шӯълавар,
Мисли он, ки одами рӯи замин
Ҳасту мегардад ба ҳар сӯи замин.

Чун ситора кандӣ, эй устоди мо,
Монд бе ту сакта дар эҷоди мо,
Рафтаӣ аз чашм, на аз ёди мо,
Рафтаю андар дили мо шиштаӣ,
Зиндаӣ худ, лек моро куштаӣ.

## САВОЛИ БЕҶАВОБ

Дидаам дар зиндагӣ ғамҳо фузун, ҳасрат зиёд,
Ҳар яке бо сӯзи худ ҳолост ҳам манро ба ёд:
Пеши номардон фитода гоҳ, гаштам номурод,
Ғам дигар, ҳасрат дигар, ин номуродиҳо дигар.

Қабр кандам – хонаҳо дар хок баҳри мурдагон,
Гушна мондам, ташна мондам, ман нагуфтам обу нон.
Тоб овардан буд азбаски тақозои замон,
Сабр дигар, тоб дигар, қудрати эҳё дигар.

Сахт будам аз ҳама рӯзе, ки рафт аз сар падар,
Дасту пои ман шикаста буд гӯӣ мухтасар,
Рафтани ту аз дигар овард он рӯзам ба сар,
Сӯз дигар, соз дигар, талхии дилҳо дигар.

Менамоям пок ман аз чашми худ оҳиста об,
Рӯй меорам ба одамҳову дунёи китоб,
Ҳар куҷо ҷӯям кунун бар ин саволам ман ҷавоб:
– Мисли ту оё шавад пайдо дигар дар мо дигар?!

## ОРЗУ

Ҳеҷ кас мурдан накардаст орзу
Аз қадим то даври мо, имрӯзи мо,
Баъди ин ҳам ҳеҷ кас, бегуфтугӯ,
Орзу мурдан насозад ҳеҷ гоҳ.

Баски бад ё ин ки некӯ зиндагист,
Аз ҳама ширин бувад аз баҳри кас.
Балки он кас, ки ҳаме дар бандагист,
Маргро зинҳор нанмояд ҳавас.

Лек ман дорам кунун андар ҷаҳон
Бар дили пурсӯзи худ ин орзӯ:
Орзӯе, к-ӯстам пайванди ҷон,
Орзӯе, ки бимирам ранги ту.

## ДАСТАИ ГУЛ

Як даста гуле ба даст дорам,
Бар омадани ту интизорам.
Тайёра наомадаст ҳоло,
Чашмам шуда чору беқарорам.

Инак ба замин яке фаромад,
Бар ҷои муайяни худ омад.
Бикшода дараш бигашту аз он
Мардум паси якдигар баромад.

Аммо зи ту нестӣ нишоне,
Сайёҳу мунодии амонӣ,
Гул дар кафи ман ту гӯӣ бигрист,
Бардошта шевану фиғоне.

Роҳи сафарат магар дигар шуд,
К-ин ҷо шудани ту дертар шуд?!
Ё хоҳари мушфиқ Африқо боз
Бо коре сари раҳат бадар шуд?!

Ҳайронаму зораму низорам,
Бар пеши кӣ ман қадам гузорам?!
Тайёра тамом гашт холӣ,
Ман дастаи гул ба кӣ супорам?!

## ГИРЯ

Дар мотами ту хурду калон зор гиристанд,
Чун абри баҳорону азодор гиристанд,

Бе гиря набуд чашму диле, чеҳрае зинҳор,
Ёрон чӣ, ки аз баҳри ту ағёр гиристанд.

Аз гиряи мардум шуда сел оби Душанбе,
Бас талх зи мағзи дили абгор гиристанд.

Аз силсилаи кӯҳи Ҳисор омада овоз,
– Сангон бари ҷар, дар лаби ҳар ғор гиристанд.

Дар чашми касе гиря дигар боқӣ намондӣ,
Чун се шабу се рӯзу дигар бор гиристанд.

Кӣ гиря кунад баъди ту аз баҳри ману вай?
– Такрор нагардад, ки ба такрор гиристанд.

## МИРЗО ГУЗАШТ

Шоири маҳбуб аз дунё гузашт,
Якта омад, якта буд, якто гузашт.
Кори сад кас карду дар худ монд дар,
Дар дили мо монд ҳасратҳо, гузашт.

Рӯзи мо мушкил набуд ҳаргиз чунин,
Сӯзи мо бар дил набуд ҳаргиз чунин,
Бохабар буд ӯ зи дарду сӯзи мо,
Аз миён дардошнои мо гузашт.

Нахли умраш дод як олам самар,
Буд килкаш гӯиё аз найшакар,
Буд шоир минбару виҷдони мо,
Ҳар нафас бо ӯ хушу зебо гузашт.

Корвони мотами мо шуд равон,
Кӯчаҳо гаштанд пур аз одамон,
Ҳар яке мегуфт аз ғам сӯхта:
«Мекафӣ, эй дил, бикаф, Мирзо, гузашт!»

Даргузашту пуштае маъво гирифт,
Пушта бо вай давлати дунё гирифт.
Рафтанаш ҳам гӯшае обод кард, –
Гашт боғе, к-аз бараш дарё гузашт.

*соли 1977*

# САТРҲОИ ГӮЁ

## ХУБ КАРДӢ ОМАДӢ, ЭЙ НАВБАҲОР!

Хуб кардӣ омадӣ, эй навбаҳор,
Чашм дар роҳи ту будам интизор.
Аз ҷафои барфу сардиҳои дай
Гашта будам мустаманду дилфигор.

Хоб кардӣ ин қадар дуру дароз,
Кас нагаштам чун ту як дам дилнавоз.
Ҷустамат дар дашту дар кӯҳу дара,
Як ваҷаб мондам, ки лағжад по ба ғор.

Монда будӣ он чӣ аз ранҷам самар,
Сарф шуд дар рӯзгори даргузар.
Дар бисотам нест ҳоло донае,
Ёди рӯзӣ карда, бошам рӯзадор.

Бо ту мондам зинда, сад шукри худо,
Гарчи побандам ба занҷири ҷафо.
Бӯи ту бахшид нирӯе ба дил,
Ҷони дар лаб кард бар тан барқарор.

Андаке меомадӣ ар дертар,
Зиндагӣ бар рӯм мепӯшид дар.
Сабза мумкин медамид аз хоки ман,
Турбатам меёфтӣ андар мазор.

Дам ба дам доданд манро баски фанд,
Гӯсфандам хӯрд Соли гӯсфанд.
Наҳсӣ омад асптозон мисли дев,
Молу мулкам кард аз як лаб шикор.

Бозсозӣ бозие овард пеш,
Гуфт бояд дид пеш аз нӯш неш.
Нӯшро бар фитнакорон дод муфт,
Нешро бар соддаҳо бинмуд бор.

Соддагиям кирм шуд гӯё ба тан,
Гашт рӯзу шаб ба ҷонам нешзан.
Ханда бар ҳолам кунад шайтон барин
Он, ки бошад серу аз ғам дар канор.

Дар дили пурҷӯши ман ҷӯше намонд,
Бар шуниди дарди ман гӯше намонд.
Хеш шуд бегонаву бегона хасм,
Рӯзи равшан пеши чашмам гашт тор.

Аз кӣ бошад касративу чора ку?
Маслиҳатгар ҳасту набвад чораҷӯ.
Дар идора, дар маҷолис, дар гузар
Айбҷӯӣ ҷӯш дорад ҷои кор.

Ҳарфи сардорон насозад кас писанд,
Чунки бошад зери ҳар як нукта фанд.
Чор сӯ тарёки рафтан бераҳа
Рехт аз фанду дурӯғи бешумор.

Дӯш гуфто боз як садри хунук,
Ҳуҷҷате чун пеши ӯ кардам тунук:
«Кор дар мо ҳал нагардад бе дурӯғ,
Мизи мо бе ин намонад пойдор».

Пой монад Аҳриман дар кӯчаҳо,
Нек хонда медиҳанд ӯро баҳо.
Хавфи Заҳҳок омадан пайдо шуда
Аз даҳанвозӣ ба хоки ин диёр.

Аз паи бад бадтар ояд дар сухан,
Ҳаст ҷанги хона пургӯии зан.
Мисли зан пургӯй гашта мардҳо
Аз камиву костии рӯзгор.

Бенизомӣ тарс орад бар дилам,
Тарс дорам аз бақои манзилам.
Гушна, мегӯянд, меҷангад ба шер,
Ин сухан дар ҳар забон бошад шиор.

Аз ғами нарху наво девонаам,
Сахт бемору ба кунҷи хонаам.
Кӯдакони талхкомам ҳар замон
Қанд мегӯянду мегирянд зор.

Кас напурсад ҳоли ман, н-ояд суроғ,
Мерасад танҳо ба гӯш овози зоғ.
Сахтии нодорӣ аз ҳар чист сахт,
Ҳар қадар кӯшӣ, намеёбӣ барор.

Хона карда шифти хона анкабут,
Метанад он тор хокистарнамуд.
Аз парастуҳо намеояд хабар,
Бар куҷое кардаанд онҳо фирор.

Сарпаноҳамро намонда зебу фар,
Аз заминларза расид онро зарар.
Дар паноҳи худ нигаҳ дорад худо
Он аёлеро, ки бошад бачадор!

Кулбаам мӯҳтоҷи ҳусни тоза аст,
Баҳри ёрон гарчи бедарвоза аст.
Рӯи шифти хона тобад анкабут,
Бар парастуоӣ дорам чашми чор.

Ҷӯгӣ ар талбанда бошад, ор нест,
Кори некӯяш ҷуз ин рафтор нест.
Касби бобову падарҳо мекунад,
Ронда ҳар ҷониб саманди ифтихор.

Лек талбидан ба мо шармандагист,
Чунки ин ҳам як намуди бандагист.
Ҳолиё талбандаву шармандаем,
Обрӯ резонда чун барги чанор.

Ман киро дигар кунам ёдоварӣ,
Бар касе охир намондам боварӣ.
Зумрае кӯшад ба рағми ростӣ,
Зумрае дорад ба ғорат ихтиёр.

Бар ту дорам ман фақат акнун умед,
Аз ҷавон имдод ҷӯяд мӯсафед.
Донаи коридаамро сабз кун,
Ранги зардам сурх гардон лолавор.

Он ҳама хору хасе, ки дар чаман
Неш мезад пои ӯву пои ман.
Зери сабза гиру бинмо соясӯз,
То дигар пое набинад неши хор.

Киштзорон пурсамар офар ба даҳр,
Сер кун бо файзи худ рустову шаҳр.
То шавад наҳсиву мӯҳтоҷӣ ҳалок,
То намонад ҳеҷ кас зору низор.

Чашми дил равшан шавад аз кори ту,
Рӯй хандад ҳамчунон гулзори ту.
Кишварам бо диди нав донад, ки худ
Бо баҳори тоза ёбад иқтидор!

*марти 1992*

## ДЕҲҚОНИ ПИР

*монолог*

Зодгоҳам ҳаст дар домони кӯҳ
Кӯҳсоронаш ба он бахшад шукӯҳ,

Рехтаст ин ҷой хуни нофи ман,
Гул чуноне барг резад дар чаман.

Саргузаштам то бидонӣ хубтар,
Чист донӣ то ба ман маҳбубтар.

Чун намурда роҳгардон ки шудам,
Ворид он гаҳ, бар дабистон ки шудам,

Модарам бар ман ҳикоят кард хуб,
Аз азоби худ шикоят кард хуб.

Гуфт: «Лӯлак будӣ дар пеши барам,
Шодии дил, нур бар чашми сарам.

Ҳафтрӯза будӣ, ки қисмат туро
Кард бо амре ҷудо аз зодгоҳ.

Як саҳар пайдо шуда се-чор зӯр,
Баднамо буданд мисли гурги бӯр.

Бо қароре карда моро пойбанд,
Чун муҳоҷир аз деҳи Кӯҳи Баланд.

Кӯч барбастанд зӯран беибо,
Не шунида арзу не фарёдҳо.

Бори аввал гиря кардӣ сахт-сахт,
Мешудам аз гиряат чӯби карахт.

Дар бағал медодамат ҳарчанд ҷой,
Илтиҷо карда ба даргоҳи худой.

Лек як дам ҳам намегаштӣ хамӯш,
Кӯҳу ҷар мекард овози ту гӯш.

Аз муқобил боди сарде мевазид,
Рӯи манро гӯиё ки мегазид.

Дар қафо мемонд вою доди ман,
Кас намешуд аз паи имдоди ман.

Зачча[1] будам, бедаво будам ҳанӯз,
Мурдае бо зиндаҳо будам ҳанӯз.

Мурдатар мегаштам андар роҳ ман,
Маргро будам зи бас ҳамроҳ ман.

То миёни як наистон омадем,
Гӯиё бар чоҳи зиндон омадем.

Каппа кардем аз қамишу аз қиёғ,
Хоб медидем дигар зери боғ.

Пашша мезад неш аз рӯи либос,
Метавон бар каждумаш кардан қиёс.

Қур-қури қурбоқа кар мекард гӯш,
Кам набуд овози дигар сон вуҳуш.

Буд рӯзаш оташи сӯзон агар,
Гармии шаб буд аз рӯзаш батар.

Гӯиё будем мо дар бандагӣ,
Рафта буд аз дил умеди зиндагӣ.

[1] Зачча – беморие баъди тавлиди кӯдак.

То нагирад лек ҷон парвардигор,
Зинда мемондаст одам гашта хор.

Ҷонкание буд кори мо ҳама,
Мешудаст аз ҷонканӣ эҳё ҳама.

Гашт обод ин наистон оқибат,
Балки бо қурбонии ҷон оқибат.

Пахта шуд сарват ба мо дар ин диёр,
Дарди он бар дӯши мо гардид бор.

Раҳбарон моро ҳамехонданд беш,
Дар тааҷҷуб гарчи мемонданд беш.

«Пахта бахти хурраму нони шумост,
Нағз донед ин, ки нон ҷони шумост».

Нон, ки бошад, гуфта ҷон кандем мо,
Ҷон, ки бошад, гуфта ҷон кандем мо.

Соли аввал мурд бобоят Расул,
Хок кардаш дар ҳамин саҳро қабул.

Соли дигар момаат ҳам фавт ёфт,
Синаамро доғу дарди ӯ шикофт.

Нисфи мардум аз муҳоҷирҳо намонд,
Қуввае чандон дар ин саҳро намонд.

Шукр, ки мондат падар болои сар,
Инчунин ту зинда мондӣ, ҷон писар…»

Баъд аз ин шуд пахтакорӣ кори ман,
Дар ҳавои нохушу тоқатшикан.

Бар азоби модарам гаштам қатӣ,
Ном мебурданд манро меҳнатӣ.

Биргад аз мактаб маро якбора ронд,
Хондану пондан дигар бар ман намонд.

Қисматам бо пахта шуд пайванд сахт,
Ҳар ниҳолаш гӯӣ месабзонд бахт.

Умр мерафту дигар мешуд ҳаёт,
Пеши рӯ ҳар лаҳза буд арчи мамот.

Бар дигарҳо карда кори ман қиёс,
Гаштаӣ гуфтанд «соҳибихтисос».

Ҳеҷ ту ҳамто надорӣ дар каланд,
Бар ниҳоле нест аз корат газанд.

Пеши раҳбарҳо бувад қадрат зиёд,
Ханда сӯят мекунад шамси мурод.

Бар ту мезебад кунун кори баланд,
Обмонӣ аз ҳама бошад писанд.

Пешаам шуд обмонӣ баъд аз ин,
Гашт дигар зиндагонӣ баъд аз ин.

Об монду пахтазору ман дар он,
Ҷӯй буду рӯзу шаб оби равон.

Об мемондам ман аксар пои луч,
Сабз мекардам тани саҳрои луч.

Рафт чил соли ҳаётам байни об,
Дар дили шабҳою зери офтоб.

Модарам мурду падар ҳам даргузашт,
Талх бошад, талх манро саргузашт.

Порае аз он бигӯям, гӯш дор,
Н-оварад дигар худо он рӯзгор!

Шаб ба саҳро будаму дар кор банд,
Ҳар ду по урёну дар дастам каланд.

Об мондам то саҳар дар пахтазор,
Не ба чашмам хобу не дар по мадор.

Биргад омад ногаҳон ҳангоми чошт,
Гом чанде байни ҷўякҳо гузошт.

Ёфт андар гўшае айби маро,
Чок зад бо чанги худ ҷайби маро.

Зад ба рўям тарсакии обдор,
Чанг зад бар ришу рўям нобакор.

Дарди ман гарчи аз ин шуд бештар,
Кўфт бо чўбам дигар бар неши сар.

Рехт хун бар рўи ман, чун сар кафид,
Боғбон гўӣ анореро ҷафид.

Нисфи пахта кардаӣ, – гуфто, – закоб,
Нисфи дигар сўхтӣ аз офтоб.

Ҳосил аз кори ту хоҳад шуд талаф,
Деҳқон не, будаӣ як бешараф.

Ман чӣ сон иҷро кунам фардо план?
Баччаатро беҳ, ки бинам дар кафан!

Лаънатӣ, охир туро гум мекунам,
Занчаатро з-они мардум мекунам…

Обрўям рехт аз ҷанҷоли ӯ,
Ҷон ба лаб омад аз ин аъмоли ӯ.

Дасти пурқувват дигар дар ман намонд,
Кўшишу ғайрат дигар дар ман намонд.

Шуд каландам баъд аз ин гапнодаро,
Бар қафо мегашт об аз ҷўйҳо.

Ҳар ниҳоли пахта мешуд шонарез,
Гашт аз ман бахт гўӣ дар гурез.

Шикваам бурдам чу бар пеши раис,
Буд биргад баски як хеши раис.

Ҳеҷ бар арзам надод ӯ эътибор,
Доди ман нашниду кардам айбдор.

Пеши ҳар кас, ки кушодам рози дил,
Гуфт, ки хомӯш дор овози дил.

Варна ҷабре беш мебинӣ аз ин,
Ҳар даме сад неш мебинӣ аз ин.

Беҳтараш бар пахта арзу дод гӯй,
Ё бигӯ ин хоби худ бар оби ҷӯй.

Рӯзу шаб шуд байни пахта ҷои ман,
Об буду дар дарунаш пои ман.

Дард дар поям аз ин маъво гирифт,
Нолаам шабҳо ҳама дунё гирифт.

Аз азоби ҷон шудам дармонталаб,
Чун гадои нон шудам дармонталаб.

Дарди ҷонро ҳеҷ кас дармон нагашт,
Ҳеҷ кас монанди ман нолон нагашт.

Мисли кирми кӯрак ин дарди ниҳон
Дошт ҷо дар мағз-мағзи устухон.

Ошноям, пахтаё, – гуфтам, – туӣ,
Муттакоям, пахтаё, – гуфтам, – туӣ.

Ҷони ман пайванд шуд бо ҷони ту,
Гир дастам, дастаму домони ту.

Дар ҷавобам буд лекин он хамӯш,
Шар-шаре аз оби ҷӯ омад ба гӯш.

Рехт дору байни гап болои сар,
Муддате гаштам ба ҷои худ пакар.

Сахтҷон будаст одамончунон,
Ончунон будаст пуртобу тавон,

Ки намекуштаст дору ҳам варо,
Гар нагирад ҷони ларзонаш худо.

Ранги деҳқон кас надидам камхарид,
Гарчи умре мекашад ранҷи шадид.

Бо ҳама беқадрие, ки доштам,
Нози пахта боз мебардоштам.

Гӯшае, – гуфтам, – шавад обод аз он,
Мардуме шояд шавад дилшод аз он.

Бар касе суд оварад гар ранҷи кас,
Одамӣ озод мегирад нафас.

Гӯиё қарзи худо кард ӯ адо,
Дар ду олам бахт гашташ раҳнамо.

Дарди по аз хотирам мерафт аз ин,
Буд бо ман пахтаву обу замин.

Баъд чӣ? Худ пир гаштам аз азоб,
Рӯзгорам вақти пирӣ шуд хароб.

Даҳшати мурдан ба ёдам мерасид,
Давраи дур аз муродам мерасид.

Орзу кардам, ки бинам зодгоҳ,
Шуд худо бар орзуи ман ризо.

Аз адолат адли нав боло гирифт,
Тоҷире гӯӣ раҳи савдо гирифт.

Гашт эълон дар тамоми кӯву дар:
«Ҳар кӣ мехоҳад, равад мулки падар.

То ки кӯҳистон шавад обод боз,
Гардад он ҷо умри одам ҳам дароз».

Ёдам омад, давраe як сорбон
Бар хараш кардаст рози дил баён:

Хидмати бисёр кардӣ, эй ғулом,
Корвонамро ба ҳар ҷо субҳу шом

Бурдаву овардӣ аз кулфат ҷудо,
Миннате нашнидам аз ту ҳеҷ гоҳ.

Вақти он омад, ки озодат кунам,
Дар баҳои хидматат шодат кунам.

Бурда харро пас ба даште сорбон
Дур сар додаст байни «бӯстон».

Безабон з-ин «ғамхӯрӣ» ҳайрон шудаст,
Шаб дар он ҷо тӯъмаи гургон шудаст.

Ҳарчӣ бодо бод, – гуфтам ман ба хеш,
Ҷамъ бинмудам ба сар фикри пареш.

Роҳ бигрифтам ба сӯи зодгоҳ,
Бар пасу пешам накарда ман нигоҳ.

Гӯиё озод аз маҳбас шудам,
Бори аввал шоддил аз бас шудам.

Омадам бар деҳаи Кӯҳи Баланд,
Ман надонам қанд хӯрдам ё ки фанд.

Лонаи чуғзон шудаст ин ҷойҳо,
Ҳеҷ чӣ набвад ба ҷуз обу ҳаво.

Зӯри пешин нест дигар бар танам,
Ростӣ, ҷони сиёҳе меканам.

Нест ёрое ба раҳ монам қадам,
Мурданӣ шояд ба ин ҷо омадам!

Ин бигуфту чун нишон аз дардманд
Сулфааш гардид пушти ҳам баланд.

Он чунон ки аксаш омад аз дара,
Пеши дида гашт дигар манзара.

Гӯӣ қай мекард заҳроби дарун,
Пушту рӯи балғамаш метофт хун.

Чашмаш аммо буд сӯи кӯҳсор,
Дур не, медид атрофи мазор.

Бо нигаҳ гӯё дуо мекард ӯ,
Ҷои қабрашро ҷудо мекард ӯ.

*ш.Кӯлоб, марти 1993.*

## САРИ БЕПАНОҲ

*Аз ҳасрати хабаркаш*

Чӣ гап бошад, ки он чӣ кардаам, бар ёд меояд,
Дилам аз кардаҳои хеш дар фарёд меояд.
Ба сӯям аз кучҷое боди тӯфонзод меояд,
Сарам монанди санги осиё беист гардон аст.
Бари рухсораҳо ашки тарам неши мағелон аст,
Зи ҳалқам сулфаҳо аз тинати ҳафтод меояд.

Хаёлам, нест чун ман ҳеҷ кас дарду аламдида,
Надида навбаҳореву ҷамоли рӯз кам дида.
Ҷаҳон кӯҳи ғаме гаштасту болоям ғурамбида,
Чу нафраткардаи халқ аз шабе дар шаб фитодам ман,
Ба ҳар ҷое фитодам, аз забону гап фитодам ман.
Ситам кардаст ҳар кӣ, мешавад рӯзе ситамдида.

Надониста худамро дар фиреби хеш ғалтондам,
Ба худ сад номусулмониву садҳо фитна хонондам.
Хабаркаш гашта, бар тӯрам ба ҳар шаб сайд афтондам,
Бигуфтам, ки фалонӣ мекунад имшаб фирор аз мо,
Суноче дораду бо он гузар бинмояд аз дарё.
Қасам хӯрда, панаҳҷои суночаш хуб фаҳмондам.

Худам хилват ҳама ҷои суночон менамудам соз,
Ба кунҷи оғили бобои Акрам ё ки човандоз.
Ниҳон мекардам ин ҷо шоҳидони бе гапу овоз,
Сипас дар нимаи шаб ҳамчуноне рӯбаҳи маккор,
Ки ояд бар шикори мурғакони хобу беозор,
Хабар медодам аз ин халқаандозии худ бо тоз.

Саҳар дар деҳа мешуд нолае аз хонае боло,
«Падар» – нолида яктояш, дигар мегуфт: ку бобо?
«Шарики» нола мегаштам зи рӯи бом бар онҳо,
Маро хурсандие аз гиряи ҳар хона меомад,
Чӣ мегуфтанд, бар гӯшам чу як афсона меомад,
Замину осмон буданд андар ҳукми ман гӯё.

Ба соле нест кардам бо ҳамин раҳ некмардонро,
Намудам гӯиё аз хор тоза ман гулистонро.
Ба тифлон бехатар оростам майдони ҷавлонро,
Барои «хидматам» карданд танҳо ваъдаҳо инъом,
Чунонки хоб бо афсона орад кӯдаконро шом,
Дигар доданд як собун мани гӯё бавиҷдонро.

Ба пеши чашми ман дар ҷилваанд он кардаҳо акнун,
Қатор андар қатоaccess одамони бегуноҳ акнун,
Паси ҳам мекунанд аз ҷӯши нафратҳо дуо акнун,
Намедонам чӣ гӯям дар ҷавоби кардаҳои хеш,
Ки бар ман мезанад ҳар як нигаҳ монанди ақраб неш,
Касе з-ин вартаам як дам намесозад раҳо акнун.

Сиёҳамончунон, ки ҳеҷ собунам намешӯяд,
Забонам мешавад гаҳ бастаю ҳарфе намегӯяд.
Суроғам кас намеояд, ягон кас ҳам намеҷӯяд,
Чу кирми байни доруям, илоҷи зинда мондан нест.
Ба ҷое хешро аз ҷой нерӯи кашондан нест,
Агар дар кӯчаҳо афтам, саге манро намебӯяд.

Сарамро дар кучо бояд халонам, ман намедонам,
Ба пеши дида одам нестам, гӯё ки ҳайвонам.
Маро дар коми ин деви бало афтонд виҷдонам.
Ба ҳар ду олам аз кирдори худ беобрӯ гаштам,
Дами печида дар банди раҳи танги гулӯ гаштам,
Ба чанги маргаму аммо намегирад худо ҷонам.

## САБАҚ

Бигӯям бо дили пур бар ту, эй хонандаи ҷонӣ,
Сабақ бигрифтаам аз мактаби аъмоли инсонӣ.

Гузашт умрам ба заҳматҳои бепоёни ҳасратҳо,
Нахӯрдам ҳеҷ гоҳе луқмаи ноне ба осонӣ.

Давидам пои луч аз пушти пода вақти навбатҳо,
Бубаста дар миёнам порае аз нони чӯпонӣ.

Зимистон мерасиду мегузашт аз кӯчаҳо пурбарф,
Намедидам валекин бар танам либси[1] зимистонӣ.

Маро аз курсии мактаб замоне ҷанг дур андохт,
Чунон ки баччаро берун кунад аз дарс бадхонӣ.

Ба саҳро рафтаю ҳамроҳи занҳои камарбаста
Чу якто марди оянда шудам дар банди деҳқонӣ.

Ба дӯшам бор шуд бори гарони рӯзгори талх,
Намудам хонаву дарро ба як ҳоле саробонӣ.

Надидам кам азоб аз родмардоне, ки дар майдон
Шаборӯзӣ намуданд аз зафархоҳӣ сарафшонӣ.

Шабонро рӯз мекардам ба як чумча кадуҷӯшак,
Ба хоби хеш ҳам ҳатто намедидам фаровонӣ.

---

[1] Либс – либос.

Надонам буд аз ақли зиёде ё зи беақлӣ,
Ки навмедӣ намеомад ба дил як лаҳза меҳмонӣ.

Ба шаб мемурдаму дар рӯз мегаштам зи нав зинда,
Худам медонам инро, нест дигар ҷои ҳайронӣ.

Ба доно беш хорӣ дидаму роҳат ба нодонҳо,
Кӣ мегӯяд, ки доноист беҳтар ё ки нодонӣ?!

Бирафт идбору шуд якбора баъди ғам чашиданҳо
Ба ҷони аз лабам афтам-наафтам бахт арзонӣ.

Нарафтам ман зи худ, гарчи зи чанги марг ворастам,
Чӣ медонам, ки қисмат буд ин ё ҳукми раббонӣ.

Намондам хоксорӣ пеши болоён қадам монам,
Нишастам беш поёнтар зи инсонҳои поёнӣ.

Надодам ҳеҷ касро чун калоне амр дар олам,
Накардам балки ман бар бачаҳои хеш султонӣ.

Ба пешам дӯстон гӯянд лофе – ёри ҷонианд,
Ки баҳрам хешро як рӯз месозанд қурбонӣ.

Вале бар гӯши ман рӯзи дигар орад хабарҳо бод,
Ки ғайбат ҳар куҷо доранд тунду сахт пинҳонӣ.

Ҳама равшан бувад бар дидаи ақлам чу хат гарчӣ,
Аҷаб хислат, ки дар вазъам намеояд парешонӣ.

Агар онҳо даме аз ғайбатам дилшод мегарданд,
Ман аз ин шодтар гардам ба чандин рӯз тӯлонӣ.

Зибаски хуб медонам дар ин дунёи сеҳроин
Ба ҳар кас пеш меояд ба як муддат пушаймонӣ.

Чӣ ояд бар сарам дар рӯзгори аз ҳаводис пур,
Накарда шиква аз мардум, ҳамебинам зи пешонӣ.

Ба деҳу шаҳри мо бетарбият бисёр гардидаст,
Аз он тарсам, ки пайдо мешавад Эдипи юнонӣ.

Ғам аз дил дур андозам, кунам дар фасли гармо ях,
В-агар не, мепазам андар ҳавои барфу боронӣ.

«Накӯ бошад, агар гапро накобӣ» гуфт дар сӯҳбат
Ба вақти пурсупоси беҳуда як пири рӯмонӣ.

Аҷоиб рӯзгоре гаштааст ин дам насиби ман,
Ба кунҷе хобаму атрофи ман девори бетонӣ.

Ҳамегӯянд ин дунё бувад фониву серӯза,
Вале дунё наю одам бувад серӯзаву фонӣ.

Ҷавоне бурд рашки молу ҳолам дӯш якбора,
Сияҳ гардид ӯро дар нигоҳам рӯи нуронӣ.

«Ба ҷашни зодрӯзат тӯҳфаи бисёр омад» гуфт,
Ба он рангу ба як оҳанги бадбиниву исёнӣ.

Бигуфтам: ҳар чӣ дорам, гиру бар ман деҳ ҷавониро,
Макун зоеъ ҷавониро миёни рашку шайтонӣ.

Ҷавон будам, ҷаҳону хешро забанда медидам,
Намебурдам ҳасад бар ҳусни кавкабҳои кайҳонӣ.

Харошад боди пирӣ рӯи ман чун шохҷорӯбе,
Чу айёми ҷавонӣ нест, бо пирӣ чӣ битвонӣ?

Тасаллои дили бемор оллоҳ асту омин аст,
Тасалло нест пириро ба ҷуз шукру лаби ноне.

Дарамро бо дилам то зиндаам бикшода медорам,
Биёяд ҳар кӣ, бӯяш мекашам чун себи хубонӣ.

Накардам то кунун худро ҷудо аз дигарон боре,
Нагуфтам, ки манам кӯлобиву Қутбӣ зарафшонӣ…

Забондонӣ ҷаҳондонӣ бувад, – гӯянд дар ташвиқ,
Вале дилдонӣ бошад илми бо мардум абадмонӣ.

Набудам дар ҷавонӣ фурсати ошиқшавӣ зинҳор,
Кунун фурсат расиду нест дигар тобу дармоне.

Чу шабнам рӯи гулбарги туро бо бӯса мешӯям,
Ту ҳам боре шавад рӯи маро бо бахт шӯёнӣ.

Асо бар дасту аз дунболаат чун соя раҳпӯям,
Худо гӯям, ки ин дунболагиратро наафтонӣ.

Ба умри тайшуда бо роҳи вайронӣ намондам по,
Дуо гӯям намонӣ по ту ҳам ҳаргиз ба вайронӣ.

Ҷадал дорам хӯрам нони ҳалоле то дами охир,
Наафтад себи сурх аз шох, то онро наҷунбонӣ.

## ХОСТГОР

Хостгор аз деҳа бар шаҳр омадам,
Аз ҳавас дар ҷӯш чун баҳр омадам.

Шаҳр гуфтам, пеш рафтаст аз ҳама,
Адл андар шаҳр дорад замзама.

Лек гаштам бо қудо чун рӯ ба рӯ,
Байни мо дар ҷӯш омад гуфтугӯ.

Пеши ман як дафтар оварду гузошт,
Метавон гуфто дар ин коғаз нигошт.

Гӯсфанду гови ту даркор нест,
Сӯмашон бидҳӣ агар, озор нест.

Ҳарчӣ орӣ, бо ҳамин раҳ кун ҳисоб,
Дар барат инро бигардон чун китоб.

Майда-майда чизҳо лекин биёр,
Чиз гарчи нестанд андар шумор:

Сад грамм тиллои Шугнов оварам,
То наорӣ, нест бар ту бовaрам.

Сад грамм лаъли Бадахшон низ ор,
Шаҳр бинад то ҷилои кӯҳсор.

Аз дигарҳояш пасон гап мезанем,
Фарқ чӣ, гап рӯз ё шаб мезанем.

Пои ман имрӯз дар Шугнов шуд,
Баччаам лаъли Бадахшонков шуд…

Деҳа чун гаҳвора меҷунбад ба чашм,
Алла гӯяд тифли худ модар ба хашм.

## БА ХАНДА ДОСТОН ГАШТАМ

Зи ҷабри ростгуфтанҳои худ бехонумон гаштам,
Чу гул аз офтоби пур парастидан хазон гаштам,
Агар дони ниҳон будам, каҳи бекоҳдон гаштам,
Ба беқадрӣ чу обе аз дари ҳавлӣ равон гаштам,
Камони чанг гоҳе, гоҳ тири бекамон гаштам.

Паси ҳам дӯстонам худ ба худ бегона гардиданд,
Парешон чун гули оташ зи оташхона гардиданд,
Ба қасдам балки ҳар ҷо чун саги девона гардиданд,
Равон аз кинаҳо бо роҳи номардона гардиданд,
Ҳама донистаму ҳарфе нагуфта бегумон гаштам.

Ба хилват ғун шуда, аз фикри вазнин мӯи сар канданд,
Бидида мӯи канда, боз мӯҳои дигар канданд,
Зи туғёни ғазаб гаҳ тукмаҳои пеши бар канданд,
Дари бикшода то пӯшанд, бо як зарб дар канданд,
Ба тири нафрати ҳар як кадоми ӯ нишон гаштам.

Ба ҳам гуфтанд: «Ӯро дар ҷаҳон шарманда бояд кард,
Дуруштияш чу чӯби фарши хона ранда бояд кард,
Уқоби ростгуфтанҳошро парканда бояд кард,
Гирифтори балояш дар ғами оянда бояд кард»,
Паноҳи ростӣ худро фақат худ посбон гаштам.

Намемонанд мурғи толеи ман пар занад боре,
Намехоҳанд чашми ман назар бандад ба гулзоре,
Ҳамебанданд андар гардани ман айби бисёре,
Сиёҳам мекунанд аз ҳар ҷиҳат дар пеши сардоре,
Ба даврони амонӣ байни мардум беамон гаштам.

Бувад яктои ӯ савдогари дерину гапчине,
Ки ҷуз худ бар дигарҳояст дар офоқ бадбине,
Дигар дотсенти ишкам бошаду фармонбари кине,
Дуои бад агар хонанд, ӯ мегӯяд омине,
Ба ин мафияи пурхавфу дун дар гирумон гаштам.

Даруни синаам дил ҳамчу маҳбус аст хашмолуд,
Ҳамехоҳад, ки ин маҳбас кунад бо мушти худ нобуд,
Ҷаҳон аз фанд созад тоза ё гирад раҳи падруд,
Агарчи нест ҳоло давраи Фирдавсию Маҳмуд,
Намедонанд қадри ростӣ, ғамгин аз он гаштам.

Кунун дар кунҷи хона шеър мегӯям ба танҳоӣ,
Надорам ҳеҷ кас ҷуз дилбари илҳом раҳпоӣ,
Набошад хуб будан бо баду бадхоҳ якҷоӣ,
Ман охир зодаи як деҳаму фарзанди дунёӣ,
Гаҳе озурда аз кору гаҳе бас шодмон гаштам.

Ба чашми ақл бар ин мафия ҳар дам назар дорам,
Чихелӣ хоб мебинанд, балки ман хабар дорам.
Занам то решаи онҳо, ба дасти худ табар дорам,
Наметарсам зи ҷон, аз ростӣ баски сипар дорам,
Ҳамеша дар набарди сахт бо амри замон гаштам.

Гузор, онҳо замоне ҳам ба ҳам даврони худ бинанд,
Чӣ мехоҳанд дар олам, рухи армони худ бинанд,
Чу гӯсола давидан то дари каҳдони худ бинанд,
Билохир ҳадяи нопокии виҷдони худ бинанд,
Ба диданҳои ин сон ҳарчихоҳон ман калон гаштам.

Калон гаштам ба диданҳо, дигарҳоро дабистонам,
Аз ин мактаб сабақомӯзии ҳар дӯст хоҳонам,
Ҳавола менамоям душману бадхоҳ бар нонам,
Барои тоза мурдан рӯзу шаб хоҳондаам ҷонам,
Ба расму оини бобоиям соҳибқирон гаштам.

Ҳавои тоза аз бӯи баду нопок олояд,
Гули лабвонамуда дар чунин ҳолат наосояд,
Ҳама бадбахтии мо аз дурӯғу фитна пеш ояд,
Барои нест кардан фитнаро пайкор мебояд,
Ба ин мақсуд барбаста миёни худ, равон гаштам.

Равон гаштам чунон, ки роҳи манро кас намегирад,
Ба сад зӯрӣ раҳи касро ягон нокас намегирад,
Дами оташ ба вақти сӯхтанҳо хас намегирад,
Зафар хоҳад агар аскар, худашро пас намегирад,
Ба умри хеш дидам сад балою пуртавон гаштам.

Чӣ чора, ҳар чӣ ояд бар сари ман, тоб меорам,
Ба пеши дастболо ҳар гапе гӯям, гунаҳкорам,
Ҷазо хоҳанд агар додан,ба истиқбол тайёрам,
Ба қисмат дар чунин лаҳза на камтар ман зи Ғаффорам,[1]
Чу донишҷӯй доим дар балои имтиҳон гаштам.

[1] Ғаффор Мирзо дар назар аст.

Ачаб мафияе, ки аз азал ишкамчарон бошанд,
Хумор ояд, ба сӯи майфурӯшон дав-давон бошанд,
Ба ҳукми хеш гӯӣ бар ҳама олам калон бошанд,
Ба тундӣ лаб кушоянд ар, бигӯӣ ҷонситон бошанд,
Ба умрам дар шигифт аз пешаи ин созмон гаштам.

Маро бар кору бар кирдори онҳо ханда меояд,
Ба ин бозору ин савдои расво ханда меояд,
Ба гушначашмиҳои аҳли боло ханда меояд,
Агар дунё чунин бошад, ба дунё ханда меояд,
Ту медонӣ, ки ҳар ҷо ман ба ханда достон гаштам.

## САГПАРАСТӢ

Бин модасаге ба хонаи мост,
Дар ҳавлию кӯча бар равуост.

Бар аҳли гузар шинос бошад,
Маҳбуб ба лафзи хос бошад.

Бар кас накунад нигоҳи бад он,
Гарчанд ғамин шавад зи фармон.

Дар пушти дар аст ҷо-ш шабҳо,
Огаҳ бувад аз тамоми гапҳо.

Хоб аст хамӯш то пагоҳӣ,
Аккос-ш наяст бе сиёҳӣ.

Даҳ бачча кунад ба як таваллуд,
Овоза шавад ба шаҳр ин зуд.

Дарҳол шавад «муборак» оғоз,
Бар гӯш расад паёпай овоз:

«Яктош насиби мо шавад, чӣ?!
Якбора ҳабиби мо шавад, чӣ?!

Нар ҳаст ва ё ки мода, гап не,
Аз саг ки шудаст зода, гап не.

Як умр шавам ман аз ту хурсанд,
Шояд ки ба ҳам шавем пайванд».

Ҳайрон шуда беш ман аз ин кор,
«Майлаш» бигӯям фақат ба такрор.

Аз фикр сарам ба каф ниҳода,
Асрор кучо шавад кушода,

Аз хеш кунам суоли бисёр,
Аз он, ки саг аст пурхаридор.

Мардум ба саг эътиқод бастаст,
Аз кай, ба чӣ сон мурод бастаст?!

Аз одамӣ саг магар накӯ шуд,
К-имрӯз радифи гуфтугӯ шуд?

Бовар накунад ба одам одам,
Ки саг шудааст аз ӯ мукаррам?

Ё хосияти саг аст беҳтар
Дар сарҳади асри нав муқаррар?

## МАРСИЯИ АЙЁМ

Шабҳо ҳама шаб хоб наояд ба сари ман,
Ку рӯз, ки як чилва кунад дар назари ман.

Осуда на шаб бошаму не рӯз ба зинҳор,
Ғамхор надорам, ки бипурсад хабари ман.

Аз тақ-тақи дарвоза шавам сахт мушавваш,
Нав-нав хабари нохуше ояд ба дари ман.

Гӯшам шунавад шому саҳар ҳарфи ҷаноза,
Озурда шавам, пора бигардад ҷигари ман.

Ҳар рӯз ду-се кушта биёранд ба нола,
Гӯӣ ки кананд аз тани ман болу пари ман.

Гаҳ гӯш кунам кар, ки надонам хабари шум,
Лекин чӣ кунам, мешунавад гӯши кари ман.

Мову ту аҷаб дӯст будем аз дили бекин,
Хасм аст кунун баччаи ту бар писари ман.

Ин теша кунад тез ба қасди шаҷари ту,
Ӯ теша кунад тез ба қасди шаҷари ман.

Як ҷо самари ранҷи ту бар гил шуда яксон,
Як ҷо ба дами нор фитода самари ман.

Он ҷой басе хира намояд асари ту,
Ин ҷой касе ёд наорад асари ман.

Абҷад натавонад, ки шуморад зарари ту,
Андоза надорад ба ду дунё зарари ман.

Андеша даме кошки мешуд ба ту раҳбар,
Мемонд ҳаме ақлу хирад роҳбари ман.

Не рӯзи ту мекард ба бар ҷомаи шабро,
Не рӯй ҳаметофт зи ман ҳам саҳари ман.

Не кавкаби иқболи ту мегашт сарозер,
Не буд ниҳон дар дили шабҳо қамари ман.

Таҳдид ба ҷони ту намекард хатар ҳеҷ,
Аз тарсаи ҷон сахт намешуд хатари ман.

Хуноба наметофт ба рух ашки тари ту,
Хуноба намегашт ба рух ашки тари ман.

Нобуд намешуд зи дили ту шарари меҳр,
Аз ҷӯш намемонд ба дил ин шарари ман.

Гӯям бинигар, вазни сухан коста бошад,
Ҳис мешавад ин пеши назар дар гузари ман.

Бозори адаб гашта дар ин марҳала вайрон,
Бинад чу маро, дур равад молхари ман.

Аз номабари ту сухане нек наомад,
Писханд задӣ бар сухани номабари ман.

Хун рехт ахир аз сари ҳар найза чу аз нов,
Не нусрати ту ҳаст дар ин не зафари ман.

Бадном шуда кеши ту дар арсаи олам,
Бадномтар аз он адаби ман, ҳунари ман.

Гардид чароғи ҳама уммеди ту хомӯш,
Бенур шуда шамъи ба шаб шӯълавари ман.

Дар ҷомаи умри ту дигар доғи сиёҳест,
Доғест дигар низ ба умри ҳадари ман.

Талх аст аз ин коми ту монандаи буғма,
Омехт ба хоки сияҳу тар шакари ман.

Ту хеш надонистаю ман хеш нахондам,
Ман аз бари ту канда шудам, ту зи бари ман.

З-ин пеш туро ҷониби ман буд гузар беш,
Бар ҷониби ту манъ намешуд гузари ман.

Будам ҳама дам баста миён дар ҳашари ту,
Будӣ ҳама дам баста миён дар ҳашари ман.

Хондӣ ту маро аз ҳавасат шери нари худ,
Гуфтам на чунон, балки туӣ шери нари ман.

Дар посирaам дошт чаро гову хари ту,
Дар посираат дошт чаро гову хари ман.

Буд хирмани ман мурғи туро маркази серӣ,
Буд хирмани ту ҷои чунин доначари ман.

Буд раммаи ман дар бари кӯҳу камари ту,
Буд раммаи ту дар бари кӯҳу камари ман.

Сар мезадам аз моли ту гаҳ сиркачаеро,
Сар мезадӣ ту барраи ҳарҷойпари ман.

Мегуфтӣ аз ин кам нашавад симу зарат ҳеҷ,
Мегуфтам аз они ту бувад симу зари ман.

Як умр будам чорагарат дар ғаму пастӣ,
Будӣ ба чунин рӯз ту ҳам чорагари ман.

Мемонд агар барзагават тоқа ба саҳро,
Бар ҷуфт ҳамерафт бари ӯ бақари ман.

Ман кӯфтаам хирмани худ бо чапари ту,
Ту кӯфтаӣ хирмани худ бо чапари ман.

Кас аз ҳазарат тунд ба ман ҳарф намегуфт,
Бад бар ту намегуфт касе аз ҳазари ман.

Дар бим буд аз ман ҳама ҷо хасми ту доим,
Дар бим зи ту хасми баду завҷағари ман.

Хомӯш намудам ҳама дам шӯру шари ту,
Хомӯш намудӣ ҳама дам шӯру шари ман.

Ман бе табари ту назадам шохи дарахте,
Ту шохи дарахте назадӣ бе табари ман.

Бархонда будӣ дар ду ҷаҳонам гуҳари хеш,
Пайваста ба дил будию бар ҷон гуҳари ман.

Бинанда ҳамегашт дар ин марҳала ҳайрон,
Аз меҳри туву марҳамати бешумари ман.

Ношукрии бисёр гузашт аз ману аз ту,
Ту маст шудӣ, гашт фузун карру фари ман.

Имрӯз чиҳо кард қазову қадарат бин,
Аз хеш чӣ овард қазову қадари ман.

Эй кош, равад тори ҳаво ништари ту,
Эй кош, шавад зери замин нештари ман.

Ку дӯстиву меҳр, ки аз санги ҳаводис
Гаҳ буд сипар бар туву гоҳе сипари ман.

Ҳоли ту дигар ҷуз ту касе хуб надонад,
Аз ғуссаи ман пай набарад бебасари ман.

Аз шарм сари хеш барӣ ту ба гиребон,
Хам гашт бубин қомати сарву забари ман.

Бинем магар рӯи ҳаму роз бигӯем?
Ё нест ҷавобе пас аз ин бар «магари» ман.

Минбаъд чӣ сон пеши ман ояд сафарат рост,
Пеши ту чӣ сон рост биёяд сафари ман?

Ланг аст дар он ҷо фараси раҳсипари ту,
Ланг аст дар ин ҷо фараси раҳсипари ман.

Ҳар гӯша бувад хоб ниҳон мори адоват,
Гаҳ бар тани ту печаду гаҳ бар камари ман.

Ин фоҷиа бар коми сақар мебарад охир,
Ту низ равӣ ҳамраҳи ман бар сақари ман.

Ҳоло,ки туро ҳаст хабарбар ба шабу рӯз,
Бишнав сухани пураламу мухтасари ман:

Норозӣ аз ин пешаи ту ҳаст худованд,
Норозии сахтест зи айби дигари ман.

Зомин ба ҳама хуни шаҳидон шуда бошам
Ман қадри ту дар ченаку ту он қадари ман.

Вақт аст, ки дар сангари андеша нишинем,
То кам бишавад дарди туву кам зачари[1] ман.

Ором шавад аҳли туву бому дари ту,
Ором шавад аҳли ману бому дари ман.

Обод шавад тарзи навин кӯҳу ҷари ту,
Ободшавад тарзи навин кӯҳу ҷари ман.

Андар сари ман боз наафтад ҳаҷари ту
Андар сари ту боз наафтад ҳаҷари[2] ман.

Бигзор, ки лаб во накунад хайру шари ту,
Бигзор, ки лаб во накунад хайру шари ман.

Варна ҳама ҷо хушк шавад, сӯхта гардад,
На оғани[3] ту монаду не як кавари ман.

Дунёст, ки ранҷида аз ин хархашаи мо,
Не корбари туст, на худ корбари ман.

Хонад пас аз ин бо дили садпораю бирён,
Дар гӯши туву пеши ваю тори сари ман:

Лаънат ба туи хешкушу бар падари ту,
Лаънат ба мани хешкушу бар падари ман!..

*феврали 1993*

[1] Зачар – ғаму ғусса.
[2] Хачар – санг.
[3] Оған – номи алаф, гиёҳ.

## БА ДУНЁ МЕБАРАД
## БОДЕ ХАБАР АЗ МО

Дарахтони миёни шаҳр нолонанд,
Дарахтоне, ки зеби растаҳо доранд.
Табарҳо тездам гашта ба ҷавлонанд,
Агарчи аз дарахтон дастаҳо доранд.

Дарахтонро падарҳо сабз гардонда,
Писарҳо мебуранд аммо дарахтонро.
Канори роҳ бинӣ кундае монда,
Ба рӯи роҳ баргони парешонро.

Касе ҷуръат надорад то кушояд лаб,
Зи ҷони хештан азбаски тарсон аст.
Намояд пеши чашмат тира деви шаб,
Шабе, ки бар диёри рӯз султон аст.

Шабе, ки бе ситора ҳасту бе маҳтоб,
Хабар аз субҳу аз хуршед ҳам набвад.
Зи рагҳои дарахтон мечакад хуноб,
Аз ин сон зиндагӣ уммед ҳам набвад.

Ғиреви навдаҳо поён намеёбад,
Чу тифлоне падарро кушта мебинанд,
Тараҳҳум дар куҷо бошад, наметобад,
Насиби мо бувад рӯзи сияҳ то чанд?!

Ба дунё мебарад боде хабар аз мо,
Ки душман шуд писар, қасди падар омад.
Нарафта кулфати даври қамар аз мо,
Ба рӯяш даҳшати даври табар омад.

*декабри 1993*

## СИТЕЗА

Эй шеър маро давлати ночиз набошӣ,
Як ҳандалаки лошии полиз набошӣ,
Себи дубари олами поиз набошӣ,
Дар рӯи таомам пари кашниз набошӣ,
Сархор ба девору дарам низ набошӣ,
Аз файзи ту бар хонаи ман симу зар ояд.

Ту харбузаи ҷӯҷалии кори калонӣ,
Садбарги наафтида ба ҳангоми хазонӣ,
Дунёст зи ҳад пиру ту бисёр ҷавонӣ,
Бар гӯш садо додаву бар дида аёнӣ,
Донандаи бигзаштаву имрӯзи ҷаҳонӣ,
Аз чор тараф бо нафаси ту хабар ояд.

Ман хизмати шоистаи ту хуб шиносам,
Дар пеши қадамҳои ту дар арзи сипосам.
Аз миннату аз таънаи номард халосам,
То қувваи эҷод ки дорам, наҳаросам,
Бошад зи матои ҳунари хос либосам,
Дар сӯҳбати ман ғайру худӣ барбабар ояд.

Бо сеҳри ту озурдадиле шод кунам, шод,
Сад ғусса супорам ба даму дар бағали бод,
Як умр расонам ба каси хоста имдод,
Аз бедилу дилдода кунам оила бунёд,
Нақши ту ба хотир равад аз дафтари эҷод,
Майлам тарафат бо амали бештар ояд.

Таъсири ту чандест, ки аз байн гузашта,
Нокарда ба хонанда сабаб дайн гузашта,
Айн аз сару гӯӣ, ки сар аз айн гузашта,

Аз килки ману сафҳа магар шайн[1] гузашта,
Ҷону танам аз роҳати дорайн гузашта,
Мондам ба хаёле, ки аз он дарди сар ояд.

Баргӯй, ки эъҷози ту якбора куҷо рафт,
Монанди гурезандаи овора куҷо рафт,
Бекор шуд аз хизмату бекора куҷо рафт,
Дил гашт зи нобудии ӯ пора, куҷо рафт,
Имдодталаб омаду бечора куҷо рафт,
Сатри туву байти ту ба дафтар ҳадарояд.

Ё монд дилат босабабу бесабаб аз кор,
Ё бар ҳиялу макри замонӣ ту гирифтор?!
Рафтӣ ба сари минбаре бо фанд ба такрор,
Гуфтӣ, ки шавед аз пайи ман ҷониби пайкор,
Як зумраи гумроҳ туро гашт тарафдор,
Чанди дигаре боз ба ту дар сафар ояд.

Вақте ки ба ту боварии халқ зиёд аст,
Байти туву маънош варо дар дилу ёд аст,
Ҳар сатри ту андар назараш роҳи мурод аст,
Чашми адаб аз маслиҳату панд кушодаст,
Бо роҳи раводидаи ту гом наҳодаст,
Медон, ки ба як ҳарфи хато шӯру шар ояд.

Зуқ-зуқ чу кунад кӯдак, аз он гиря шавад сар,
Аз ҷанги занон мард барад даст ба ханҷар,
Зиндон равию дор, шавад ҷаҳл чу раҳбар,
Пӯсад ба ғарам гандум агар, коҳ шавад тар,
Болоравӣ аз тор ба таҳ санг кунад ҷар,
Чун санг ба санге занад, аз он шарар ояд.

---

[1] Шайн – айб.

Пеш омада як душмании бесару сомон,
Аз гӯшт ҷудо кард қазо нохуни инсон,
Бар пиру ҷавон чанг аҷал бурд фаровон,
Не пахта ба кор омаду не лаъли Бадахшон.
Пирӯзии садсола ба як дам шуда вайрон,
Аз ҷанг чӣ ояд? Талаф ояд, зарар ояд.

Имрӯз чӣ сон оқибати кор бубинем,
Аз шарм натонем, ки дар ҷой нишинем,
Аз хуни шаҳидон ба алам лола бичинем,
Мо зинда фақат дар лаби домони заминем,
Дигар зи ҳама орию пурдарду ғаминем,
Бинӣ зи дами сӯхта бӯи ҷигар ояд.

Бо байти тари Рӯдакӣ аз банди амирон
Ҷаллод раҳо кард ба якбора асирон,
Бигзор маро, – гуфт, – барад шоҳ ба зиндон,
Ё ҷон биситонад ба сари найза ба як он,
Лекин накунам ҷабр дигар дар ҳақи инсон,
Дидӣ, зи аҷал балки сухан зӯртар ояд.

Ту лек раҳи як-ду камондор набастӣ,
Зӯрат нарасиду хапу ором нишастӣ,
Ё майл намудӣ ба раҳи ҷангпарастӣ,
Худ риштаи уммед зи хонанда гусастӣ,
Шаҳҷоми пур аз бодаи моро бишикастӣ,
Аз пешаи нобоби ту ҷон бар ҳазар ояд.

Пас гӯй дигар садру раисат чӣ зарур аст?
Се-чор каси номнависат чӣ зарур аст?
Бологузари чашмҳарисат чӣ зарур аст?
Шабдези сабопою саисат чӣ зарур аст?
Як тӯдаи дар хайр хасисат чӣ зарур аст?
Аз боғи пур аз зоғ садоҳои «қар» ояд.

Бисёр зарур аст, ки ҳушёр шавӣ ту,
Бар мақсади худ сахт вафодор шавӣ ту,
Дар покии ин марҳала ҳақдор шавӣ ту,
Бар минбари дилхоҳ сазовор шавӣ ту,
Чун замзамаи шаршара такрор шавӣ ту,
То дил ба ҳавоят шуда дар рақс дарояд.

*феврали 1993.*

## СЕЛИ АШКАМ САФҲАҲОРО ШУСТА БУРД

Боди тунде омаду шамъам шикаст,
Риштаи фикру хаёлотам гусаст.
Хостам аз хона берун барҷаҳам,
Дар ба рӯям боз бо муште бубаст.

Кулбаам шуд чоҳу ман дар он асир,
Лаб хамӯшу ботинам пур аз нафир.
Ҷои қиғи баччаҳо аз кӯчаҳо
Гашт боло дам ба дам овози тир.

Шуд бародар бо бародар хасми ҷон,
Хомаам аз ваҳми ин шуд безабон.
Оби чашмам бесадо рӯи варақ
Аз алам гардид ҷои хат равон.

Сели ашкам сафҳаҳоро шуста бурд,
Гавҳари илҳом бар дарё супурд,
Мурғи шавқам, ки ба олам дошт сайр,
Ҳамчу шабкӯрак ба лой афтоду мурд.

Шеъри нав аз ман дигар манмо талаб,
Бас адаб шуд хок пеши беадаб,
Сатраке дастам намебидҳад, дареғ,
Гарчи бар чашмам намеояд ғанаб.

Бигзарад ин рӯз, баргӯ, аз сарам?
Мешавад аз нав кушода дафтарам?
Бар суроғ ояд харидори сухан?
Хун ба об оё бишӯяд кишварам?

*августи 1993.*

## ГУРЕЗАҲО

Мо парастуҳои аз сармо гурезон гаштаем,
Аз мақоми лонаҳои хештан бигзаштаем.
Тухмакон бигзошта овораи дунё шудем,
Ҷон ба зери бол ҳар ҷо по задему сар задем.

Доначӯӣ кардаем аз мазраи бегонагон,
Лоначӯӣ кардаем аз хонаи девонагон.
Не ба мо доне расиду не ба мо шуд лонае,
Хаймаҳо дар даштҳои хорухаспарвар задем.

Дар ғами ҷон ризқу рӯзӣ кофтан шуд кори мо,
Лек меомад касодӣ бар сари бозори мо.
Пеш омад мурдану мурдем чанде чун ғариб,
Аз диёри хеш то бар мулки ғайре пар задем.

Буд зери пойҳо хори мағелон хоки ғайр,
Гармсел аз чор сӯ болои мо мекард сайр.
Буд бадбӯ об дар лабҳои мо мурдобавор,
Хешро бо дасти худ дар дӯзахин озар задем.

Ёди ҷои зист карда ашки сӯзон мешудем,
Дар алови хеш танҳо хушку бирён мешудем.
Хомаи тасвир пеши хории мо монд лол,
Ҳар қадар онро агарчи бар хати дафтар задем.

«Дар ғарибӣ гашта-гашта ранги зард овардаем,
Ранги зарди худ ба пеши аҳли дард овардаем».
Мурдаҳои хешро бар хок монда бекафан,
Зиндаҳо баргашта худ бар домани кишвар задем.

Айби худро то кунун ҳам мо намедонем ҳеч,
Мехӯрад ҷон дар бадан аз сӯзиши таб сахт печ.
Кӣ ба доми ин бало андохт моро, эй Ватан?
Якдигарро аз барои чӣ дами ханҷар задем?

Аз чӣ домони туро кардем аз хун ранг-ранг?
Шишаи уммеди ту бишкастаем аз чӣ ба санг?
Ин қадар идроки мову фаҳмиши мо шуд куҷо?
К-аз сари минбар баногаҳ бар таҳи минбар задем?

Шояд аз бигзаштаҳо рӯ тофтем, ин сон шудем?
Ё ки гумпокардаеро кофтем, ин сон шудем?
Боису нобоиси инро надонад кас дигар,
Кӯр гашта тирҳо бар модару хоҳар задем.

Кист душман? – гоҳ худро сахт пурсон гаштаем,
Ақл омад чун ба сар, аз карда ҳайрон гаштаем.
Мисли як бемори аз табларза бесабру қарор
Муштҳо беихтиёр аз дард пеши бар задем.

Фикр бинмоем андак, душманон донем хуб,
Кӯчарӯбон тез мебинанд дар раҳ сангу чӯб.
Лек сад афсӯс, мо куштем хешу ақрабо,
Лофҳои қаҳрамонӣ боз бар ҳар дар задем.

Соддатар гӯем гар, мансабталошон душмананд,
Душмани маккори истиқлоли халқу меҳананд,
Теғи мансаб рехт хуни бегуноҳон ҷӯй-ҷӯй,
То ба сози амри ноҳақ гом чун аскар задем!

*августи 1993*

## КӢ МЕГУФТУ КӢ МЕГӮЯД

*Дар боби Вахшонзамин*

Кӣ мегуфт ин биҳишти накд вайрон мешавад рӯзе,
Миёнаш оташи дӯзах фурӯзон мешавад рӯзе,
Қатори сарву тӯбо решагардон мешавад рӯзе,
Ба хокистар мубаддал боғу бӯстон мешавад рӯзе,
Ба вайронии худ маъвои чуғзон мешавад рӯзе.

Кӣ мегуфт одам одам мекушад аз н-одамии хеш,
Кунад аз пешаи шумаш дили садҳо касонро реш.
Ба ҷои раҳм ҷӯшад дар дилаш хашму адоват беш,
Ба пайкарҳои беҷон ҳам занад бо найзаи худ неш,
Мусулмон душмани ҷон бар мусулмон мешавад рӯзе.

Кӣ мегуфт одам одамро намояд пора гургона,
Даҳан бомазза аз хунаш кунад чун калби[1] девона,
Ба хулқи нав ба ҳайрат оварад таъриху афсона,
Ба хешу ақрабои зинда монда гашта бегона,
Ба умри хеш як ваҳшию ҳайвон мешавад рӯзе.

Мусулмонӣ агар бошад чунин, безори он бошам,
Ба хок астам, ба об астам ва ё дар осмон бошам,
Гузорам, кофаре бошам ва ё габри калон бошам,
Вале бар зодаи одам ҳамеша меҳрубон бошам,
Ба олам нек рафтори ман эълон мешавад рӯзе.

---

[1] Калб – саг.

Кӣ мегуфт ин, ки гардад зумрае фарзанд бадкирдор,
Ба мулки хеш – бар модар ҷафо пеш оварад бисёр.
Хӯрад аз батн момашро чу каждумбаччаи беор,
Натонад гӯиё кардан ба умри худ дигар рафтор,
Асири макрангезии шайтон мешавад рӯзе.

Камон пуртир чун душман бародарро ҳадаф гирад,
Барои чӣ? Намедонад. Раҳи дур аз шараф гирад,
Ба гӯши хеш ҳикмат нею амри нохалаф гирад,
Канор аз дӯстию сулҳ худро ҳар тараф гирад,
Чу ғосиб аз раҳи ғорат ба ҷавлон мешавад рӯзе.

Зи хашми ӯ ба болои сари кас тирҳо ояд,
Аҷал бо тир бар қасди ҷавону пирҳо ояд,
Ба гардан теғи қаттолу ба по занҷирҳо ояд,
Ҷаҳолат зӯр бар рӯи ҳама тадбирҳо ояд,
Хирад аз тарсу бими ҷаҳл пинҳон мешавад рӯзе.

Кӣ мегуфт аз замини ханда бар лаб нола мехезад,
Саодат чун хаёл аз сар ба ҷои дур бигрезад,
Ба дарё хоку бар хок оби дарё сахт бистезад,
Ба доман пуштаи сарсабз аз хун ранг омезад,
Ки ақл аз дидани ин сахт ҳайрон мешавад рӯзе.

Кӣ мегуфт оҳи мардум беасар мемонад ин миқдор,
Ду гӯши додрас нашнида кар мемонад ин миқдор.
Ватан аз дохили худ дар хатар мемонад ин миқдор,
Чу санге зиндагӣ бар дӯши ҷар мемонад ин миқдор,
Фиғон аз фитнаи мансабталошон мешавад рӯзе.

Кӣ мегуфт он ки ҷон коҳондаву обод бинмудаст,
Ба дашти корзоре мамлакат бунёд бинмудаст,
Ба аз худ нотавонтарҳо мудом имдод бинмудаст,
Диле пушти диле бо меҳрубонӣ шод бинмудаст,
Гирифтори ҷафои ҳамзамонон мешавад рӯзе.

Ҳама доройияш ғорат шавад зери садои тир,
(Илоҳо бишканад дасте, ки бошад ошнои тир).
Ба ҷуз ҷонаш дигар моле нагирад аз балои тир,
Чӣ ҷои гап, ҳама сар мекунад хам пеши пои тир,
«Гуноҳи» хешро аз хеш пурсон мешавад рӯзе.

Кӣ мегуфт ӯ фирорӣ мешавад аз мулки дилбандаш,
Гирифта дасти модар, дасти ҳамсар, дасти фарзандаш,
Намедонад чӣ додаш зиндагонӣ: қанд ё фандаш,
Ки печидаст аз оғоз то алҳол дар бандаш,
Ба саҳрову биёбоне парешон мешавад рӯзе.

Ба дӯшаш зиндагӣ чун бори вазнин бор гардида,
Азобаш дар сари ҳар як қадам такрор гардида,
Ба раҳ аз нобудии обу нон бемор гардида,
Ба чашмаш сабзаҳои наврасида хор гардида,
Кафи пояш пур аз хори мағелон мешавад рӯзе.

Нигоҳе бар пасаш н-андозаду раҳ кобаду ҷое,
Ба ҷое мешитобад, ки набошад ҷангу ғавғое,
Сараш яктову бошад бар сараш сад гуна савдое,
Зи маъвояш ҷудо гардида ҷӯяд боз маъвое,
Ба дуриҳо равон аз тарсаи ҷон мешавад рӯзе.

Кӣ мегуфт аз рухаш зардии лимӯҳош метобад,
Шабу рӯз аз ғаму дарди аёли худ намехобад,
Дигар он хонаи ободи худро ӯ намеёбад,
Агарчи ёд меорад, хаёлан гарчи мекобад,
Ба ҳар дар рафтаю нохонда меҳмон мешавад рӯзе.

Кӣ мегуфт ӯ, ки будаш доимо дастони пурэҳсон,
Зи дастони пурэҳсонаш ризо мегашт ҳар инсон,
Буд аз ӯ балки ними Тоҷикистон серу пур, медон,
Ба аҳволи табаҳ меафтаду гардида саргардон,
Гадо дар ҳасрати як бурдаи нон мешавад рӯзе.

Кӣ мегуфт ин диёри шодмон ғампӯш мегардад,
Ба паҳлуи ғаме ҳар дам ғаме ҳамдӯш мегардад,
Ҷавоне, модаре, тифле аҷалоғӯш мегардад,
Чу қабристон ҳама бому дараш хомӯш мегардад,
Ба хок аз зӯри тӯпу танк яксон мешавад рӯзе.

Дигар ин ҷо насими рӯҳафзо кам кунад гардиш,
Ба ҷои он тамоми рӯз боди ғам кунад гардиш,
Куҷо бар рӯи пур аз чанги гул шабнам кунад гардиш,
Чу дар хоки Хатинҳо нолаи мотам кунад гардиш,
Ҳавои хубу бад дасту гиребон мешавад рӯзе.

Кӣ мегуфт ашки шӯри чашми модарҳо шавад борон,
Аз он якбора гардад хушк пеши дида гулзорон,
Хазон гардад ниҳоли ошноипарвари ёрон,
Кушояд лаб ба нафрин водии сӯзон ба бадкорон,
Ҷудоӣ дар миёни аҳли имон мешавад рӯзе.

Кӣ мегуфт аз хатои як-ду кас ояд бало ногаҳ,
Балое, ки ба ҷони халқ афшонад вабо ногаҳ,
Вабое, ки фано пеш оварад дар ҳар куҷо ногаҳ,
Фаное, ки ба сар орад ҷафои нораво ногаҳ,
Музаффар марг рӯи роҳу майдон мешавад рӯзе.

Кӣ мегуфт аз ҷафои рӯзгорон кас расад бар дод,
Яке бар дигаре бераҳм гардад ҳамчунон ҷаллод,
Намеояд касе пеши касе наздик бар имдод,
Ба ҳар сӯ мекунад ин қиссаро паҳну парешон бод,
Ки дар гуфтори насли зинда дастон мешавад рӯзе.

Кӣ мегуфт ин ки асри бист орад оқибат ғамро,
Гузорад рафта-рафта зери бори ғусса оламро,
Парастад сифлатабъону кушад мардони аъзамро,
Барад бар бод уммеду кунад навмед одамро,
Ба пеши дидаи кас кушта армон мешавад рӯзе.

Кӣ мегуфт аз фиреби зиндагии Аҳриманпеша
Дамодам мешавад ҳар ранг дар сар фикру андеша,
Ба пои худ зананд аз ин гарангӣ одамон теша,
Дарахти амниятро мекананд аз беху аз реша,
Ба ин раҳ рафтаю норафта қурбон мешавад рӯзе.

Кӣ мегуфт интизорӣ мекашад одам қиёматро,
Ба ин пурқувватияш медиҳад аз даст тоқатро,
Ба пешаш пар кананд аз қаҳру кин мурғи саодатро,
Ба мурдан меравад, то дур андозад разолатро,
Ба одам ҷони дар тан буда товон мешавад рӯзе.

Кӣ мегӯяд хирад чун меҳр равшан мешавад аз нав?
Зи нураш чеҳраҳо хуррам чу гулшан мешавад аз нав?
Замини хунмакида покдоман мешавад аз нав?
Муҳаббат дар дифоъ аз ҷанг ҷавшан мешавад аз нав?
Ҳаёти пур зи кину қаҳр поён мешавад рӯзе?

Кӣ мегӯяд ба ҷурми хеш миллат мешавад иқрор,
Ки худро як қадар нобуд кард аз ҷанги нодаркор?
Талаф дод аз миён садҳо ҷигарбандони беозор,
На айбе сабт дар коғаз, на пурсиш аз гунаҳ зинҳор,
Ба ин ҳолу дили садчок хандон мешавад рӯзе?

Кӣ мегӯяд қалам аз нав забон во мекунад ё не?
Равуо рӯи дафтар бо таманно мекунад ё не?
Суруди бахти ин вайрона иншо мекунад ё не?
Замона парчами инсоф боло мекунад ё не?
Диле ҳам бо диле як ҷо ба паймон мешавад рӯзе?

Ба гӯш ояд дигар оё шабонгаҳ аллаи модар,
Ки бошад аз навои мурғи шаб ширину форамтар?
Лаболаб аз умеду орзуҳои башарпарвар,
К-аз ӯ одам кунад бар нусрати фардои худ бовар?
Сабоҳи бекудурат шӯълаафшон мешавад рӯзе?

Чӣ ҷои шубҳа, баъди дай баҳор ояд, баҳор ояд,
Фирори рӯзҳои тунду сарду барфбор ояд,
Ба шӯлашзорҳо ҳам гул қатори дар қатор ояд,
Ниҳоли ғунча накшуда ба бор ояд, ба бор ояд,
Ба шохи гул зи нав булбул ғазалхон мешавад рӯзе.

Кӣ дар дод ин аламро, чашми ҳақбин кобадаш охир,
Таҳи гил меравад ё бар фалакҳо, ёбадаш охир,
Ба ҷои ростон дар пеши мардум созадаш ҳозир,
Надорад чора, гӯяд рост мӯъмин аст ё кофир,
Ҳама неку бади дунё намоён мешавад рӯзе.

*августи 1992*

## ҶОМА

*Илҳом аз оши оштии Хуҷанд*

Ҷомаи Сулҳ ба тан омадаӣ,
Ба даҳан қанди сухан омадаӣ.
Ба замин не, ба ҳаво не, ба куҷо?
Сар-сари дидаи ман омадаӣ!

Ин қадар ҷома туро зеб диҳад,
Ба рухат акси рухи себ диҳад.
Ба нигоҳам қадамат гулбез аст,
Дар бағал боғу чаман омадаӣ.

Ҷомаи тоза муборак бошад,
Ҳусни шероза муборак бошад.
Раҳи пурнур дар он метобад,
Зи раҳи нурфикан омадаӣ.

Ба ҳамин ҷома дигар банд миён,
Ҷомаро дор нигоҳу мадарон,
Сари ҳар риштаву кӯкаш бахт аст,
Бахт дар бар ба Ватан омадаӣ.

Ҷомаи Сулҳ панаҳҷо бар мо,
Қимат аз сарвати дунё бар мо.
Шарафат бод, ки ҳиммат карда,
Зӯр бар ҳиллаву фан омадаӣ.

Тирамаҳ ранги баҳорон бигрифт,
Зиндагӣ аз сари нав ҷон бигрифт.
Оби ҷӯ соф шуд аз хуноба,
Марҳами реши бадан омадаӣ.

Ҷомаи Сулҳ ба тан омадаӣ,
Ба даҳан қанди сухан омадаӣ.
Ба замин не, ба ҳаво не, ба куҷо?
Сар-сари дидаи ман омадаӣ!

*26 ноябри 1992.*

## ХУНОБАҲО АЗ БАРГИ ГУЛ

Омад баҳору мечакад аз барги гул хунобаҳо,
Хуни Сиёвушон бувад аз фитнаи Судобаҳо,
Оташ ба покон панҷа зад нашнида ҳаргиз лобаҳо,
Бар ҷои Рустам Аҳриман гӯё шуд аз Рӯдобаҳо,
Дар маҳбаси андешаҳо бошад забонам гунгу лол.

Гулҳо ҳама арвоҳсон бар ҳам нигоҳе мекунанд,
Бар дида ранги хешро сурху сиёҳе мекунанд,
Сар дар гиребон гоҳ-гоҳ аз ман паноҳе мекунанд,
Бо ин амал борам ба дӯш айбу гуноҳе мекунанд,
К-аз чӣ набастам бебадал пеши раҳи ҷангу ҷидол.

Гул аз куҷо донад, ки дил ин лаҳзаҳо дар ғам тар аст,
Дармондаву имдодҷӯ чун дар сарои маҳшар аст,
Захмин зи нӯли зоғҳо баргӯ, ки себи аҳмар аст,
Дар ҳолате бошад, ки он аз мурдаҳо ҳам бадтар аст,
То метавонӣ бингару хомӯш бош, аз дил манол.

Дидам замоне аз ҳаво дар домани кӯҳи Ҳисор,
Як пора абри хурдро, чун тифл хоб андар канор,
Бархест ногаҳ бар фазо бар қудрати парвардигор,
Гардид зери доманаш арзу само якбора тор,
Гум кард хатти роҳи худ тайёра бар сӯи шимол.

Мисли ҳамон абр аст ғам дар синаву дил рафта хоб,
Зери фишори он манам ҳамранги зиндонӣ хароб,
Ҳар кас, ки пурсад ҳоли ман, «хуб аст» гӯям дар ҷавоб.
Берун намеорам ғамам, гарчи бувад ҷон дар азоб,
Баски нағунҷад дар ҷаҳон бар ҳеҷ рангу ҳеҷ ҳол.

Беҳтар, ки ин деви сияҳ аз дидаҳо бошад ниҳон,
Бошад даруни кӯзае маҳбус бо ҷисми калон,
Аз дуди тораш равшанӣ то дер монад дар амон,
То бар дигарҳо нагзарад ҳамчун маризи пурзиён,
То рафта-рафта кам шавад, маҳрум гардад аз камол.

Лекин чӣ чора, ҳар нафас нав-нав ғам андар рӯ ба рӯст,
Хоида дандонҳои худ бо кин ба дил дар гуфтугӯст,
Чун мор то неше занад, дар ҷои хилват дар қабӯст,
То ки музаффар гардад он, бо марг ҳамкор асту дӯст,
Гаштан нахоҳад аз раҳаш, пеш оварад доим вабол.

Ҷои гурез аз вай намонд аз фитнабозии фалак,
Гӯяд ба кас дар баҳсҳо: «Бар ту набошам ман амак,
Айши туро бояд кунам гаҳ шӯр, гоҳе бенамак,
Тарзе ки аз кирдори ман аксар бимонӣ бедарак,
Аз дастат афтад бар замин, вақте ки май дорад зиғол.[1]

Ҳоли ту гардад чун табаҳ, ман хуб хандон мешавам,
Монандаи зоғи сияҳ ҳар сӯ парафшон мешавам.

---

[1] Зиғол – ҷом.

Дар фурсати як руппакӣ бар даҳр султон мешавам,
Раҳхатдеҳи сарпечҳо бар дору зиндон мешавам,
Иҷро шавад фармони ман дар чор сӯ беқилу қол».

Бо фанд диди зиндагӣ бар содабунёдаш чӣ кард,
Бар мӯи мушкинам диҳад кофур аз худ пош гард.
Дорам ба рағми дардҳо дар пайкари ларзон набард,
Ранги ман аз дарди дарун гардад ба ҳар як рӯз зард,
Он сон ки зардӣ мекунад дар домани хирман пахол.

Дармон намеёбам ба худ, гарчи манам дар доругир,
Торафт камтар мешавад аз ҳар ҷиҳат рӯзии пир.
Ҷои навозиш мерасад бар гӯшҳо овози тир,
Аз тирборон шуд нигар, як гӯшаи дунё ҷазир,
Дар ҳар нафас, дар ҳар қадам ҳис мекунад одам завол.

Ёро намонд аз ғурбати сӯзофарин бар тан маро,
Ёрои то бар гӯшае аз ҷои худ рафтан маро.
Мӯҳтоҷ кард ин бандагӣ то донаи арзан маро,
Камнур гашт аз ашки ғам ду дидаи равшан маро,
Ҳушам бувад болои ин дунболи фарзандон кашол.

Аз оби чашми модарон ғарқам ба дарёи алам,
Чун мурғи дар чанги уқоб аз талхии ҷон метапам.
Аз марсия гуфтан шудам пур монда ҳамроҳи қалам,
Он қадр гуфтам пушти ҳам, гум кардам аз гуфтан рақам,
Баҳри кӣ гуфтам ин қадар, ҳоҷат набошад бар савол.

Баски намондӣ, марсия дар мотами худ гуфтаам,
Бо дарду доғи бебадал аз олами худ гуфтаам,
Аз шодиву аз роҳати беҳад ками худ гуфтаам,
Аз захми маҳкамрешаву бемарҳами худ гуфтаам,
Гардидаам, донӣ агар, ковок чун чӯби башол.

Сайёди бешафқат кунад ҳар гаҳ ки дар кӯҳе шикор,
(Эй кошкӣ, андар шикор ӯ дур монад аз барор!)
Бар ёд боре н-оварад аз раҳмати парвардигор,
Аз ҷонварон гирад нишон онро, ки мегардад диёр,
Оҳу агар захмӣ шавад, рӯ оварад сӯи зулол.

Ман сӯи кӣ рӯ оварам, инро намедонам дигар,
Хонад адам сӯяш маро, ҳамвора ларзонам дигар.
Чун косапушт аз тарси ҷон дар коса пинҳонам дигар,
Аз кардаҳои хештан талху пушаймонам дигар,
Бо дасти худ кардам худам маҷрӯҳи сахту бемаҷол.

Худкардаро дар умри худ дармон набошад ҳеҷ гоҳ,
Дигар намедонад куҷо гирад зи айби хеш роҳ.
Балки наёбад соате дар хонадонаш ҳам паноҳ,
Дорад аз ин сон кадхудо кошонаву дар иштибоҳ.
Монад зи фаҳму ақли худ то охири дунё малол.

Эй кошкӣ, дар даҳри дун манро намезоид мом,
То худ намегаштам чунин аз зиндагонӣ талхком,
Чашмам намедид ин ҳама бешафқатии бардавом,
Дидам, ки дар дунё будаст одам фақат одам ба ном,
Фарқе надорад варна ӯ дар ҷаҳл аз гургу шағол.

Бе мақсаду бе фоида ҳамҷинси худро медарад,
Балки барои куштанаш тиру камон ҳам мехарад,
Завлона бар гардан зада дур аз маконаш мебарад,
Ду чашмаш аз сар кофта дар ҷо зи шодӣ мепарад,
Аммо аз ин кирдори бад боре надорад инфиол.

Тифлони беозорро буз мекашад бо ҳар намуд,
Занҳои ҳамлу зорро ҷар мезанад дар ҳар намуд,
Хоҳад агар, дар мадҳи ӯ пайдо шавад шеъру суруд,

Дар зери теғ аз Мушфиқӣ омад мухаммас бар вуҷуд.
Аз ҳодисоти рӯзгор афтад зи ҷо ҷоҳу ҷалол.

Кӣ гуфт, ки ҷангу ҷидол аз қаҳрамониҳо бувад?
Зеби ҳаёту зиннати даври ҷавониҳо бувад?
Дар умри кӯтаҳ баҳри кас аз комрониҳо бувад?
Ё худ сафобахши бақои шодмониҳо бувад?
Не,не, чунин не, балки он сӯзад ҳама молу манол.

Аз қаҳрамонӣ оварам ман ёд – бошад он чӣ сон,
Аввал ки бо азми накӯ бояд шавад одам равон,
Дар ҷабҳаи осудагӣ бахшад ҳама зӯру тавон,
Озор надҳад мӯрро, гарчи бувад пургирумон,
Ҷабру ҷафо бар одамон зинҳор н-орам бар хаёл.

Аз боби сулҳу дӯстӣ гӯяд сухан бо меҳри том,
З-оғоз то анҷомҳо бöрад аз ӯ шаҳди калом,
Хушбахтии яклаҳзаро то ҷовидон бахшад давом,
Аз баъди ӯ фарзандҳо бошанд дар ин сон низом,
Мардум ба кори пур зи хайр орад ба ҳар ҷояш мисол.

Бишнидаам, ки як замон як пири бо ғам ошно
Фарзанди зандору ҷавон аз хеш месозад ҷудо.
Ҳангоми рафтан аз падар пурсидааст ӯ як дуо,
Лекин падар якборагӣ гуфтаст дар посух варо:
Вақти дуо набвад, писар, бар ту набошад он ҳалол.

Шав аз паи кору маранҷ аз ман, азизам, бесабаб,
Не худ ба ман бинмо ғазаб, не ор манро дар ғазаб,
Ҳоло, ки одам нестӣ, аз ман дуо манмо талаб,
Одам шаву баргашта о, гӯ матлабатро бо адаб,
Он дам дуо бидҳам туро дар пеши мардум эҳтимол.

«Одам шудан бошад чӣ сон? – мегуфт дар дил он писар,
Ҷуръат набудаш, ки шавад пурсон таҳи гап аз падар,
Гаҳ дар таҳи долон шуда, гаҳ мешуд аз долон бадар,
Медошт гаҳ банди миён, медошт пешонию сар,
Дар умри худ бори нахуст ӯ дид гӯё гӯшмол.

Пас кӯч баста рафтаю дар деҳае ӯ хона сохт,
Лек аз ғами лафзи падар дар нор худро мегудохт,
То хешро дар меҳнату ранҷу ҷудоиҳо шинохт,
Як сол бигзашт аз миён, табли умедашро навохт,
Чун бози ром аз хонадон сӯи падар бикшуд бол.

Аммо падар аз бобати додан дуо лаб во накард,
Дониста ӯ ин бор ҳам бо гурда дил якҷо накард.
Бар меҳрубонӣ дода шуд, овози худ боло накард,
Фарзанд аз даргоҳи ӯ уммед чун пайдо накард,
Аз бахти нофарҷоми худ дар хештан медид фол.

Баргашта сӯи кулбааш ноҷӯру сархам омада,
Гӯё ки аз ғамхонаи дунёи мотам омада,
Дил чок андар синаю ду дида пурнам омада,
Ин гуна ноҳинҷор ӯ бисёр ҳам кам омада,
Медошт пинҳон ин ҳама аҳвол аз чашми аёл.

Аз фикри пур аммо сараш як хонаи занбӯр буд,
Нон дар даҳонаш талху оби қанд балки шӯр буд,
Чун пири дарди кӯҳнадор аз дард бас ранҷур буд,
Оянда пеши дидааш торику номанзур буд,
Равшан намешуд ин ба ӯ дар ҳафтаҳову моҳу сол.

Мегуфт донам аз куҷо одамшавӣ бошад чӣ хел,
Нагрифтаам то ҳол ман бар даст ғайр аз досу бел,
Нохондаам, пасмондаам бар зиндагонии ҷиғел,

Дар риштаи номаълумӣ аз фикр барчинам ҳамел,
Аз ин таноби сарниҳон уфтода бошам дар залол.[1]

Дар рӯи дунё кистам ман бе дуои қиблагоҳ,
Бе он шуморам хешро то рӯзи маҳшар рӯсиёҳ,
Монам зи пушти орзу андар азобу ними роҳ,
Кас рӯзи навмедӣ ба ман чун дӯст нанмояд нигоҳ,
Аз мазраи умри равон дон чидан – ин амри маҳол.

Шояд, ки дар одамшавӣ бунёд боғе мекунанд,
Дар гирудори пурбало марҳам ба доғе мекунанд,
Бар хонаи торик ё равшан чароғе мекунанд,
Ёрони пайгумгаштаро аз нав суроғе мекунанд,
То баъди ҳаҷру сӯзҳо пайдо шавад рӯзи висол.

Ё ин ки нон бар гушнаву бечорагон бояд бидод,
Ҷо дар макони гарми худ оворагон бояд бидод,
Занҷири маҳбасхонаи афтодагон бояд кушод,
Бар масҷиду саҷҷодаву тасбеҳ рӯ бояд ниҳод,
То бар ибодат рӯ ниҳӣ болои як карбоси шол...

Дар ин хаёли бесару бебар ҳамемонд ӯ гаранг,
Ногаҳ хабар омад, ки шуд дар байни ду қишлоқ ҷанг,
Оне ба дасташ чӯб дошт, оне ба дасташ дошт санг,
Болои ин месуд сар то бар фалак дӯғу даранг,
Пайдо намешуд одаме, к-орад мағал бар эътидол.

Дид он балои ногаҳон, шабдези нанг он ҷо биронд,
Чун бод андар як нафас бар ҷои мақсад худ расонд,
Ҳар фарди бар ҷаҳл омада бо илтиҷо фаҳмонда монд,
Аз саркитоби дӯстӣ бо меҳр чандин сафҳа хонд,
Зӯрӣ наю зорикунон хам карда қомат мисли дол.

---

[1] Залол – гумроҳӣ.

Медод як-як маслиҳат аз гӯшаи сидқу сафо,
Гаҳ мардуми ин деҳаро, гаҳ мардуми он деҳаро,
Мекард як-як нармдил аз лафзи бар дил ошно,
Гаҳ мардуми сангиндилу гаҳ мардуми гапнодаро,
Бархонда нафрат бар каси иғвопарасту бадсигол.

Такрор кард ин роҳи хеш – ин пешаи олимақом,
Анҷоми ҷангу душманӣ баргуфт ӯ бар хосу ом,
Зорию сӯҳбатҳои худ бинмуд рӯзу шаб давом,
Аз по фиканд он чӯбу санг охир ба нируи калом,
Мехонд аҳсан, мебуд ар Рустам – ҳамон фарзанди Зол.

Дар байни ду деҳи калон ӯ сулҳро подор кард,
Маҳбас намуда ҷангро пеши раҳаш девор кард,
Толеи хоболударо бо бӯи гул бедор кард,
То ки рафоқат бар ҳама пиру ҷавон сардор кард,
Бишнонда дар боғи тараб нав-нав гулу нав-нав ниҳол.

Як рӯзи гарми навбаҳор омад сипас пеши падар,
То ними раҳ рафт он падар бар пешвози ин писар,
Оғӯш кардаш essinчунон ки тифл гирӣ пеши бар,
Аз дидаи пиронасар то риш борид ашки тар,
Дар партави шамси фараҳ з-ӯ дур гардид ихтилол.[1]

Мардум тамошо доштӣ аз ҳар тараф аҳволи пир,
Бори нахуст афтода буд ӯ дар баҳори дилпазир,
Рухсораҳояш сурхрӯ, ришаш сафед аммо чу шир,
Гуфто, ғиҷова дар гулӯ аз хуррамии беназир,
Инак, писар, одам шудӣ, аз бахти фирӯзат бибол!

---

[1] Ихтилол – парешонӣ.

Оварда сӯи қибла рӯ, акнун туро бидҳам дуо:
«Бошад, бачам, дар пушти ту доим Худову Мустафо,
.Дар ҳар ду олам гардадат ҳам Хизри зинда раҳнамо,
Ёбӣ зи боғи умри худ файзи амал дар ҳар куҷо,
Як меваи хоми туро аз шох н-афтонад шамол».

Аз чӣ намегирем мо ин сон дуо дар зиндагӣ,
Вақте ки бошад пеши рӯ ҷанги бало дар зиндагӣ,
Вақте ба сар дорем мо ақли расо дар зиндагӣ,
Мо ҳам падар дорем-ку, шукри худо, дар зиндагӣ,
Аз беғамии мо кушанд одам ба мисли гову мол.

Гӯӣ даруни синаҳо дилҳо ҳама сангин шуда,
Дар нисбати айбу гунаҳ чашмонамон камбин шуда,
Барфи сафед аз хуни мо дар ёлаҳо рангин шуда,
Гап бешумор асту амал чун вақти хуш камчин шуда,
Аз бор агар холӣ шавад, барқад намешинад ҷувол.

Одам равад гар, меравад,дигар нагардад аз сафар,
Дигар касе аз ҳоли ӯ бар мо намеорад хабар,
Дунё ба фандаш мекунад моро зи ғам хуни ҷигар,
Дар фитнаи имрӯзааш мӯ душманӣ дорад ба сар,
Бинӣ сарею дасту по бишкаста ҳар ҷо чун сафол.

Одамкушӣ шуд пешаи дар доми фандафтодагон,
Пурдоғ гаштанд аз дами рӯзи сиёҳ озодагон,
Бадбахтӣ омад инчунин бар зумраи дилдодагон,
Кӣ даст мегирад дигар ҳайрону зористодагон,
Меҳру муҳаббат балки шуд аз ваҳму даҳшат толу мол.

Бар ҷои аз мо рафтагон кай дигарон пайдо шаванд,
Уммедҳои мурдамон баргӯ магар эҳё шаванд?
Он дастаҳои ғавдала бо марҳаме боло шаванд?

Гумгаштагон баргаштаю бо модарон якҷо шаванд?
Одам набошад кӯза, то созандаш аз хоки кулол.

Тасвир кардан кай шавад ин рӯзи бар сар омада,
Дар гиря аз шарҳаш ту бинӣ килку дафтар омада,
Гӯӣ ки дар пушти дари ман рӯзи маҳшар омада,
Худ гӯри тор аз қабрҷо наздик то дар омада,
Дунёи равшан сип-сияҳ гардад ба чашмам чун зуғол[1].

Ояд ба хотир ҳолати бераҳмию доду фиғон,
Оташ ба боми хонаҳо, чанги аҷал бар ҷисму ҷон,
Хуншор рухсори замин, озурда боди наввазон,
Ҳар сӯ паропар кардану ҳар сӯ фирори одамон,
Он сон, ки афтад дар гурез аз селаи гургон ғизол.

Дидам ба ҷои ростон яғмогаре аз кори хеш,
Бо дард гӯяд нуктаву созад баён рафтори хеш,
Маълум бинмояд ҳама бадкориву кирдори хеш,
«Гуфтам, ки равнақ оварам бар гармии бозори хеш,
То аспи дунёгарди ман кокул зи зар бандад ба ёл.

То баҳру бар гардиш кунам, роҳат ба ҷон бахшам зиёд,
Баски ба ин дунё дигар чандон надорам эътиқод,
Хориву зорӣ дидаам аз зулмати ӯ умрбод,
Чун харҷиям гардад фузун, хандад маро бахту мурод,
Парвоз рӯзе мекунам аз марз бар мулки ҳилол.

Як шаб зи пушти матлабам бар касса рафтам хап-хапак,
Дидам, ки пешаш посбон хоб аст монанди палак,
Бардоштам боло табар то домани сабзи фалак,
Бар қасди ҷони хуфтааш, то монад аз ман бедарак,
Омад ба ногаҳ пеши рӯ момам парешон карда чол.

---

[1] Зуғол – ангиштсанг.

Аз банди дастам дошта, гуфто шунав ҳарфам даме,
Ман дасти ту н-офардаам аз баҳри қатли одамӣ!..
Бишнида ҳарфи модарам, гӯё шудам дар мотаме,
Хомӯш берун омадам, дил монда дар зери ғаме,
То гӯши тавба тофтам, партофта худ ин хисол».

Дасти ману дастони ту аз баҳри қатли одаманд?
Чун дасти хоинҳо ва ё аз раҳму аз шафқат каманд?
Чанде шудаст аз чист, ки бо маргпочо ҳамдаманд?
Аз модари маҳбуби худ сартоб ё дар оламанд?
К-аз ҷаҳл ханҷар мекашанд онҳо ба ҳар дашту ҷибол?[1]

Фарзанд бар ҷони падар душман шудасту н-ошност,
З-ин Тоҷикистон – кишвари озоди мо мотамсарост,
Аз нохалаф фарзандҳо дар ҳар ду олам норизост,
Хурд асту онро эҳтиёт аз кам намудан қарзи мост,
Тобад ба рухсори ҷаҳон бо ҳаҷми худ баски чу хол.

Як сӯй нолад оби ӯ, дарёчаи Варзоби ӯ,
Аз субҳ то шаб меҳри ӯ, шаб то саҳар маҳтоби ӯ,
Саҳрои домансабзи ӯ, гулхирмани ноёби ӯ,
Тӯфон ҳанӯз ояд ба ҷӯш аз баҳру аз гирдоби ӯ,
Бо ин ҳама ташвишу ғам бар худ нигаҳ дорад ҷамол.

Хун рехтанҳо бигзарад, монад вале дуру дароз
Кину адоватҳо ба дил пинҳон чу тезии пиёз,
Саҳрои хунин гул кунад то домани кӯҳи фароз,
Гумкардафарзандон шаванд оё миёни хеш соз?
Инро надонад ҳеҷ кас ғайр аз худои муттаол.

*феврали 1993*

---

[1] Ҷибол – кӯҳ.

## МАРДУМИ ОЗУРДАРО ШАҲДИ СУХАН БАХШАД ДАВО

*Ба ёрони ҳамқалам*

Нағз медонем, чун ҳастем аз як тору пуд,
К-аз азал носоз мебошанд идбору сууд.[1]
Ғампарастӣ дар замони тоза гӯё гашт мӯд,
Чокари ғам бошаму сӯзам накарда вонамуд,
Ёд меорам шуморо ҳамчу айёми рукуд.

Он қадар равшан намедонам худамро кистам,
Як баҳори пурра медонам, ки ман бигристам,
Гӯшаи танҳоӣ аз дард аст ҷои зистам,
Дар куҷову дар чӣ аҳволед, воқиф нестам,
Зинда бошед арчи дар хотир ба монанди суруд.

Талхкомам, ки бар он лаззат набахшад оби қанд,
Ваҳмдардамро набахшояд даво дуди сипанд,
Бар ҷигар сӯзе бувад акнун шавад ҳар дам дучанд,
Гар дигарҳо молу амволе парастиш мекунанд,
Ман ба ҷуз ёди шумо зикре надорам дар вуҷуд.

Худ ба худ гӯям, ки то кай ҳоли ман монад чунин,
То ба кай ҳар рӯзи нав аз нав шавад ҷаброфарин,
Ҳар навое мерасад бар гӯшҳо, тобад ҳазин,
Бо хаёли хеш кобам ҳар якат гаҳ дар замин,
Гаҳ зи пушти абрҳо, дар он фазои беҳудуд.

Танг метобад ба чашмам гарчи паҳнои ҷаҳон,
Нест лекин ёфтан осон аз ину он нишон,

---

[1] Идбору сууд – бадбахтиву хушбахтӣ.

Зӯртар дарде набошад аз ҷудоӣ дар миён,
Не паёме оядам, не бишнавам аз ровиён,
К-ӯ кучҷову ин куҷо, то дил шавад холӣ зи дуд.

Рост гуфтан гоҳ-гоҳе пеш меорад хатар,
Борҳо аз рост гуфтанҳо бидидам ман зарар,
Хубу нохуб аз ҳисоби умр гардад пушти сар,
Чун расад бар гӯш аз марги сухангӯе хабар,
Бо касе озод натвонам кунам гуфтушунуд.

Ҷони ман аз ҳарфи нохуш сахт гардад беҳузур,
Пайкарам сӯзад ҳама чун нони монда дар танӯр,
Печ дар худ мехӯрам чун гирдбоди носабур,
Рӯз гардад тира аз ин ҳол пеши рӯ чу гӯр,
Медиҳам аз ихтиёрам бебадал буду набуд.

Кам набошад аз баҳои умр гул ночидаҳо,
Ҷафс гирад дар бағал ғам бештар хандидаҳо,
Маънии ҷангу ҷидоли худкушӣ фаҳмидаҳо,
Ашк аз ин хуноба гашта меравад аз дидаҳо,
Ончунон ки ҳолиё ҷорист хун бо оби рӯд.

Хонаи бисёр шуд аз зӯри ғорат бебисот,
Дур гарчи хешро ҳаргиз нагирам аз сабот,
Лек боло мешавад вақте ки фарёди «Наҷот»!
Мемурад шамъам ба шаб аз бенизомии ҳаёт,
Зиндагӣ тобад ба чашмам як работи бенамуд.

Дасти хунин нокасонро хуб сарват додааст,
Дар паи тороҷи мардум ёд санъат додааст,
Чарх бар мо зиндагии бекафолат додааст,
Мисли оне, к-ӯ зи дасти хеш давлат додааст,
Шаб ба сад паҳлӯй гардам ҳам, набитвонам ғунуд.

Оҳи талхам бо синони тез дил бишкофта,
Орзуи дур манро дуртар партофта,
Бенавоӣ сустии аъмолҳо дарёфта,
Шуд замоне, ки тараб аз кулбаам рӯ тофта,
Ҷои тӯю базм дар атрофи он мотам фузуд.

Зумрае бешафқату маддоҳи бадкорӣ шуда,
Ин ҷудою он ҷудо маҳруми ғамхорӣ шуда,
Тойирон ҳам нест кам-кам аз дилозорӣ шуда,
Аз парастуҳо таҳи долони ман орӣ шуда,
Ку баҳоре, ки парасту дар ҳаво пар мекушуд?!

Пеш аз ин дар гирди ман ёру бародар буд беш,
Гуфтугӯҳо аз китобу килку дафтар буд беш,
Меҳмонам аз сухандону ҳунарвар буд беш,
Рӯзгоре доштам бар он ҳасадбар буд беш,
Ман кунун бар рӯзгори дигаре гаштам ҳасуд.

Носипосӣ пеш ояд, бахт гирён мешавад,
Аҳл аз ноаҳл тарсон гашта пинҳон мешавад,
Манзили обод дар ин ҳол вайрон мешавад,
Одам аз рафтори бад рӯзе пушаймон мешавад,
Лек н-орад ин пушаймонӣ бар ӯ зинҳор суд.

Бад расад онро, ки рӯ овард бар кори баде,
Рост бошад ҳикмати багзаштагон сад дар саде,
Зишткорӣ ёфт бо айбе ривоҷи беҳаде,
Гашта буд вайрона аз зангор қуфли маъбаде,
Равғани поки замин дидам, ки зангораш зудуд.

Мепарастам лаҳзае, к-озод мегирам нафас,
Кабки хушхонам аз ин рӯ кардам озод аз қафас,
Пир гардад одаму пирӣ наояд бар ҳавас,

Сӯҳбати гарми шумо, ки ҷон бубахшояд ба кас,
Кай шавад такрор, то дар пешатон орам суҷуд.

Ҳар кӣ ин сӯҳбат бидида, дил мунаввар кардааст,
Аз аҷаб дар зиндагӣ бар хеш раҳбар кардааст,
Бар хирад, бар ақли одам сахт бовар кардааст,
Ёди он берун маро аз хонаву дар кардааст,
Як шаб ин ҷо, як шаб он ҷоям чу Арбоби Вадуд.[1]

Халқ бошад бурдбору бобарору мӯҳтарам,
Ӯст доим бахтиёру номдору пурҳашам,
Ганҷовар бошаду дасташ ҳамеша дар карам,
Қиссаву афсона андар байни мардум нест кам,
Аз замини сабзпӯшу аз самои каб-кабуд.

Метавонад, ки худаш бар хеш бахшад достон,
Зиндагию ҳолаташ дар он баҷо созад баён,
Ёдгорӣ монад онро бар дигар ояндагон,
Лек он тарзе ки ман донам, ба ҳар як хонадон,
Чун чароғе нуктаи гарми шумо бояд ки буд.

Навбаҳор ояд, зи файзи худ замин хандон кунад,
Хокро пироҳане аз сабзаву райҳон кунад,
Дар наво дар шохсорон булбули хушхон кунад,
Кист он,ки маҷлиси моро зи нав гардон кунад,
То ба номи ӯ ба дасти бод бифристам дуруд.

Зиндагӣ дилҷӯй монад бо ҳама носозиаш,
Бо ҳама сархамкунию тарзи сарафрозияш,
Бо ҳама нокомиву бо қудрати эъҷозияш,
Соли маймун ҳам равад бо сози маймунбозияш,
Гарчи садҳо бегунаҳ ҷои гунаҳкорон рабуд.

---

[1] Арбоби Вадуд – шоири ҷавони бехонаву дар.

Кишвари дар ҷанг буда боз меёбад амон,
Нест гардад аз миён садсолаҳо тиру камон,
Лек месӯзад зи доғи ҷанг ҷони одамон,
Ҳамқаламҳоям, куҷоед, аз мани раҳдуратон
Ёд бинмоед боре, дер бошад ё ки зуд.

Мурдаҳову зиндаҳо бошанд бар мо ошно,
Дар хаёлу фикри мо доранд онҳо рафтуо,
Дар фаромӯшӣ агар монем, ин бошад хато,
Мардуми озурдаро шаҳди сухан бахшад даво,
Гавҳар аз ёрон намедорад дареғ арбоби ҷуд.

Шамъи бахти одамӣ бошад агар илму адаб,
Хуррамии ҳар якатро аз худо дорам талаб,
Мондааст аз хона то бар гӯр роҳам як ваҷаб,
Ҷон сари мӯи сафедам карда бозӣ рӯзу шаб,
Ёд меорам шуморо ҳамчу айёми рукуд!

*октябри 1992.*

## МУСАББАЪ БАР ҒАЗАЛИ ҲОФИЗ

Сад ҷафо пеш ояду дорад гиребон, ғам махӯр,
Зулмати шаб гар шавад бар даҳр султон, ғам махӯр,
Нест баста пеши роҳи моҳи тобон, ғам махӯр,
Баччаат рафтаст агар бо фанд майдон, ғам махӯр,
Дар таҳи чоҳ аст ӯ, ё дар биёбон, ғам махӯр.
«Юсуфи гумгашта боз ояд ба Канъон, ғам махӯр,
Кулбаи эҳзон шавад рӯзе гулистон, ғам махӯр».

Фикри ин дунёи нодаркорро беҳад макун,
Дар тариқи зиндагӣ бар каҷравӣ одат макун,
Молу мулки бешуморе доштан мақсад макун,
Як агар додат худо, аз ӯ талаб ту сад макун,

Кӯш дар кори накӯ, беқадрии фурсат макун,
«Ин дили ғамдида ҳолаш беҳ шавад, дил бад макун
В-ин сари шӯрида боз ояд ба сомон, ғам махӯр».

Поку нопок аз азал бо якдигар якҷо набуд,
Дар миёни ҳардуяш коре ба ҷуз ғавғо набуд,
Дасти бадкорон гаҳе боло, дигар боло набуд,
Як дами одам халос аз дарду ғам асло набуд,
Ҳеҷ кас дур аз хаёли қисмати фардо набуд,
«Даври гардун гар ду рӯзе бар муроди мо набуд,
Доимо яксон намонад кори даврон, ғам махӯр».

Ногаҳон омад хазон бар боғу гулзори Ватан,
Боғҳо гаштанд зард аз бед то сарву суман,
Дур гардид аз бари гул булбули ғулғулфикан,
Ояд аз шохи дарахтон қар-қари зоғу заған,
Монд аз боди хунук набзи замин ҳам аз задан,
«Гар баҳори умр бошад, боз бар тахти чаман
Чатри гул бар сар кашӣ, эй мурғи хушхон, ғам махӯр».

Даврае омад, ки мардум ҷайби якдигар канад,
Оташ андар хонаҳо афканда бому дар канад,
Аз ҷаҳолатҳо бародар кокули хоҳар канад,
Додгӯён мӯву рӯи хешро модар канад,
Чашми ҳақпиндорро бешафқате аз сар канад,
«Эй дил, ар сели фано бунёди ҳастӣ барканад,
Чун туро Нӯҳ аст киштибон, зи тӯфон ғам махӯр».

Дил мабанд, эй нуктаҷӯ, бар ҳар китоби пур зи айб,
Ҳаст гуфторе дар он ҳаргиз набошад шакку райб,
То туро бошад ба дил аз ҳазрати ҳақ биму ҳайб,
Ғам махӯр аз муфлисиву хонаи холиву ҷайб,
Гар ҷавонӣ бигзарад, ояд ба сар пириву шайб,
«Ҳон, машав навмед, чун воқиф наӣ аз сирри ғайб,
Бошад андар парда бозиҳои пинҳон, ғам махӯр».

Розҳои пардаро кас нест орад бар рақам,
Не забон бикшояд онро, не ба дафтарҳо қалам,
Ҳастӣ ар бошад, ба рағми он дигар ояд адам,
Кам шавад афзуну афзун мешавад торафт кам,
Ғам шавад хурсандиву хурсандӣ афтад зери ғам,
«Дар биёбон гар ба шавқи Каъба хоҳӣ зад қадам,
Сарзанишҳо гар кунад хори мағелон, ғам махӯр».

Ҳар кӣ ояд бар ҷаҳон, хоҳад, ки нӯшу неш дид,
Шаҳду заҳри зиндагиро метавон бо ҷон чашид,
Оламе дорем, он бошад пур аз боди шадид,
Нест осон, кас биёбад баҳри худ роҳи ҷадид,
Лек дур аз дил набояд кард уммеди навид,
«Гарчи манзил бас хатарнок асту мақсад бас баъид,
Ҳеҷ роҳе нест, к-онро нест поён, ғам махӯр».

Бар сари одам биёяд, ҳар чӣ бошад дар насиб,
Бо худо гар нестӣ, дар ҳар куҷо бошӣ ғариб,
Ҳар кӣ дилро мекунад маъвои рахшон бар ҳабиб,
Дам ба дам бар дарди ҷони хеш меёбад табиб,
Ин замон бошем мо бар даргаҳи армон қариб,
«Ҳоли мо дар фурқати ҷонону иброми рақиб
Ҷумла медонад худои ҳолгардон, ғам махӯр».

Мекашад моро ба ҳар як варта чанги рӯзгор,
Гаҳ бароре ёфта, гоҳе канорем аз барор,
Аз барору нобарориҳо нагирад дил қарор,
Мақсади яктои мо моро барад бар гирудор,
Аз Ашӯри худ ба ҷуз ваҳдат набошед интизор,
«Ҳофизо! Дар кунҷи фақру хилвати шабҳои тор,
То бувад вирдат дуову дарси Қуръон, ғам махӯр».

*1993*

## МУТАССАЪ БАР ҒАЗАЛИ КАМОЛ

Рӯзгори талх дорад дар ҳама дунё ғариб,
Банд сар то по бувад дар ҳалқаи ғамҳо ғариб,
Аз қафас ҳам танг бинад олами паҳно ғариб,
Ҳеҷ ҷо қудрат надорад сар кунад боло ғариб,
Бар гадоӣ оварад рӯ аз чунин савдо ғариб,
Нолаҳо дорад ба лаб аз ризқи нопайдо ғариб,
Мекунам эҳсос худро мисли ӯ ҳоло ғариб,
«Дил муқими кӯи ҷонон асту ман ин ҷо ғариб,
Чун кунад бечораи мискинтану танҳо ғариб?»

Додаам аз даст аз дарду алам дармони хеш,
Ҷон ба ҳоли тан бинолад, ғам ба ҳоли ҷони хеш,
Бо тани абгору хаста гаштаам товони хеш,
Мондам аз ҷабру ҷафо бар чанги яғмо нони хеш,
Бар сарам ҳар ҷост султону наям султони хеш,
Бошам аз бешафқатиҳои замон ҳайрони хеш,
Зери борон мондаам аз дидаи гирёни хеш,
«Орзуманди диёри хешаму ёрони хеш,
Дар ҷаҳон то чанд гардам бесару бепо ғариб?»

Нест моро пои рав, бишкаста бинӣ боли мо,
Нотавонтар нест дар офоқ кас амсоли мо.
Бад ба мулки ғайр тобад шуғли мо, аъмоли мо,
Рӯй аз мо тофтаст аз бекасӣ иқболи мо,
Сад дареғо, ки зи мо дур аст истиқлоли мо,
Аз савоб ин ҷо нахоҳад кас кушояд фоли мо,
Ғайри кулфат дар парешонӣ набошад моли мо,
«Чун ту дар ғурбат наёфтодӣ, чӣ донӣ ҳоли мо,
Меҳнати ғурбат надонад ҳеҷ кас, илло ғариб».

Метавонад дар ғарибӣ кас ба ҳоли кас гирист,
Хоҳ ӯ бегона бошад, хоҳ хеш асту худист,
Рӯи хок азбаски бошад бар ғарибон ҷои зист,
Зери пошон ғайри хору хас палосе низ нест,
Мешитобад вақту ин аҳвол дорад дер ист,
Аз дили нолон кашад ҳар кас фиғон аз асри бист,
Он ки парвои чунин хорӣ надорад, гӯй кист?
«Ҳаргиз аз роҳи карам рӯзе напурсидӣ, ки чист
Ҳоли зори мустаманде монда дур аз мо ғариб».

Аз сари пурдоғи мо рӯзи сияҳро бар, худо,
То раҳо ёбем як дам аз ҷафову аз бало,
Ҳеҷ не, бар мо бигардад мулки мардум ошно,
Ҳаст бе мо ҳам ба ҳар ҷо пур гадову бенаво,
Қадру қимат нест моро ҳамчу одам ҳеҷ ҷо,
Гоҳ пеши пой меафтем, гоҳо зери по,
Сӯзи ҳиҷрон мекунад дар синаву дил рафтуо,
«Чун дар ин даврон намеафтад касе бар ҳоли мо,
Дар чунин шаҳре, ки мебинӣ, кӣ афтад бо ғариб?»

Ҳуши дурафтода бошад бар диёри худ кашол,
Хоб агар ояд варо, дар хоб мебинад висол,
Пир бар ёди ватан гардад ба зудӣ чун ҳилол,
Рӯзҳо металбаду шаб мешавад аз худ малол,
Нони талбида зи нони уздӣ аст арчи ҳалол,
Хории касро намехоҳад худои муттаол,
Дар диёри худ Ашӯри мост хуррам бо аёл,
«Дар ғарибӣ ҷон ба сахтӣ медиҳад мискин Камол,
Во ғарибӣ, во ғарибӣ, во ғарибо, во ғариб».

*1993*

## ДАРХОСТ

Эй Соли нав, ба дидаи ҳақҷӯ назора кун,
Сайре ба мулки тозаи ҳамчун ситора кун.
Бар хайр як табассуму бар шар ишора кун,
Он чӣ наяст табъи дил, аз раҳ канора кун.

Пешат ҳама ба ҳурмату бо шӯрҳо даванд,
Бо нозу бо карашмае масрурҳо даванд.
Ашке қатор кардаву ранҷурҳо даванд,
Дарду ғами фитодаи афгор чора кун.

Дасти ҳалоли мардуми бунёдгар бигир,
Бо шаст ҷайби тӯдаи бедодгар бигир.
Аз мо, ки покзодаем, имдодгар бигир,
Шабҳои торгаштаро пур аз шарора кун.

Чун меҳр агар ту меравӣ бо роҳи осмон,
Бар марзи нурҷӯй ту ҳар дам зиё фишон.
Бар хоки сард то диҳӣ аз нури хеш ҷон,
Абри сиёҳи пеши раҳат пора-пора кун.

Аз даври худ нишонае ҷовид вогузор,
Дашти шафақ ба сурати хуршед вогузор.
Дар қалби пиргашта ҳам уммед вогузор,
Раҳрав ба пеш тифлаки ҳар гоҳвора кун.

## ВАЛИЗОДАИ МО

Ба тани хаста тавон буд Вализодаи мо,
Балки ҷон дар бари ҷон буд Вализодаи мо.

Булбули боғ буду сози давобахше дошт,
Гунгро гӯшу забон буд Вализодаи мо.

Соф бегона намегуфт касеро ба худ ӯ,
Ошно бо ҳамагон буд Вализодаи мо.

Дар ягон ҷой ба рӯяш дари пӯшида набуд,
Фахри ҳар кӯву макон буд Нализодаи мо.

Бому дар аз қадамаш дилбару зебо мегашт,
Саҳари нурфишон буд Нализодаи мо.

Ошиқи рӯи баҳору гулу гулзораш буд,
Аз чаман бӯсаситон буд Нализодаи мо.

Созмонҳо ба ҳама давру замон бисёранд,
Тарафи амну амон буд Нализодаи мо.

Хидмати халқ ба ҳар марҳала бар дӯшаш дошт,
Таҳи ин бор равон буд Нализодаи мо.

Минбари роз буду ҳарфи саодат мегуфт,
Дили мо вақти баён буд Нализодаи мо.

Ғами мардум ғами ӯ буд, ки дармонталабӣ
Пир кардаш, чу ҷавон буд Нализодаи мо.

Сухани каҷ нашунидам зи даҳонаш ба касе,
Адаборои замон буд Нализодаи мо.

Паи ҳам бо ҳаваси базму тараб мешиштем,
Машъали мо ба миён буд Нализодаи мо.

Олами қиссаву лутфу масалу ҳикмат буд,
Нек бинӣ, ҳамадон буд Нализодаи мо.

Пеши Одина[1] ба ин мартаба аз ҷо мехест,
Аз бузургон, ки нишон буд Нализодаи мо.

Он чӣ гуфтам ба сифоташ ба дами ёдкунӣ,
Ту чунин дон, ки чунон буд Нализодаи мо.

*майи 1994.*

---

[1] Одина Ҳошим дар назар аст.

## ГУЛДАСТАИ БАҲОРӢ

*(Сатре чанд бар як байти Шоҳин)*

Омад балою печонд атрофро чу море,
Бар кас намонд аз бим як сабри устуворе,
Ҷабру ҷафо ба по шуд аз хашми бешуморе,
Монӣ қадам ба ҷое, бинӣ ба пой хоре,
Бегона гашт ин ҷо ёре барои ёре,
Ҳар кас, ки роҳате дошт, гардид хору зоре,
«Ҷое равам, ки гардун болои сар набошад,
Аммо чӣ метавон кард, ҷои дигар набошад».

Ин аждаҳо кашида бар коми хеш моро,
Гоҳе қапад зи дасту гоҳе ба қаҳр поро,
На ҳукми шаҳ писандад, на зории гадоро,
Боре ба сар наорад ӯ ёди ошноро,
Паҳну пареш созад бар ҳар тараф ваборо,
Бар даст сахт дорад асбоби ҷонраборо,
«Ҷое равам, ки гардун болои сар набошад,
Аммо чӣ метавон кард, ҷои дигар набошад».

Иблис хонда ҳоҷӣ худро ба сарфарозӣ,
Бар лаб ҳикоя дорад аз дарди бениёзӣ.
Аз фазли худ намуда фахру забондарозӣ,
Дар пардаи таманно ӯрост макрбозӣ,
Ташвиқ менамояд мардум ба ҷонгудозӣ,
Дорад ба хеш гӯё нируи бозсозӣ,
«Ҷое равам, ки гардун болои сар набошад,
Аммо чӣ метавон кард, ҷои дигар набошад».

Аз пушти молу мансаб шафқат ҳалок гашта,
Аз дарди бетабобат дил чок-чок гашта,
Аз сӯзи ғам хабардор бевақт хок гашта,

Пинҳон ва ё зи даҳшат бар ҳар мағок гашта,
Аз зӯри гиря дида бас дарднок гашта,
Хуноба дар чакочак чун ашки ток гашта,
«Ҷое равам, ки гардун болои сар набошад,
Аммо чӣ метавон кард, ҷои дигар набошад».

Дар байни ду бародар гум гашта созгорӣ,
Бурданд ҳар ду аз ёд дунёи меҳрдорӣ,
Инаш ба рағми онаш шуд ваҳшии шикорӣ,
Гоҳе палангосо, гаҳ шери гушна ворӣ,
Он як ба ҷабри дигар шуд аз ватан фирорӣ,
Бошад магар ба олам ин гуна шармсорӣ,
«Ҷое равам, ки гардун болои сар набошад,
Аммо чӣ метавон кард, ҷои дигар набошад».

Ҳобил зи санги Қобил саркӯфта ба хоб аст,
Хун аз танаш равона болои хоку об аст,
Қобил зи макри шайтон бар қасд комёб аст,
Аз Иқлимо хабар нест, ӯ дар чӣ изтироб аст,
Одам зи баччаҳояш дар хориву азоб аст,
Рӯканда аз мусибат дар чарх моҳтоб аст,
«Ҷое равам, ки гардун болои сар набошад,
Аммо чӣ метавон кард, ҷои дигар набошад».

Фарзанд балки гаштаст аз волидайн безор,
Ӯро падар набошад дар рӯзгор даркор,
Гӯяд: на суд дорад, на зӯру пои рафтор,
Дасташ зи кор монда, ақлаш зи фаҳми бозор,
Дар рӯзгори вазнин ӯ ҳаст боз сарбор,
Панди варо ба як ҷав дигар наям харидор,
«Ҷое равам, ки гардун болои сар набошад,
Аммо чӣ метавон кард, ҷои дигар набошад».

Дардо, ҳазор дардо, даврони фитнахез аст,
Шалвор бар тани кас ҳамвора дар ситез аст,
Бар дасти нохалафҳо дар ҷилва теғи тез аст,
Нахли умеду армон хушкида баргрез аст,
Соя ба ҷо ситода хуршед дар гурез аст,
Фозил ба дасти ҷоҳил чун чокар обрез аст,
«Ҷое равам, ки гардун болои сар набошад,
Аммо чӣ метавон кард, ҷои дигар набошад».

Доғи сияҳ гирифта ин мулки нозанинро,
Зеро зи даст дода мардони беҳтаринро,
Бахшад ба ғам тасалло ёрони ғамқаринро,
Лекин ҳанӯз бинӣ бадпешае – чунинро:
Туф мекунад саморо, по мезанад заминро,
Ҷуз хеш кас надонад авлоди одаминро,
«Ҷое равам, ки гардун болои сар набошад,
Аммо чӣ метавон кард, ҷои дигар набошад».

Фасли баҳор ояд, аз турнаҳо хабар нест,
Бар кӯи дил насими хушбӯй дар гузар нест,
Доғи миёни лола ҷуз резаи ҷигар нест,
Аз ашки шӯри лола як барги каҳ самар нест,
Нобудгаштаҳоро то ҳол як шумар нест,
Онро писар набошад, инро ба бар падар нест,
«Ҷое равам, ки гардун болои сар набошад,
Аммо чӣ метавон кард, ҷои дигар набошад».

Хунобатоб бинӣ пайваста оби ҷӯро,
Гумкардабачча пӯяд он роҳи ҷустуҷӯро,
Дорад чаман канора аз хеш рангу бӯро,
Булбул ба сӯҳбати гул бас кард гуфтугӯро,
Соқӣ ба каф нагирад аз доғи пур сабӯро,
Азбаски хуб донад аҳволи чор сӯро,

«Ҷое равам, ки гардун болои сар набошад,
Аммо чӣ метавон кард, ҷои дигар набошад».

Бар ин нигаҳ накарда, кибру ғурур беш аст,
Дар даври беҳаёӣ фисқу фуҷур беш аст,
Ҳар кас, ки шарм дорад, ӯро футур беш аст,
Пайғоми пурмаломат то Шарқи Дур беш аст,
Дар байни ин касифӣ дилбеҳузур беш аст,
Дар шоми дардборӣ дарди Ашӯр беш аст,
«Ҷое равам, ки гардун болои сар набошад,
Аммо чӣ метавон кард, ҷои дигар набошад».

Ҳангоми сабзахезӣ як бор рав ба саҳро,
Шармандагӣ назар кун пинҳону ошкоро,
Бо духтарони қадрас занбозҳо ба ҳар ҷо
Бепардаанду саршор аз нӯшбоди савдо,
Аз баҳри як-ду дандон ё як либоси зебо
Сад ҳайфи хубрӯён, худ мекунанд расво,
«Ҷое равам, ки гардун болои сар набошад,
Аммо чӣ метавон кард, ҷои дигар набошад».

Аз дастаи ҳаромӣ гулро бувад шикоят,
Бодоми талхак аз ҷар афғон кашад ба нафрат,
Хуршед рӯй пӯшад аз дидани касофат,
Боди равон ба ҳар кӯ бо дав барад ҳикоят,
Худро ба ҳоли зоре созад замин ҳимоят,
Тарсам, ки пой монад бар хоки мо қиёмат,
«Ҷое равам, ки гардун болои сар набошад,
Аммо чӣ метавон кард, ҷои дигар набошад».

Дар шаҳри даркушода парво касе надорад,
Дасти ҳалолу инсоф боло касе надорад,
Зеро ки аз ҳалолӣ пайдо касе надорад,

Майле ба ғайри савдо ҳоло касе надорад,
Шарме ба нархмонӣ асло касе надорад,
Ҳалвофурӯш бисёр ҳалво касе надорад,
«Ҷое равам, ки гардун болои сар набошад,
Аммо чӣ метавон кард, ҷои дигар набошад».

Нарху наво паёпай боло кашад сар ин ҷо,
Як рӯз ҳам нагардад пасту дигартар ин ҷо,
Як нархи килк бошад бо зар баробар ин ҷо,
Шафқат ба дил надорад диндору кофар ин ҷо,
Равнақ фиреб ёбад бе ёди раҳбар ин ҷо,
Дуздист бо худоӣ ёру бародар ин ҷо,
«Ҷое равам, ки гардун болои сар набошад,
Аммо чӣ метавон кард, ҷои дигар набошад».

Волии бемурувват нокарда дарки ҳастӣ,
Дурӣ намепазирад аз ҷоихудпарастӣ,
Шӯхист пеши чашмаш сахтиву тангдастӣ,
Аз ҳоли бад бигӯӣ, гап мезанад зи мастӣ,
Болонишин чӣ донад хории кас ба пастӣ,
Эй банди зиндагонӣ, пои равон бибастӣ,
«Ҷое равам, ки гардун болои сар набошад,
Аммо чӣ метавон кард, ҷои дигар набошад».

Дар гуфтугӯву сӯҳбат лутфу адаб намонда,
Бар ёри рӯ ба рӯят ғайри ғазаб намонда,
Бар дидаи пур аз об майли ғанаб намонда,
Бар бахти шӯргашта ном аз тараб намонда,
Як майл аз табассум дар пушти лаб намонда,
Хуршеди субҳгоҳу маҳтоби шаб намонда,
«Ҷое равам, ки гардун болои сар набошад,
Аммо чӣ метавон кард, ҷои дигар набошад».

Кас нест то бигӯяд некӯ сухан кадом аст,
Нони ҳалол аз кӣ, аз кист, ки ҳаром аст,
Май ҳаст поку тоза, ё поку тоза ҷом аст,
Сулҳу салоҳ монад, ё ҷанг дар давом аст,
Нобуд гашта кина, ё ин ки нотамом аст,
Ҳар кас, ки фаҳм дорад, ин ғуссаи мудом аст,
«Ҷое равам, ки гардун болои сар набошад,
Аммо чӣ метавон кард, ҷои дигар набошад».

Бар ҳар забон намуда ҳарфи дурӯғ лона,
Аз н-одамист дар мо ин хулқ як нишона,
Ҷо-ҷо ба баҳсу шиква, яъне ба ҳар баҳона,
Дашном гашта боло дар нисбати замона,
Аз хашм бошад охир, хонанд агар тарона,
Аз бекалонӣ аксар н-оянд шаб ба хона,
«Ҷое равам, ки гардун болои сар набошад,
Аммо чӣ метавон кард, ҷои дигар набошад».

Ҳаргиз падар напурсад аз кирудори фарзанд,
Аз ғояти ғурураш балки шавад ҳавасманд,
Говаш ба ҳадя орад, ё халтаи пур аз қанд,
Бероҳа по намонад аз роҳи ғорату фанд,
Гӯё гирифта бошад ӯ аз падар чунин панд,
Авҷу барор ёбад ин доругир то чанд?
«Ҷое равам, ки гардун болои сар набошад,
Аммо чӣ метавон кард, ҷои дигар набошад».

Бас доду бас фиғон аст аз duздҳои шабгард,
«Гиред, гови моро дузд аз назар ниҳон кард».
Чун тухми аҷриқ афзун бошад ба шаҳр номард,
Ҳар шаб ба ҷои шабнам резад ба рӯи гул гард,
Монандаи гули хор ин ҷо пур аст рӯзард,
Аз ҷанги беадолат бошад чунин раҳовард,

«Ҷое равам, ки гардун болои сар набошад,
Аммо чӣ метавон кард, ҷои дигар набошад».

Гар садди раҳ шавӣ ту, зарб асту ҷои ҷонат,
Овоз агар барорӣ, сар гум кунад забонат,
Тороҷ мешавад боз бегуфтугӯ маконат,
Дигар нишон намонад аз моли хонадонат,
Зинҳор кас напурсад аз ҳолати аёнат,
Бар тоби марг гӯё доранд имтиҳонат,
«Ҷое равам, ки гардун болои сар набошад,
Аммо чӣ метавон кард, ҷои дигар набошад».

Дар кӯчаи гадоӣ мӯҳтоҷ ҷӯш ояд,
Аз дур то ба пешат нарму хамӯш ояд,
Як ҷанда ҷома дар бар пӯшу напӯш ояд,
Дасташ дарозу холӣ, по бекалӯш ояд,
Наздик шуд, дуояш ҳар дам ба гӯш ояд,
Ду кас шавад гадо гар, хашму хурӯш ояд,
«Ҷое равам, ки гардун болои сар набошад,
Аммо чӣ метавон кард, ҷои дигар набошад».

Безору хастаҳоли калтакзанист ҷонам,
Аз шикваю шикоят серу ғанист ҷонам,
Аз ман-манӣ гурезон, бе ман-манист ҷонам,
Дар маҳбаси ҷаҳолат бе равшанист ҷонам,
Аз зиндагии носоз дар ҷонканист ҷонам,
Боло намуда овоз, худ гуфтанист ҷонам:
«Ҷое равам, ки гардун болои сар набошад,
Аммо чӣ метавон кард, ҷои дигар набошад».

Бонги муаззин ояд чун дод ҳар пагоҳӣ,
Гарчи надонад асли испедӣ аз сиёҳӣ,
Дорад ба тарзи гуфтор оҳанги хешхоҳӣ,

Бо майли хеш бошад ҳар кас ба пеш роҳӣ,
Эзид намеписандад найрангу качнигоҳӣ,
Мурдему мо надидем, эй вой, бегуноҳӣ!
«Ҷое равам, ки гардун болои сар набошад,
Аммо чӣ метавон кард, ҷои дигар набошад».

Не меҳнати ҳалолу не хайру не закот аст,
Инсоф зери чоҳе афтода бе наҷот аст,
Гетӣ ба ҳастии худ мисли дудар рубот аст,
Аз бандубасти фандаш озурдадил ҳаёт аст,
Бадбахтие занад рӯ, як сояи мамот аст,
Ғофил чӣ донад ин ки фардо сари Сирот аст,
«Ҷое равам, ки гардун болои сар набошад,
Аммо чӣ метавон кард, ҷои дигар набошад».

Дунёст ҷовидону данёпараст фонист,
Мо пир гашта аз ғам, дунё ба як ҷавонист,
Фаҳму фаросати мо дар чанги нотавонист,
Не қудрати баёну не зӯри хомаронист,
Бо ин мақом ҷорӣ то рӯди зиндагонист,
Анҷоми қисмати мо тарсам, ки бенишонист,
«Ҷое равам, ки гардун болои сар набошад,
Аммо чӣ метавон кард, ҷои дигар набошад».

Аз рӯи ақли солим, аз ростӣ, амал нест,
Дар байни тангбинон ҷуз бозии маҳал нест,
Бадтар аз ин ба олам дар ҷони мо касал нест,
Дидем ҷӯраҳоро, яктош беҳиял нест,
Аз хеш дур н-оянд, ин нақша дер ҳал нест,
Дар даҳри дун агарчи ашёи бебадал нест,
«Ҷое равам, ки гардун болои сар набошад,
Аммо чӣ метавон кард, ҷои дигар набошад».

Дар зиндагӣ надидам роҳат зи ҷустуҷӯям,
Бо мурдаам баробар, мондаст орзуям,
Шояд худо бубахшад марги баобрӯям,
Эй дӯст, гар биёӣ бе санги кин ба кӯям,
Гулдастаи баҳорӣ бошиву ман бибӯям,
Зинҳор дар ду олам дигар чунин нагӯям:
«Ҷое равам, ки гардун болои сар набошад,
Аммо чӣ метавон кард, ҷои дигар набошад».

*феврали 1994.*

# МАНЗАРИ РӮЗ

Гушнаҳо дар ҳасрати дидори нон афтодаанд,
Байни ҳам дар ғайбати тунди замон афтодаанд.

Ҳар чӣ ояд бар даҳон, гӯянд бешарму ҳаё,
Қадри худ аз ёд бурда, бедаҳон афтодаанд.

Бегуноҳанд он ҳама гӯё аз ин тақсири давр,
Гарчи дар кори накӯ дур аз миён афтодаанд.

Бадгуҳарҳо, ки «амонӣ» гуфта одам куштаанд,
Хуб шуд, ки дар амонӣ беамон афтодаанд.

Гашт дар даврони нав инсоф чун одоб нест,
Мардуми инсофпеша бенишон афтодаанд.

Нархи болоро магӯ, боз аз тарозу мезананд,
Бешарафҳое, ки чун бозоргон афтодаанд.

Чун харидорӣ кунӣ, вақти хисобӣ бингарӣ,
Дар тарозу сангҳое бегумон афтодаанд.

Гӯшти хар ҳам фурӯшанд ин касон аз нокасӣ,
К-аз харон андар харӣ соҳибқирон афтодаанд.

Бемағоза нест ҳаргиз ҳар каси ҷӯёи суд,
Судҷӯён сӯзи ҷон то устухон афтодаанд.

Каждуми фанду фиреб ин ҷо занад пурзаҳр неш,
Арбагарҳо дур аз мо дар ниҳон афтодаанд.

Ганҷбардорӣ кунад он кӣ надонад ранҷро,
Ранҷкашҳо дар азоби бекарон афтодаанд.

Моли ҷамъият шуда чарби лаби яғмогарон,
Дашту саҳро дар ғаму сӯзи шубон афтодаанд.

Ғорати моли касон ҳар ранг меёбад ривоҷ,
Молдорон аз ситам дар алъамон афтодаанд.

Холианд анборҳо, боке зи дуздон ҳеҷ нест,
Беғамиҳое ба ҳукми посбон афтодаанд.

Корчаллонҳо шуда аз давлати бозор маст,
К-аз мусулмонӣ канору беимон афтодаанд.

Бар зиёновардаҳо мадҳест дар гуфторҳо,
Таъна бар онҳост, ки андар зиён афтодаанд.

Подаро ҷои чаро бошад миёни киштзор,
Говдорон дар санои подабон афтодаанд.

Ҳар маводе омад аз дунё ба унвони мадад,
Дар кафи қисматгарон чун армуғон афтодаанд.

Аз ҳамоне, ки халосӣ хостанд озурдаҳо,
Хостанҳо боз бар ҳукми ҳамон афтодаанд.

Бадниҳодон сахт часпида ба мизи роҳатанд,
Печпечон морҳо болои кон афтодаанд.

Эй, туфу, садҳо туфу бар чархи каҷ, к-аз гардишаш
Ҳуққабозон бар сари тахти Каён афтодаанд.

Коҳдорон бо тараб нози ҷаҳондорӣ кунанд,
Гарчи дар фаҳму ҳалолӣ бе ҷаҳон афтодаанд.

Нест мегӯянд ҳоҷат қисмати Сомониён,
Сифлаҳо бадбин ба фазли бостон афтодаанд.

Худ вале таъриф чун мардони фозил мекунанд,
Он қадар ки гӯӣ зеби достон афтодаанд.

Качсуханҳо з-остон шиштанд ҷои ростон,
Ростон аз ҷои худ бар остон афтодаанд.

Дидаҳо дар дидани ин зотҳо беқудратанд,
Миҷҷаҳо дар роҳи чашмон чун синон афтодаанд.

Сел омад, ҳолату маҷрои дарё шуд дигар,
Моҳиён дар интизори оброн афтодаанд.

Корвони зиндагӣ бошад равон аз кӯи ҳақ,
Ҳақпарастон кам шуда бекорвон афтодаанд.

Корвонҳое, ки гаҳ ночор раҳгум мезананд,
Бод равшан бар ту, ки бе сорбон афтодаанд.

Дил ба сарват дода, бар ҳар кӯ давидан ҳаст беш,
Кафтарон бар домҳо аз пушти дон афтодаанд.

«Ҷумъагӣ дорад фалонӣ» гуфта, мебанданд саф,
Тӯдае, ки чоштгоҳ ишкамчарон афтодаанд.

Мераванд онҳо, ки нохонда сари хони дигар,
Бенасиб аз эҳтироми мизбон афтодаанд.

Аз ҷавонон бангию ҳангист дар ҳар кӯча пур,
Пирҳо дар ғуссаи насли ҷавон афтодаанд.

Эй чӣ мегӯед аз чангу ғубори роҳу рӯ,
Тойҳои носаворӣ бе инон афтодаанд.

Барфи аввал шохаи чандин ниҳолонро шикаст,
Нахлҳои нав чӣ бетобу тавон афтодаанд.

Ришдорон бо ҳавои риш савлат мекунанд,
Риш, ки доранд, гӯё нуктадон афтодаанд.

Лоф ҳам доранд, к-эшон ибрати ду оламанд,
Балки дар қайди биҳишти ҷовидон афтодаанд.

Заррае ҳам боварӣ бар ҳоҷиён боқӣ намонд,
К-аз дурӯғ эмин наянду каҷбаён афтодаанд.

Аз хирадмандон дигар панде намеояд ба гӯш,
Тӯтиён маҳруми сайри бӯстон афтодаанд.

Булбулон аз гул ҷудо гаштанд дар фасли баҳор,
Зоғҳо қар-қаркунон дар гулситон афтодаанд.

Турнаҳо ҳам кӯч барбастанд як-як аз диёр,
Баски хоку об пур номеҳрубон афтодаанд.

Тухмакони мурғакон дар шохаҳо бишкастаанд,
То фалахмонсангҳое тирсон афтодаанд.

Тир бозӣ мекунад дар кӯчаҳои шаҳру деҳ,
Бимҳо дар ҷони мардум аз камон афтодаанд.

Гавҳари покиза донӣ дар таҳи дарёст хоб,
Хору хас болои дарёи равон афтодаанд.

Гирумони неку бад бар рағми ҳам дорад давом,
Сулҳхоҳон дар балои гирумон афтодаанд.

Теғзанҳоро яқин хонанд дар таърихи давр,
Нисбати Сӯҳроб Рустам-паҳлавон афтодаанд.

Дар ғаму савдои мансаб аз даводавҳои беш
Рӯйсурхон дар намуди заъфарон афтодаанд.

Чашмаҳои нав зи ҷӯши хеш бақ-бақ мекунанд,
Дар ғазаб аз ҳастии баҳри дамон афтодаанд.

Хонасӯзон сарпаноҳи пуршукӯҳе ёфтанд,
Хонасозон кӯ ба кӯ беошён афтодаанд.

Бо нигоҳи дил агар бинӣ ту, ҳар ҷо доғҳо,
Ноаёние надоранду аён афтодаанд.

Рӯдҳо хуноба метобанду саҳроҳо хазон,
Кӯҳҳо бе ҷилваҳои арғувон афтодаанд.

Қуллаҳоро барф ҳам гӯӣ сафедӣ н-оварад,
Ин сиёҳиҳо магар то Каҳкашон афтодаанд?

Ҳар балое хест боло аз замин дар рӯзгор,
Он балоҳо гашта бар сар з-осмон афтодаанд.

Ин гуноҳи одамон бошад агар, бошад, ки худ
Фориғ аз гуфти худои ломакон афтодаанд.

Бегуноҳон лаб бубаста аз сухан бешикваанд,
Богуноҳон дар сухан оташзабон афтодаанд.

Аз калоне гапкалонӣ нест ҷуз лутфу карам,
Хурдҳо лекин ту бинӣ гапкалон афтодаанд.

Он чӣ хоҳад зиндагӣ, орад ба ҳукми хештан,
Зиндагихоҳон ба аҳволи гарон афтодаанд.

Бенавоӣ қомати сарви санамҳо кард хам,
Лолаҳо аз жолаҳо чун дар хазон афтодаанд.

Чун пулӯши сӯзани дарзии мо бе ришта монд,
Куртачокон аз ҳаё дар хонадон афтодаанд.

Побараҳна тифлҳо гирён ба мактаб мераванд,
Шишаҳои синф он ҷо бетакон афтодаанд.

Почаи зан мардҳо дар кӯча савдо мекунанд,
То зи дарси обрӯ бе имтиҳон афтодаанд.

Нест дар наълайни мо наъле, ки аз ях бигзарем,
Рӯи ях помондаҳо бо сад фиғон афтодаанд.

Роҳати ранҷе ба даст ояд, ба коми зӯрҳост,
Нотавонон хортар аз деҳқон афтодаанд.

Бар қаламкашҳо намонда эътибори гуфтугӯ,
Беибо дар хизмати савдогарон афтодаанд.

Пайса гар бидҳанд, мадҳи ғосибон гиранд пеш,
Ғосибон дар зикрашон чун қаҳрамон афтодаанд.

Модарон аз тангдастӣ тифл бар савдо баранд,
Аз чунин ғамнола бар лаб шеърхон афтодаанд.

Сахт ҷо кардаст тарси ҷанг бар ҳар ҷону дил,
Тарс буд, ки ҷумлае дур аз макон афтодаанд.

Нағмаи чуғзон расад бар гӯш аз вайронаҳо,
Ёдҳо з-ин нағма то Нӯшервон афтодаанд.

Бар сари мо ҳар чӣ омад, берун аз хотир мабод,
Ёди ёроне, ки дур аз гирди хон афтодаанд.

Ончуноне аз ғами дидор мо аз по задем,
Дар ғарибӣ будагон ҳам ончунон афтодаанд.

Кина дар дилҳо ҳанӯз аз ҷабру озор аст хоб,
Дӯстон дар байни худ бе итминон афтодаанд.

Неъмати ҳафтодсола ранҷ шуд хоку туроб,
Ормондорон зи боми ормон афтодаанд.

Ғофил аз ваҳдат шуда, гаштем банди уқдае,
Уқдае то во шавад, мардум ба ҷон афтодаанд.

Парчами бигзаштаҳо боло ниҳодан саҳл нест,
Машқноварзидаҳо аз нардбон афтодаанд.

Дидаю бишнидаҳо, ки хома гуфта бар варақ,
Дар сарои рӯзгорон меҳмон афтодаанд.

*Декабри соли 1994.*

## ЯК ВАҚТ ГУЛИ СӮҲБАТУ ЛУТФИ САРА БУДЕМ

Мондем канор аз карами ёр, чӣ гӯянд?
Дорем зи ғам нола ба такрор, чӣ гӯянд?

Ин сӯй давидему ба он сӯй давидем,
Афгор шудем, аз тани афгор чӣ гӯянд?

Бемор шуда, сар ба сари санг ниҳодем,
Дармону давои дили бемор чӣ гӯянд?

Гуфтем баду неки зиёд аз таби сӯзон,
Аз гуфтани неку бади бисёр чӣ гӯянд?

Маҳбус ба дунёи ҷиноят шуда мондем,
Аз панҷараи ин дару девор чӣ гӯянд?

Дидем ҳама ҷабру ҷафо аз худу аз хеш,
Ин ҷабру ҷафоҳост аз ағёр чӣ гӯянд?

Кай гуфта тавонем ба худ росту беғаш,
Вақто ки дурӯғ аст пурозор, чӣ гӯянд?

Дар маҳфили мо ёди ғарибон шуда мавзӯъ,
Касро, ки ғариб аст, гунаҳкор чӣ гӯянд?

Он як бикунад пок зи чашмони тараш об
В-они дигараш нест аламдор, чӣ гӯянд?

Бо нолаи най сӯзи дил изҳор шавад хуб,
Бо доира аз сӯзи дили зор чӣ гӯянд?

Мункиршуда аз кори бад ин ҷо набувад кам,
Бар айб бигарданд гар иқрор, чӣ гӯянд?

Чун рост наояд сухани хона ба бозор,
Шарҳи сухани хона ба бозор чӣ гӯянд?

Часпидаӣ чун пашша ту бар шаҳди дигарҳо,
Мо пар назанем аз паи ин кор, чӣ гӯянд?

Мурдему нахӯрдем ба ҷуз ҳосили заҳмат,
Инро накунад ҳақталаб инкор, чӣ гӯянд?

Як вақт гули сӯҳбату лутфи сара будем,
Ҳоло ки надорем харидор, чӣ гӯянд?

## МУЛК САНГИСТОНУ МО БЕСАНГАРЕМ

*(мухаммас бар ғазали Лоиқ)*

Мо аз он авлоди зӯру қайсарем,
Барқафогардони сад Искандарем,
Лек шуд давре, ба худ дарди сарем,
«Мулк сангистону мо бесангарем,
Сар ба сар сардору мо бесарварем».

Лафз бифрӯшем мову раҳбарон,
Дур аз ҷӯшем мову раҳбарон,
Хап чу гавҷӯшем мову раҳбарон,
«Пунбабаргӯшем мову раҳбарон,
Чунки мо халқони пунбапарварем».

Рафт аз мо ҳурмати хурду калон,
Заҳмати мо рафт бо ин ройгон,
Ҷони мо гӯяд зи чоҳи устухон:
«Фахри мо бошад сари Боми Ҷаҳон,
Хок бар сармон, ки бебому дарем».

Ҳаст дар ҳар ҷо бадаъмоле фузун,
Бахти одам гашт помоле фузун,
Ҳар куҷо бар мост амсоле фузун,
«Дар ҷаҳон бошад батарҳоле фузун,
З-он батарҳо чанду чандон бадтарем».

Аз алам гаҳ синае бар дашнаем,
Бар сари як банда аксар дашнаем,
Нимсер аз нону дигар гушнаем,
«Соҳиби сарчашмаему ташнаем,
Соҳиби ганҷинаему абтарем».

Зардрӯ гаштему рангемон намонд,
Дар талоши адл нангемон намонд,
Баҳри лавҳи гӯр сангемон намонд,
«Кони фарҳангему ҳангемон намонд,
Фахри таърихему бепову сарем».

Деҳқон мондасту пахтапарвариш,
Бо тамоми сахтҷонӣ чокариш,
Дард не, пурсанд тиллоофариш,
«Кова кӯву кӯраи оҳангариш,
Монда муште нимаҷон сӯзангарем».

Дилкавие шуд ба майдони фалак,
Мекунад бебок ҷавлони фалак,
Розгӯ аз кавкабистони фалак,
«Дигаре гирад гиребони фалак,
Мо гиребони худиро медарем».

Ҳаст аҳле, дар ғами ҳамдигаранд,
Якдигарро нархи ҷоншон мехаранд,
Аз ақиби хеш мардум мебаранд,
«Дигарон бар ғосибон зӯроваранд,
Мо фақат бар асли худ зӯроварем».

Паҳн дар дунё шудаст овозае,
(Рост ҳам бошад, набошад тозае),
Ки бувад паҳнои мо дар козае,
«Дар Душанбе – шаҳри бедарвозае –
Дар миёни акбарон мо асғарем».

Кам дар ин ҷо, кам басо осудагист,
Мардуме дар вартаи фарсудагист,
Буда кӯю ин чӣ сон нобудагист,
«Матни он батни ҳама олудагист,
Пойтахти тоҷикон чун бишмарем!»

Хоксорӣ ҳаст дар мо пурбаҳо,
Нест онро балки ҳаргиз интиҳо,
Гоҳ меафтем андар пеши по,
«Дӯстии халқҳо! Нозам туро!
Мизбонему зи меҳмон камтарем».

Нотавонтар аз касал гардидаем,
Шиквабозони амал гардидаем,
Тоҷбардори маҳал гардидаем,
«Дар маҳалбозӣ масал гардидаем,
Гарчи пайванди каёнӣ гавҳарем».

Вой, дар банде асирем оқибат,
Дур аз ихсоли пирем оқибат,
Домани давлат нагирем оқибат,
«Аз чунин иллат бимирем оқибат,
Ки ту аз Фархору мо аз Фалғарем».

Кошкӣ боло шавад овози ақл,
Зиндагӣ раҳпӯ шавад бо сози ақл,
Меҳр гардад доимо пардози ақл,
«Кас напурсад то куҷо парвози ақл?
Аз куҷоӣ? – гуфта аз ҷо мепарем».

Ишқ гуфта, дилбарон дар хандаанд,
Бахти рахшонрӯяшонро бандаанд,
Чун ба роҳи раҳмати ояндаанд,
«Бонувон чодар зи сар афкандаанд,
Лек дар фарҳанг зери чодарем».

Бандаҳои нози пунба будаем,
Дар даву дар този пунба будаем,
Мо ҳама устози пунба будаем,
«Ғозии ҳар ғози пунба будаем,
Пунба шоҳу камтаринаш чокарем».

Гашта аз ранҷи зиёде хорузор,
Бар касе бошем гӯё дастёр,
Тунд бинмоянд моро вақти кор,
«Раҳ наҷуста то дили халқи диёр,
То дили Масков сад раҳ раҳ барем».

Чист, гӯ, аз адли мо савғои халқ,
Гарчи бояд мурд пеши пои халқ,
Дур шав, беадлӣ, аз болои халқ,
«Нур не дар хонаи дилҳои халқ,
Гарчи мо як кишвари нурофарем».

Кам шуда дар зиндагии мо ҳузур,
Зиннати сӯҳбат шудаст аз байн дур,
Фарди ҳақгӯе намесозад зуҳур,
«Нест дар дил шӯру дар сарҳо шуур,
Гарчи дар бешӯрӣ шӯри маҳшарем».

Бештар сарвар бувад макру ҳиял,
Фитнаҷӯро нест гуфтори дағал,
Ҳаст гӯё мардуми мо бекасал,
«Дар амал бошад ҳама лангу качал,
Дар газоф аз ҳафт гунбад бартарем».

Кор ку? Дар ғайбату гап мондаем,
Дур аз паҳлӯи матлаб мондаем,
Дар биёбону ҷари шаб мондаем,
«Дар чаҳи ҷаҳли мураккаб мондаем,
Соддапиндорему соддабоварем».

Зӯр мо бошем, ё ин ки замон,
Гарчи мегӯянд моро нотавон,
Ҷон намегӯему мегӯем нон,
«Гар замин пасту баланд аст осмон,
Мо на дар ину на дар он меҳварем».

Ин қадар гуфтори ночаспон чаро?
Тангбиниву ғами ҳиҷрон чаро?
Дидаи аз ошно гирён чаро?
«Тоҷику эрониву афғон чаро?
Мо дар ин дунё, ки аз як модарем!»

Дар канор аз макри шайтонем агар,
Аз талабгорони имонем агар,
Аз сиришти хоки як конем агар,
«Пеши насронӣ мусалмонем агар,
Аз нигоҳи муслимин мо кофарем».

Дар қатори раҳбарон гар нестем,
Пеш-пеши сафдарон гар нестем,
Дар бари хушгавҳарон гар нестем,
«Ҳамтарози дигарон гар нестем,
Ҳамтарозуи кафи хокистарем».

Дар фазо чашмакзанонанд ахтарон,
Турнаҳо доранд сайри осмон,
Дур будан хуб набвад аз замон,
«Рӯзу шаб бедор шамси ховарон,
Мо зи хоболудагони ховарем».

Луқмае макрӯҳ агар бошад, магир,
Як талаб кун аз худою сад магир,
Ҷумла чизе бар ту пеш омад, магир,
«Ҳазрати Иқбол, бар мо бад магир,
Мо агар дар хоби сакта андарем».

Бо дуои пуртавон гуфтӣ, бале,
Ҳамчунон бонги азон гуфтӣ, бале,
Иттиҳоди бандагон гуфтӣ, бале,
«Хез аз хоби гарон гуфтӣ, вале
Дар Самарқандончунон беминбарем».

Кофарӣ дар шеваи ахлоқ чист,
Раҳм нокардан ба инсон кофарист,
Давлати одам ҳаме одамгарист,
«Дар Бухорое, ки даргоҳи дарист,
Бо даригуфторӣ берун аз дарем».

Хешро нашнохтем аз баччагӣ,
Берун аз худ тохтем аз баччагӣ,
Фандҳо пардохтем аз баччагӣ,
«Нест миллатро зи бас якпарчагӣ,
Пора-пора луқмаи шӯру шарем».

Қатра-қатра ашкҳо дар рӯямон,
Чашми кин дорад нигаҳ бар сӯямон,
Санги тӯҳмат мефитад дар кӯямон,
«Реза-реза, шарҳа-шарҳа ҷисму ҷон,
Бори миллатро куҷо ҳам мебарем?»

Чун дубар ангур хомем, эй дареғ,
Ташнаи барҳақ каломем, эй дареғ,
Дида бар шаъну мақомем, эй дареғ,
«Мо тамоман нотамомем, эй дареғ,
Он наҷибулманзари беманзарем».

Аз нигоҳи худ паноҳем оқибат,
Ғарқа дар айбу гуноҳем оқибат,
Пеши миллат рӯсиёҳем оқибат,
«Кӯрҳои кӯрароҳем оқибат,
Бар сари худ пойлағзиш мехӯрем».

Асли худ ҳоло намедонем мо,
Ҳар касе донад, зи дар ронем мо,
Бар сари ин нопушаймонем мо,
«Мо киёнем? Аз Каёнем? Осафо,
Тоҷдорони гадои афсарем...»

*Октябри 1991.*

## МАНУ ТУ

«Дар ин замона
        Ба ҳар баҳона»
Пешат биёям,
        Пешам биёӣ.

Аз ҳоли зоре,
        Зору низоре,
Гап мекушоям,
        Гап мекушоӣ.

Фавтид шоҳӣ
        Аз пургуноҳӣ.
Ман як гадоям,
        Ту як гадоӣ.

Бошӣ ту дар ғам,
        Дар ғам манам ҳам.
Ҳай ғамфаноям,
        Ҳай ғамфаноӣ.

Ту, ки ғарибӣ,
        Дур аз насибӣ.
Ман дар ҷафоям
        Аз роҳпоӣ.

Дунёст лулӣ,
        Дорад фузулӣ.
Ман бастапоям,
        Ту бастапоӣ.

Дар даври хунин
    Аз тарсаи кин
Пур камнамоям,
    Пур камнамоӣ.

Дорем фарёд
    Ҳар ҷой ношод
Ман аз хатою
    Ту аз хатоӣ.

Бар ёд бисёр
    Ояд ба такрор
Беошноён,
    Беошноӣ.

Эй дасти ёрӣ,
    Гар зӯр дорӣ,
Моро раҳо кун
    Аз ин ҷудоӣ.

*Июни 1994.*

# НАМУДАМ ҶАНГРО ДАР ХЕШ ЗИНДОНӢ

*Ба маҷрӯҳи Ҷанги Бузурги Ватанӣ*

Танам тан нею гӯӣ халтаи тир аст,
Дар он тире ба тир афтода занҷир аст.
Азоби ҳар ду дунё бар мани пир аст,
Ҷаҳаннам дар вуҷудам балки ҷогир аст.

Касе эҳсос натвонад кунад дардам,
Яке аз зиндагонӣ дардпарвардам.

Маро сабру таҳаммул пешво бошад,
Агарчи ҷон ба коми аждаҳо бошад.
Муайян ҳоли ман пеши худо бошад,
Намурдан хешам асту ошно бошад.

Аҷал ҳам меҳаросад аз азоби ман,
Намеёбад аз афташ сарҳисоби ман.

Ту донӣ, ёдгор аз нанг мондам ман,
Нишон аз зӯрҳо бар ҷанг мондам ман.
Ба сахтӣ сахттар аз санг мондам ман,
Зи доғи ранҷҳо беранг мондам ман.

Ба миръоти дилам занг аст бепоён,
Нафас аз чанги он танг аст бепоён.

Фиғону шевани ман ҳаст пинҳонӣ,
Нагирам тирҳо аз тан ба осонӣ.
Наояд то дигар бар сар парешонӣ,
Намудам ҷангро дар хеш зиндонӣ.

Вале ҷанги бародаркуш маро ҳам кушт,
Бар гурзи худкушияш зад ба фарқам мушт.

*Майи 1995.*

# ДАСТИ МАН БОЯД РАСАД БАР МЕВАҲО

Хубрӯён зулфро кач мекунанд,
Балки бо миқроз кам-кам мезананд.
Сояро дар гулшани рухсораҳо
Бо чунин пардоз барҳам мезананд.

То баранд аз ошиқони зор дил,
Имтиҳони сидқро пеш оваранд.
Дур аз худ сохта бемеҳриро,
Меҳрдоронро бари хеш оваранд.

Навбаҳор ояд, ба дастам қайчӣ аст,
Гардишам дар байни боғам сар шавад.
Орзу ҷӯшад ба дил, к-имсол боғ
Хубтар сарсабзу боровар шавад.

Навдаҳоро мезанам бо табъи дил,
Чун арӯс оро диҳам ҳар як ниҳол.
Ман намемонам, ки дар боғам шаванд
Дастнорас навдаҳои баркамол.

Дасти ман бояд расад бар меваҳо,
Меваҳое, ки ба ҷон парвардаам.
Бо чунин уммед айёми баҳор
Рӯ зи нав бар тарбият овардаам.

*Январи 1996.*

## ДАРАХТ

Замоне, эй дарахти гӯшаи роҳ,
Ту будӣ навниҳолу ман нигаҳбон.
Ба бехат об монда ҳар саҳаргоҳ,
Нигаҳ мекардамат чун нахли армон.

Ба ҳар як барги сабзат дил бубаста,
Ҳавасҳо аз нумӯят бол мезад.
Чу медидам ягон шохат шикаста,
Ба қалбам гурги ғам чангол мезад.

Кунун ту як дарахти баркамолӣ,
Ба фарқи роҳравҳо соя борӣ.
Ба зерат гоҳ-гаҳ бо некҳолӣ
Кашад дилдодае ёр интизорӣ.

Ман аммо пир ҳастам, пири пурдард,
Дигар дармони пешинро надорам.
Сари ту сабз бошад, ранги ман зард,
Ҳавасбозии деринро надорам.

Зи паҳлуи ту ҳар рӯзам равона,
Гаҳе поёну гоҳе сӯи боло.
Туӣ аз навҷавониям нишона,
Туӣ як дастпарвардам ба дунё.

Ба ҳангоми равуо гашта шалпар,
Ба ту ман такя карда, дам бигирам,
Ба ғайри ту надорам соя бар сар,
Ба пешат зинда монам ё бимирам.

*10 апрели 1996.*

# САГ

Саге ман доштам беҳад вафодор,
Намедидам агар, мекофтам ӯ.
Ба кӯча медавиду сӯи бозор,
Ба бӯям кофта, меёфтам ӯ.

Садоям буд ҳар ҷо ошнояш,
Ба фарёдам ҳаметозид саҳро.
Агар аз кӯҳ медодам садояш,
Давон то кӯҳ мешуд зуд боло.

Чӣ мегуфтам, барояш буд равшан,
Хаёлам ақл будаш, ақли одам.
Ҳамеша дошт бо ман майли рафтан,
Барам мерафт агар, тарсон набудам.

Ба рӯзе пеши ман бе ҳеҷ нолиш
Сараш дар погаҳи дар монду ҷон дод...
Ба худ хоки дарамро хонд болиш,
Вафодорӣ чӣ сон бошад, нишон дод.

Бувад хишти ҷаҳон аз неку аз бад,
Туӣ огоҳи ин, ман огаҳи ту.
Агар тақдир бар ман даст бидҳад,
Бимирам як замон дар погаҳи ту.

*14 апрели 1996*

## МУСАММАТ БАР ҒАЗАЛИ СОИБ

Он сон, ки буд чархи фалак, ҳамчунон намонд,
Дилҳо зи ҷабру кулфати он дар амон намонд,
Раҳме ба ҷони мардуми бехонумон намонд,
Осуда аз фиғони замон осмон намонд,
Бар ҳамлаҳои офати гардун баён намонд,
«Аз ҳиммати баланд асар дар ҷаҳон намонд,
Як сарв дар саросари ин бӯстон намонд».

Баргӯ, ки дил дигар шуду бигрехт аз забон,
Омад забон ба фитнаву нагрифт ҷо дар он,
Шайтон ба ҳилла дод ба дасти ҳама камон,
З-он пас бисохт пиру ҷавонро ба ҳам нишон,
Шуд дӯстӣ хиҷолату зад ғайб аз миён,
«Равшандилон чу барқ гузаштанд аз миён,
Хокистаре ба ҷой аз ин корвон намонд».

Дар чор сӯи мо шуда урдӯи ғам қатор,
Гардид дасти марг тавонову бомадор,
Монд аз наво ба сурати нобуда чангу тор,
Шабро барор омаду шуд рӯз бебарор,
Садҳо писар зи пеши падар рафт бар канор,
«Дарбаста монд дидаи Яъқуб аз интизор,
Аз қосидони Мисри мурувват нишон намонд».

Онҳо, ки банди хархашаи Мову Ман шуданд,
Лофи зиёд гуфта ҳама бедаҳан шуданд,
Охир ба ҷанги ҷону дили хештан шуданд,
Соҳибкамин ба ҳар дару дашту даман шуданд,
Шамшерҳо ба ҳам зада хунинкафан шуданд,
«Мурғони нағмасанҷ ҷилои Ватан шуданд,
Ҷуз байзаи шикаста дар ин ошён намонд».

Пӯшида зиндаҳо ҳама чун ҷомаи кабуд,
Хомӯш гашт аз лаби шайдодилон суруд,
Шодӣ намонд зарраву ғам монд беҳудуд,
Омад зиён паёпаю рафт аз миёна суд,
Нобуда гашт ҳозиру ҳар буда нест зуд,
«Дар гулшани ҳамешабаҳори биҳишти ҷуд
Барге зи боддастии боди хазон намонд».

Хунобаҳо зи дидаи бехоб шуд равон,
Хуноб бо даводави симоб шуд равон,
Аз сар хаёли ҳурмати аҳбоб шуд равон,
Бар зери абр духтари маҳтоб шуд равон,
Ҳар чӣ ки буд қимату ноёб, шуд равон,
«Аз чашми сурмадори давот об шуд равон,
Ширинзабонии қалами нуктадон намонд».

Шарме накарда як нафас аз аҳли ришу фаш,
Бепардагист хос ба як села моҳваш,
Аз макр дидаем, ки ҳоҷист чун ҳабаш,
Раҳгум шуда, шуданд гирифтори кашмакаш,
Бар сар Ашӯр зад ба сар аз қисмати бадаш,
«Соиб забони хома ба коми давот каш,
Имрӯз чун суханталабе дар ҷаҳон намонд».

*Октябри 1996*

# ҒАЗАЛҲО

# ПУШТАИ САБЗ

* * *

Дил ҳавас дорад, ки олам ёбад аз ғурбат раҳо,
Ҷои кин дар мулки дилҳо меҳр созад рафтуо.
Ҷанг чун як мурдаи бадном гардад зери хок,
Тӯйҳо болои гӯри он шавад ҷои азо.
Домани сайёра пок аз хуни беайбон шавад,
Аз заминҳо, сабза хезад, нур борад аз само.
Хӯшаҳои гандуми деҳқон шавад пурбортар,
Бӯи нони гарм ҳамчун ҳавр печад дар ҳаво.
Сер дар гаҳвора бинад хоби роҳатбахш тифл,
Аллаи модар шавад бар доғи армонҳо даво...
То ҳавасҳои дил аз файзи ҷадалҳо бишканад,
Ҷонфидоёни замину осмонҳоем мо.

* * *

Мастии мо дар изо монад шароби нобро,
Гарм бинмоем вақте сӯҳбати аҳбобро,
Шамъи базми мо нагардад хомӯш аз бухли бадон,
Тира ҳаргиз шаб насозад партави маҳтобро.
Беқарориҳои мо дар роҳи васли орзу
Аз таааҷҷуб манъ дорад ҷунбиши симобро.
Он, ки бо мо нест, моро аз куҷо донад дуруст,
Киштии бишкаста донад қудрати гирдобро.
Мо ҳама дар гунбади даввор як ҷӯяндаем,
Зеҳни мо пайдо намояд ҳар чии ноёбро.
Қадри мо бар якдигар аз якдигар боло шавад,
Ҳофизи хушсоз донад хизмати мизробро.
Гаштааст аз фаҳми мо бозори Аҳриман касод,
Рустам акнун мешиносад ҳар куҷо Сӯҳробро.

* * *

Ёри бешафқат чу партояд маро,
Дарду сӯзи шеър осояд маро.
Шеър гуфтан зӯр бошад ҳам, хуш аст,
Шеърнофаҳмӣ бифарсояд маро.
Ханда шамъи гармиҳои дил бувад,
Хандаи сарде намебояд маро.
Тангдастӣ имтиҳони дӯстист,
Андар ин дам дӯст афзояд маро.
Чун хаёлам роҳ мепояд касе,
Ҳаст он, ки роҳ мепояд маро.
Нуқта монам чун ба ҳар як байти шеър,
Холи рӯяш ёд меояд маро.
Он чӣ гӯям, зуд аз мардум шавад,
Он чӣ ҷӯям, рӯй бикшояд маро.

* * *

Сар тарошам хомаамро борҳо,
Баркушоям дафтарам бисёрҳо.
Шаб, ҳама шабҳо ба мисли мурғи шаб
Тоқа дорам хонишу гуфторҳо.
Заҳмати бетамъ дорад табъи ман,
Бод холӣ ояд аз гулзорҳо.
Рӯз аз рӯз умри ман кам мешавад,
Сад баробар беш гардад корҳо.
Гуфта будам: дӯст медорам туро,
Гӯям инро боз бо такрорҳо.
Орзуҳо бешуморанд, эй рафиқ,
Дил тапад бар дидани дидорҳо.

* * *

Тундие бинмуда, дил аз хеш ронданҳо чаро?
Тифлаки хушбахтро дар ғусса монданҳо чаро?
Нест ҷони нозукатро тоқате бар неши хор,
Пас ба ҷони дигарон ханҷар халонданҳо чаро?
Хоксорӣ шавкати хуб асту дороии ҷон,
Бар ҷаҳони кибр гӯй онро кашонданҳо чаро?
Чун намедонӣ ту нангу зӯри чавандозҳо,
Дар миёни бузкашон ёбу давонданҳо чаро?
Таҳти илму дониш охир нестат вақте амал,
Рӯзу шаб бо гуфти худ, бисёр хонданҳо чаро?
Бар сари себу анорон иштиҳои бетагӣ,
Як ниҳол аз ҳиммати худ нишонданҳо чаро?

* * *

Ин қадар густохӣ кардам ёр, мебахшӣ маро,
Гуфтам аз ишқат сари бозор, мебахшӣ маро.
Дертар кардам ба вақти ваъдагӣ пешат шудан,
Гӯш кардам шеъри Гулрухсор, мебахшӣ маро.
Модари дониш бувад такрор, мегӯянд, боз
Он гапамро мекунам такрор, мебахшӣ маро.
Хона равшан мешавад аз шамъ дар шаб, синаам
Бошад аз меҳри ту пуранвор, мебахшӣ маро.
Гулпарастон хонаҳои худ гуландозӣ кунанд,
Пур зи расмат кардаам девор, мебахшӣ маро.
Бо туам дилдодаву масти тамошои ҷаҳон,
Бе ту бар ман нест он даркор, мебахшӣ маро.

* * *

Мастему нест роҳате беҳ аз фароғи мо,
Гӯё пур аз шароби лаби туст аёғи мо.
Андар хаёли рӯи ту парвардаем боғ,
Боғе ба хубӣ нест ба олам чу боғи мо.

Як сабза мешавад саду як гул шавад ҳазор,
Вақте ба боғ мечамӣ андар суроғи мо,
Холӣ наяст ин дили мо ҳам зи дарду доғ,
Ёбад даво зи мақдами ту дарду доғи мо.
Шаб то ба субҳ маҷлиси моро чӣ хуррамист,
Парвонарез бингарӣ даври чароғи мо.
Нагсастанист риштаи меҳри ману ту ҳеҷ,
Тобид чархи зиндагӣ умре ваноғи мо.

* * *

Бодаи шодӣ зи ҷоми васл менӯшем мо,
Ҳар қадар ки бода менӯшем, хомӯшем мо,
Гарчи хомӯшем дар зоҳир ба чашми ровиён,
Лек дар дил чун шароби кӯҳна меҷӯшем мо.
Раҳ мадеҳ бар дил ғаму аз шубҳа бош андар канор,
Бо ҳама мастии худ ҳушёру боҳушем мо.
Қадри ёриро ба ҳам чандон муқаддам доштем,
К-аз паи толеи ёрон сахт мекӯшем мо.
Бевафоён лафз бар як ҷуръа май савдо зананд,
Лафзи худ аммо ба моли даҳр нафрӯшем мо.
Рафтагону будагон дунёи панду ҳикматанд,
Зодагони пандгиру нуктабаргӯшем мо.

* * *

То тавонӣ, улфате аз воқифи дилҳо биёб,
Сӯҳбати ноаҳл дилро мекунад тангу хароб.
Рӯ ба рӯ бо ёр сӯзонтар бувад аз ҳаҷри ёр,
Май агар ояд ба лаб, ҷон мешавад дар изтироб.
Шеъри ман ҳоли дилам ҳамвора пинҳон мекунад,
Бар кабоби рӯи оташ дуди он бошад ҳиҷоб.
Партави рӯи ту ҳаст эҳёгари зебоиҳо,
Манбаи нур асту нори рӯи олам офтоб.
Дилсиёҳӣ мӯи сарро зуд бинмояд сафед,

Бигзарад яксола умри чуғз бо садҳо азоб.
Мард бошӣ, аз талоши хайрхоҳӣ сар мапеч,
Барраи нар боиси қурбонӣ аст андар ҳисоб.
Ҳарф агар бемаънӣ бошад, гуфтанаш ҷоиз мадон,
Нест байни мавҷ аз бемағзиҳо гардад ҳубоб.

* * *

Гул саҳар лаб во кунад аз хандаҳои офтоб,
Мекушояд сафҳаҳои фикри одамро китоб.
Рӯзгори одамӣ пур аз фарозу шебҳост,
То ба баҳре рӯд резад, ҳаст дар ранҷу азоб.
Тоб овардан бар ҳар як мушкилӣ шарт асту фарз,
Оҳан андар обу оташ сахт ёбад обутоб.
Ноумедӣ дар раҳи уммедҳо бошад хато,
Орзу хандад ба рӯят, гар кунӣ кори савоб.
Зиндагӣ побастаи хушкомию нокомӣ аст,
Мол зери пӯст гаҳ фарбеҳ шавад, гоҳе хароб.
Аз шитоби умру аз заъфи бадан ҳаргиз манол,
Сол дорад ҳам баҳору ҳам хазон андар ҳисоб.
Шодии рӯи замин аз осмон н-афтодааст,
Аз ғами садсолаҳо шуд он ба ҳастӣ комёб.

* * *

Шабе дар ними раҳ мондам, азоб омад маро дар хоб,
Сафед аз барф буд атроф ҷои партави маҳтоб.
КАМАЗ бо қудрати бемисли худ дар роҳ дармонда,
Ки дармонаш намебахшид дигар равғанею об.
Чу сармоям асар мекард, меомад ба ёдам БАМ,
Сано мегуфтам он касро, ки он ҷо гашт нусратёб.
Чу гурги гушнагӣ мезад ба ҷонам беамон дандон,
Ба чашмам гирд мегардид нон буд, арчи он ноёб.
Хаёле тез мебурдам ба боли хеш гандумзор,
Ба дашти беҳудуди Данғара – саҳрои оламтоб.

Зи роҳам дур меҷангид бо ҷон Талбаки Лола,
Ба оташ дар миёни ғалла хӯрда печ чун симоб.
Ба бонги сулфа фикрамро қафо гардонд ронанда,
Вагарна мезадам ман ҳам худам дар оташи пуртоб.

* * *

Дигар дидори ҷонбахшат бароям тухми анқо нест,
Дигар моҳии уммедам бурун з-оғӯши дарё нест.
Дигар ҷонам намеояд ба лаб аз сӯзи ҳиҷронат,
Дигар бесабру танҳо дил ба сомон асту танҳо нест.
Дигар зӯри ҳасад аз по бияндозад ҳасудонро,
Дигар дар арзи «бояд аз кӣ бошӣ» шӯру ғавғо нест.
Дигар боғи мӯҳаббат дур аз боди хазон бошад,
Дигар монанди мо мухтор дар боғи таманно нест.
Дигар бошем агарчанде ду кас, лафзаст моро як,
Дигар бар фитнаҷӯе байнамон роҳи равуо нест.
Дигар ҳаргиз ҷудо нест аз гиребон дасти шукрона,
Дигар неку бади олам ниҳон аз дидаи мо нест.

* * *

Умр кӯтоҳу вале ишқу ҳавас бисёр аст,
Умри беишқу ҳавас гӯй, ба кӣ даркор аст?
Ишқҳо гар чу рақамҳои зафар саф бикашанд,
Аввало ишқи ту, эй ёри парирухсор аст.
Ба ту аз ман чӣ расад, пай набарам зинҳораш,
Ба ман аз ту, ба худо, килки шакаргуфтор аст.
Ҳар чӣ бисёр шавад, қимати дӯкон нашавад,
Ҳар қадар васфи ту гӯям, ба сараш бозор аст.
Ростӣ пешаи хубест, ба як чӯбаки рост
Кӯр ҳам пай бубарад, ки ба раҳаш ҷӯбор аст.
Қудрати ростиро бар чӣ кунем андоза,
Боми ин хонаи мо бор чу бар болор аст.

* * *

Маранҷ аз ман, биё ки нур дигар дар сироҷам нест,
Хироҷи як ҷаҳонро арзию ҷуз дил хироҷам нест.
Туӣ он хирмани файзе, ки охир нестат, лекин
Бигӯям боҷ хоҳам донае, мегӯӣ боҷам нест.
Шавад имрӯз аз дирӯз некӯтар ҳаёти мо,
Набошӣ гар ту паҳлӯям, ба он шавқу мизоҷам нест.
Табассум дар лабат бинам, ба ҳар корам ривоҷ ояд,
В-агар не, ҳар қадар кӯшам, сари мӯе ривоҷам нест.
Ба танҳоӣ намонам, к-аз гадо гардам гадотар ман,
Паноҳи давлатат шоҳам, ба чизе эҳтиёҷам нест.
Ба як фармони дил ёбам илоҷи душмани ҷонат,
Валекин дар давои дарди худ бе ту илоҷам нест.

* * *

Дар само бар сӯз гар пайваста меҳри анвар аст,
Дар замин саргоҳи рӯди сӯханҳо модар аст.
Бар навозиш ҳам намеорад дили озурда тоб,
Пахта ҳам рӯи ҷароҳат мисли нӯги ханҷар аст.
Ҳарфи макромез созад табъи хушро беҳузур,
Тифлро чун неши каждум «шафқати» момандар аст.
Мардуми рӯи замин озод ғунҷад дар замин,
Молҷӯёнро вале ҳирсу тамаъ дарди сар аст.
Сахт гирам гуфтам аз домони неки орзӯ,
Чун ба пояш меравам, бинам зи ман болотар аст.
Мешавад соф осмон аз шӯълаҳои абрсӯз,
Нест мегардад разолат, чун адолат сарвар аст.

* * *

Хуррам дили мо, к-аз ҳавасат нағмасаро аст,
Дар сояи давлатпанаҳи мурғи ҳумо аст.
Дарде, ки табибон натавонанд давояш,
Бо бӯи равонбахши ту саршори даво аст.
Оне, ки занад лоф зи маҷмӯи малоҳат,
Донам, ки ба даргоҳи ҷамоли ту гадо аст.

Бар чеҳраи ту дида шавад гарди малолӣ,
Андешаи мо бозичаи дасти сабо аст.
Дар партави меҳри ту паи ганҷи вафоем,
Бесидқ дар ин марҳала помоли фано аст.
Сад бор агар хирмани мо бод намоянд,
Гарде ба ҳаво меравbooду дона баҷо аст.

* * *

Дил, ки дорад сӯзу ғам, роҳаш дигар кардан хатост,
Ёди ёрони накӯ аз сар бадар кардан хатост.
Гар ту овози хушеро дӯст дорӣ, шод бош!
Дар шуниди нағмаи мо гӯш кар кардан хатост.
Ҳар гапе дорӣ, ба мо озод гӯ, бе фитна гӯ,
Ғӯш ҳарфи дигарон аз пушти дар кардан хатост.
Ҳар чӣ дорад поишу қадру замони хешро,
Кафши тобистонаро дар об тар кардан хатост.
Модари худро агар ту дӯст дорӣ, офарин!
Саркашӣ аммо зи андарзи падар кардан хатост.
Бар баландӣ рӯ ниҳӣ аз пастие, роҳат ба хайр!
Аз баландиҳо ба поён санг ҷар кардан хатост.

* * *

Чӣ ғам, вақте ки дил бар дил қарин аст,
Вафои ин ба ону он ба ин аст.
Нахандад духтари ҳамсоя аз ғам,
Даме ҳамсояаш зору ҳазин аст.
Хирадманд аст дар ҳар ҷо хирадманд,
Ба оби дег равған рӯнишин аст.
Гар орупарварӣ хоҳӣ, ту медон,
Ки аввал нешу он гаҳ ангубин аст.
Ба мардум нафъ додан шарти олист,
Умеди зиндагонӣ дар ҳамин аст.
Бузургон обрӯ ёбанд аз халқ,
Баландиҳои қулла аз замин аст.

* * *

Шодмонам з-он, ки дил аз ҳеҷ кас ранҷур нест,
Сӯхтанҳоям вале бар чашми кас манзур нест.
Аз сурохиҳо шавад овози най рангибаранг,
Дил насӯзад, лутф бо оҳанги маънӣ ҷӯр нест.
Сар кашад аз зери тарма майса аз шавқи баҳор,
Гармии меҳрат набошад, нотавонро зӯр нест.
Дар забони хома авсофи ту шаҳд асту шакар,
Тор гар мансуб набвад, соз дар танбӯр нест.
Сабру оромӣ куҷо дорад дили шайдошуда,
Ҳар кӣ дар банди талош аст, орзуяш дур нест.
Об барфи қуллаҳо гардад барои даштҳо,
Ёрии ёрон набошад, гӯшае маъмур нест.

* * *

Зиндагӣ сахт ояд, одам боз ҳам тобовар аст,
Гаҳ ба он тарзе, ки андар фаҳми кас нобовар аст.
Муддати чил сол бошад модари ман ҳафтае
Мехӯрад ноне, ки он аз луқмае ҳам камтар аст.
Тарс дорад нон хӯрад, монанд гушна тифлҳош,
Наҳси ҷангу доғи он бар ҷони талхи модар аст.
Бо хаёле мурда асту бо муроде зинда ӯ,
Чашми бедор асту доим хоб рӯи бистар аст.
Дида пӯшад гар, набошад дар худу дар ҷои хеш,
Дида бикшояд, нигоҳаш дӯхта сӯи дар аст.
Ё саре хоҳад намояд сила бо борони ашк,
Ё худаш мӯҳтоҷ бар ғамхори болои сар аст.
Боварам н-ояд, гаҳе гӯянд занро мушти пар,
Модари ман лек зери бори ғам мушти пар аст.
Сӯҳтанҳои варо гуфтам нависам бо қалам,
Сӯхт бунёди қалам, хуноби дил бар дафтар аст.

* * *

Моем ҷудо, ёр ҷудо, меҳр ҷудо нест,
Ҳарчанд ҷафо пеша кунад, гӯӣ ҷафо нест.
Соқӣ қадаҳе боиси дидор биоро,
К-имрӯз миёни ману ӯ ғайри вафо нест.
Барге зи сари шох, ки бар хок биафтод,
Аз умри ба поён шуда аст, айби сабо нест.
Дорам аҷабе зилзила бар ғор занад кӯҳ,
Санге лаби ҷар лек ба ҷояст, хато нест.
Уммед зи нокас манамо, гар ту банангӣ,
Дар ганданиҳодон зи азал бӯи сахо нест.
Рафту гунаҳе пеш биёяд, ба шумо чӣ?
Моем гунаҳкор, гунаҳ кори шумо нест.

* * *

Бар забон номи ту овардан ба шоир одат аст,
Чеҳраат кардан ба пеши дида ҳозир одат аст.
Кам ҳамебинам туро, ин ҳам бувад аз роҳи дур,
Рӯзу шаб ҷонро валекин шукри вофир одат аст.
То саҳар аз шом ёд овардани ёри накӯ
Бо умеди васл бар хушдори зокир одат аст.
Нақшро рассом дар болои коғаз мекашад,
Сабт кардан нақши ту моро ба хотир одат аст.
Бин маро, к-озоду беомир шудам марди калон,
Доштан аммо ба монанди ту омир одат аст.
Дидаам бисёрҳо, к-аз роҳи худ баргаштаанд,
Роҳпӯӣ бандаро то ҳадди охир одат аст.

* * *

Гуфтам ба рухи ту дил хуморист,
Гуфто чӣ хумору беқароргист?
Гуфтам туӣ шамсу банда вартоҷ,
Гуфт ин гапи гуфтаву қаторист.
Гуфтам набарад ба хона хобам,
Гуфто зи табиати баҳорист.

Гуфтам гапакест, гӯшакат дор,
Гуфт аз ғазаб аст ё ки зорист?
Гуфтам лабаки ту бӯсазеб аст,
Гуфт ин ту магӯ, ки шармсорист.
Гуфтам чӣ ба ӯ нагуфтӣ шарм аст?
Гуфто, ки замони ихтиёрист.

* * *

Бо мурураш неку бад афсона мегардидааст,
Рози пинҳон ҳам бурун аз хона мегардидааст.
Аз чӣ мегӯянд «анори дона-дона» дар суруд,
Баски хирман сербор аз дона мегардидааст.
Дӯст дорад ошиқу маъшуқа рӯ тобад агар,
Ошиқ аз бечорагӣ девона мегардидааст.
Зориву зӯрию зар ин ҷо намеояд ба кор,
Мардуме банди гапи ҷонона мегардидааст.
Ишқ агар аз дилбарон сар мезадӣ, хуш давлате!
Бенаво дилдодаи шайдо намегардидааст.
Зиндагӣ то ҳол моро мактаби н-омӯхтаст,
Зиндагиомӯз кас фарзона мегардидааст.
Нозукиҳояш бувад бориктар аз мӯи сар,
Дар шикаст аз мӯи сар ҳам шона мегардидааст.
Нест ҷои шиква аз он дӯст, ки таркат кунад,
Рафта-рафта бачча ҳам бегона мегардидааст.

* * *

Баччае дар хонаи мо нохалаф рӯидааст,
Дар миёни киштзори мо алаф рӯидааст.
Аз шарафмандон бубояд бошараф рӯяд ба даҳр,
Бин, ки ҷои бошараф як бешараф рӯидааст.
Гавҳари покиза чидан нест осон, гуфтаанд:
Гавҳари покиза дар қалби садаф рӯидааст.
Хостам аз пеши ӯ як лаҳза бигрезам, вале
Хори тезе аз маломат ҳар тараф рӯидааст.

Хор не, дар чор сӯ гӯӣ ба монанди дарафш
Тири заҳролуд саф аз пушти саф рӯидааст.
Зиндагӣ бошад ба кори хеш пири пуртавон,
Ҳаст дар пешаш муриде, ки санаф[1] рӯидааст.
Бо умеде ранҷ бурда кард деҳқон зиндагӣ,
Аз ҳама ранҷаш вале захме ба каф рӯидааст.

* * *

Ба роҳи ростон рафтан хатар нест,
Агар бошад, дар анҷомаш зарар нест.
Касе берун зи андарзи падар рафт,
Падарро дар ду дунёяш писар нест.
Бихонда шеъри як шоир, бигуфтанд:
Аз афти кор, мардак беназар нест.
Ҳавои дидани дунёст дар дил,
Вале бар синаи дилдор дар нест.
Ту медонӣ шабам аз чист равшан,
Чароғам нест гарчию қамар нест.
Сабоҳи ман гаҳе бешом бошад,
Гаҳе шоми маро субҳи саҳар нест.
Агар хоҳӣ давои дарди мардум,
Миёнаш бош, ки роҳи дигар нест.

* * *

Хирмане дорам, ки пур аз донаи уммедҳост,
Гарчи дорой ба ҷони бандаи доро балост.
Аз лабонам ханда меборад ба ҳоли ришвахӯр,
Дар дилам бар рағми бадмафкураҳо доим ғазост.
Аз лаби пурхандаву аз қалби исёнпешаам,
Борҳо монданд манро чун қалам дар кунҷ рост.
Борҳо ронданд аз кору бадар партофтанд,
Ҳар кадомин кӯча дар ин боб бо ман ошност.

---

[1] Санаф – камқувват.

Худ ба худ гап мезадам, оё ғалат пеш омадам,
Ё ки ҳукми сарвари мансабпарасти мо хатост.
Ҳеҷ чиз аз чашми ҳақбинон намемонад ниҳон,
Фитнаву фисқу фуҷур охир ки дар чанги фаност.
Гаштааст акнун асои дасти пириям қалам,
Номуродӣ аз дили пуршӯр дур аз ибтидост.

* * *

Дили ман бандаи фармони ту бефармон аст,
Бимирам аз фарах, гар ёр маро меҳмон аст.
Сари ман бо ту бувад сабз, хазонаш нарасад,
Бе ту, ҷонам, сари ман бар сари ман товон аст.
Сайри гулгашт кунам боре, аз он сер шавам,
Лек дидан рухи ту ҳар нафасам армон аст.
Сари ҳар сатр шавад шеър зи васфи ту ба қадр,
Чӣ кунам, пешат агар шеър чу ман арзон аст?
Он қадар сӯхтан аз дида ниҳон дорам ман,
Ки ба ин сӯхтанам ҷони худам ҳайрон аст.
Абр дар сина ҳаме тундару борон дорад,
Ҳама донанд, ки дар синаи ман вулқон аст.

* * *

Дил агар ишқе надорад, хонаи беравзан аст,
Хона беравзан агар бошад, магар он равшан аст?
Дар вафо ман бохтам умру нанолам ҳеҷ гоҳ,
Дӯхта садҳо ҷиҳоз, урён ҳамеша сӯзан аст.
Бар чаман рафтам баҳорон, то барорам дуди дил,
Дидам он ҷо булбуле, дар нолаву дар шеван аст:
«Орзу дорам, ки бинам лабкушоданҳои гул,
Дар ҳамин дам хоб ногаҳ пардаи чашми ман аст.
Вошавии ғунча бинад зоғи дур аз меҳру сидқ,
Қисматам дар лаҳзаи хушбахтиҳоям душман аст».
Ман гаҳе он булбулам дар ҳасрати лабханди гул,
Ту гаҳе он гул, ки зоғе пешат андар гулшан аст.

* * *

Ҷуз ишқ ба кӯи ту маро роҳбаре нест,
Бе раҳбаладии нек раҳи бехатаре нест.
Дар ишқи ту ман шӯҳраи олам шудаам, лек
Зинҳор туро аз мани бедил хабаре нест.
Дар қисмати ман гӯӣ ба ҷуз сӯхтани ҷон
Аз рӯзи азал пешаву касби дигаре нест.
То шамъ насӯзад, нашавад гӯшае равшан,
Сар хам накунад шоха, дар он гар самаре нест.
Дар синаи абр оташаке то накашад теғ,
Бар дидаи ӯ гиряву дони гуҳаре нест.
Бар бехабари ишқ магӯ рози дил асло,
Дар сангдилон раҳму ғами чашми таре нест.
Бар ишқ барам шикваам аз ишқи равонсӯз,
Ҷуз ишқ маро додрасу чорагаре нест.

* * *

Дарди дилро дилбари дилдор медонад фақат,
Ҳолати беморро бемор медонад фақат.
Сӯзи моро дар талоши рӯи ёр андоза нест,
Захми пои булбулонро хор медонад фақат.
Кӯҳсори мо бувад гӯё ҳисори хоки мо,
Сахтиҳои санги он девор медонад фақат.
Чист беҳтар з-он, ки бошад кӯдакат осуда хоб,
Кайфи инро модари бедор медонад фақат.
Маст агар мастӣ кунад, мункир шавад фардо аз он,
Мастиҳои мастро ҳушёр медонад фақат.
Гоҳ кам гӯем, гаҳ бисёр дар боби висол,
Боисашро ёри маҳдидор медонад фақат.
Дил тапад бар некӣ андар синаи ҳар некхоҳ,
Қадри некиро каси ғамдор медонад фақат.

* * *

Чист мардӣ? – Ҷон ба ҷони дӯстон биспурдан аст,
Шод ношоде намудан, хотире н-озурдан аст.
Некии бетамъ бошад обрӯю шаъни мард,
Тамъ кардан лолаҳои обрӯ пажмурдан аст.
Дар табибон дидаам ман некии бетамъро,
Бетамаъ бахшанд ҷон онро, ки андар мурдан аст.
Пасттар аз ҷамъи пастиҳои дунё даллагист,
Далларо бо рӯсиёҳӣ умр бар сар бурдан аст.
Он, ки дорад нанг, хоҳад неъмате ҳосил кунад,
В-он, ки бенанг аст, доим дар талоши хӯрдан аст.
Гӯшае обод кардан номи кас боло барад,
Бар баҳорон шӯҳрат аз гул қолиҳо густурдан аст.

* * *

Ёри моро бевафо гуфтан хатост,
Бар муҳаббат н-ошно гуфтан хатост,
Нағз донад маънии ҳар як нигаҳ,
Аз хирад ӯро ҷудо гуфтан хатост.
Ҳар гаҳе лаб во кунад аз боби ишқ,
Нуктаҳояшро хато гуфтан хатост.
Рӯ ба рӯи рӯи шармомези ӯ
Ҳусни гулро дилрабо гуфтан хатост.
Дидаӣ ӯро агар бо мо, табиб,
Дарди дилро бедаво гуфтан хатост.
Ишқ чун дар банд-банди мост банд,
Дасти моро норасо гуфтан хатост!

* * *

Майл агар бар мо надорӣ, гап кушудан хуб нест,
Оташи пинҳони дил боло намудан хуб нест.
Борҳо дил додаму бар ман диле нагзоштанд,
Ғуссаи деринаро аз нав фузудан хуб нест.
Нони кас қарз аст, – мегӯянд, – бар кас, – одамон,
Дил агар додан нахоҳӣ, дил рабудан хуб нест.

Ҳоли кас аввал бипурсу баъд аз он ҳазле бигӯ,
Дар бари озурдадил ногаҳ сурудан хуб нест.
Гар ту донӣ одаме ғарқ аст дар гирдоби ғам,
Соате дар ёди ӯ беғам ғунудан хуб нест.
Ошиқӣ – ин дигару дигартар аст одамгарӣ,
Майлаш, ошиқ бош, лек одам набудан хуб нест.

* * *

Қадат ларзон ба чашмам мисли торон аст,
Рухат навшуста гул аз оби борон аст.
Бимирам ман дар ин хосиятат, ки дил
Зи шавқат гарму хуррам чун баҳорон аст.
Гуноҳи дил маро равшан, туро маълум,
Ки аз пуштат равон чун дӯстдорон аст.
Зи кӯят ронияш, девона мегардад,
Ба кӯят хонияш, аз ҷоннисорон аст.
Агар дар сина дил дорӣ, ту ёдам кун,
Ки ин оину расми нек ёрон аст.
Ба одам зиндагӣ хуш лаззате дорад,
Хаёли ту лазиз аз рӯзгорон аст.

* * *

Дил дар ғами ғавғои ҷаҳон афтодаст,
Ғам бар сари дил бори гарон афтодаст.
Шахсе, ки намехӯрад ғами ғамдоре,
Дар олами хайр бенишон афтодаст.
То тифл шавад мард, ба сӯз омезӣ,
Сӯзи ғами ӯ ба мағзи ҷон афтодаст.
З-он себ, ки акси рухи духтар дорад,
Сад ранҷ ба ҷони боғбон афтодаст.
Пурсанд агар зи ҳоли ман ёронам,
Гӯед ба васфи деҳқон афтодаст.
Нон аст, ки бар забони мо шеър ояд,
Ҷону тани мо ба ҳифзи нон афтодаст.

* * *

Як имояш аз ҳама гапҳо ба ман фаҳмотар аст,
Лаб хамӯш аст арчи, чашм аз сад забон гӯётар аст.
Баҳс ҳар гоҳе шавад аз қиммати кору амал,
Рост гӯям, шавкату дасти ҳунар болотар аст.
Чашмаи кӯҳӣ агар гулгашт созад гӯшае,
Дар мизони фазлам аз дарёе он дарётар аст.
Офият хоҳад ҳамеша дил ба ёри пурҷафо,
Бас ҷафои ӯ зи адлу лутфи мо авлотар аст.
Нобиное, к-аз дами шаб то саҳар бо мо нишаст,
Аз бинои бехабар аз дарди дил бинотар аст.

* * *

Азиз аз баҳри мо буду набуд аст,
Сари осудаву нону суруд аст.
Ба дунё ҳар ки соҳибпеша бошад,
Ба мо пайванди ҷон эҳсону ҷуд аст.
Ба фарзандони мо бахт аст ҷовид,
Ба модарҳо нишоти беҳудуд аст.
Ба қабристон ниҳодам пою дидам
Ҳазорон кас ба гӯре дар суҷуд аст.
Ҳама мегуфт бо овози нарме,
Ки мардак мурда не, балки ғунудаст.
Зи оби дидаҳо шуд равшанам хуб,
Ки ӯ баҳри дигарҳо мурда будаст.

* * *

Дили ман аз ту умре бемалӯл аст,
Чӣ мегӯӣ, чӣ мехоҳӣ, қабул аст.
Маро ишқат ҷавону зинда дорад,
Зи оби рӯд сарсабзӣ ба чӯл аст.
Туро медонаму медонӣ манро,
Муҳаббат байни мову ту расул аст.

Касе дорад вафо, гардад сарафроз,
Вафо гар нест касро, дар нузул аст.
Гузораш сӯзи дил монад ба дунё,
Сурӯши дарди чашма аз булӯр аст.
Ба бешафқат набояд шафқате кард,
Илоҷи санглохон зоғнӯл аст.

* * *

Ҷӯш дар дил доштан уммед бар фардои мост,
Шӯри баҳр ин нусхаи ҷӯшидани дилҳои мост.
Қатраҳои баҳр ҳар гоҳе ба рӯи мо занад,
Шӯхию нозу адои ёри бепарвои мост.
Хуб набвад санги рӯи роҳро бо по задан,
Санг фарзанде зи бас аз кӯҳи сарболои мост.
Чашмаро гуфтам чӣ меҷӯшӣ ту дар чанголи шах,
Гуфт аз ин тангно берун шудан эҳёи мост.
Қумрии гумроҳ менолад сари порисае:
«Тухмаконам дар куҷоянду куҷо маъвои мост».
Селаи кафтар ба хирманҷо парад аз пушти дон,
Баҳс дар олам ба гирди ҳарфи пурмаънои мост.

* * *

Ӯ шона ба зулфони сияҳ карда гузашт,
Бо ним нигаҳ ба мо нигаҳ карда гузашт.
Бастем даме назар ба рухсори тараш,
Аз дидаи мо рӯй панаҳ карда гузашт.
Аз ҷилваи ӯ гашт ҳама ҷой баҳор,
Бар мо лаби раҳ назорагаҳ карда гузашт.
Дер омадану зудравияш ғами мост,
Ғам бар дил аз ин таҳи ба таҳ карда гузашт.
Дунёст абад, дигар ҳама мегузарад,
Гул ишвагарӣ ба як пагаҳ карда гузашт.
Ошиқшавӣ гар гунаҳ бувад, баргӯед:
Бечора Ашӯр умре гунаҳ карда гузашт.

* * *

Нест мушкил кори ман, ҳарчанд ки осон наяст,
Амри дил иҷро кунам, беҳтар аз ин фармон наяст.
Шеъри ман ҳамболи шеъри Лоиқу Бозор нест,
Табъи ман монанди табъи Қутбию Мастон наяст.
Аз паи маъно нарафтам ҳеҷ ҷо аз хона дур,
Беҳ дигар маъноям аз дидори фарзандон наяст.
Сӯҳбати эшон бароям хубтар аз тӯйҳост,
Хотири ман ҷамъ бе ҷамъияти онон наяст.
Ҳар кадомаш дар нигоҳам олами афсонаест,
Мисли ман афсонадон то ҳол дар Юнон наяст.
Борҳо гуфтанд ҷои туст охир пойтахт,
Пойтахти ман ба ҷуз як кулбаи Хатлон наяст.
Решаи ман дар ҳамин ҷо навда кард, омад ба бор,
Олам арзон аст, лекин хонадон арзон наяст.

* * *

То ханда карда сӯи ман ӯ дар шитоб гашт,
Ҷонам раҳо зи маҳбасу ранҷу азоб гашт.
Дар гирду пеш торие аз мақдамаш намонд,
Дидам, ки соя дар гурез аз офтоб гашт.
Ҳарчанд ғарқи шодиям, аз ғам нарафт дил,
Шодӣ зи ғам ҳунарвари кори савоб гашт.
Оҳе, ки сард аз ғами ӯ рафт дар ҳаво,
Фасли баҳор гиряи гарми саҳоб гашт.
Гуфтам, ки танг гирамаш аз шавқ дар канор,
Шармиваю ҳаёи ман аммо ҳиҷоб гашт.
Ҳар ҷо бигуфтаанд ба номам ҳасадбарон:
Аз ишқи пок шоиру соҳибкитоб гашт.

* * *

Машкан қалами маро, ки пайванди ман аст,
Пайванд чу набзи ман ба ҳар банди ман аст.
Бо шеваи зиндагӣ забон бикшода,
Фарёди дилу ба лаб шакарханди ман аст.
Чун панҷа бувад ба дасти ман часпида,
Меросгузори заҳмату панди ман аст.
Кам кишт кунад ба дашти дафтар ё беш,
Худ барзгари хоки барӯманди ман аст.
Машкан қалами маро, ки беҳтар зи ҳама
Дар зиндагиям ба ҷои фарзанди ман аст.

* * *

Боғаму ҳосили ман бисёр аст,
Чу умеди дили ман бисёр аст.
Гар кунам азми сафар бар кӯе,
Дар раҳам манзили ман бисёр аст.
Ман, ки худ содааму аз хокам,
Ҳар куҷо аз гили ман бисёр аст.
Байни дарё чу фитам андар роҳ,
Дастдеҳ соҳили ман бисёр аст.
Баддиле аз ман агар рӯ тобад,
Ҷои ӯ моили ман бисёр аст.
Нашавам то ба ҳунар пасмонда,
Сабақу таҳсили ман бисёр аст.
Рӯзҳо партави хуршед ояд,
Шаб шавад, қандили ман бисёр аст.

* * *

Дар дил ҳаваси ҳамнафасиҳои ту кам нест,
Аз зӯри ҳавас ҳеҷ дар он ҷой ба ғам нест.
Худ гуфта будам тарк кунам ошиқӣ умре,
Зеро ки ба ҷон дар раҳи ӯ ғайри ситам нест.

Чанде шудам аз ишқ канору ба хаёле,
Дидам, ки ба ҷуз ишқ дигар болу парам нест.
Хӯрдам қасаме пок равам дар раҳи покӣ,
Ҷуз ин дигарам дар лаби гуфтор касам нест.
Ҳуснат самари лутф бигуфтам, ки нависам,
Аз нози ту раҳгум зада бинам, ки қалам нест.
Ҷустам ҳакаме бар худ аз ин нози дилошӯб,
Гуфтӣ, ки ба раҳгумзадаи ишқ ҳакам нест.

* * *

Метавонам бар ту гӯям Ҳурмуз аҷдоди ман аст,
Хулқи вай чун хун ба тан дар асли бунёди ман аст
Бахти мардум хоҳаму осудагии рӯзгор,
Балки ҳукме ин ба ман аз тифли навзоди ман аст.
Ҳар кӣ дорад ифтихор аз пешаи бахтовараш,
Ифтихори ман ба олам табъи озоди ман аст.
Кардааст одат ба гӯши гул сурудан андалеб,
Базми ман аз ҳурмати ёри паризоди ман аст.
Моли кас, – гуфтам падар, – манмо талаб, – дар тифлиям,
Солҳо бигзаштаанд, ин ҳарф дар ёди ман аст.
Зӣ чунон, гуфтанд, баъди марг то хандон шавӣ,
Панди Саъдӣ ёвари ақл асту устоди ман аст.
Бахтҷӯён бахтро ёбанд то, сар додаанд,
Ҳар суруде бишнавӣ, аз бахт фарёди ман аст.

* * *

Дилам шайдову масти рӯзгорон аст,
Ҷавон аз сӯҳбати ҷонбахши ёрон аст.
Сари кӯҳи баланд акнун намеҷӯям,
Сарам боло зи бас аз кӯҳсорон аст.
Ҳама бар чашми ман зебову рангинест,
Шафақ болои сар, таҳ лолазорон аст.
Ғуборе гар бигирад рӯи гулҳоро,

Ҳамоно тундар асту абру борон аст.
Назар афканда бар боғе, бидидам
Сафи нав-нав ниҳолу ҷӯйборон аст.
Дарахти бесамар осуда месабзад,
Дарахти босамарро сангборон аст.

* * *

Сухани сода бигӯ, ки сухани сода хуш аст,
Ба нигоҳи дили ошиқ рухи бикшода хуш аст.
Аз ҳамон нукта, ки равшан набувад маънии он,
Нек пиндор, ки як ҳазли Вализода хуш аст.
Орзу гаҳ ба кас аз ҷони лазиз аст азиз,
Мурдан аз зистани хотира нанҳода хуш аст.
Ҳаваси боғ кунӣ, меваи тар то бичашӣ,
Мева аз шох бичин, меваи н-афтода хуш аст.
Хуш набошад, ки зи ту сард шавад гарм диле,
Бар дили сард зи меҳр оташи дардода хуш аст.
Боз дар ҷомаи барф осуда хоб аст замин,
Хоби осуда пас аз меҳнати озода хуш аст.

* * *

Нуқтаи гуфтори мо умре баҷо афтодааст,
Лек бо айбе гаҳе ҷое хато афтодааст.
Аз куҷо ағёр донад кори мо, асрори мо,
Ҳар хатое, ки фитад, аз ошно афтодааст.
Ҳарфи ҳар навзод кӯдак гиряи нашнидаест,
Нола дар дилҳои мо аз ибтидо афтодааст.
Хониши бодард дар нохуни мо дорад дутор,
Ҳасрати беинтиҳо дар пардаҳо афтодааст.
Сорбони корвони бахти худ бошем мо,
Ҳар касе моро намедонад, қафо афтодааст.
Қудрати дастони мо аз об оташ офарад,
Нури рӯди Вахш бингар, то куҷо афтодааст.

* * *

Боз дилро бар сари кӯяш гузор афтодааст,
Бандаро вазъияти шабзиндадор афтодааст.
Гуфтам ӯро рафта орам, тохтам чобуксавор,
Дар кишан рахшам ба мулкаш устувор афтодааст.
Бо умеде, к-ӯ зи долони баланд ояд фуруд,
Дидаи чорам ба сӯяш интизор афтодааст.
Буттаеро доштам аз шавқи гулзори рухаш,
Ҷои гул дидам ба дастам хӯчхор афтодааст.
Номи ӯ дар ёди ман нақши абад дорад, вале
Номи ман аз ёди ӯ дар ихтисор афтодааст.
Эътиборе дорад он дил, к-аз муҳаббат метапад,
Дил агар бемеҳр бошад, з-эътибор афтодааст.
Ҳар киро рӯзе бувад, давре дигар, бахте дигар,
Фаслҳоро бингарӣ, гул дар баҳор афтодааст.

* * *

Аспи даванди умрам якзайл дар шитоб аст,
Ҳар рӯзи даргузашта дар дафтари ҳисоб аст.
Мирзои вақт онро бас бехато нигорад,
Ҳоҷат на бар саволу на ҳоҷати ҷавоб аст.
Саҳве агар намоям, ҷонам ба сӯз ояд,
Симоб агар биафтад, дар банди печутоб аст.
Аз рӯзе ақл пайдо шуд бар сарам ба дунё,
Чун панди пири доно бар гӯшам ин хитоб аст:
Гар бад кунӣ накӯро, бошад ваболи вазнин,
Некӯ кунӣ бадеро, як олами савоб аст.
Кӯтоҳ умри одам бошад ба мисли як дам,
Хуш, ки ба як дами он гаҳ умри офтоб аст.

* * *

Сарф кардан дар раҳи армон ҷавонӣ кори мост,
Дар ҷавониҳо нагаштан ормонӣ кори мост.
Кӯҳи ғамро борҳо бар дӯши худ бардоштем,
Дур будан аз ҷаҳони нотавонӣ кори мост.
Зиндагиро аз гили хурсандию ғам сохтанд,
Шодиву ғам дидан андар зиндагонӣ кори мост.
Дӯстону душманонро хуб ҳам бишнохтем,
Дӯстӣ бо дӯстдорони амонӣ кори мост.
Захми ҳиҷрон сахттар бошад ҳаме аз захми тир,
Чун ҷудоӣ пеш ояд, ҷонфишонӣ кори мост.
Умр кӯтоҳ аст, – мегӯянд, – набвад чорае,
Умрро бахшидан умри ҷовидонӣ кори мост.

* * *

Дар маҷлиси мо суханварӣ душвор аст,
Баски ҳама нуктадону хушгуфтор аст.
Хуш нест, агар кас ба забон ҳарф орад,
Ҷое, ки сухан дар даҳани Бозор аст.
Базме, ки ба ҷӯри сози мо мегузарад,
Чун ишқи нахуст аҷибу нотакрор аст.
Пурдории муфти ту бувад чун доне,
Як дони баранҷи мо пур аз хирвор аст.
Хурсанду бадавлату ҷавон аст ҳаме
Ҳар кас, ки ба ҷони нотавон ғамхор аст.
Ғам кӯҳ шавад, умедҳоро накушад,
Уммед ба мисли кӯҳҳо подор аст.

* * *

Сӯҳбати мо ҳар куҷо аз некии ту сар шавад,
Бишнавад моро баде, некӯ шавад – дигар шавад.
Рӯзи навмедӣ намонду рӯзҳо бахшанд умед,
Навниҳоли дасти мо дар боғ боровар шавад.

Беҳунар бошад писар, қадре надорад ҳеҷ гоҳ,
Беҳ, ки аз модар ба ҷои ин писар духтар шавад.
Ҳар кӣ панди раҳбарашро хуб донисту шунид,
Як замон бар хеш ё бар дигарон раҳбар шавад.
Хайрро ҳам бар кӣ бояд кард донистан зарур,
Нокас аз хайри касон мағруру нокастар шавад.
Шарм орад хубрӯёнро ҳамеша ҳусни нав,
Ҳусну маънӣ шоиронро хомаву дафтар шавад.

* * *

Пора гардад дил, агар пайдо ба чашме нам шавад,
Сабза бошад, ки бигиряд абру он хуррам шавад.
Рӯи ман сурх асту дорам дар ҷигар доғи ниҳон,
Чеҳраи пурхандаи ту доғро марҳам шавад.
Нестам аз шодии кас дар ғаму шод аз ғамаш,
Шодии ман лек бадхоҳи маро мотам шавад.
Ваҳ, чӣ бадбахтист, агар одам кунад ноодамӣ,
Ваҳ, чӣ хушбахтист, агар ноодаме одам шавад.
Обрӯ дарёфтан дар зиндагонӣ саҳл нест,
Обрӯ аз даст додан лек дар як дам шавад.
Тоб овардан ба дороиву нодорист бахт,
Моҳ дар гардиш гаҳе пур гашта, гоҳе кам шавад.

* * *

Ҷони сахте меканам, то байте иншо мешавад,
Хомаи гунгам забон бикшода гӯё мешавад.
Ҳолати хомӯшию хилват ҳамеҷӯям даме,
Дам ба дам лекин дарам пӯшидаю во мешавад.
Медарояд Осафу аз пушти вай Барно[1] бадав,
Байти ман помоли ин бозиву ғавғо мешавад.
Шоҳ мегӯянд, дармондаст пеши зӯри тифл,
Ман киям, ки дасти ман аз тифл боло мешавад.

[1] Тифлони хона.

Шеъри ман хуб аст, ё ки бад ба пеши чашми ту,
Дар миёни бозиву фарёд пайдо мешавад.
Ханда дорад ё ки дорад гиряе он дар бисот,
Ҳамчунон тифлаш бидон, ки тифл зебо мешавад.

* * *

Агар дилгармии ҷонон набошад,
Ба кори ман сару сомон набошад.
Маро бо ёр бошад шаъну шавкат,
Ба ришта ҳусн бе марҷон набошад.
Бирав он ҷо, ки бошанд интизорат,
Ки аз ту беҳ дигар меҳмон набошад.
Ҷавонӣ бигзарад, қадраш ҳамедон,
Ки андар пирият армон набошад.
Шавад кам пеши хубон зиннати гул,
Ба рӯз исторае хандон набошад.
Ба тифли шӯх душвор аст таълим,
Дил асло тобеи фармон набошад.
Падарро чашм гирад нур, тан зӯр,
Даме фарзанд гапгардон набошад.

* * *

Гулрухон бар хеш ҳусни сад гулистон офаранд,
Чок гардад то диле, чоки гиребон офаранд.
Базми моро медиҳад оҳанги нав лабчанги чанг,
Баски бар лабчанг бо лабҳояшон ҷон офаранд.
Модарон гаҳвора ҷунбонанд шабҳои дароз,
Бо умеде, ки яқин мардони майдон офаранд.
Кӯчагардӣ баччаро пеш оварад оворагӣ,
Хислати некӯ ба одам дар дабистон офаранд.
Қудрате доранд раззоқони олам беназир,
Даштро аз кӯҳу қӯҳе аз биёбон офаранд.
Мисраи мо ҳам шавад як зарраи кони сухан,
Хирману хирвори ғалла доим аз дон офаранд.

* * *

Ҷамолаш дар хаёлам чун арӯс олуфта мемонад,
Чӯ мӯяш хотирам аз боди ғам ошуфта мемонад.
Шавад, гӯянд, ҳусни духтарон аз бӯса афзунтар,
Набошад гармии хуршед, гул нашкуфта мемонад.
Зи шавқи байти абрӯяш ғазал гуфтан шудам пеша,
Ҳаметарсам, ки шеъри хуби ман ногуфта мемонад.
Ба рӯз аз коргоҳи чеварон ҷӯям нигоҳашро,
Ба шаб чашмам ба ёдаш мижае нохуфта мемонад.
Чу донам бар касе дар гӯшаи боғ интизор аст ӯ,
Ба сӯяш по ниҳам, дарҳол худ бинҳуфта мемонад.
Ҷафою ранҷи ӯ моро кунад аз хомиҳо берун,
Сухан бе сахтгирии ҳакам носуфта мемонад.

* * *

Бе лутфи ту кори мо ба сомон нашавад,
Сӯзад дили хок, агар ки борон нашавад.
Дил азм зи ҷои хеш ҷое накунад,
То қомати ту ба дида ларзон нашавад.
Бовар манамо ба ҳар кӣ шайдои ту гашт,
Гург аз ғами гургиҳош чӯпон нашавад.
Бахто, чӣ кунам, ки ёри ман то лаби бом
Монандаи маҳ ояду меҳмон нашавад.
Мағрур машав ба моли ғункардаи хеш,
Бо пои малах мӯр Сулаймон нашавад.
Ноне, ки зи хони кас хӯрӣ, ошат бод,
Беҳурматӣ гар ба он намакдон нашавад.

* * *

Дилам аз сӯҳбати бемаънигӯён танг мегардад,
Дутори торканда гунгу беоҳанг мегардад.
Набошад ханда ҷое, мемирам аз ғуссааш бемарг,
Чаман аз авҷи сабза, мавҷи гул хушранг мегардад.
Даҳони каҷгапон хоҳам ба мушти худ кунам мавзун,
Мизони нобаробар рост бо посанг мегардад.

Набурда ранҷ, шӯҳрат хостан як навъи бешармист,
Танофур бод бар оне, ки дур аз нанг мегардад.
Ҷавонмард аз паю дидори меҳмон мешавад Ҳотам,
Хасис аз мақдами кас дилкафу беҳанг мегардад.
Ба одам хӯрдану пӯшидан аз даври куҳан будаст,
Бадавлат он, ки гирди маснади фарҳанг мегардад.
Чу фазлат нест, мепӯӣ ту роҳи баҳс беҳуда,
Надорад наъл асп, аз роҳ рафтан ланг мегардад.

* * *

Зулфаш сиёҳ бошаду садбарги рӯ сафед,
Бар сар маро зи ҳасрати ӯ гашт мӯ сафед.
Гуфтам: биё, ки умри манӣ, гуфт ин магӯ,
Шуд балки устухонам аз ин гуфтугӯ сафед.
Дил мекафид дар ғами гапнодароияш,
Бар кори ман намешуд агар орзу сафед.
Ту радди халқ гаштаӣ, эй кинавар, бидон,
Зоғи сияҳ намешавад аз шустушӯ сафед.
Бахтам, мабар ту бар раҳе к-орад маломатам,
Роҳе бубар, ки бошад он чун боли қӯ сафед.

* * *

Кӯза бар даст лаби чашма саҳар ёр ояд,
Мисли кабке, ки сари теға ба рафтор ояд.
Ҷои пову қадамаш сабзаи тар бархезад,
Аз чаманзори рухаш бӯи гули хор ояд.
Таги лаб замзама аз шавқ суруде дорад,
Аз дили хастаи ман нолаи сетор ояд.
Ғаму дардам натавонам, ки аз ӯ пӯшонам,
Табъи бесабр яке боз ба гуфтор ояд.
Аҷабе нест, ки чун саъва варо ром кунам,
Сухани хона гаҳе рост ба бозор ояд.
Ғазале гӯяму бо бод равонаш бикунам,
Ба умеде, ки ягон рӯз ба ӯ кор ояд.

* * *

Шабнами болои гул дар субҳ лоло мешавад,
Дар кафи меҳнатпарастон хок тилло мешавад.
Зиндагонӣ ростӣ хоҳад, каҷӣ н-ояд ба кор,
Чӯби каҷ дар оташ аз беқадриаш ҷо мешавад.
«Об агар садпора гардад, боз бо ҳам ошност»,
Он, ки дилдор аст, бо дилдор якҷо мешавад.
Дасти шафқат аз сари тифлон маяндозад падар,
Бе падар монад писар, ғамхор ҷӯё мешавад.
Хайру шар санҷанд рӯзе бо тарозӯи хирад,
Рӯзгори неки мо таърихи дунё мешавад.
Тӯйҳо кардем мо бисёр дар рӯи замин,
Баъд аз ин тӯи Замин андар Сурайё мешавад.

* * *

Чароғи хонаам имшаб ба ранги зард месӯзад,
Магар он ҳам гаҳе монанди мо аз дард месӯзад?
Шунидам бегуноҳе чанд ҷое кушта гардидаст,
Ҷаҳон сӯзад агар ҳар гоҳ, аз номард месӯзад.
Дарахти фитнаро хоҳам, ки андар оташ андозам,
Бубинам то чу як хастӯда гардогард месӯзад.
Надорад боғбон парвои шохи хушку беборе,
Чу ногаҳ бишканад шохе, ки бор овард, месӯзад.
Касе дар хона хӯрду хоб дорад, ғам намедонад,
Зи ғамҳои ҷаҳон инсони дунёгард месӯзад.
Агар дар оташ афтад дил, намесӯзад, намесӯзад,
Вале як дам нишинад бо каси дилсард, месӯзад.

* * *

Туро рӯзе ҳама неку бадат пеши назар ояд,
Хусусан он замон, ки ҳоҷати имдодгар ояд.
Бадие карда бошӣ, мехӯрӣ заҳри пушаймонӣ,
В-агар ки нек, бар ту з-он тасалло он қадар ояд.

Ба ҷонат гар бувад дарде, ба хотир оварӣ модар,
Чу таҳдиди касе бинӣ, яқин ёди падар ояд.
Маро аз беғамиҳоят ба ғам хуни ҷигар кардӣ,
Яке ғам бедавою аз ту бар ман он дигар ояд.
Чӣ дунёест дунёи муҳаббат – зиндаам дорад!
Муҳаббат гар набошад, зиндагии кас ҳадар ояд.
Чу ҳарф аз меҳр рӯи сафҳа бингорам ба номи ту,
Ба чашмам рӯ ба рӯ дону замину барзгар ояд.

* * *

Дилдодагони аслӣ дунболи дил равонанд,
Бар ёр дил ки доданд, дил бурда ҳам тавонанд.
Дар маҷлисе ту бошӣ, сад хубрӯ шавад ҳеҷ,
Историаҳо ба пеши хуршед ноаёнанд.
Қадри ту нағз донем аз рӯи одати нек,
Онҳо ки ин надонанд, айбе макун, ҷавонанд.
Ҳарфи дурӯғ асло андар забон надорем,
Пурфитнаву дурӯғгӯ майҷӯву фосиқонанд.
Дар сайди оҳу бошад сайёди бемурувват,
Бар чашми оҳу бинӣ, чӣ зориҳо ниҳонанд.
Дилбурдагони моро ҳамду сано, ки онҳо
Дар банд кардани дил бетиру бекамонанд.

* * *

Ғами ту аз дили мо кам нашавад,
Ғами мо дар дили ту зам нашавад.
Чӣ тавон кард, ки ин қадр дароз
Ҳаваси мо ба чаҳи ғам нашавад.
Одам аз н-одамӣ парҳез кунад,
То дар ӯ фитнаи одам нашавад.
Сари боло машумар бахтбаланд,
Шоха бебор ки шуд, хам нашавад.
Он ки бо заҳмати худ рӯз барад,
Ба муфтандӯхта ҳамдам нашавад.

Талаби дил набарад бо раҳи кач,
Чӯби качрафта муаззам нашавад.
Сухан озод бувад гуфта маноз,
Ончунон гӯй ки мотам нашавад.
Дил бувад кӯраку ғам кирм дар он,
Чора ҷӯ, кирм фароҳам нашавад.

* * *

Ёди ман сайри гули лола равад,
Бари кӯҳу даману ёла равад.
Баччаи навхати қинғолашуда
Шаб бари духтари қинғола равад.
Деҳқон дона ки чошид ба хок,
Чапараш бастаю бар мола равад.
Кӯдакак аз ҳаваси қанди сафед,
Даст бикшода таҳи жола равад.
Даме бо куртаи гулбаст равӣ,
Ба ту балки дили садсола равад.
Ку ҳамон дил, ки аз ин даҳр ба кул
Ҳавасаш дидаву бенола равад.

* * *

Гули нобурдаи моро напурсед,
Ғами нашмурдаи моро напурсед.
Чаро бар ҳусни ӯ додем мо дил,
Дили биспурдаи моро напурсед.
Умеде омаду заҳмат кашидем,
Тани озурдаи моро напурсед.
Азоби наштари ишқ аст бисёр,
Ҷигар ё гурдаи моро напурсед.
Чу як зумра зи моли халқ мастанд,
Шароби хӯрдаи моро напурсед.
Агар дар разми ин тоифа мурдем,
Савоби мурдаи моро напурсед!

* * *

Беҳтар он аст ҳама гуфта шавад,
Гап ҳама равшану олуфта шавад.
Мева дар хурма бипӯсад, алҳақ,
Аз чӣ дар дил гапе бинҳуфта шавад.
Гапи ногуфта намонад, беҳтар,
Рӯй тобад, чу мӯ ошуфта шавад.
Гули нашкуфта зи бӯ муфлис аст,
Бӯйафшо гули бишкуфта шавад.
Ҳар қадар гуфта шавад роз, накӯст,
Кордро санг занӣ, суфта шавад.
Дил ки холӣ кунӣ, осуда шавӣ,
Каси беғамшуда хуш хуфта шавад.

* * *

Чӣ гузашт аз дили мо, дилбари ҷон медонад,
Нашъаи меҳру вафо пиру ҷавон медонад.
Ханҷари тези нигоҳаш бизанад чок дилам,
Ҳадафи хостаро тири камон медонад.
Самари ишқ ба кас муфт муяссар нашавад,
Он чунон зӯр бувад, ки ҳама он медонад.
Дили мо тоқати як ҳарфи ҷудоӣ накунад,
Тоқбадбинии мо аҳли ҷаҳон медонад.
Оби ҷӯ ҷониби саҳрост ҳама умр равон,
Роҳи мо то ба куҷояст, замон медонад.
Аз заминему замин то ба само пайвастем,
Қадами некуи мо Коҳкашон медонад.
Гузарад аз дили мо он чӣ, шавад пахн ба даҳр,
Аз куҷо нур дамад, даҳр ҳамон медонад.

* * *

Чашми мо ҳар ҷо тамошо меравад,
Дидани маҳфузу пайдо меравад.
Вақт аз одам напурсад маслиҳат,
Умр дар роҳи таманно меравад.
Барф, ки султон бувад дар қуллаҳо,
Гашта рӯзе обу саҳро меравад.
Қад кашида тифл мегардад калон,
Пирамард аз дори дунё меравад.
Заҳмати мо баски бошад нописанд,
Муфт моли мо ба савдо меравад.
Оҳи дил абр асту борон ашки чашм,
Раъд фарёдест, к-аз мо меравад.

* * *

Чашми хаёлам ҳаме маҳви назар мешавад,
Дарғара пеши назар ранги дигар мешавад.
Саф ба саф афрохта сар ба само сарвҳо,
Рострави боз ҳам тозаву тар мешавад.
Дашти калон, ки варо нест сару нест бар,
Боғу чаман бар ба бар бесару бар мешавад.
Шому саҳаргоҳи вай буд агарчи хунук,
Гарм кунун дар бараш шому саҳар мешавад.
Бингарӣ аз Оқсӯ чеҳраи шабҳош агар,
Коҳкашон пеши рӯ роҳгузар мешавад.
Моҳи саморо кунӣ бо маҳи дигар алиш,
Гӯй ки аз чор сӯ моҳ бадар мешавад.
Ё ту шавӣ ҷони ин мулки саропо самар,
Ё ки туро хоки он ҷону ҷигар мешавад.

* * *

Дар лаб ба туам тарона савғо бошад,
Андар лаби ту валек ғавғо бошад.
Хурмо дили ман, ҳарфи ту чапқуи дудам,
Чапқуи дудам ба қасди хурмо бошад.

Аз рӯзи азал хуб ба бад афтодаст,
Кам дида шавад ду хуб якҷо бошад.
Бад қисмати ман бошаду хуш қисмати ту,
Аз қисмати ман туро чӣ парво бошад.
Лағжидани ман ҳеҷ бувад пеши ту, ҳеҷ,
Бахшидани ту вале ду дунё бошад.
Сад бор зи лутфи дигаре ҷабри ту беҳ,
Ҷабри ту чароғ бар таманно бошад.
Шаҳрӣ манаму ба сӯи қишлоқ оям,
Аз чист, ки қишлоқи ту зебо бошад.

* * *

Дар барам маҳтоб, хобам мебарад,
Хоб пеши моҳтобам мебарад.
Мекунам наззора кӯҳистон ба шаб,
Як раҳи пурпечутобам мебарад.
Моҳро пурсам куҷо дорӣ шитоб,
Ӯ саволи беҷавобам мебарад.
Хор зад дар дасту по аз кори рӯз,
Шаб ҳама дарду азобам мебарад.
Хоб бошам дар хаёли субҳи нав,
Субҳ бар кори савобам мебарад.
Андаке фориғ шавам, уммедро
Вақти доим дар шитобам мебарад.

* * *

Дар саҳар хоб марав, кайфи саҳар мегузарад,
Хандаи рӯзи навин ғайби назар мегузарад.
Бар сари қулла чӣ дорӣ назар аз роҳи калон,
Аз раҳи кӯҳу камар кӯҳгузар мегузарад.
Тарфи мақсуд равӣ, тарс мабар, суст мабош,
Баски аз ҳезуми тар зуд табар мегузарад.
Хушк созад падар аз баҳри писар хуни ҷигар,
Лек бадхӯ писар аз баҳри падар мегузарад.

Мардҳо бар сари кору ҳама ҷо бисёранд,
Мард он не, ки аз ӯ дидае тар мегузарад.
Осмони ҳавасам соф бувад, к-аз дили он
Рӯз хуршеду шабонгоҳ қамар мегузарад.

* * *

Кӣ мегӯяд, ки дар мо ғам набошад,
Агар ғам нест, шодӣ ҳам набошад.
Само гаҳ хандаду гоҳест гирён,
Замин гаҳ хушку гаҳ бенам набошад.
Ба як ҷо базм бошад ғулғуландоз,
Дигар ҷо лек бе мотам набошад.
Яке бо лафзу маънӣ дил кунад об,
Дигар дар сӯҳбаташ одам набошад.
Яке гӯяд, ки як дам зиндагонист,
Дигар гӯяд, ки он як дам набошад.
Яке моли ҷаҳон дорад, валекин
Ба мислаш гушна дар олам набошад.
Маро ҳар ҷо шиносон бешуморанд,
Вале мисли қалам ҳамдам набошад.

* * *

Роҳ сӯи орзу торафт кӯтаҳ мешавад,
Нав ба нав иншо суруди дил раҳорах мешавад.
Гул ба саҳро рақс дорад аз дами боди баҳор,
Бӯ накардам гул ҳанӯзу рӯз бегаҳ мешавад.
Осмони софро чашмам ба шаб дорад нигоҳ,
Аз баландӣ наҷми бахтам боз ҳамраҳ мешавад.
Меҳрварзӣ нест аз ман як сари мӯе ҷудо,
Сӯз аз ин гарчи ба ҷон ҳар гоҳу ногаҳ мешавад.
Шодиву ғам дар ҷаҳон ҳаргиз нагарданд оштӣ,
Ғам чӣ мехоҳад ба одам, шодӣ огаҳ мешавад.
Бе ту ман чун сифр бошам дар китоби зиндагӣ,
Лек пеш аз сифр бигзоштем як, даҳ мешавад.

* * *

Охир ба ману бар ту сари кор гирифтанд,
Мобайни раҳи мову ту девор гирифтанд.
То аз сари девор ба ҳам дида надӯзем,
Девори баландомада сархор гирифтанд.
Меҳри ба ду дил ҷошуда девор надорад,
Чун парда фақат пеши ду дилдор гирифтанд.
Чун нуқта ба як гӯша туву ман ба дигар ҷо,
Гирди ману ту ҳалқаи паргор гирифтанд.
Шабҳо ба хаёлам зи маҳу сол дарозанд,
То хоби хуш аз дидаи бедор гирифтанд.
Моем ба ғам домани иқбол гирифта,
Онон ба тараб пешаи парвор гирифтанд.

* * *

Дилбар куҷо, ки кори ман танҳо намешавад,
Як чашма ҷӯш дораду дарё намешавад.
Аз лутфи ёр ҷилваи илҳом пурҷилост,
Бе навбаҳор лолае пайдо намешавад.
Номи вай аз забони ман асло нарафт, лек
Коме ширин ба гап-гапи ҳалво намешавад.
Гуфтам, ки дил барам зи худ савғо ба дилбарам,
Гуфтанд дил ба номи ӯ савғо намешавад.
Дил дар ҳавои дидани дидор метапад,
Ду дил, ҳазор мекунам, якҷо намешавад.
Дорои ишқ дар бари иқболу давлат аст,
Нодори ишқ бахтро доро намешавад.

* * *

Турнае аз села монад дур, сарсон мешавад,
Села аз дурии он дар доду афғон мешавад.
Ногаҳон ояд фалокат бар сари бечорае,
Бандаро дил ҳамчу кӯдак зуд гирён мешавад.
Пеши доноён шавад нодон каси доно яқин,
Пеши нодон лек доноест нодон мешавад.

Рӯзи Наврӯз асту чун дар соли нав тӯе кунем,
Ғофилем, аз умри мо як сол поён мешавад.
Пирамарде монад аз рафтор гар имсол боз,
Тифлаке ҷояш ба ҷое роҳгардон мешавад.
Рӯзгори молдоре дидаму дил танг шуд,
Рӯзгори ман бубинад ҳар кӣ, шодон мешавад.
Нест созад зиндагӣ гарду ғубори наҳсро,
Аз қафои хокбориш боз борон мешавад.

* * *

Фидои он диле, к-аз дард сӯзу сохтан дорад,
Талоши дарди дилҳои дигар бишнохтан дорад.
Чу боло меравӣ, аз пастиҳо ғофил машав ҳаргиз,
Ба пастиҳо уқоб аз қулла чашм андохтан дорад.
Набояд лофи яктоӣ задан дар ҳеҷ ҷо охир,
Ки аз фарёди ноҷо кабк сар дар бохтан дорад.
Чу бошӣ дар давидан, ёд меовар фитоданҳо,
Биафтад он, ки пеши по надида тохтан дорад.
Ба сози қалби мо гоҳе зананд аз беғамӣ писханд,
Муғаннӣ донад он сӯзе, ки худ бинвохтан дорад.
Макун уммеди сабзидан, туро гар дастгире нест,
Ниҳол аз боғбон дар боғ сар афрохтан дорад.

* * *

Ҳар чӣ дар дил доштам, дар дафтарам тасвир шуд,
Ростам дар чашми бадбин бадтар аз тазвир шуд.
Дар тааҷҷуб мешавам аз қисматам гоҳе, зи бас
Дастгири ҳар касе будам, гиребонгир шуд.
Аз хурӯҷи меҳр агар бикшода мондам уқдае,
Уқдаи бикшодаам бар дасти ман занҷир шуд.
Ёфтам ҳар гоҳ раҳ дар сӯҳбати соҳибдилон,
Фитнаҷӯе аз паям дар фитна бетаъхир шуд.
Пеш аз ҳар шодии худ як ҷаҳон ғам мехӯрам,
Ғам ба тифли шодиҳоям моми ботадбир шуд.

Кач нишинам ҳам, нагирам бар забон ҷуз ҳарфи рост,
Аз камон аз рост рафтанҳо нишонрас тир шуд.
Кофур андар мӯи ман бунёди манзил мениҳад,
Ин надорад маънии оне, ки шоир пир шуд.

* * *

Ғалатдон мастии моро зи нашъи бода медонад,
Ҷунуни мо, касе бошад муҳаббатзода, медонад.
Ба ёду хотири кӣ то саҳар шабзиндадор астем,
Қалам медонад инро, дафтари бикшода медонад.
Чӣ донад талхию ширинии фарзанд бефарзанд,
Ғаму хурсандии дилро фақат дилдода медонад.
Табиб он гаҳ, ки бар дарди ту дармоне набахшояд,
Ба корафтода дардат гӯй, корафтода медонад.
Агар доно надонад нуктае, донанд нодонон,
Чӣ гӯяд воиз, онро аҳли хапистода медонад.
Маро аз сӯҳбати тифлон набошад дидаи серӣ,
Зи ҳарфи рост дил худро хушу озода медонад.

* * *

Рӯзи борон лой оби софи ҷӯборон шавад,
Шишаи дилро ғубор аз мардумозорон шавад.
Дар сахо аз Ҳотами афсонавӣ кам нестам,
Ҳар чӣ дорам дар бисотам, садқаи ёрон шавад.
Сӯхтанҳо боиси ту сахт гирёнам кунанд,
Гарм тобистон биёяд, сол пурборон шавад.
Ҳар барори нав ба мо дар гирудори кори хайр,
Сӯз то бар устухону марги бадкорон шавад.
Бо ҳама нодориям дорад зи ту умри дароз,
Кутаҳ аз дарду ғами зар умри зардорон шавад.
Худнамоӣ дар нигоҳу фаҳми мардум хуб нест,
Шер, мегӯянд, ҷо дар байни найзорон шавад.

* * *

Даври эҷод аст, бошад ҳар кӣ дар эҷод банд,
Ҳар кӣ аз рӯи ҳунар қамчӣ занад аспи даванд.
Ҳеҷ кас навмед нест аз кору ҷонкоҳии худ,
Сатри мо ҳам шояд ояд бар харидоре писанд.
Чун ҳунарвар даст гирӣ нотавонеро, накӯст,
Чӯл гардад гулситон аз рӯди кӯҳҳои баланд,
Ҳамсухан бо фозилу ҷоҳил шудан як мактаб аст,
Гуфтааст омӯхтам Афлотун аз ин ҳар ду панд.
Ҳар чӣ ояд бар сарат, аз кардаи худ оядат,
Ҷав зи ҷав дар киштаҳо гандум зи гандум бидраванд.
Чорае ҷуз танқид охир нест бар нуқсони кор,
Нест бинмояд зи тан саглесро дуди сипанд.

* * *

Сарашро бар сари сангон зада рӯде мағал дорад,
Ки роҳи зиндагӣ ҳамвор нею кӯҳу тал дорад.
Яке бо андаке кӯшиш миёни айшу ишратҳост,
Яке мӯҳтоҷ монад, гарчи рӯзу шаб ҷадал дорад.
Шавад гоҳе ки марде мемурад бо ҳасрати бисёр,
Гаҳе марде ба вақти мурданаш дар лаб ғазал дорад.
Гаҳе бинӣ, ки пӯшонад саропо нешҳо як нӯш,
Ба ору меҳр варзанд аз барое ки асал дорад.
Мадон аз фил камтар пашша бошад хасмат ар, гӯянд,
Вабои мурғҳост аз фитна, ки рӯбоҳи шал дорад.
Чу анҷоми накӯе бинӣ, оғозаш ба ёд овар,
Бинои хона подевор аз сангу шағал дорад.
Шитоб ар пеша созӣ, хомкорӣ мешавад ғолиб,
Чу себи пухта хоҳӣ, сабр кун, ки он маҳал дорад.

* * *

Ҳарфи нахуст моро бар ту салом бошад,
Дастам ба рӯи сина аз эҳтиром бошад.
Дил суфра нест, к-онро пеши ту баркушоям,
Бингар, ки бӯи сӯзаш дар ҳар калом бошад.

Аз рез-рези борон хушбӯй мешавад хок,
Ором ҷони банда бо як паём бошад.
Аз меҳр ҳар гиёҳе бар дида гул намояд,
Гулбоғи орзуҳо хандон мудом бошад.
Ҳар чиз ёбад оғоз, анҷом низ дорад,
Умри садоқати мо андар давом бошад.
Дар ҷӯи тозакарда ҷорист об рақсон,
Моро ривоҷи пеша аз интизом бошад.
Аз панди рӯзгорон пухта шавем охир,
Тумч аст дар забонҳо себе, ки хом бошад.

* * *

Бо умеди нек моро зодаанд,
Чашмамон бар равшанӣ бикшодаанд.
То ба дилҳо меҳру шафқат парварем,
Шири гарми мом бар мо додаанд.
То наафтад чашми бад бар рӯи мо,
Мӯҳраи чашмӣ ба мо бинҳодаанд.
Додаанд онҳо, ки моро зиндагӣ,
Пеши рӯ чун зиндагӣ истодаанд.
Рафтаанд онҳо, ки бахт овардаанд,
Мондаанд онҳо, ки шод афтодаанд.
Мераванд онҳо, ки давре дидаанд,
Ёдгоре монда, ё нанҳодаанд.
Зиндагӣ охир надорад, чунки боз
Дигарон бар омадан омодаанд.

* * *

Бар мо касе дар адл баробар намешавад,
Истора офтоби мунаввар намешавад.
Ҳар кӣ ба халқ такя кунад, босаодат аст,
Бе реша нахл ҳеҷ самарвар намешавад.
Мапсанд лофу ваъдаи зархоҳи фитнагар,
Рӯбаҳ ба макри хеш ғазанфар намешавад.

Хушкад ҳаме ба нимаи раҳ чашмаи пареш,
Шеъри шикаста қобили дафтар намешавад.
Ёди ту дар хаёли мо чун мӯҳри зиндагист,
Моро ҷуз ин ҳикояте азбар намешавад.
Гардад ба сад намуд агар дунёи дилфиреб,
Аҳде, ки бастаем мо, дигар намешавад.

* * *

Баҳор омад, гули хандон баромад,
Раёҳин бо қади ларзон баромад.
Зи Машриқ то ба Мағриб баъди борон
Камони Рустами Дастон баромад.
Табиат тоза шуд чун рӯи ёрон,
Чу ҳавре дуди дил кайҳон баромад.
Насим аз боғу саҳро мужда овард,
Ки базми булбули хушхон баромад.
Дилам аз сина бар тарфи чаманҳо
Шитобону ғазалгӯён баромад.
Зи пеши роҳ дид он марди деҳқон,
Миёнро бастаю майдон баромад.
Ки аз гуфтору рафтору зи кораш
Ту гӯӣ дар заминҳо нон баромад.
Барои зиндаҳо омад баҳорон,
Баҳор андар баҳористон баромад.

* * *

Бе васли ту гуфтам, ки ҷигар тар нашавад,
Дарди дили ошуфта сабуктар нашавад.
Пайдо шудию мушаввашам сохтӣ боз,
Кафтар бари дона бе паропар нашавад.
Аз шӯхии ман, ки шарм медорӣ, аз он
Сад ҳусн ба ҳусни ту баробар нашавад.
Рухсори туро чӣ хонам? Аз баҳри қиёс,
Садбарги тарею саби аҳмар нашавад.

Ҳосил нашавад бе ту муродам ба ҷаҳон,
Бе шаҳди гул ору асаловар нашавад.
Бар дил набувад то нияти хайрталаб,
Хушбахтӣ ба осонӣ муяссар нашавад.

* * *

Ҷӯз кӯи ту дил кӯи дигар банд набошад,
Бе ёди ту як сония хурсанд набошад.
Рӯзе, ки гузашт аз сари мо, боз наояд,
Гул рехт агар, чораи пайванд набошад.
Фурсат ба шитоб асту равад умри ками мо,
Бар рӯди равон монеаву банд набошад.
Як лаҳза ба ҳам гаштани мо ҳаст баҳоре,
Бе хандаи гул боғ шакарханд набошад.
Сӯзе, ки ба дил аз ғами ту хона гирифтаст,
Бар сӯзи дигар ҳамдаму монанд набошад.
Гуфтӣ, ки баҳор ояду бар кӯи ту оям,
Ширинтар аз ин ваъдаи ту қанд набошад.

* * *

Ғазал гӯям, ки бар дил сина во мисли фазо гардад,
Қафас гар танг бошад, булбул аз тангӣ фано гардад.
Кунад нозу карашма гул саҳар аз бӯсаи шабнам,
Ҷавонӣ оядам, гар н-ошноям ошно гардад.
Сабо аз ҳоли кӯҳу дашт мегирад хабар ҳар дам,
Чӣ нокомист, агар дилбар зи дилдораш ҷудо гардад.
Гули дар соя монда партави хуршед мехоҳад,
Агар бошад нигоҳе гарм, дарди дил даво гардад.
Дило, хун мешавӣ гаҳ дар паяш аз номуродиҳо,
Чуноне, хун саропо баҳри нохунаш ҳино гардад.
Забони ишқ бикшоям ба пеши ёр ё ағёр,
Аз аввал то ба охир номи некаш мубтадо гардад.
Ба ҷои дур бошад корвони орзу роҳӣ,
Муҳаббат корвонсолор аз рӯи вафо гардад.

* * *

Аз табассум чеҳраи гарми ту ширинтар шавад,
Осмон зебост, вақте софу пурахтар шавад.
Ноз кун, ҳар нози ту сад бор бардорам ба ҷон,
Кӯҳ аз тамкин сарафрозею хушманзар шавад.
Шубҳа бар меҳрам кунӣ аз хоксориям гаҳе,
Ҷони ман, медон, ки оташ зери хокистар шавад.
Заррае аз лутфи ту бахшад ба ман болу паре,
Аз табобат роҳрав бемор аз бистар шавад.
Бар дили озурда лафзи хуш ҳаловат медиҳад,
Тифл дар гаҳвора хоб аз аллаи модар шавад.
Ноумедӣ кӯи сахт асту машав ту ноумед,
Вақташ ояд, донаи дар хок боровар шавад.
Он чӣ гуфтем, он чӣ кардем, он чӣ аз мо даргузашт,
Ӯ сабақомӯзи мо дар ҳар қадам аз сар шавад.

* * *

Гӯшҳоям аз ғиреви базми дил вазнин шуданд,
Чашмҳо бехоб монда аҳмару камбин шуданд.
Аз ҳама донанд беҳтар ҳоли ман ҳамсояҳо,
Дар ғаму дар шодиям бас ҳамдами дерин шуданд.
Дидам онҳое, ки гаштанд аз ғами ман шодмон,
Фурсате нагзашта талху то абад ғамгин шуданд.
Хайрхоҳон аз ҳисоби хайр умре ёфтанд,
Дар ҷаҳон бадкардагон бар умри худ зомин шуданд.
Гар шавад бодоми талхак ширин аз оби хунук,
Бӯсаҳо аз лаб, лабон аз бӯсаҳо ширин шуданд.
Баддилон дар зиндагӣ аз чашм нобуданду дур,
Бедилон дар ҳар қадам машҳуру фатҳоин шуданд.
Аз шитоби умр ҳайронам, надонам кай, чӣ сон
Бачаҳо соҳибписар, духтарчаҳо келин шуданд.

* * *

Он зулфи шабомез парешон шуда бошад,
Маҳтоби рух аз парда намоён шуда бошад.
Хушбахтии дил дар ҳама офоқ нағунҷад,
Гар ҷониби мо ёр хиромон шуда бошад.
То сер бубинем варо, лаҳзае сад бор
Ҷон дар сари ин масъала қурбон шуда бошад.
Паҳлӯи ман аз ёр баҳорею биҳиштест,
Бар давлати дил оламе ҳайрон шуда бошад.
Борон ки шавад, хок дами тоза бигирад,
З-ӯ бар тани мо ҷомаи армон шуда бошад.
Мастона занад дар бари гул чаҳ-чаҳа булбул,
Донӣ, ки Ашӯр аз чӣ ғазалхон шуда бошад.

* * *

Ошиқон дар ҷустуҷӯи маъшуқон овораанд,
Аз муҳаббат дурҳо дар чашмашон бекораанд.
Дилбарон гарчи наянд он қадр ҳам соҳибҷамол,
Дар нигоҳи бедилон хушрӯтар аз истораанд,
Ошиқӣ бошад гунаҳ гар, дил накардаст ин гунаҳ,
Айби чашмон, ки ба хубон бандаи наззораанд.
Он, ки дорад дӯст, медоранд аз ҳад дӯсташ,
Дӯстдорон дӯстдори мардуми сайёраанд.
Одамӣ дил дораду дорад дили он меҳри гарм,
Дидаам дилҳо, ки дил не, балки санги хораанд.
Чораи дарди касон дарёфтан мумкин, вале
«Чорасозон дар илоҷи кори худ бечораанд».
Ошиқӣ бахт асту сахт аст он қадарҳо, ки аз он
Гоҳ дилҳо ҷамъу гоҳе тарбузи садпораанд.

* * *

Соате нест, ки номи ту ба хотир нашавад,
Ба назар қомати раънои ту ҳозир нашавад.
Ҳама ҷо дидаму гуфтам ҳама гапҳою вале
Ҳаваси рӯи туву васфи ту охир нашавад.

Сухане зам кунад аз меҳру вафо шоири мо,
Барзгар нест агар, донае вофир нашавад.
Шеъри шоир бисарояд ҳама дам ҳофизу лек
Дил ба ӯ бастаю майли ту ба шоир нашавад.
Аз куҷо лаззати сӯзу ҳаваси васл барад,
Он, ки дар мамлакати ишқ мусофир нашавад.
Кофир он кас, ки ба даргоҳи муҳаббат нашудӣ,
Каси дилбурдаю ошиқшуда кофир нашавад.
Зи худат машварате, маслиҳате, марҳамате,
Ору дар сӯҳбати гул омада собир нашавад.

* * *

Ёри мо ҷилвакунон аз бари мо мегузарад,
Дили мо чок зада теғнамо мегузарад.
Ҳар чӣ фонист, дар аъмоли вафо фонӣ бувад,
Лек ҳайфо, чу фано гоҳ вафо мегузарад.
Гул ба ҷоест, равад бӯи хушаш кӯи ба кӯ,
Аз бараш баски бадав боди сабо мегузарад.
Ту худат хоҳию шахсе написандӣ, чӣ аҷаб,
Ҳама чун гармию сардии ҳаво мегузарад.
Ҳар чӣ ояд, гузарад, кори накӯ монад абад,
Неку бад аз назари ақли расо мегузарад.
Кам бувад вақт, шитоб аст ба мо сӯи мурод,
З-ин сабаб гоҳ зи мо низ хато мегузарад.

* * *

Шеър аз табъи равон дар сеҳр дилбар мешавад,
Нақшро ороиш аз эъҷози чевар мешавад.
Рашк бурдан бар накӯрӯзон нишони н-одамист,
Бахт ёбад ҳар касеро ақл раҳбар мешавад.
Дил ба дил раҳ ҷӯяд аз рӯи муҳаббат, гӯиё
Номабар бар ошиқони дур кафтар мешавад.
Ёр бераҳмӣ кунад, сангин шавад болишти пар,

Лутф созад гар, мулоим санг аз пар мешавад.
Кӯҳ ояд мардро бар сар, намебояд гирист,
Лек гиряд мард, чун дар гиря модар мешавад.
Некхоҳон ҳар куҷо бошанд, бо ҳам тавъаманд,
Моҳ, мегӯянд, бар хуршед хоҳар мешавад.
Ақлҳоро нур афзоянд равшанройҳо,
Хонаи торик бо шамъе мунаввар мешавад.

* * *

Нописандие намуда ёр моро бигзарад,
Дар гумонам бо ҳамин якбора дунё бигзарад.
Дар лаби рӯде нишастам, об дидам дар шитоб,
Гуфтам айёми шубоб айнан чу дарё бигзарад.
Гар хирадманд аз дигарҳо ҷо нашуд боло, чӣ таън?
Таън бошад, к-аблаҳе бо ноз боло бигзарад.
Дилбари моро, ки бар машшота кор афтодааст,
Рашкам ояд, шона чун аз мӯи зебо бигзарад.
Сӯҳбати мову ту бошад лаззати умри равон,
Ҳар чӣ дар дил ҳаст, баргӯ, сӯҳбати мо бигзарад.
Навбаҳор ояд, ба истиқболи он тозон шавем,
Ёди сайраш монаду сайру тамошо бигзарад.
Раҳкушоён машъали роҳи калон гардидаанд,
Некбахт аст он касе, к-аз роҳи дилҳо бигзарад.

* * *

Касе, ки ғам надорад, дил надорад,
Ғаме бенанг, ё ҷоҳил надорад.
Ғаматро пеши ғамнодида макшо,
Ки тир акси садо дар дил надорад.
Ба дарёи муҳаббат ғарқаму дил
Чу моҳӣ рағбати соҳил надорад.
Дилам шуд бо дили ғамдор восил,
Чунон ки ҷо миёншон қил надорад.

Тамаъҷӯён ба худ бозор доранд,
Тамаъ аз моли кас оқил надорад.
Чу пӯчӣ, нест аз болоравӣ суд,
Буранд он навда, ки ҳосил надорад.
Касе гардад писанди халқ доим,
Ба ҷуз дилҳо дигар манзил надорад.

* * *

Ҳарф дар мадҳи ту нотиқ чун зи минбар мезанад,
Дил чу мурғе аз фараҳ дар сина пар-пар мезанад.
Сабрро аз даст дода, хезаму ҷӯям туро,
Шир агар ояд ба ҷӯш, аз дегҳо сар мезанад.
Холҳо дар сурхии рухсораҳо бичкондаӣ,
Кулчаи хушрӯйиро кадбону муғпар мезанад.
Ҳар кӣ рӯят бингарад, бо ҷон харидорат шуда,
Дар сари савдои ту якбора лангар мезанад.
Хостгорони ту бисёранд, аз ҷӯши ҷидол
Тарс дорам, ки бародар бо бародар мезанад.
Шамс озодона оламро ҳарорат медиҳад,
Ишқи мо дар хок зӯру зориву зар мезанад!

* * *

Каси бедард дарди олами моро чӣ медонад,
Ҳубоб аз рӯравиҳо таҳти дарёро чӣ медонад.
Шавад оне ба як шаб ҳамдаму ҳамрози маҳрӯе,
Азоби ошиқии Қайсу Лайлоро чӣ медонад.
Суханронии мо гоҳо ба баъзеҳо намефорад,
Заған гуфтори булбулҳои шайдоро чӣ медонад.
Фақат парвона месӯзад пари худро ба шамъ охир,
Магас маънию қадри сӯхтанҳоро чӣ медонад.
Забони шӯъла мепечад, ки болотар занад мавҷе,
Ба ғайр аз чоҳ хокистар дигар ҷоро чӣ медонад.
Диле дорам, ки бар рӯи дилогоҳон бувад хандон,
Чунин дил бо дилозорон мадороро чӣ медонад?!

* * *

– Чӣ мешуд, ишқ агар пайдо намешуд?
– Ҳаёти одамӣ зебо намешуд.
– Чӣ мешуд, гар набуд озодии ишқ?
– Ду дил якҷову яково намешуд.
– Чӣ мешуд, гар намешуд орзӯе?
– Ба дарё моҳии тилло намешуд.
– Чӣ мешуд, гар намешуд бахтовар?
– Касе хушбахт мисли мо намешуд.
– Чӣ мешуд, гар набудӣ иттифоқӣ?
– Ба разме дасти мо боло намешуд.
– Чӣ мешуд, гар намешуд тухми бадхоҳ?
– Ба олам ҳеҷ гаҳ ғавғо намешуд!

* * *

Дил зи шавқи васл гаҳ аз сина берун мешавад,
Мисли оҳубаррае бар дашту ҳомун мешавад.
Ҳар қадар дил дур монад, он қадар ғӯтад ба меҳр,
Аз баландӣ гармии хуршед афзун мешавад.
Гиря ҳам лозим бувад, вақте ки орад хандае.
Сад чаман хандад, агар дар гиря гардун мешавад.
Зардии барги хазон бошад нишони хоби боғ,
Гар ба хоб афтем мо, дунё пур аз хун мешавад.
Дар хаёлам чун бисанҷам талхии айёми ҷанг,
Ашки чашми модарам сад рӯди Ҷайҳун мешавад.
Гоҳ-гаҳ гӯем мо ҳарфи дурушт аз ростӣ,
Шишаро бас каҷ гузорӣ, зуд вожун мешавад.
Бо баде гардӣ – баде, бо некҳо некӯ шавӣ,
Марзро монӣ агар обе, дигаргун мешавад.

* * *

Пеши рӯям ёр бошад, дил мусаффо мешавад,
Рӯи шаб равшан мудом аз партави моҳ мешавад.
Завқам афзун гашта з-ӯ, дар сина туғён мекунад,
Чашма айёми баҳорон боз дарё мешавад.

Дар бари рухсораҳояш ман бубинам хешро,
Акси кас бар хеш дар оина пайдо мешавад.
Эътибори ӯст аз кацноравиҳояш баланд,
Сарви боғ аз ростӣ дар боғ боло мешавад.
Гар ту дил дорӣ, биё, дил бар диле пайванд соз,
Мева аз пайванд хуштаъмею зебо мешавад.
Ҷуфт будан баҳри танҳоён таманноест хуб,
Рӯдҳо резанд як ҷо, баҳр барпо мешавад.

* * *

Майл ҳар кӯе кунӣ, дунболи ту дил меравад,
Моҳидор аз шавқи моҳӣ сӯи соҳил меравад.
Аз фиғону шӯри баҳр асло натарсад нохудо,
Киштияш гарчи савори мавҷи ҳоил меравад.
Дар биёбони сафар пеш ояд ар сад ташнагӣ,
Корвон бар пас нагашта, то ба манзил меравад.
Фикри ботилро ба сар ҳиргиз маёвар, эй рафиқ,
Ҳар чӣ ботил бошад, он охир ба ботил меравад.
Мешавад гоҳо, ки оқил мехӯрад хуноби дил,
Айшу ишрат пушти ҳам бар коми ҷоҳил меравад.
Мешавад гоҳо, ки одам сар ба роҳе медиҳад,
Зинда аст он сар, ки аз сарбози одил меравад.
Бо муроде хуни дил кам мекунӣ доим Ашӯр,
Ҳайф бар он дил, ки аз ранҷи ту ғофил меравад!

* * *

Дар ҷиҳози дай шудаст аз кӯҳ то саҳро сафед,
Арчаҳои сабз ҳам гаштанд сар то по сафед.
То куҷое, ки расад чашми ту ҳангоми нигоҳ,
Дар гилеми барф мебинӣ тамоми ҷо сафед.
Чун пари қӯ нарм борад зарра-зарра барф боз,
Парниёне паҳн карда зери пои мо сафед.
Сайри кӯча карда шаб, равшан будидам ҳар тараф,
Барф бинмудаст балки чеҳраи шабҳо сафед.
Чун сиёҳие надидам ҳеҷ ҷо, гуфтам ба худ:
Мисли роҳи мо бувад акнун ҳама дунё сафед.

* * *

Чун дар паи нӯшем, бим аз неш набошад,
Хуш бошад, агар ёр бадандеш набошад.
Бар мо ту бидеҳ гӯш, ба ағёр маёмез,
Хоҳӣ, ки намак бар ҷигари реш набошад.
Дунёи хароб аз амали мо ки шуд обод,
Дар пайгаҳи таърих зи мо пеш набошад.
Мулкам, ки ҳама кони зафармандию бахт аст,
Бадбахт дар он несту дарвеш набошад.
Моро ҷигари шер бувад чун паи мақсад,
Ҷуз мо ба касе дӯст дигар беш набошад.

* * *

Ёди саҳарие, ки сафояш дигаре буд,
Маҳбубаи моро тарафи мо гузаре буд.
Хуршед баромад зи куҷо гӯй, ки ӯро
Аз дарди дили хаставу зорам хабаре буд.
Пурнур само буду замин сабзу гуҳархез,
Хору хаси раҳ дар назарам симу заре буд.
Дил гум зада, худро бинамудам зи фараҳ гум,
Мондан бари ӯ зинда зи шодӣ ҳунаре буд.
Оташ парад аз соидани дона ба гӯгирд,
Бар мулки дилам аз нигаҳи ӯ шараре буд.
Ҳарчанд зи ӯ дур фитодам, нахӯрам ғам,
Як рӯз худаш гӯяд Ашӯри Сафаре буд.

* * *

Моро зи ҷафои ту панаҳгоҳ набошад,
Худро ба куҷо реб кунам, роҳ набошад.
Як умр паят бо ғаму уммед равонам,
Дардо, ки дилат аз дилам огоҳ набошад.
Танҳоӣ ба кас дарди равонсӯзу гарон аст,
Бар банда ба ҷуз ёди ту ҳамроҳ набошад.

Гӯям, ки кашам «оҳ» дару хона бисӯзам,
Парвои касе бар ману ин оҳ набошад.
Сайёҳаму асрори само низ кушоям,
Дар олами ту роҳ ба сайёҳ набошад.
Бар ҳарфи ғаразгӯй мадеҳ гӯш ба зинҳор,
Ошиқ бувад он кас, ки ғаразхоҳ набошад.

* * *

Гули гулзори рухсораш тамошои дигар дорад,
Шароби машраби лабҳош обе аз шакар дорад.
Ба ҷуз номаш надорам ҳарфу ҷуз кӯяш тавофе ҳам,
«Писар дар роҳи ишқ афтад, чӣ парвои падар дорад».
Бисотам гоҳе аз ашку гаҳе аз сӯз мустағнист,
Куҷо нахле, ки бе обею бе гармӣ самар дорад.
Нашояд нописандӣ он киро дар ҳусн муфлис аст,
Ки рӯди лой ҳам дар зер як дунё гуҳар дорад.
Барой гар сари кӯҳе, мазан санге ту бар санге,
Чаро ки санг ҳам дар пайкару ботин шарар дорад.
Сафои зиндагии одаму оянда фарзанд аст,
Само зебой аз истораву шамсу қамар дорад.

* * *

Фурӯзонии щамъам менамояд ҳар дамам водор,
Ки бахшам бар дарозии шаби дай дидаи бедор.
Бароҳат хоб рафтанҳои фарзандони серамро
Намоям матлаи шеъри навам аз ҷони миннатдор.
Ба оташ мурдани парвона манро мекунад огаҳ,
Ки то ҳастист, бошам дар вафои дӯстон подор.
Набигзорам, ки бар оинаи дилҳо ғубор афтад,
Бувад бехавф сарҳад доим аз сарҳадчии ҳушёр.
Ғами ғамдорҳо сӯзонадам дар хобу бедорӣ,
Каси бемордор аз ғам бувад бисёртар бемор.
Таманно мекунам такрори рӯзи шодии мардум,
Намехоҳам вале гардад Хиросима дигар такрор.
Зи пушти шишаи тирезаам бӯи баҳор ояд,
Гиёҳи ғайрро бармеканам аз байни гандумзор.

* * *

Нагирам чашм аз дунёи модар,
Хаёлам банди ташвишҳои модар.
Ту гӯӣ ҳастӣ аз симоб дорад,
Ки бошад беқарор авзои модар.
Ба фарҳангам ба оби зар навиштам:
«Биҳишти тифлакон – маъвои модар».
Сафедиҳои роҳи мо ба олам
Бувад аз шири ҷонбахшои модар.
Сарам гар аз зафар то бар самояст,
Бигардад ҳам ба пеши пои модар.
Диламро мекушад дар сина ҳар дам
Камонгашта қади болои модар.
Ба одам одами дилсӯз кам нест,
Касе аммо нагирад ҷои модар.

* * *

Гуфтам зи лабат чошнӣ дорам ҳавас охир,
Гуфто набарам ман ҳаваси ҳеҷ кас охир.
Гуфтам зи барат нест тавоне, ки шавам дур,
Гуфто ба шакар банд шавад ҳар магас охир,
Гуфтам, ки асират шудаам, ҳол чӣ гардад?
Гуфто дигар аст олами мурғи қафас охир.
Гуфтам, ки бишав додрасам, ғам дили ман хӯрд,
Гуфто чӣ кунӣ орзуи додрас охир.
Гуфтам, ки биё, сайр равем он лаби дарё,
Гуфто, ки насибат накунад як нафас охир.
Гуфтам, ки чаро пас ту ба хобам бидароӣ?
Гуфто, ки марав хоб ба зинҳор пас охир...

* * *

Бар суроғат омадам, маъзур дор,
Кинаи деринаатро дур дор.
Кина хор асту муҳаббат оташе,
Хорро дар оташи пурзӯр дор.

Аз ҷудоӣ ҳеҷ кас обод нест,
Бош бо ман, хешро маъмур дор.
Мардикори даргаҳи меҳри туам,
Гӯш боре ҳарфи ин муздур дор.
Дар вафо ғӯтидаам чун бӯ ба гул,
Табъи худро аз вафо масрур дор.
Тори танбӯри муродамро макан,
То тавонӣ торҳояш ҷӯр дор.
Моҳи зери абр бошад рози дил,
Рози дил аз нокасон мастур дор.

* * *

Ғайри даргоҳи ту моро нест маъвои дигар,
Ҷуз ҷамоли ту нахоҳам ман тамошои дигар.
Дар талоши сӯҳбати гармат сарам кардам сафед,
Аз ту соҳиб ман нагардидам ба савғои дигар.
Рӯзҳо андар ҳисоби ту ҳама фардо шуданд,
Ваъдаи фардои ту монад ба фардои дигар.
Бахти ман дорад каҷиҳое, ки ҳайрон мешавӣ:
Хӯрда нонамро сагам, гаҳ меҷакад ҷои дигар.
Дидаам дар умри худ сармою гармо бешумор,
Боз ояд аз туам сармою гармои дигар.
Гаштаам аз сад раҳу аммо нагаштам з-ошиқӣ,
Ошиқӣ бар рӯзгорам дод маънои дигар.

* * *

Гулпараст астӣ агар, парво накун аз неши хор,
То бапо гулгашт созӣ, сӯхт бояд хорзор.
Бар чаман чун по гузорӣ, бин, ки аз гулҷӯиҳо
Булбули шӯрида рӯи хор нолад зор-зор.
Тоқати мардона бошад, ҳеҷ гаҳ дил нашканад,
Кай кунад парво зи боду барфу борон кӯҳсор.
Меҳри маъво доштан бахшад ба кас дасти ҳунар,
Достак дар шифти хона хона созад устувор.

Чун ду дил якто шавад, рӯ во кунад бахти сафед,
Ҳар куҷое қандил аст, он ҷост равшан шоми тор.
Гар ту қадри ёр хоҳӣ, лутф кун дар зиндагӣ,
Навда чун хушкад, варо дигар насабзонад баҳор.

* * *

Орзӯям то самою умри ман то пушти дар,
Балки аз ин ҳам бувад умри равон кӯтоҳтар.
Умр бошад он қадар ширин, ки садҳо орзу
Дар ширинӣ ҳеҷ бошад пеши онам дар назар.
Дидӣ аз умрат чиҳо гуфтам ба пири пирҳо?
Гуфт: «Дидам ман фақат чое, ки хӯрдам ин саҳар.
Зиндагӣ чун хонаи дудар бувад бар чашми ман,
К-аз яки он медаройӣ, аз дигар оӣ бадар.
Чӣ ҳунар дорӣ, варо санҷида гир, иншо намо,
Ормон монад ба дил гар, кас шавад хуни ҷигар.
Н-омадаст оне ба дунё, мебиёяд як замон,
Бигзарад оне зи олам, пас намеояд дигар.
Аз ғами кас шодмон, аз шодияш ғамгин шудан
Дур одамро намояд, дур аз байни башар».

* * *

Ман туро зери чанорам интизор,
Аз ҳавас бо чашми чорам интизор.
Донаам, дар ҳасрати сабзиданам,
Рӯзи гарми навбаҳорам интизор.
Гуфта будӣ шом пешат мешавам,
Шомро чун рӯзадорам интизор.
Кӯчаҳо ҳам пур шуданд аз шабчароғ,
Ман чароғи рӯзгорам интизор.
«Интизорӣ бадтар аз ҷон кандан аст»,
Ман ба ҷони беқарорам интизор.
Ноумедӣ сахттар бошад зи марг,
Кавкаби умедборам интизор.

* * *

Аз сабоҳи ид набвад субҳе дигар хубтар,
Бому дар гардад зи нури вай мунаввар хубтар.
Бар намоиш ёр ояд барбабар бо ёри хеш,
Аз гули дуқӯшаянд онҳо, ту бингар, хубтар.
Шодии фарзандҳо вақте ки афзун мешавад,
Равшанӣ меборад аз рухсори модар хубтар.
Аз таҳи мижгон назар дорад ба мо дилбар ба ноз,
Чашми оҳу ҳам наяст аз чашми дилбар хубтар.
Сафкашии мо нишон аз иттиҳоди ҷовид аст,
Менамояд ин ба чашм аз тори минбар хубтар.
Душмани сулҳу амонӣ фитна мебофад ба даҳр,
Хор печад ҳар қадар, сӯзад дар озар хубтар.
Ғам фано, шодӣ ба по бошад, ҳамекорад қалам
Донаи уммед дар саҳрои дафтар хубтар.

* * *

Касе дил дораду ғам, донад аҳволи мани шоир,
Каси бедил, каси беғам занад писханд дар ҳозир.
Гапи дунё нагардад кам, шавад балки ба ҳар дам зам,
Чу гап аз хизмати халқ аст, бар ман бошад он доир.
Зи бедардӣ гузар кардам, суханро тоҷи сар кардам,
Сухансанҷу суханҷӯро парастам чун дури нодир.
Зи гармои баҳорон гул дамад паҳлуи барфоба,
Шавад аз сеҳри лафзи хуб кас барнодилу қодир.
Нагӯям рӯзи худро ман шабу шабҳои худро рӯз,
Чӣ мехоҳад дили гармам, ба гуфтор орамаш зоҳир.
Гапи бисёр медонам, вале онро намегӯям,
«Сухан бисёр дону андаке гӯ», гуфтаанд охир.

* * *

Гоҳ меранҷонӣ дилро, шӯхи беғам, бе асос,
Садқаи чашме, ки бошад дилнавозу дилшинос.
Аз садоқат ҳар замоне байни мо гап меравад,
Сар занад бо ҷӯшҳо аз дил ҳамеша меҳри хос.

Кас шавад аз ҳамраҳи нокас ба ҳар маъво хиҷил,
Нони касро хӯрд одам, бояд онро дошт пос.
Турфа шогирде, ки ӯ бар қадри устодаш расад,
Хуб бошад, к-аз муриди нохалаф гардӣ халос.
Модарон меҳр аз ҷигар доранд бар фарзандҳо,
Ҳар куҷо бошад падар пушту паноҳи беқиёс.
Қадри аҳли меҳнат аз моли ҷаҳон болотар аст,
Байрақи мо оламоро гаштааст аз путку дос.

* * *

Бар ҷамолат як нигаҳ дорам ҳавас,
Ҷилваи чашми сиеҳ дорам ҳавас.
Роҳ душвор аст то кӯят шудан,
Рафтан аз душвор раҳ дорам ҳавас.
Қадр дорад гул, ки аз хораш канӣ,
Гулканӣ аз хоргаҳ дорам ҳавас.
Бе ту бе пушту паноҳам умрбод,
Як нафас пушту панаҳ дорам ҳавас.
Ман сипоҳи бахтҷӯи бесарам,
Мисли ту як сарсипаҳ дорам ҳавас.
Шайхсозе хонд ишқамро гуноҳ,
Гуфтамаш умре гунаҳ дорам ҳавас.
Аз ту ҷаври беш дидам пеш аз ин,
Лутф акнун гоҳ-гаҳ дорам ҳавас.

* * *

Ёри ҷон, дорам туро ҳар дам суроғ,
Булбул ояд доимо бар сӯи боғ.
Хуни дил гаштам, биё, ҳолам бубин,
Лола аз танҳоӣ дар саҳрост доғ.
Дил ба тори кокулат варзиш кунад,
Аз куҷое бӯят ояд бар димоғ.
Ташнаи наззораи рӯи туам,
Тифл дар шаб чашм дӯзад бар чароғ.

Бар сияҳдил гӯш нанмо ҳеҷ гоҳ,
Сахтӣ орад бар ту бо нуқлу аёғ.
Борҳо дидам, ки сармо мешавад,
Дар ҳаво қар-қар кунад вақте ки зоғ.

* * *

Ман онам, ки зи фармонат қадам берун намемонам,
Чӣ мехоҳӣ ту фармудан, бифармо, рӯ нагардонам.
Гузашт аз умр бисёраш паи ҳарфи муҳаббатхоҳ,
Муҳаббатро ба сад сӯзаш ба дил ғунҷонда битвонам.
Ба ҷорӯби зиёбораш бирӯбад чанги шаб хуршед,
Муҳаббатпеша то бошам, ғам аз дил дур меронам.
Ба гулзори саодатҳо навонав хорҳо руста,
Гули бехор чиданҳо намедонанд дастонам.
Вафодорӣ парастида, фитодам дар канор аз худ,
Аз ин сӯзам дучандон шуд, ба тоби хеш ҳайронам.
Ба худ овар маро аз нав, зи худ бегонагӣ хуш нест,
Ки дарде дорам аз дунё, намеёбанд дармонам.
Будидам зумрае аз кардаҳои хеш меболанд,
Ман аз ҳар кардаву нокардаҳои худ пушаймонам.
Ба ҳар ҷо пои рафтан дораму дастам бувад кӯтоҳ,
Аз ин кӯтоҳии дастам гаҳе чун тифл гирёнам.
Бимонам по зи ночорӣ гаҳе дар бар, гаҳе дар ҷар,
Миёни панҷаҳои зиндагӣ санги фалахмонам.
Чу сар бар хоб мемонам, ба паҳлу гаштанам мушкил,
Тавоноӣ намебинам дигар дар ҷисму дар ҷонам.
Ҷавониҳои ман бебозгашт аз ман куҷо рафтанд?
Яқин кун рафтаанд аз ман ҳама аз пушти армонам.

* * *

Хуш давлатест, бингар, як хона бачча дорам,
Дигар намемирам ман, бин умри пойдорам.
Бешанд агарчи аз даҳ, дар чашми ман камастанд,
Ҳар гаҳ ки оям аз кор, ин давлатам шуморам.

Дорад баҳори роҳӣ дар дашт худнамоӣ,
Ҷовид навбаҳоре ҷояст дар канорам.
Бемеҳр бошад он ки насле напарваридаст,
Аз меҳри баччагонам пурмеҳру ғамгусорам.
Бинам, ки кӯдакеро ҳар кӣ ба гиря орад,
Дар пеши дидагонам тифлони худ биёрам.
Аз ҳолу рӯзгорам пурсанд дӯстонам,
Сад шукр, аз ҳама кас некӯ ба рӯзгорам.
Аз бахти худ ҷудоям ҳаргиз наметавон кард,
Ман ҳам ҷудои бахтам ҳаргиз намегузорам.

* * *

Маст шабҳо то саҳар ман бе шароб афтодаам,
Дар хаёли чеҳраи олиҷаноб афтодаам.
Ҳоли ман хоҳӣ агар донӣ чу як шабзиндадор,
Зоҳиран гулрангу дар ботин кабоб афтодаам.
Сӯзиши парвона медонад, ки ман девона не,
Балки чун ошиқ ба банди изтироб афтодаам.
Об созад мисли сурбам оташи меҳру вафо,
Ҳарфу сатру шеър гашта дар китоб афтодаам.
Нестӣ аз ман дигар хушбахту доротар касе,
Гарчӣ дар чашми ту нодору хароб афтодаам.
То шавад рӯи гули дилдодаам пок аз ғубор,
Қатраи боронам, аз чашми саҳоб афтодаам.
Чашмае дидам ба коми ташнагон чак-чак чакад,
Мисли он ман дар паи кори савоб афтодаам.

* * *

Матарсонам, ки аз ҷабрат дигар асло наметарсам,
Саре дорам, ки аз шӯри сару савдо наметарсам.
Бибурдӣ дил ба як лутфу ба як нозу ба як бозӣ,
Дигар аз оташи шамшери сад яғмо наметарсам.
Хаёлат мегузорад гоҳ танҳоям ба саҳрое,
Ба саҳро шаб ҳама шабҳо мани танҳо наметарсам.

Бифармоӣ, ки аз дарё биёрам донаи гавҳар,
Шиновар ҳам набошам, аз тахи дарё наметарсам.
Зи ғарб истода хасм аз рашк дорад сӯи мо ғайбат,
Ба раҳ чун корвон аз ак-аки сагҳо наметарсам.

* * *

Кистам? Сад шукри бахтам, шоирам,
Шоирам, паҳлӯи халқам ҳозирам.
Ҳозирам дар шодию дарду ғамаш,
Ҳиммату нирӯи вайро зокирам.
Зокирам айёми нусратборро,
К-аз фурӯғаш некрӯзу қодирам.
Қодирам дар гирудори зиндагӣ,
Ҷояш ояд, пар кушоям, тоирам.
Тоирам, омода бар парвози дур,
Мурғи дар дунёнавардӣ нодирам.
Нодирам дар рози дил ифшокунӣ,
Дар азоби нуктаҷӯӣ моҳирам.
«Кори некӯ кардан аз пур кардан аст»,
Ранҷ ёр аст аз азал то охирам.

* * *

Гаҳе аз дард менолам, гаҳе базми тараб дорам,
Ҳисоби саъйи рӯзи рафтаи худро ба шаб дорам.
Ба кӯяш рафтаму афтодам андар нописандиҳо,
Чӣ рӯзиву чӣ иқболе, ки аъмоли аҷаб дорам.
Саҳоб аз қибла хезад, сахт тӯфон мешавад, гӯянд,
Ман охир тарс аз шӯридани он хушнасаб дорам.
Чу бинам бадсириште даъвии фазлу адаб дорад,
Хиҷолат аз чунин зоти ба ном «аҳли адаб» дорам.
Бар оне мезанад бар шаъни мо тири маломатҳо,
Зи рӯи нангу виҷдон нафрати сахту ғазаб дорам.
Гар афтад дӯст андар тӯҳмате, дил мекафад аз ғам,
Ҷазои ноҳақонро аз ҳақиқатҳо талаб дорам.

* * *

Бар сайри чаманҳо равам, аз хор натарсам,
Ёр аст маро ёр, зи ағёр натарсам.
Чун дар дили ман хона гирифтаст муҳаббат,
Бе аслиҳа аз душмани ғаддор натарсам.
Корат нагирад мор, чу кораш ту нагирӣ,
Аз морсифат тарсаму аз мор натарсам.
Бемораму дорам ҳаваси тансиҳатӣ ман,
Бо ин ҳавас аз ҳолати душвор натарсам.
Тарсам ман аз он, ки гузарад барабас ин умр,
Аз кӯтаҳии умри самарбор натарсам.
Метарсам, агар фарқ кунад карда зи гуфта,
Дар карда шавад гуфта чу такрор, натарсам.

* * *

Сухан дар гӯши ту вақте ки ман оҳиста мегӯям,
Макун ҷангам, ки ҳар як нуктаро дониста мегӯям.
Замоне риштаи меҳри ду дил пайваст бинмудем,
Ба сад афсӯс оҳи риштаи бигсиста мегӯям.
Ба ёди айшҳо рангам нигар, чун хоки испед аст,
Даруни дил ҳама талхии худ бигриста мегӯям.
Ба олам хубрӯи меҳрубон кам нест, мегӯянд,
Зи садҳо меҳрубонӣ ҷабри ту шоиста мегӯям.
Бигӯ ҳарфе, бубахшад бар дили мискин тасаллое,
Ки ширинаш ба ҷон аз туту мағзи писта мегӯям.
Таги беде, ки гапҳо пухта буданд, умр то боқист,
Суруде аз вафодорӣ туро поиста мегӯям.

* * *

Салоҳи зиндагониро ба ҷонам дӯст медорам,
Шабу рӯзи амониро ба ҷонам дӯст медорам.
Бароям навъи ёрон вақти охир бештар гаштанд,
Вафодорони ҷониро ба ҷонам дӯст медорам.
Бубинам дар қатори босадоқатҳо ҳамеоӣ,
Ба фарқат гулфишониро ба ҷонам дӯст медорам.

Сафедӣ бар сарам гаштаст аён, дигар ҷавонӣ нест,
Тамошои ҷавониро ба ҷонам дӯст медорам.
Надорам гӯши бишнидан ғазалгӯиву ғайбатро,
Ба мардум шеърхониро ба ҷонам дӯст медорам.
Бақое нест, агар бо корсозӣ шӯҳрате ёбӣ,
Ба заҳмат комрониро ба ҷонам дӯст медорам.

* * *

Ба ёди зулфи чангочангат акнун қоқу мечинам,
Ба ҷуз қоқу дигар чизе дар ин саҳро намебинам.
Миёни панҷаҳо барги тарашро мезанам шона,
Ба мӯят гӯӣ печида, ба ҳукмат дер биншинам.
Шавам ғарқи хаёлат, зери сар гар санг бигзорам,
Пари қӯ рафта-рафта мешавад ин санг – болинам.
Агар оҳиста хоб ояд, ба боди дашт мегӯям:
-Бирав аз ман, ту бедорам макун аз хоби ширинам.
Ба дунё хубию зебоӣ бисёр асту бисёр аст,
«Ҳама акси ҷамоли туст»! – гуфтан гашт оинам.
Талаб аз қисматам дорам, ки тоқу навдае бошем,
Намедонам вале, ҷонам, кӣ мегӯяд, кӣ оминам?!

* * *

Аз ҷамоли туст ҳайрон чашму дил, идрок ҳам,
Рафтааст овозаи ҳусни ту то афлок ҳам.
Пок бош, эй содарӯ, бо баддилон ҳаргиз машин,
Мешавад олудаи нопок гоҳо пок ҳам.
Дил ба роҳи орзӯ як умр бинмояд ҷадал,
То биёрад ҳосиле, бахшад сарашро ток ҳам.
Роҳ дар бодияи меҳру вафо дур асту сахт,
Дар сафар бояд шавӣ девафкану чолок ҳам.
Дур бояд кард садди роҳро бо зӯрӣ сидқ,
Оташи пурмавҷ сӯзад бешаи намнок ҳам.
Ҷон шавад осуда, вақте дил расад бар орзӯ,
Гул, ки бор овард, мирад хурраму бебок ҳам.

* * *

Дар ҳамин умре, ки ман паймудаам,
Норизоӣ аз касе нанмудаам.
Шиква бар ҷое накардам ҳеҷ гаҳ,
Ё биёсудам ва ё н-осудаам.
Нек гуфтам дигарон аз рӯи меҳр,
Лаб ба мадҳи хештан накшудаам.
Шод кардам гар яке дар сӯҳбате,
Аз фараҳ сар то ба кайҳон судаам.
Ҳар хатое кардаам, айби ман аст,
Дар хатои худ касе н-олудаам.
Пеши он кас, ки намедонад диле,
Бо хатое ночизу беҳудаам.
Гар ҷазое дидаам, манро сазост,
Гӯӣ худ бар худ ҷазо фармудаам.
Бехатоӣ аз хатое оядам,
Аз хатоӣ бехатое будаам.

* * *

Якҷояему ҷудо-ҷудо мегардем,
Дур аз бағали гарми вафо мегардем.
Ту бар лаби чашма меравӣ, ман лаби рӯд,
Нӯшида аз оби барфҳо мегардем.
Дар ханда шавӣ ту зери лаб бар мани зор,
Ман дар ҳақи ту карда дуо, мегардем.
Пурсидам аз оби чашмаю обаки рӯд,
Гӯед, ки мо ҷудо чаро мегардем?
Бар дидаву дил ҳамеша наздик оӣ,
Ҳарчанд канору н-ошно мегардем.

* * *

Дар сӯз фитода бесаранҷом шудам,
То дида ба рӯи гули бодом шудам.
Бо гӯшаи чашм як нигоҳам кардӣ,
Ҳамдарди манӣ ту гуфта, ором шудам.

Ҳарфе нашунидам аз ту бо бӯи умед,
Не пеши ту шоистаи дашном шудам.
Мурғе шудаму ба мазраи дона равон,
Нодонии ман бубин, ки дар дом шудам.
Гуфтам, ки ба дил бимонад ин роз ниҳон,
Овоза вале миёнаи ом шудам.
Он мева, ки хом аст, ба рӯзаш бипазад,
Ман пухта будам, хомтар аз хом шудам.
Ҳар гаҳ, ки туро пеши назар овардам,
Дар чақ-чақи маҳбубаи илҳом шудам.

* * *

Ҳай хуб, ки аз паи калом афтодам,
Дар ҳурмати пирони тамом афтодам.
Не хонаву дар гуфтаму не молу манол,
Пеш аз ҳама ман дар ин низом афтодам.
Гуфтанд: аввал ту бояд ошиқ бошӣ,
Гуфтам ба кӣ? Дар суроғи ном афтодам.
Дидам, ки худаш бар лаби бом омаду шишт,
Ман чашм шуда дар таги бом афтодам.
Абрӯи каҷаш қаламкашӣ ёдам дод,
То аз паи машқи бардавом афтодам.
Ҷое, ки набуд нуктадон, ғам дидам,
Гӯӣ ки даруни чоҳи шом афтодам.
Равшан шудам аз шамъи сухан дил, вақте
Дар сӯҳбати Қутбии Киром афтодам.

* * *

Сад дареғо, ки тавон гум кардаам,
Дар даме умри ҷавон гум кардаам.
Медавидам то сари кӯҳи баланд,
Он раҳу он нардбон гум кардаам.
Воаҷаб сайёди моҳир будаме!
Сайд не, тиру камон гум кардаам.

Дар даҳон азбаски дандонам намонд,
Лаззати кому даҳон гум кардаам.
Ларза дорад даст ё бар даст асо,
Сабру тоқатҳои ҷон гум кардаам.
Мекунам бар ту дуо: монӣ ҷавон,
Ман дуои дигарон гум кардаам.

* * *

Ту намедонӣ маро, ғам мехӯрам,
Аз ғаме беинтиҳо ғам мехӯрам.
Воизе аз минбар ояд бар сухан,
Нуктае гӯяд хато, ғам мехӯрам.
Бе сабаб ё бо сабаб гардад ҷудо
Ошно аз ошно, ғам мехӯрам.
Одамӣ аз хок ҳам серӣ надид,
Дида ин нафси бало, ғам мехӯрам.
Аз паи нафсаш ҳаво нопок сохт,
Боиси обу ҳаво ғам мехӯрам.
Ҳар гаҳе Одина мехонад «Фалак»,
Ман зи умри бебақо ғам мехӯрам.
Арманистон чаппа шуд, мурдам ту гӯй,
Аз чунин рӯзи фано ғам мехӯрам.
Шодии кам дораму ғам бешумор,
То шавам аз ғам раҳо, ғам мехӯрам.

* * *

Аз Ватан гап мезанад ин дил мудом,
Оча гуфта тифл бикшояд калом.
Дӯст дар аспи тараб гардад савор,
Ҳар гаҳе аз дӯст мегирад паём.
Шарм одамро бубахшад ҳусни хос,
Пешгуфтори адаб бошад салом.
Пеши аҳли фазл хомӯшист хуб,
Корд безангор монад дар наём.

Аз муҳаббат нурполояст дил,
Бар муҳаббатзодагон бошам ғулом.
Меваи ширин чӣ дорӣ орзу,
То наояд офтоб андар қиём.

* * *

Дар дили худ ман фақат ишқу таманно дидаам,
Ошноӣ бо ҳама дилошноҳо дидаам.
Ту басо ҷо рафтаю ҷое надида гаштаӣ,
Ман нарафта ҳеҷ ҷою рӯи дунё дидаам.
Ту ҳамегӯӣ: намудам зинда чандин мурдаро,
Ман вале аз мурдагони рафта эҳё дидаам.
То худатро аз фалак боло бигирӣ аз ғурур,
Ман аз ин боломақомон хок боло дидаам.
Ту биҷӯӣ айби мардум, ман бигӯям айби худ,
Айби худ гуфтан зи ҳар гуфтор зебо дидаам.
Зиндагӣ дуру дарозу бешумар таззоди ӯст,
Байни ин таззодҳо чандин муаммо дидаам.

* * *

Озода ниҳол мепарастам,
Фархунда ҷамол мепарастам.
Дар пешам агар набошад, ӯро
Дар хобу хаёл мепарастам.
Аз тифл, ки хонаам бувад пур,
Фарзанду аёл мепарастам.
Ҷонкоҳӣ марост пешаи умр,
Чун нони ҳалол мепарастам.
Гоҳе, ки ҳазор дард дорам,
Беҳбудии ҳол мепарастам.
Алқисса, давои дардҳоро
Бе ҷангу ҷидол мепарастам.
Аз кунҷи ҷаҳон чу фитна хезад,
Ман Рустами Зол мепарастам.

* * *

Ишқ шуд омӯзгору зиндагӣ шуд мактабам,
Пеши ин устоду ин мактаб равад рӯзу шабам.
Ончунон мушкил ҳамеояд сабақ гоҳе маро,
Дар ҷавобаш аз дилам ҳарфе наояд дар лабам.
Рӯзгоре шуд, ки шогирдам дар ин мактаб ҳанӯз,
Гоҳ бар матлаб расам ман, гоҳ дур аз матлабам.
Соғари бахтам гаҳе лабрез мебинам, вале
Қатрае гоҳо аз ин май нест андар машрабам.
Гоҳ дилхунам ману гаҳ сарбаланд аз ҳоли хеш,
Гӯй сайқал медиҳад ҷонро ҳамин тобу табам.
Ман ғами айёмро бо шири модар хӯрдаам,
Пас чаро дар сурати модар набинам мазҳабам.

* * *

Суханҷӯёни ботадбир моем,
Мусофир дар ҷаҳони шеър моем.
Талаб ҷуз байти ҷонбахше надорем.
Зи неъматҳои дунё сер моем.
Ба рағми ҷанг ҳастему варо боз
Ба ҳукми зиндагӣ раҳгир моем.
Адуро фитнаву ғавғост пеша,
Ба оташафкани тазвир моем.
Набошад гапфурӯшӣ одати мо,
Суханро сохта шамшер моем.
Силоҳи сулҳ дорем адлу дониш,
Разолат баста дар занҷир моем.
Ба номардон набошад ҷои шиква,
Дилу дасту тани тақдир моем.

* * *

Толеи авлодҳоро мо кафил афтодаем,
Дар вафо бар аҳд мардони асил афтодаем.
Зодгоҳи мо пур аз санг аст, дорад хоки кам,
Дар ҷаҳони ҳастӣ аз ин тарз гил афтодаем.

Шӯхиҳои рӯди кӯҳӣ ҳамрадифи табъи мост,
Рӯдсон дар роҳпӯӣ мустақил афтодаем.
Дар баҳорон сабза рӯи санг ҳам рӯ мезанад,
Сахтсар бошем ҳам, мо нармдил афтодаем.
Хайрҷӯёнро навозишгар ба дасти лутф мо,
Тунд бар ҳар фитнаангезу разил афтодаем.
Фарқ дорад одам аз одам ба хулқу кори хеш,
Дар нигоҳи зиндагонӣ мӯътадил афтодаем.

* * *

Ёр агар лутфе кунад, умре азонаш мешавам,
Меҳмонаш хонда, доим мизбонаш мешавам.
Чашм сар то по шуда, як бор не, сад борҳо
Дар тамошои рухи хуршедсонаш мешавам.
Аз сари боми адо бар ҳарф гар лаб во кунад,
Пар зада парвонаи шамъи забонаш мешавам.
Раҳмате бинмояду пурсад зи ман аҳволи ман,
Булбули шӯридае дар бӯстонаш мешавам.
Лутф рӯи лутф карда, гӯядам наздик шин,
Чун либоси ҳиндуӣ гирди миёнаш мешавам.
Ҳар куҷое меравад, аз вай нагардам ман ҷудо,
Ӯ шавад Зебуннисову[1] ман камонаш мешавам.

* * *

Кунун ҳам ҷумлаи асрори дунёро намедонем,
Агар донем инро, қуфли дилҳоро намедонем.
Шутурро ҷангию бар хорпушт аст ошкоро хор,
Ниҳон дар одам инҳо, ин муамморо намедонем.
Куҷое ганҷ бошад, мор дар паҳлӯи он хоб аст,
Чаро ин тавр бошад, асли савдоро намедонем.
Гаҳе ҷӯем онро, к-аз бисоташ нест пайдо суд,
Гаҳе дар пеши чашми хеш пайдоро намедонем.

---

[1] Камонвари моҳир.

Гаҳе тавсифи кӯҳе мекунем аз сарбаландияш,
Чу ғофил гаҳ бузургиҳои саҳроро намедонем.
Ҳама он чӣ, ки мегӯянд, мегӯему медонем,
Фақат бо он, ки ҷанг орад, муросоро намедонем.

* * *

Дилро напарто ними раҳ, оташ мазан бар хонаам,
К-оянд шодон пар зада чуғзон бари вайронаам.
Бегона бар ман нестӣ дар ҳеҷ ҷою ҳеҷ гоҳ,
Лекин ба чашмат ман ҳаме дар шаҳри худ бегонаам.
Шодам, ки андар сӯхтан мурғи самандар гаштаам,
Донӣ магар инро, ки ман ҳушёр ё девонаам?
Ҳар кас, ки ғам дорад, ба ӯ майхона, мегӯянд, ҷост,
Дар нашъаи ғамҳои ту безор аз майхонаам.
Паймонааш то пур нагашт, одам намирад, гуфтаанд,
Тарсам, ки бе ту пур шавад пеш аз аҷал паймонаам.
Хуршед гардад дар ҷаҳон ҳаргиз надорад сояе,
Ту безаволӣ мисли он дар ёду дар афсонаам.

* * *

Биё гӯяд, ҳамоно тарфи кӯяш болу пар гирам,
Намедонам давам бо по, давидан ё ба сар гирам.
Шавам дар як нафас пешаш ба монанди хаёли хеш,
Намоям дер агар, чун хас ба роҳ аз сӯз даргирам.
Махонед аз вафо холӣ маро дар ҷодаи ёрӣ,
Манам, ки аз вафодорӣ вафоҷӯ дар ҷигар гирам.
Дилогоҳон ба ҳар ҳоланд, арзу рози дил донанд,
Арӯси орзӯ аз давлати онҳо ба бар гирам.
Ба пириҳо ҳамегӯянд, бояд дур шуд аз ишқ,
Чӣ сир аст ин, ки ман бар ишқ дил наздиктар гирам.
Зиёрат мекунам ҳар ҷо мазори ишқварзонро,
Ба ҷон аз ёди неки рафтагон зӯри дигар гирам.

* * *

Аз нолиши покасал бигирям,
Бар ҳоли табоҳи шал бигирям.
Гул резад агар зи боди сармо,
Дар ёди маҳи ҳамал бигирям.
Дар рӯзи фироқ гиря ояд,
Бар мурдани бемаҳал бигирям.
Чун вақт равию барнагардӣ,
З-анҷоми чунин амал бигирям.
Аз чор тараф туро биҷӯям,
Чун абр ба кӯҳу тал бигирям.
Аз гиряи меҳрбор хандам,
Аз хандаи пурҳиял бигирям.

* * *

Бе ёди ту майлу ҳаваси кор надорам,
Ёди ту, ки бошад, ғами бисёр надорам.
То зинда манам, зору харидори ту бошам,
Лекин мани дилдода харидор надорам.
Аз кӯчаи мо рафтаву маъвот нагуфтӣ,
Пурсам зи кӣ маъвот, хабарёр надорам.
Мардум ба тамошои баҳоранду гулистон,
Бе ту нигаҳе ҷониби гулзор надорам.
Киштии хаёлам ба фалак рафту биёмад,
Ғайр аз гапи ту лек ман ахбор надорам.
Пурсанд маро гоҳ ба танҳоӣ кӣ бошам,
Танбӯри Шариф Ҷӯрааму тор надорам.

* * *

Кош, бинам лаҳзае дорӣ суроғи кӯи ман,
Гаштаам обу адо дар ин хаёл аз сӯхтан,
Бар чаман рафтам ба ҷои сайри соли рафта дӯш,
Нақши поят ёфтам, рустаст он ҷо ёсуман.

Ман ғарибиро намедонам, надидам ҳеҷ гаҳ,
Бе туам аммо ғарибе дар диёри хештан.
Ғофил, эй беғам, туӣ танҳо зи ишқи ман ҳанӯз,
Хуб медонанд ошиқ буданамро марду зан.
Сӯзи дил кардам ба ёди кулчаи рӯят суруд,
Зиндагии бад кунад умре гадоро хушсухан.

* * *

Хона дорам дар лаби роҳи калон,
Раҳгузарҳоро намоям меҳмон.
Мизбонӣ мекунам бо илтифот,
Пир бошад, ё ки бошад навҷавон.
Ҳарфи некӯи падар ояд ба ёд:
«Бар дигарҳо деҳ зи ранҷи хеш нон.
Бар талоши ҳаққи мардум рӯ манеҳ,
Бош дар ҳар ҷабҳа пок оинасон».
Аз падар ин аст як мероси ман,
Бахшам онро боз бар фарзанди ҷон.
Хуш китоби зиндагӣ бошад ба мо
Гуфтаҳою кардаҳои рафтагон.

* * *

Хотират ҷамъ асту шод аз чеҳраи хандони ман,
Воқиф аммо нестӣ аз синаи бирёни ман.
Доғҳои сӯзи ту карданд дил ҳар ҷо шикоф,
Нолаи най бишнавӣ, баргӯй, ӯст афғони ман.
Раҳмдил зоданд манро аз азал аз баҳри ёр,
Меҳрубоние наяст арчи аз ӯ бар ҷони ман.
Ҳарфи неки дӯстон хонам зи рӯи эътиқод,
Мефитад дурдонавор ашк аз сари миҷгони ман.
Ноз гоҳо мекунам бар ёр аз ҳукми равон,
Ҷуз қалам чизе дигар нест арчи дар фармони ман.
Гарчи ҳоло нописандам пеши чашмею диле,
Мехӯранд афсӯси ман ҳам як замон ёрони ман.

* * *

Дар бари кӯҳи баланд аст ошёну ҷои ман,
Субҳ з-ин ҷо медамад дар дидаи бинои ман.
Хандаҳои офтоб аз пеши ман сар мезанад,
Як ҷаҳон афсона дорад хилвати шабҳои ман.
Чашми биноро наёбад буми шабпаймо дигар,
Пар зада ояд агар бар сарҳади маъвои ман.
Кистам? – мепурсӣ аз ман гоҳ-гаҳ бо шубҳае,
Он манам, ки мурда буд аз гушнагӣ бобои ман.
Кӯр аз бахтам шавад дар ҳар нигаҳ чашми ҳасуд,
Шукри иқболам, ки додам даври беҳамтои ман.
Пок зию шод, эй дил, то даме ки зиндаӣ,
Роз гуфта бо забони хомаи гӯёи ман.

* * *

Рӯзе ки ёдам ояд, оҳ аз ҷигар кашам ман,
Дар олами хаёлам ӯро ба бар кашам ман.
Оям ба боғу бинам бодом гулфишон аст,
Акси ҷамолаш аз он пеши назар кашам ман.
Ҳулбӯи лаб-лаби ҷӯ мастам кунад ба бӯе,
Гӯӣ зи рӯи рӯяш гесӯи тар кашам ман.
Чун навниҳол бинам дар байни боғ бисёр,
Бо ёди файзи фардо сар то қамар кашам ман.
Донам, ки хона дорад дар ошёни боло,
Аз хеш чун кабӯтар он ҷой пар кашам ман.
Дарро ки мекушоям, савғотро пазирад –
Аз сина рӯи дастам дилро агар кашам ман.
Носеҳ, магӯ ту моро аз ишқ тавба кардан,
Сад бор ҳам бигӯӣ, сад бор сар кашам ман!

* * *

Ба ту банд аст ҳама ҳуши ману хотири ман,
Ба дигар ҷост вале чашми ту дар ҳозири ман.
Ҳусни гул канда шавад, гар нарасад гармию об,
Бупарад ранги ман аз он ки най нозири ман.
Қаламам рӯи варақ бесарусомонӣ кунад,
То шавӣ нозири ман бо сухани соҳири ман.
Бадар аз хонаи худ мор шавад бо гапи хуш,
Ту вале н-ой зи ҳарфи ба хушӣ нодири ман.
Ҳар кӣ рафт аз паи гул, панҷаи ӯ хор халид,
Чӣ ширин аст чунин захми ба тан вофири ман.
Варақ аз пушти варақ пур шавад аз шеъру ғазал,
Ақаллан, кош ту мегуфтӣ: «Бирав, шоири ман!»

* * *

Боғ ёбад хуррамӣ аз нашъаи оби равон,
Мушкбезиҳо кунад бо домани боди вазон.
Тирамоҳи солро файзу самар бахшад баҳор,
Гар бикӯшад аз камоли сидқу паймон деҳқон.
Одамӣ – деҳқон, ҷавонӣ – навбаҳор, умр аст сол,
Мон, ки бошад ин баҳору солу деҳқон дар амон.
Мевазад шаббодаю коҳе зи хирман мебарад,
Ҳайф, чун каҳ гар равад даври ҷавонӣ ройгон!
Нест мумкин обрӯ дарёфтан бо хирагӣ,
Ҳар куҷо бар иззаташ бояд нишинад меҳмон,
Ганда ҳам гоҳо намояд хубие дар зиндагӣ,
Май биёрад кинаҳои кинадорон бар забон.
Ҳар сухан ҷо дораду ҳар кор вақте, гуфтаанд,
Меҳрубониҳои ноҷо бадтар аст аз хасми ҷон.

* * *

Табибо, дарди дилро кун муайян,
Ки охир нест тоби роҳ рафтан.
Дигар дору мадеҳ, суде надорад,
Чӣ бошад қисматам, кӯтоҳ гап зан.
Наёмад пешат оё дилрабое,
Ки аз дил нолад ӯ монандаи ман?!
Касе будаст аз ман пеш пешат,
Ки аз бӯяш ду чашмам гашт равшан.
Ба ҷонам дард инъоми кӣ бошад,
Бигӯ аз дӯст бошад ё зи душман?
Шавад оё гирифтори чунин ғам
Касе, ки бар дилам андохт гулхан?
Ҳадаф гардад, ҳамегӯянд, бар тир
Ҳамон, ки гашт аввал тирафкан.

* * *

Нағз медонӣ худат, танҳо туӣ иқболи ман,
Бо ту гардад олами нокомиҳо помоли ман.
Аз даме чашмам кушодам, ман туро бишнохтам,
Гашт гӯё дар санои ту забони лоли ман.
Андар истиқболи ту истода қад афрохтам,
Кас надид аммо туро дар роҳи истиқболи ман.
Дар дилам як зарра меҳрат кам наю шуд бештар,
Гарчи аз панҷоҳ боло рафта бошад соли ман.
Мо хабар дорем аз неку бади дунё ҳама,
Ту намепурсӣ вале як бор аз аҳволи ман.
Акка хандидаст бар гуфтори булбул дар чаман,
Нотавонбинон ба ҳар ҷо наҳ зананд аъмоли ман.
Гар ба куштан мебарад манро муҳаббат, бок нест,
Бемуҳаббатҳо чӣ донанд оину афъоли ман.

* * *

Сабз бо меҳри ту гардад мазраи армони ман,
Хӯша мебандад, чу афтад ҳар куҷое дони ман.
Навбаҳор асту ба саҳро сабзаи тар медамад,
Донаи нокишта бошад боз дар домони ман.
Қитъаи хушкидае бинам агар дар гӯшае,
Сӯзи ҷонфарсои бенонӣ фитад бар ҷони ман.
Нестам ман орзуманди лаби нони касе,
Лек баҳри дӯстон густурда бошад хони ман.
Нафси саркашро мутеи хеш кардам умрбод,
Қаҳрамонии ман аст ин сабру ин сомони ман.
Ҳар касеам сода мехонад, бигӯям дар ҷавоб,
Содагӣ авлотар аст аз фитна дар имони ман.
Ҳеҷ парвое макун, бархезу бар кӯям биё,
Нури чашмони ман аст он, ки шавад меҳмони ман.

* * *

Шомро равшан кунад як хандаи армони ман,
Офтоб аввал дамад андар таги долони ман.
Мурғи бахтам ончунон фарёду шаҳпар мезанад,
Оҷиз ояд дар сифоташ хомаи ҳайрони ман.
Дар қафас дидам, ки марде булбуле мепарварад,
Дил даруни сина бошад булбули хушхони ман.
Кас намедонад маро, ҳоли маро, кори маро,
Ман худам донам чӣ сон аст ин сару сомони ман.
Метавон бастан ба банде пои гашторам ҳаме,
Ҳеҷ кас аммо набандад дасти пурэҳсони ман.
Хони ман пурнозу неъмат мешавад ҳар рӯз бин,
Шукри хона, шукри зан, сад шукри фарзандони ман.
Оби борон тоза бинмояд рухи гул дар чаман,
Аз барори дӯстон кам мешавад эҳзони ман.
Шиша ҳар хел аст, охир бишканад аз зарби санг,
Тир аммо нашканад оинаи паймони ман.

Шеъри аввалгуфтаам дар лавҳи дил айёми ҷанг,
Сабт шуд аз гиряҳои модари гирёни ман.
Қисмат акнун нест аз ман мисли оҳу дар гурез,
Зайли чокар бошад он як умр дар фармони ман.
Он, ки медонӣ маро, бигзор, ман донам туро,
То абад ман ҷони ту, ту низ бошӣ ҷони ман!

* * *

Бонги ҳастӣ дар ман асту нашнавӣ фарёди ман,
Ношуниданҳои ту сӯзад ҳама бунёди ман.
Қисматаш оне надонад, фолбин ҷӯё шавад,
Фоли тақдири маро гӯяд фақат эҷоди ман.
Беҳунар айби худашро бори устодаш кунад,
Чашми бехоб асту сӯзу заҳматам устоди ман.
Дил фурӯзон бошадам аз шавқи дидори ту хуб,
Чун чароғони қатори шаҳри навободи ман.
Гар бадие дидаам, ҳаргиз намеояд ба ёд,
Некиҳои дидаам доим расад бар ёди ман.
Ҳар касе пурсад зи ман имдод, имдодаш кунам,
То ба рӯзе кас натобад рӯй аз имдоди ман.

* * *

Пир гаштам ҳам, нарафт аз хотирам савдои ту,
Мешиносам ҳар куҷо ман балки нақши мои ту.
Қарз додам, ҳам бубахшидам ба мардум молу ҳол,
Кошки медоштам як лутф дар болои ту.
Асри мо дар охираш аз дил муҳаббатҳо бибурд,
Нест мебинам нишон аз меҳр дар авзои ту.
Шояд ин айби забон гум кардани мову ту аст,
Безабонӣ тира созад бахти ман, дунёи ту.
Аз барои ман дигар донам, ки фардое наяст,
Нест маълумам валекин қисмати фардои ту.

Борҳо кардам бино аз орзу кохе баланд,
Пеши рӯ оварда ман он қомати болои ту.
Вақти мурдан ҳар кӣ хоҳад ҷон супорад дар Ватан,
Дон, ки худро мекашам ман бар дару маъвои ту.

* * *

Аз хаёлам як нафас берун нагардад ёди ту,
Зиндаам ман бо хаёли рӯи ҳуснободи ту.
Пеши рӯ орам туро, байте ба дафтар мешавад,
Шеъри ман – ин шеъри ту, эҷоди ман эҷоди ту.
Аз сари кӯҳе кашам фарёд номат бар забон,
Ҳамсадоям кӯҳҳо гарданд дар фарёди ту.
Рӯд роҳашро ба зӯри хеш ёбад сӯи пеш,
Лек ман рафтан натонам пеш бе имдоди ту.
Дил ба ҳукмат додаам, ту донию ин дил дигар,
Бошад андар дилбарӣ бемисл истеъдоди ту.
Шодии кас ҳар кӣ хоҳад, шодӣояд бар сараш,
Ман ҳамонам, ки парастам рӯзгори шоди ту.

* * *

Шукр мегӯям, ки дидам Соли Нав,
Зинда мондам то ба ин иқболи нав.
Баркушодам аз сари сидқу вафо
Аз китоби Хоҷа Ҳофиз фоли нав.
Гашт маълумам, ки мегардад накӯ
Рӯзгори мардум аз аъмоли нав.
Чаппагардон мешавад тахти ҳиял,
Хоки он безанд бо ғирболи нав.
Гул кунад хуб арғувони ростӣ
Аз талошу бахт чун амсоли нав.
Мечаконад турки тоҷик аз ҳавас.
Дар бари рухсораи худ холи нав.
Сӯи самти дур парвозӣ шавад
Мурғи истеъдоди мо бо боли нав.

* * *

Паёпай нозу лутфи гоҳ-гоҳатро шавам садқа,
Ҳароратҳои рангини нигоҳатро шавам садқа.
Маро бо тири мичгону нигоҳат зинда медорӣ,
Хадангу тири ҷонбахшу сипоҳатро шавам садқа.
Ба рухсори сафедат хандаи гулҳои тар борад,
Баҳори сояи зулфи сиёҳатро шавам садқа.
Мисоли рӯз аз домони шаб ҳар дам бадар ой,
Дамиданҳои зебои сабоҳатро шавам садқа.
Сари раҳ, ки ту меой, нишаста роҳ мепоям,
Гиёҳу сабзаҳои сайргоҳатро шавам садқа.
Маро бе банд гоҳо сахт мебандӣ ба ҷое ту,
Каманди ноаёни бандахоҳатро шавам садқа.

* * *

Чашми ману назора,
Рӯи туву канора.
Пои ману пиёда,
Пои туву савора.
Ҳаҷри ту олами шаб,
Ашки ману ситора.
Қалби ман оташу сӯз,
Қалби ту санги хора.
Бахти ман – ин ту танҳо,
Бахти ту беканора.
Ҷамъ аст хотири ту,
Хаёли ман авора.
Ман дарди чораҷӯям,
Дар дасти туст чора.

* * *

Дилам озурда кардӣ, эй гули пурхор, якбора,
Вале дорӣ маро боз аз сари девор наззора.
Ба ҳолам қоҳ-қоҳ хандида байни роҳ партоӣ
Чу як бозичае дилро, ки бошад зору овора.
Ҳунар дар дӯхтан бар худ надорӣ гар ту, эй косиб,
Бирав аз мо, макун ҳаргиз матои мардумон пора.
Агар бошӣ табибе ту, ба дарде зуд дармон шав,
Шараф ёбӣ, чу мегардӣ ту бар бечорае чора.
Диле дарёб, – мегӯянд, – агар ту Каъба мехоҳӣ,
Биранҷонӣ агар як дил, бувад сад Каъба бекора.
Тани чоки биёбонро таноби об медӯзад,
Муҳаббат мекунад моро ҷароҳатдӯзи сайёра!

* * *

Боз дур аз дили ошуфта қарор уфтода,
Аз зимистон сафарам сӯи баҳор уфтода.
Бод аз бӯи хушат дашту даман пур мекард,
Аз ту бо бод маро гуфтугузор уфтода.
Ҳар қадар дурии ту хуб ба ман равшан шуд,
Он қадар бар ту маро майлу хумор уфтода.
Аз паси санг маро балки надодӣ овоз,
То бидонам сафарамро чӣ барор уфтода.
Абраке тори сарам гӯӣ ба ҳолам бигрист,
Аз намаш дур зи раҳ чангу ғубор уфтода.
Ба хаме дар назарам майсаи гандум меруст,
Ба хаме дар камаре лола қатор уфтода.
Аз ту лекин хабаре ҳеҷ нашуд дарёбам,
Орзу будаиву наҷмсавор уфтода.

* * *

Дил ба кӯяш боз саргардон шуда,
Бехабар бар даргаҳаш меҳмон шуда.
Сабза сар берун кунад аз зери барф
Офтоби гармро пазмон шуда.
Он, ки мепурсид шеъри ошиқӣ,
Дидамаш раҳбар ба як дӯкон шуда.
Гуфтамаш қимат чию арзон чӣ аст,
Аз ҳама гуфто, ки ишқ арзон шуда.
Бо матое дилбаре шуд роми ман,
Мунтазирам бин, ки дар долон шуда.
Он, ки дороят, варзад ишқ хуб,
Ишқ бар нодорҳо товон шуда.
Кас напурсад ҳоли ман, ки ошиқам,
Гӯӣ аз боло ягон фармон шуда.

* * *

Бар дили меҳрошноям армон дорам ҳаме,
Ормони бо ту будан ҷовидон дорам ҳаме.
Он тӯӣ маскан даруни синаи ман кардаӣ,
Ин манам пешат на ному на нишон дорам ҳаме.
То бидонӣ кистам дар бозиҳои рӯзгор,
Бозиҳо умре ба килки безабон дорам ҳаме.
Ёд карда рӯзҳои рафтаро монанди панд,
Дар сипоси рӯзи нав арзи баён дорам ҳаме.
Дар набарди ҳифзи нон садҳо касон ҷон додаанд,
Қадри ҳар як резаи нонро ба ҷон дорам ҳаме.
Мазраи уммеди ман азбаски беҳосил нояст,
Гирдгардон осиёбе рӯи дон дорам ҳаме.

* * *

Дар хумори рӯи пурнури ту гаштам волае,
Изтиробамро надорад баччаи қинғолае,
Дар хаёлам мисли бӯи гул ба гул печидаӣ,
Ғайри доғи ормон дигар надорам колае.
Авҷи фарёди маро гӯши ту боре нашнавад,
Гул куҷо донад, ки булбул аз чӣ дорад нолае.
Об гардонам диламро, бар сарат борон кунам,
То нагиряд абр, дар саҳро нахандад лолае.
Майдаю нозук буборам, то ту саршӯён кунӣ,
Барги гул резад, агар ки сахт борад жолае.
Гӯи бар ҷое расидаст умри ман дар чашми ту,
Лек ту бар чашми ман бошӣ чу ҳаждаҳсолае.
Ҳар кӣ мегӯӣ, бигӯям, лек дон, ки нестам
Дар сари дори садоқат ошиқи филҳолае.

* * *

Бигӯ боре ту ёди кӯҳна ёрон мекунӣ ё не?
Гузар бар кӯчаи чашминтизорон мекунӣ ё не?
Ба кӯҳе кӯҳ не, одам ба одам мерасад гӯянд,
Намоён чеҳраи чун лолазорон мекунӣ ё не?
Зи танҳоӣ хунуктар аз зимистон аст маъвоям,
Дарам во, кулбаам гарму баҳорон мекунӣ ё не?
Ҷаҳон аз некӣ обод аст, ободӣ агар хоҳӣ,
Ба умрат некие дар рӯзгорон мекунӣ ё не?
Ту мегӯӣ: ҳама гармою сармоянд дар ҳукмам,
Ба мулки дил, ки сӯзон аст, борон мекунӣ ё не?
Шунидам пои шабдези ғурурат суда гардидаст,
Назар акнун ба ҳоли хоксорон мекунӣ ё не?

* * *

Биё, биё, ки бе туам дигар намонд тоқате,
Марав, марав, ки мешавад ба по маро қиёмате.
Бигӯ, бигӯ, баҳори дил, куҷо равӣ, чаро равӣ?
Нишин, нишин, ки ҷони ман барад зи ту ҳаловате.
Шунав, шунав, ки мурғи шаб чӣ нолаву фиғон кунад,
Бидон, бидон, ки дорад он зи ҳоли ман ҳикояте.
Машав, машав ту ғарраи ҷамолу ҳусни бемисол,
Нигар, нигар, ки барги гул бирехт баъди соате.
Макан, макан ту риштаи муҳаббату вафои хеш,
Ҳазар, ҳазар, ки бошад ин накӯтарин саодате.
Наоӣ ту, наоӣ ту зи ноз агар ба сӯи ман,
Бидеҳ, бидеҳ иҷозатам, ки оямат зиёрате.

* * *

Ошно гуфтам туро, ноошноӣ мекунӣ,
Мезанӣ лофи вафою бевафоӣ мекунӣ.
Ошноӣ бо забон нею бувад бо дил накӯ,
Бо забон мегӯиву бо дил ҷудоӣ мекунӣ.
Доманам аз чормағзи пуч ҳар дам карда пур,
Рафта аз ман дигареро роҳпоӣ мекунӣ.
Лоларо рухсори сурх асту дили доим сиёҳ,
Дар назар монанди лола рухнамоӣ мекунӣ.
Хешро гаҳ содаву нодон намоӣ вонамуд,
Бештар доноӣ аз «фазли қазоӣ» мекунӣ.
Баҳр бошад бо бузургиҳои худ аксар хамуш,
Чашма ҳатто нестию худнамоӣ мекунӣ.

* * *

Чашме ба роҳ дорам, к-аз хона кай барой,
Орад тулӯи хуршед бар даҳр рӯшноӣ.
Ҷонро ба тан ҳамеша меҳри ту зинда дорад,
Бе гармие нарӯяд ҷое гулу гиёе.
Рӯзе туро набинам, нирӯ ба дил намонад,
Моҳӣ надорад аз об охир даме ҷудоӣ.
Қадри ту мешиносам, то қадри ман шиносӣ,
Худбехабар чӣ донад оини бовафоӣ.
Ҳар ду, биё, баробар роҳе ба пеш гирем,
Манмо ту амри шоҳӣ, ман зории гадоӣ.
Ҷое равем, аз мо то кас хабар наёбад,
Як лаҳза роз гӯем аз боби ошноӣ.

* * *

Ид омад гуфта худ пардохтӣ,
Моҳро андар шафақ бигдохтӣ.
Шаҳрро бо чеҳраи сурхосафед
Мисли мушак шом равшан сохтӣ.
Хира кардӣ чашми ман бо нури рӯ,
Дар дилам аз сӯз шӯр андохтӣ.
Ҳамчунон паргор гаштам гирди ту,
Не нигаҳ кардию не биншохтӣ.
Хостам, ки аз ту пурсам нуктае,
Гӯш нанмуда дигар сӯ тохтӣ.
Бурдҳоятро намедонам чиянд,
Лек ёри меҳрубонро бохтӣ.

* * *

Гуфтам ту азоби ҷони мой!
Гуфто ту бигӯ, ки аз куҷой?
Гуфтам, ки диёри ман бари туст,
Гуфто, ки магар ту ошной?
Гуфтам, ки зи ман наю зи дил пурс,
Гуфто, ки ту рози дилкушой?
Гуфтам, ки чӣ гуфтанат надонам,
Гуфто зи кадом мактаб ой?
Гуфтам нафасе нишин, бигӯям,
Гуфто чӣ талаб зи ман намой?
Гуфтам, ки талаб наю саволест,
Гуфто: ту макун ҷавобпой.
Гуфтам, ки фақат бигӯ ягон бор
Чизе ту нагуфтаӣ худой?
Роҳӣ зи барам шуду ба ханда
Гуфто, ки сағира, заб балой!

* * *

Лабрез дил аз муҳаббати инсонӣ,
Дар мамлакати танам кунад султонӣ.
Бо ҳукми дилам чу касби модарзоде
Умре ба ҳавои ту кунам хушхонӣ.
Овоза шудам агарчи дар ишқу вафо,
Ҳайрони туам, ки ту ба ман ҳайронӣ.
Доной нагашт қобили табъи латиф,
Гуфтам бихарам ба ҷои он нодонӣ.
Мегардам адою чашм аз ту наканам,
Бедоду фиғон чу барраи қурбонӣ.
Нодонам агарчи дар назар, медонам
Дорем дар ин дайри куҳан меҳмонӣ.
Чун себ пазад, ба бодаке мерезад,
Ҳоҷат набувад, ки шохааш ҷунбонӣ.

* * *

Чун зодаи ишқпешаи айёмӣ,
Бояд, ки бубинӣ умр бо хушкомӣ.
Себе, ки фитад зи шоха пухтаст, вале
Дар зиндагӣ одамӣ фитад аз хомӣ.
«Бигзашта бихону қадри имрӯз бидон!»
Мегуфт ба суҳбате Ҷалол Икромӣ.
Ҳар гаҳ ки ба бахти дӯстон менӯшам,
Хурдӣ кунадам пиёлаи хайёмӣ.
Дил сер нашуд агарчи ман пир шудам,
Аз чашми сияҳ, рӯи гули бодомӣ.
Тарсам набувад зи бомбаву мушаки хасм,
Тарсам ба ҷаҳон валекин аз бадномӣ.

* * *

Эй бахт, маро хаставу нотоб намонӣ,
Субҳи амалам дар бағали хоб намонӣ.
Равшан кунӣ чун рӯзи ман аз партави хуршед,
Шабҳои маро бе рухи маҳтоб намонӣ.
Дар баҳр шавам аз паи дурдонаи мақсуд,
Бояд, ки маро дар дами гирдоб намонӣ.
Истораи ман низ бувад дар фалаки умр,
Бар дида варо хираву ноёб намонӣ.
Гулзор кунад олами фартут ҷавонӣ,
Чун пир шавам, дур зи аҳбоб намонӣ.
Ҳар кас шараф аз кӯву дари хеш биёбад,
Дурам зи канори хуши Кӯлоб намонӣ.

# РӮЗИ СИЁҲ

* * *

Бо дарду ғаме, ки ошноям,
Дар пояи фарди бенавоям.
Он гуна заиф гашта бошам,
Гӯӣ, ки даме дигар напоям.
Аз зиндагӣ бас фиреб дидам,
Лаб аз ҳавасаш куҷо кушоям?
Ҷаҳл омаду бар хирад ситезид,
То кард яке хирадгадоям.
Доно зи карашмаи сухан монд,
Ин фоҷиа гашт аз бароям.
Кӣ кард баду кӣ кард некӯ,
Аз хотираҳои худ ҷудоям.
Поям набарад маро ба ҷое,
Не дур зи ҷою не ба ҷоям.
Эй пири хирад, куҷоӣ хомӯш,
Як бор бидеҳ ба худ садоям.

*августи 1993*

* * *

Барои сулҳхоҳон аз ҳама бошад сухан беҳтар,
Сухан некӯ фитад, рӯ гул кунад аз сад чаман беҳтар.
Ту дил ранҷондиву бахшам дилеро ман тасаллое,
Зи дил озурда карданҳо диле бардоштан беҳтар.
Сарои зиндагии ҳеҷ касро нест подевор,
Гирифтан ибрат аз Искандари шамшерзан беҳтар.
Нидо дорӣ, ки бархезу ба ҷанги худкушӣ омез,
Бигӯяд дил сари ин масъала бастан даҳан беҳтар.
Ман аз рӯзи азал то охирин дам ҷангбезорам,
Бигӯ з-ин ҷангбезории ман дар анҷуман беҳтар.

Бародар ташнаи хуни бародар гаштааст имрӯз,
Раҳоӣ ҷустан аз тӯри фиреби Аҳриман беҳтар.
Чӣ метарсидам аз даври қамар, ки Ҳофизаш гуфтаст,
Магар аз даври нав будаст он даври куҳан беҳтар.
Ватан ҳаргиз намехоҳад, ки доман тар кунад аз хун,
Ба чашмам аз ҳама покист покии Ватан беҳтар.
Аз он пироҳане, ки кас ба тан пӯшад зи хунрезӣ,
Ба одам, шири одам хӯрда бошад гар, кафан беҳтар.
*октябри 1992*

* * *

Дил агар соф асту бекин асту гарму меҳрбор,
Бар димоғат дар зимистон ҳам расад бӯи баҳор.
Дорад андар сина кӯҳ ганҷи фаровоне агар,
Бандаро ақл асту имон ҳуҷҷати парвардигор.
Рӯзгоре ман надорам, ки барӣ бар он ҳасад,
Ҳар чӣ кардам, қудратам боло нашуд аз рӯзгор.
Гаштам аз дунболи покиву ҳалолӣ аз азал,
Мондам аз файзи ҳалолӣ гушнасеру хоксор.
Ман савор овардаам дар мошинам бисёрҳо,
Чун равам пои пиёда, кас нагӯяд: шав савор.
Ханда бар ҳолам зананд онҳо, ки бо ман нестанд,
Гӯиё танҳо манам дар байни мардум хандасор.
Кам расад некӯ хабар, то дил ба таскин оварад,
Гарчӣ дунё нест аз оғози худ дар як қарор.
Боз шуд овозае аз он даҳан бар ин даҳан,
К-одами бисёрро куштанд дар ҷанги Ҳисор.
Бо муроде, ки худо бадтар нагардонад аз ин,
Рӯзи ҷумъа хайр кардам аз бисотам дар мазор.
Пеши чашмам ҳар қадам гарчи шавад ториктар,
Лек з-ин ҷо дуртар тобад чароғе шӯълабор.
Гар натобад он чароғу гар равад аз дил умед,
Розиям, ки ҷони худро ман бибозам дар қимор.
*1992*

* * *

Дили аз ғам сияҳ дорем имрӯз,
Басо ҳоли табаҳ дорем имрӯз.
Тани дар ларза аз боди ҳаводис,
Чу як тори гияҳ дорем имрӯз.
Бародаркушта хонад даҳр моро,
Ҳама бори гунаҳ дорем имрӯз.
Ба роҳе рӯ ба рӯ оем, аз шарм
Зи ҳам рӯро панаҳ дорем имрӯз.
Ба ҳам чун гӯсфанди теғхӯрда
Ба ҳайронӣ нигаҳ дорем имрӯз.
Зи ҷанги худкушӣ ногашта кам не,
Ду чашми тар ба раҳ дорем имрӯз.
Чу нуре аз даре бояд ҷаҳида,
Гиребони шабаҳ дорем имрӯз.

*апрели 1993*

* * *

Дӯш кор афтодаму мӯҳтоҷи як часпак шудам,
Ҳар тараф овора бо ин пешаи андак шудам.
Ваъдаи бисёр бишнидам ба нархи хел-хел,
Зери пои нарху ваъда шалҳа чун хомак шудам.
Часпак аз дар қимату дар қимат аз як хона чӯб,
Дилшикоф аз сӯзани ин нарх чун элак шудам.
Бебарориҳои бахти хешро ҳис мекунам,
Пеши ёрони навин бо ном шоирчак шудам.
Сӯҳбати гарм аз адаб дарёфтан душвор гашт,
Ҳамнишину розгӯ бо баччаи досак шудам.
Аввалан гандум будам дар мазраи фаҳму адаб,
Рафта-рафта ҷав шудам, камтар зи ҷав тактак шудам.
Кӯдакон дидам ба ҳам болутфу бекин мешаванд,
Сад пушаймон гаштаам аз он, ки ман мардак шудам.
Подабонӣ мекунам имсол бо фармони дил,
Ошно бо гав шудам, бо хар шудам, бо саг шудам.
Одамӣ аз хок бошад, хок гардад баъди марг,
Ман ба хок аммо ба вақти зиндагиям як шудам.

* * *

Аз ғусса забони баста дорам,
Ҷон зору низору хаста дорам.
Дарди дилу сӯзи дил зиёд аст,
Дилро зи задан дудаста дорам.
Не дӯсти ғамгусор ёбам,
Не ёри ба бар нишаста дорам.
Аз давлату молу ҳоли дунё
Як хомаи саршикаста дорам.
Дафтар ба таҳи алав ниҳодам,
Уммеди зи хеш ҷаста дорам.
Гулбоғи наве кушуда будам,
Ҳайфо, ки гули нараста дорам.
Овораи шаҳраму равуо
Дар кӯчаву рӯи раста дорам.
Монанди гурезаам хаёлӣ,
Дар хона дари набаста дорам.
Тарсам, ки зи банд аз қафоям
Девона саги гусаста дорам.

*1992*

* * *

Амалхоҳӣ кuҷоҳо бурд мардум,
Зи як қавму насаб нашмурд мардум.
Даво карду даво пинҳону рӯшод,
Давояш кирм гашту хӯрд мардум.
Танид аз фитнае бар майнаҳо тор,
Ки гӯӣ кард ӯ манкурд мардум.
Ба дилҳо кинаи ҷовид бигзошт,
Зи теғи кина ҳар ҷо мурд мардум.
Мараз гашту сироят кард бисёр,
Ба осонӣ аз он настурд мардум.
Хабар то пош хӯрд аз асли мақсад,
Ба чанголи аҷал биспурд мардум.

*октябри 1992*

* * *

*То тавонӣ, дӯстонро гум макун,*
*Дӯстони меҳрубонро гум макун.*
М.Турсунзода

Умр то дорӣ, забонро гум макун,
Бо забони худ баёнро гум макун.
Чун ба боло меравӣ дар зиндагӣ,
Пайраҳи болоравонро гум макун.
Ҷанг байни мо ҷудоӣ офарид,
Аз барат ёрони ҷонро гум макун.
Нуру зулмат гирумон оростанд,
Нурпеша гирумонро гум макун.
Сар бибозӣ шояд аз фанди ҳаёт,
Ҳар чӣ пеш ояд, маконро гум макун.
Бар ману ту душмани ҷон асту бас,
Ҳар касе гӯяд камонро гум макун.

*1993*

* * *

Дар зулмати шаб ҷо шуда бедор манам, ман,
Раҳгумзадае дар паси девор манам, ман.
Аз равшанӣ ин ҷо натавон ёфт нишоне,
Афтода чу кӯре ба таҳи ғор манам, ман.
Бо дасту ба по чор тараф роҳ биҷӯям,
Дар даҳшати мурдан, ки гирифтор манам, ман.
Сад бор ба зону занаму роҳ наёбам,
Абгор зи афтодани бисёр манам, ман.
Куштанд ҷавоне, ки бикуштаст ҷавоне,
Дар мотами ин ҳар ду азодор манам, ман.
Эй нур, куҷоӣ, ки ба роҳам бибароӣ,
Дар ҳасрати дидори ту бемор манам, ман.
Бо ин тани бемору ба ҷони шуда бар лаб,
Дар ҳар ду ҷаҳон бар ту харидор манам, ман.

*1992*

* * *

Гуфтанд армонҳо ҳама аз кашмакаш падруди ман,
Поён намеёбад дигар аз сӯхтанҳо дуди ман.
Обод будам онҷунон, к-афсона пешаш ҳеҷ буд,
Ҳоло нишоне ҳам намонд аз рӯзгори буди ман.
Бинед ғам болои ғам ояд зи бахти бебарор,
Дишаб зи сармо шуд хазон бикшуда гул амруди ман.
Буд аз сахои дасти ман шоҳу гадо дар айшу нӯш,
Талбанда бошанд ин замон дастони пур аз ҷуди ман.
Ташвиш дорам бешумор аз даҳшати аъмоли шар,
Аз ашки ғам серобтар ҳар лаҳза гардад рӯди ман.
Ишқ аз дили н-ороми ман ҳиҷрат ба кӯе кардааст,
Беишқ мегардад фано ҳар пешаву мақсуди ман.
Ҳоҳам нависам ҳоли худ монам ба мардум ёдгор,
Имкон намеёбад қалам аз фурсати маҳдуди ман.
Тахти Сулаймонам барад гаҳ бо хаёле дар ҳаво,
Лекин наметобад ба ҷо ҳудҳуди ҳарҷобуди ман.
Шояд, ки дар Фархор ӯ гаштугузоре дошта,
Орад хабар аз ҳолати ёрони заҳролуди ман.
Осудаанд онон, ки худ аз маърифат бошанд дур,
Н-осудатар гардад маро ҷони ба тан н-осуди ман.
Гӯӣ китоби қисматам дар нори ҷаҳл андохтанд,
Гӯед омад аз куҷо бо ин амал Маҳмуди ман.

*феврали 1993*

* * *

Инак баҳор омад, тарфи чаман шудам ман,
Шайдо зи сози мурғи ғулғулфикан шудам ман.
Гул пеши гул дамида аз дашт то бари кӯҳ,
Маҳви нигоҳи ҳусни дашту даман шудам ман.
Аз шавқи рӯзи хуррам дил ҷӯш зад ба сина,
Гулчин зи рӯи ёри гулпираҳан шудам ман.
Оҳу шуда давидам аз ёд бурда пирӣ,
Гӯӣ ба банд будам, занҷиркан шудам ман.

Аз рӯ ба рӯ парасту боло парид, боло,
Бо ӯ ба роз гуфтан бо як сухан шудам ман.
Чанде наменамудӣ, баргӯ, куҷой будӣ,
Аз кулфати ҷудоӣ фарёдзан шудам ман.
Як «парт» карду баргашт, омад ба шона биншаст,
Аз дӯстношиносӣ озод ман шудам, ман.
Наврӯз мерабояд аз синаҳо кудурат,
Ихлосманд бар ин панди куҳан шудам ман.
Он сӯйтар гузаштам, қабри шаҳид дидам,
Дар сӯзи куштагони гулгункафан шудам ман.
Гул пеши дидаҳоям шуд хори нешдоре,
Озурда аз мусибат чун бечатан шудам ман.
Як лаҳза шодӣ ояд, ғам лек бешумор аст,
Воқиф аз ин ҳикоят аз сӯхтан шудам ман.

*январи 1992*

* * *

Ба серӣ мерасад ҷӯёи нон оҳиста-оҳиста,
Мутобиқ мешавад ё бар замон оҳиста-оҳиста.
Мағоза бар мағоза мешитобад аз саҳар то шом,
Биёяд дасти холӣ хонадон оҳиста-оҳиста.
Ба дарди худ наёбад чорае, гарчи равад сад дар,
Ба ёрон мекунад инро баён оҳиста-оҳиста.
Саҳаргаҳ медиҳад бар кӯдаконаш ваъдаи бисёр,
Ба бегоҳӣ шавад кӯтаҳзабон оҳиста-оҳиста.
Надорад гӯшт бар тан аз харобию ҳамин дардаш
Сироят мекунад бар устухон оҳиста-оҳиста.
Ба чанги гушнагӣ маҳкам гирифтор аст, бечора,
Бигардад нотавон, пур нотавон оҳиста-оҳиста.
Сиёҳӣ мезанад чашмаш ба вақти роҳ рафтанҳо,
Ба ҳар гомаш аҷал гардад аён оҳиста-оҳиста.
Куҷо, пеши кӣ арзашро барад ин тири ғамхӯрда,
Кашад фарёд аз дасти камон оҳиста-оҳиста.

*декабри 1992*

* * *

Кафад монанди пуфак дил ҳавоӣ,
Агарки пеш ояд бевафоӣ.
Даме, ки дӯст дорӣ, шоҳ бошӣ,
Агар бе дӯст монӣ, як гадоӣ.
Надидастем чанде якдигарро,
Ман ин ҷову ту он ҷо дар ҷудоӣ.
Агар бинем ҳам, розе нагӯем,
Ба гӯр ин ҳолати гургношноӣ.
Чӣ ҳоҷат душманиву ҷанги ноҷо,
Ки сӯзад ҷону дилро ин хатоӣ.
Ба худ оед, фурсат чун шавад дер,
Равад аз даст суди бархудоӣ.
Ба ҷон зад зиндагии талху дилгир,
Надонам кай шавад он дилрабое.

*октябри 1992*

* * *

Вақт аст,ки биштобаду таъхир надорад,
Имкони ҷавон боз шудан пир надорад.
Харпанҷа занад пирӣ агар бар камар, он дам
Сулфидани дамгири ту тасвир надорад.
Не зан тарафат ояду не баччаву духтар,
Чашмат ба даре ҳаст, ки занҷир надорад.
Хобат барад ар, хоб бубинӣ ту ҷавонӣ,
Лекин чӣ кунӣ, хоби ту таъбир надорад.
Ободшавад хонаи фарсуда ба таъмир,
Пирист ҳамон хона, ки таъмир надорад.
Боре дари ту боз кунанд «оҳ» кашида,
Оҳест ки ҷуз фитнаву тазвир надорад.
Дар салтанати дай бишавад низ ҳаво соф,
Хуршед вале гармиву таъсир надорад.
Ҳарфе ки ба номи ту зананд аз «ғами» таҳдор,
Ҳоҷат ба баёневу ба таҳрир надорад.

Ғур-ғур шавад аз пушти дарат ҳар саҳар ин зайл:
«Хокаш бипазам? Гов дигар шир надорад!»
Ҳар нуктаи бад кора кунад бар дили ту сахт,
Он гуна, ки ин корагарӣ тир надорад.
Гӯянд, ки вобаста бувад ҳар чӣ ба тақдир,
Зинҳор чунин қоида тақдир надорад.
Пире тағи ин ҳол чу дидам, бигиристам,
Ҷон дораду ёрое ба тағйир надорад.
Дар сӯҳбати ӯ ғарқ шудам бо ҳама ҳастӣ,
Лафзе ғалату шеваи дилгир надорад.
Ҳарфаш ҳама панд аст зи таълими ҳоводис,
Аз ростӣ он як хати тақсир надорад.
Гуфтам чӣ кунем, ин,ки расад ҷанг ба поён,
Гуфто, ки ба ҷуз оштӣ тадбир надорад.

*1992*

* * *

Ғам махӯр, эй дил, ғамхорӣ намонд,
Дар миён ғайри дилозорӣ намонд.
Ёрҳо бегонаи ёрон шуданд,
Рафт шарти ёриву ёрӣ намонд.
Теғ бар ҳам мекашанд имрӯз, бин,
Пурсише аз ҷабру ҷабборӣ намонд.
Монд хунрезиву лекин байнашон
Якдигарфаҳмии даркорӣ намонд.
Юсуфи гумгаштаи мо кушта шуд,
Фурсати бар ӯ харидорӣ намонд.
Кӯр шуд Яъқуби фарзандинтизор,
Нури чашмаш аз чунин хорӣ намонд.
Мурд қадри одам он қадре, варо
Қадри як сабзии бозорӣ намонд.
Илтиҷо кардам ба пеши сарваре,
Гуфт: давру ҳукми сардорӣ намонд.

Сар ба санги ноумедӣ пас задам,
Дод ово, ки мададгорӣ намонд.
Аз ҳама талх он, ки андар умри мо
Доғ монду доғбардорӣ намонд.

*1992*

* * *

Ғам аз худ дур кун, эй дил, ки он ғамбода хоҳад шуд,
Дубора ҷон ба тан моро ба сӯз афтода хоҳад шуд.
Дар ин дунё ба ҷуз дунё дигар ҷовид моле нест,
Ҳама як-як ба гӯгирди фано дардода хоҳад шуд.
Ба чашми тезбин айбе ниҳон ҷое нахоҳад монд,
Само аз абри боронӣ саҳар озода хоҳад шуд.
Тилисме, к-аз фиреби он аҷал шуд рӯ ба рӯ бар мо,
Ба оёти ҳақиқатҷӯйҳо бикшода хоҳад шуд.
Ҳамон гове, ки рихин буду рихин кард говонро,
Бадар бо зарби чӯби подабон аз пода хоҳад шуд.
Ба ғоратрафта моли мардуми бечораю мискин
Ба рӯзи ростон бар соҳибонаш дода хоҳад шуд.
Мураккаб тобад арчи рӯзгори нав бапо кардан,
Вале дар пеши косибҳо мураккаб сода хоҳад шуд.
Ҷавонмардони беш аз мо пурармон аз ҷаҳон рафтанд,
Ба ҷои ҳар якаш даҳҳо агарчи зода хоҳад шуд.
Ба чашм аз гиряи бисёр ашкам хушк гардида,
Ҳаметарсам, ки маргам ёр дар ин ҷода хоҳад шуд.

*1993*

* * *

То раҳм ба дил замон надорад,
Ҷон дар баданам амон надорад.
Ҳолам шуда аз азоб бадтар,
Бадтар зи ҳамон, ки нон надорад.
Аз чанг манам ба мотами сахт,
Аз дард танам тавон надорад.

Бар гӯш садои тир ояд,
Тирест, ки он нишон надорад.
Ҳарчанд баҳори умр рафтаст,
Боғи ҳавасам хазон надорад.
Меҳр аз дили ман чу нур резад,
Хуршедсифат зиён надорад.
Оғӯш кунам, чу гул бибӯям
Онро, ки ба бар камон надорад.
Он тарз, ки корвон равон аст,
Гӯӣ сару сорбон надорад.
Пурсам ман аз ӯй ҳоли фардо,
Дар посухи ман забон надорад.
Хунрехта рафту монд хундор,
Меъмори макон макон надорад.
Ту пайраҳи қаҳрамон чӣ ҷӯӣ?
Ҷанги шуда қаҳрамон надорад.

*марти 1993*

* * *

Сӯхтан ҳам баҳра бахшад беҳисоб,
Мева хушлаззат шавад аз офтоб.
Партави рӯи ту дил равшан кунад,
Равшанӣ бахшад ба шабҳо моҳтоб.
Нест коре бешумар дар зиндагӣ,
Дарҷ ёбад он ба рӯзе дар китоб.
Даврае омад, ки мардум шуд ба ҷанг,
Гашт меҳру ошноӣ касмаёб.
Рафтуою дӯстӣ вайрон шуда,
Кӯчабоғи ошиқон ҳам шуд хароб.
Бори васл аз шохаҳо ночида монд,
Рафт он боло ту гӯӣ то саҳоб.
Аз ҳамон одам, ки одам мекушад,
Ман қимобам, ман қимобам, ман қимоб.

Дастаи бедии курчак дидаӣ,
Мисли он гардидаам аз ғам хароб.
Ин харобӣ мекушад охир маро,
Аз азобе мебарад сӯи азоб.
Дар ҷавоби кардаву нокардаҳо
Сахт метарсам, ки монам беҷавоб.

*1992*

* * *

Куҷо шуд ҳусну зебоӣ, куҷо шуд дил рабуданҳо,
Куҷо шуд лаззати умру зи вақти хуш суруданҳо.
Ба гӯш ояд фиғони сӯзнок аз ҳар дару девор,
Ба ҷон оташ биафтад аз чунин шеван шунуданҳо.
Ба боғи мевадор омад ҳуҷуми зоғҳои наҳс,
Нагирад боғбон боло сари худ аз ғунуданҳо.
Нагӯяд бар муроди дил касе як ҳарфи даркорӣ,
Аҷал поиста мегардад замони лаб кушуданҳо.
Дили бечора хун бошад ба кунҷи маҳбаси сина,
Надорад чорае зинҳор ғайр аз ғам фузуданҳо.
Чу оҳан зангҳо бандад ба гил дар ҷомаи мотам,
Ба хок оҳан бубинад кай зи тан зангаш зидуданҳо.
Сари болои хурсандӣ кашол аз бори ғам гашта,
Намояд оҳи талх ин ҷо ба гардун майли суданҳо.

*1993*

* * *

Як ҳолати ногувор дорад дили мо,
Аз ғуссаву дард бор дорад дили мо.
Сармозадаи фасли пур аз барф шуда,
Ду дида ба навбаҳор дорад дили мо.
Аз сабзаи наврустаи рӯ шуста ба нам
Дар оинааш ғубор дорад дили мо.
Бинад чу гули лола зи хун гашта сиёҳ,
Ҷо дар бару пеши хор дорад дили мо.
Аз хок агар базму тараб бархезад,
Худро зи тараб канор дорад дили мо.

Айбаш макунед, сӯзи ӯ бисёр аст,
Бо сӯзу гудоз кор дорад дили мо.
Гаҳ қабри шаҳиди номуроде ҷӯяд,
Гаҳ нола сари мазор дорад дили мо.
Гаҳ пора шавад аз ғами мотамзадагон...
Алқисса, ки рӯзи тор дорад дили мо.
Дунёра ба як қарор шояд бинем,
Кай лек дигар қарор дорад дили мо.

* * *

Надорам рағбате бар ҷабҳаи мансабталошиҳо,
Расад чун тир бар гӯшам фиреби «зиндабошиҳо!»
Наметарсӣ ту аз шамшери тезу сар буриданҳо,
Мани бечора метарсам зи теғи сартарошиҳо.
Ба ғайр аз муфт рӯзи ёфтан дар ту хаёле нест,
Зи хотир кардаӣ берун савоби доначошиҳо.
Ба ғам н-афтам, зи полиз ар наёбам тарбузи пухта,
Қаноат мекунам то соли пешомад ба лошиҳо.
Нагардам аз балои қиматӣ дилмондаву навмед,
Агарчи бори вазнин аст ранҷи каммаошиҳо.
Хароша сахт гардад дил вале аз чанги маъюсӣ,
Чу мебинам зи модарҳо ба нола рӯхарошиҳо.
Намеорад маро дигар ба ҳоли пештар зинҳор
Қатори ваъдаи неку ба сар зарпорапошиҳо.

*1993*

* * *

Хондам китоби Ҳофизу ғарқи ҳавас шудам,
Муштоқи рӯи маҳваши Исонафас шудам.
Бар кӯи ёр рафтаму боре биё нагуфт,
Шармам ба пеш омаду дар бозпас шудам.
Оҳам дарун фитодаву берун зи дар нарафт,
Чун саъва дар иморати танги қафас шудам.
Дигар ба гӯш нолаи мурғон нашуд баланд,
Дилгир аз паропари зоти магас шудам.

Ҷӯё шуда шамоматаш аз боди шабгузар,
Дар роҳ дар занозану чанги асас шудам.
Ранҷи зиёд дидаам аз бозии ҳавас,
Коҳонда ҷон ба хизмати умри абас шудам.
Пурсидам аз хаёл раҳу бори корвон,
Ҳар гоҳ дар шунудани сози ҷарас шудам.

* * *

Хомаҳо дар сафҳа хат аз некномӣ мекашанд,
Ошиқон аз дилбарон дарди ғуломӣ мекашанд.
Дар ғарибӣ ёд кардан аз ватан сахт асту талх,
Ёд пеш ояд, ғарибон талхкомӣ мекашанд.
Сар ба боло мекашад сарв аз низоми ростӣ,
Нархҳо торафт қад аз бенизомӣ мекашанд.
Лутф бошад дар сухан, ҷон дар ҳаловат мешавад,
Ҷабр беандешаҳо аз бадкаломӣ мекашанд.
Тарбият дар баччагӣ ноаҳлро бахшад сафо,
Нақш дар лабҳои кӯза вақти хомӣ мекашанд.
Гар сухан беҷо равад аз минбари дилоштӣ,
Шармҳо дар рӯй доғи лолафомӣ мекашанд.
Нохалафҳо некҳоро гӯш нанмоянд ҳеҷ,
Аспҳо бонии худ аз белаҷомӣ мекашанд.
Турнаҳо аз кашкаши ноҷои мо рафтанд дур,
Сар парастуҳо дигар аз шарти ромӣ мекашанд.
Ҳар қадар боло равӣ, аз ҳирс холӣ нестӣ,
Каргасон аз осмон пар бар ҳаромӣ мекашанд.

*1994*

* * *

Кабӯтар мекунад андар фазо аз сеҳри пар бозӣ,
Замон ки шуд дигар, дилбар кунад тарзи дигар бозӣ.
Ҳино дар боғҳо боқӣ намонду панҷаҳо сурханд,
Магар дорад нигори шӯх бо хуни ҷигар бозӣ.

Зи дунболаш давакҳо булҳавасосо бадав бошанд,
Магас бисёр мехоҳад кунад рӯи шакар бозӣ.
Намедонам, ки аз ишқ аст ё аз зӯри бешармӣ,
Ки духтар мекунад бо ошиқаш пеши падар бозӣ.
Ҷавонӣ ин қадар олуда гардид аз куҷо охир,
Ба ҷои моҳиён дар об дорад гӯши хар бозӣ.
Таманнои дили моро касе ҷуз ҳақ намедонад,
Макун, эй бехабар, бо мардуми ҳақбохабар бозӣ.
Бузургонро парастидан нишон аз равшанихоҳист,
Кавокиб мекунад шабҳо ба атрофи қамар бозӣ.

*1994*

* * *

Он чӣ бар гӯшам расад, ҷуз нолаву фарёд нест,
Дил маро гӯяд, ки ин дунё дигар обод нест.
Чаппа даште мекунӣ ё пора-пора кӯҳро,
Нағз донам тешаи ту тешаи Фарҳод нест.
Даҳшате, ки рӯ ба рӯ омад ба халқи роҳгум,
З-ибтидо то интиҳо таърихро дар ёд нест.
Гар кушад ҷаллод одамро ба ҳукми подшоҳ,
Мекушӣ беҳукм ту, ин шева дар ҷаллод нест.
Панҷаи хунини ту ороcт аз хун нақшҳо,
Нафраташ хонам, ки он чун панҷаи Беҳзод нест.
Ғам надорад он, ки ҳаст аз ҳоли мардум бехабар,
Ғофилонро ғайри бепарвоӣ истеъдод нест.
Он киро, ки рӯзи бад ояд ба сар аз кори бад,
Ҳоҷате бар ғамхӯрию шарт бар имдод нест.
Хешро устод хонӣ боз дар боби адаб,
Лоақал гарде ба ту аз домани устод нест.
Мекунам эҳсос, к-аз «хизмат» пушаймон гаштаӣ,
«Хизмати шоён»-и ту ҷуз гарди дасти бод нест.

*1994*

* * *

Бахшад ҷамоли зарҳалин бар дашти гул тирукамон,
Оина равшан мешавад аз чеҳраи равшандилон.
Саҳрои хушк аз оби ҷӯ орад самар бо зарби кор,
Аз гирудори дӯстӣ дил монад аз ғам дар амон.
Он ки ба фазл аст ошно, ҷӯяд китобу дафтаре,
Он ки бувад дар ҷаҳлу кин, дар китфи худ дорад камон.
Бовар надорам зиндагӣ дилгар монад ин қадар,
Бовар бар он дорам, ки он дилҷӯй гардад як замон.
Эй пирӣ, аз домони ман бисёр ҳам маҳкам магир,
Шерак макун ту маргро, то чанг андозад ба ҷон.
Ҳолӣ надидам ҳеҷ чиз аз умри рафта бо азоб,
Ҳолӣ накардам хидмате, гардад диле то шодмон.
Ҳолӣ нагаштам нимсер аз рӯи фарзандони хеш,
Ҳолӣ нагаштам пой дур аз остони хокдон.
Ҳолӣ зи боғи орзӯ як гул начидам аз қазо,
Ҳолӣ нарафтаст аз сарам фарёду доди боғбон.
Ҳолӣ наовардам бурун дуди дил аз сӯзи дарун,
Ҳолӣ намедонад маро ҳамсоям бошам чӣ сон.
Ҳолӣ ба мурдан нестам омода, дастам кӯтаҳ аст,
Омода ки гаштам бар он, худ мекунам ҳолам баён.

*1994*

* * *

Соқии базм орзу соли маро сад мекунад,
Хандаи бахтам ҳисоб аз рӯи абҷад мекунад.
Нур борад аз рухаш, бар кас надода эътибор,
Кинадоре гарчи дар пешаш маро бад мекунад.
Тифли ашкамро, ки мулчар соли хунин гаштааст,
Мард гаштанҳои онро ҷону дил рад мекунад.
Пуштибоне ёфтан дар зиндагӣ душвор гашт,
Бекасӣ бар ҷони одам ҷабри беҳад мекунад.
Рост ҳам гӯем, помоли суханкаҷҳо шавем,
Лой тоқат зери по то он ки бошад, мекунад.

То нагардад чашмсер аз фитнабозияш замон,
Наҳсӣ аз рӯзии мо умре даромад мекунад.
Ханда бар лабҳои мо чун вақти рафта барнагашт,
Ҷони моро ёди он дар сӯзи сармад мекунад.
Аз Ашӯри бекасу бечора пурсад ёр агар,
Шукри ҷони бар лабаш гуфта баромад мекунад.

*1994*

* * *

Ҷӯш зад дар каллаҳо чун шир то афкорҳо,
Ҳоюҳу боло гирифт аз замзами кирдорҳо.
Ақл оҷиз монд пеши ҳарчихоҳони замон,
Дар таги мавҷи сухан шуд маҳшару бозорҳо.
Дар забони ину он донотарошӣ авҷ ёфт,
Омад овози хурӯсак аз сари деворҳо.
Калладору салладор аз ҳақтарошӣ ё фиреб
Сабр аз каф додаву рафтанд бар бозорҳо.
Зӯрии Иблис як бори дигар исбот шуд,
Содаҳо монданд по дунболаи маккорҳо.
Шуд ҳама девонаи маънӣ ба ҷуз девонаҳо,
Нафрате девонаҳо хонданд бар ҳушёрҳо.
Гоҳ ин сӯ, гоҳ он сӯ дер сарҷунбон шуданд,
Аз ҳароси тахту бахту бими ҷон сардорҳо.
Дод аз досташ яке мансаб, дигар фарзанди ҷон,
То қиёмат монд охир ҳасрати дидорҳо.

*1994*

* * *

Шаҳди лаб аз сахтии дилдор пайдо мешавад,
Ганҷи тоза аксар аз кӯҳсор пайдо мешавад.
Кӯҳ бар кӯҳ мегурезад барф аз ҳаври баҳор,
Хок хуррам гаштаву гулзор пайдо мешавад.
Дер ояд навбаҳору зуд бинмояд гузар,
Гул парешон гашта ҳар ҷо, хор пайдо мешавад.

Хайрхоҳон сахт мебанданд аз ҳиммат камар,
Ғалла гар хоҳӣ, вай аз шудгор пайдо мешавад.
Ҷуз талоши хайр кори бепушаймонӣ кам аст,
Чун хатоӣ бигзарад, иқрор пайдо мешавад.
Содагии одами пок аст аз мӯ ҳам зиёд,
Бар фиребаш рӯ ба рӯ маккор пайдо мешавад.
Хома ҳам аз содагӣ раҳгум занад гоҳе, к-аз он
Дар санои қотилон ашъор пайдо мешавад.
Зиндагӣ даллолаи пурфанди одам будааст,
Доғҳо дар шаъни ҳақпиндор пайдо мешавад.
Пештар армони фардо буд дар гуфторҳо,
Ҳолиё бигзашта дар гуфтор пайдо мешавад.
Дил зи ҳозир нола карда, ҳозир аз дил бештар,
Шикваҳо аз ёри худ дар ёр пайдо мешавад.
Пош хӯрда тухми қасди ҷон ба ҳар кунҷу канор,
Гоҳ теғу тир, гоҳе дор пайдо мешавад.
Корвони умр агар раҳпӯй бошад ин мақом,
Рӯи каф бар ҷои рӯзӣ мор пайдо мешавад

*1994*

* * *

Умр бар мо ҳамчу вақти имтиҳон кам додаанд,
Рӯзии моро ба қисмат беш аз ғам додаанд.
Гиря карда омада бар даҳру гирён меравем,
Кӯлвори пур ба дӯши мо зи мотам додаанд.
Кулбае бунёд гар бо ранҷу заҳмат кардаем,
Хавфи ғорат карданаш бар мо хабар ҳам додаанд.
То камонбардаст бошад, амн дорад изтироб,
Ларзаи ҷон дар бадан аз дасти одам додаанд.
Шодӣ андар ваъдаҳо гаҳ ёфт мешуд, бад набуд,
Ваъдаҳоро ҳам чӣ пеш омад, ки барҳам додаанд.
Доғҳои худ зи худ куштан «табобат» мекунем,
Синаҳои чокро аз тир «марҳам» додаанд.

Лаб кушуданҳо зи ваҳдат аз хатар орад дарак,
Тарс ваҳдатҷӯйиҳоро то фароҳам додаанд.
Обрӯ дарёфтан бар кас расад бисёр дер,
Шармсории ҷаҳон лекин ба як дам додаанд.

*1994*

* * *

Ҳуснат сараву бар кас лафзи ту намефорад,
Товус ба зебоӣ овози хунук дорад.
Паймоншикании ту аз хулқи бадат бошад,
Лойоб шавад дарё, ифлосии беш орад.
Аз лафзи ҳалол одам ҳар ҷой шарафманд аст,
Белафзӣ агар ояд, нафрат ба сарат борад.
Дунёи муҳаббат шуд дар ҳоли парешонӣ,
Аз дидаи ҳасратҳо хунобаи дил шорад.
Одам кушад одамро дар давраи мо, гарчи
Пандест, дилеро кас бояд, ки наёзорад.
Хушкид ҳама майса дар мазраи инсонӣ,
Кӣ майса дигар ёбад, кӣ донаи нав корад.

*1994*

* * *

Бо бахти ба даст омада шукрона накардем,
Шукронаи рӯзиву дару хона накардем.
Бисёр зи худ рафта, чу гаштем бадавлат,
Фикри баду неку худу бегона накардем.
Аз меҳру садоқат шуда якбора канора,
Наззора ба ҷонбозии парвона накардем.
Чӣ гуфтани худ аз амали ақл гусастем,
Фарқ он қадар аз мардуми девона накардем.
Хун рехта бо теғи ситам аз тани ёрон,
То гӯш ба моми худу ҷонона накардем.
Вайрона намудем чӣ пур маскани обод,
Обод вале гӯшаи вайрона накардем.
Аз дӯст ҷудо гаштаву дар мотами ӯем,
Мотамзадаему сари худ шона накардем.

Дар мулки худу ғайр шуда дарбадару зор,
Мӯсичасифат ҳеҷ куҷо лона накардем.
Аз мақсади нопок самар ҳеҷ надидем,
Аз киштаи нобоб ба каф дона накардем.
Дар даҳр ба худкарда дигар нест давое,
Дар ҷаҳл шуда, кори бааҷлона накардем.

*1994*

* * *

Зиндагӣ то ҳаст, дар он мурдан аст,
Ҷон ба роҳи зиндагӣ биспурдан аст.
Неку бад бадхоҳи ҳам монанд дер,
Майли ин онро зи бун бистурдан аст.
Маърифатпарвардаҳо кам мондаанд,
Беш аммо шавқманди хӯрдан аст.
Додан аз ҳиммат ба мардум шуд тамом,
Ҷои додан ғорат аст, озурдан аст.
Зӯрҳоро даст боло гаштааст,
Нотавонҳоро гулӯ бифшурдан аст.
Меҳру шафқат аз миён бардоштанд,
Тундбоде бошаду афсурдан аст.
Дар баҳорон ҳам зи сардиҳои меҳр
Лолаву гул дар дами пажмурдан аст.
Рафтуо кардан ба кӯи гапрасон
Барраро бар пеши гургон бурдан аст.
Кас намехоҳад, ки донад дар ҳаёт
Кардаҳоро дафтари бишмурдан аст.

*1994*

* * *

Ба соҳил по сутун карда, ба дарё гуфтугӯ дорам,
Суруди рафта аз лабҳо зи дарё ҷустуҷӯ дорам.
Савори мавҷҳо гаштан дигар дастам нахоҳад дод,
Агарчи хуфта бар дил чанд нав-нав орзу дорам.

Ба дарёе, ки ояд бӯи хун аз он, чӣ мегӯям,
Садои пасти пуробу ғиҷова дар гулӯ дорам.
Зи гаштанҳо ба соҳилҳои хунин ташна мемонам,
Мани лабташна фарёду фиғони кӯ ба кӯ дорам.
Ба фарёдам садо надҳад касе ғайр аз ҷавобакҳо,
Ба гирдам гарчи ёрони қарибу рӯ ба рӯ дорам.
Ба ҳар кӣ вохӯрам, аз дарди ғурбат шиква пеш орад,
Ҷаҳони шикваҳо бинам, ҳаёти бенумӯ дорам.
Дарахти пур зи борамро шамол аз беху бун канда,
Сарамро мезанам бар сангҳову ҳоюҳу дорам.
Сари ҳар як қадам аз хуни Ҳобил шӯразор ин ҷост,
Ба ҳористон бигирам роҳу пои додгӯ дорам.
Дигар, эй ровӣ, аз шуғлам куҷо хоҳӣ, ҳикоят кун,
Ба оби дида хуни хушкгашта шустушӯ дорам.

*1994*

* * *

Сарҷамъии дил зулфи парешони ту бошад,
Пироҳани тан сояи ҷавлони ту бошад.
Беруну дарун ой зи кохи забари ҳусн,
Ду дидаи мо раҳрави долони ту бошад.
Дар боғу чаман бӯи хуш аз хандаи гул нест,
Балки ҳама аз ҷилваи домони ту бошад.
Дилдода шуда аз паи дил, дар такупӯям,
Шайдошуда дил гӯш ба фармони ту бошад.
Сериву пурӣ омаду рӯ дод муҳаббат,
Осудагӣ аз лутфи фаровони ту бошад.
Моҳи рамазон асту хӯрам рӯзаи худро,
Гар кулчаи рухсораи хандони ту бошад.
Даврони ғамангези ба хун омада бигзашт,
Боз, о, ки тараб зинда ба даврони ту бошад.

* * *

Як бори дигар ханда ба лаб мешуда бошад,
Дар кишвари ғам базму тараб мешуда бошад.
Дар кашмакаши рӯзи фурӯзону шаби тор
Помоли фано зулмати шаб мешуда бошад.
Фарзанд, ки бар ҷони падар теғ кашида,
Бишкастагари теғи ғазаб мешуда бошад.
Бар куштани фарзанд падар низ кашад теғ,
Дар байн суоле зи насаб мешуда бошад.
Дар ларза бадан аз асари таб шуда бисёр,
Нобуд чунин ларзаву таб мешуда бошад.
Аз дидаи дар гиря бувад хоб фирорӣ,
Меҳмон ба дари дида ғанаб мешуда бошад.
Кӣ кард ҷафо бешу кӣ овард бало пеш,
Бо ченаки таърих ваҷаб мешуда бошад.
Бар ҷои ҳамин мамлакати сулҳҷудоям,
Як мамлакати сулҳталаб мешуда бошад.
Илҳоми гурезанда садо дод зи дурӣ:
Рози ту ба ин бахт сабаб мешуда бошад.

*1992*

# ГУЛҲОИ СУРХОСАФЕД

* * *

Аз тарфи чаман накҳати гулбез расида,
Баргӯ, ки баҳорони суманрез расида.
Рафтам мани дилдода ба саҳрои муҳаббат,
Ёрам бари ман бо дави шабдез расида.
Ман будаму ӯ буду чаман буду гули тар,
Гулбӯй аз он ёри гуломез расида.
Асрори муҳаббат натавон гуфт ба мардум,
Ин панд зи афкори диловез расида.
Танҳо ба ту гӯям ба чунин рамз, ки баргӯ:
Дар хилвати шаб ҷайра ба полез расида.
Чун шеваи дилҷӯи ман ӯ дид, бигуфто:
«Бар ман гули нозу ба ту парҳез расида».
Ваҳ, рӯзи дароз аз чӣ ба як мижжа задан рафт,
«Рафтем» ба гӯш омаду «бархез» расида.
Ҳарчанд нагуфтему панаҳ пеш гирифтем,
Овоза вале бар ҳама ҷо тез расида.
Аз кас гила ҳаргиз нанамоям ба ҷуз аз бод,
Аспаш, ки тавонад ба ду маҳмез расида.
Бар кӣ чӣ расад ё нарасад, бар ғазали ман
Гарди сухани Соиби Табрез расида.

* * *

Ҷуз тамошои ҷамоли ту таманно накунам,
Гар ту бошӣ, ба дигар ҷой тамошо накунам.
Мекунӣ ҷилва ба миръоти хаёлам шабу рӯз,
Гарчи бисёр туро ҷӯяму пайдо накунам.
Сари бозору ба ҳар кӯча харид асту фурӯш,
Мани дилдода харидораму савдо накунам.

Баски ту нозукиву тоби навозиш н-орӣ,
Кунам аз дур назар, хеш ҳувайдо накунам.
Чамани рӯи хушат бӯй кашад боди сабо,
Ҳавасам ояд аз ин манзара, ғавғо накунам.
Сояе дар бари ту гар ба назар тоб хӯрад,
Ҷӯшаму пора шавам, тоқати ӯро накунам.
Ҳар кӣ орад ба забон мадҳи ту, ёраш бошам,
Ҳар кӣ бадгӯй шавад, фикри мадоро накунам.
Чеваро, ҳусни пур аз нури туро садқа шавам,
Дигаре ҷуз ту ба дил дар ду ҷаҳон ҷо накунам.

* * *

Зиндагӣ моро ба чашми худ назорат мекунад,
Аз баду аз нек пеши рӯ ҳикоят мекунад.
Каҷравие дар талоши нафс агар содир шавад,
Он замон сӯям равон ӯ тири нафрат мекунад.
Пешгирӣ дарди бад созад табиби меҳрубон,
Чунки бар бедардҳо бешак сироят мекунад.
Мехӯрад савганди бисёр он ки мегӯяд дурӯғ,
Бо қасам покию кирдораш ҳимоят мекунад.
Рашк бурдан бар мақому шавкати ҳар кас хатост,
Холиқи бахшанда ин кораш банавбат мекунад.
Хоҷамӯъмин мезанад онро, ки бо хулқи бадаш
Нони касро хӯрдаву бар кас хиёнат мекунад.
Дил парастад ҳамчунон бӯи баҳори рӯҳбахш,
Ҳар сухан, ҳар нукта, ки бӯи муҳаббат мекунад.
Ҳар чӣ мехоҳӣ, бифармо, бо камоли боварӣ,
Шоират бо хоксорияш итоат мекунад.

* * *

Дар ин дунё баду хуб офариданд,
Бадандомею марғуб офариданд.
Якеро байни мардум нафратовар,
Дигарро лек маҳбуб офариданд.
Баҳори пургулу фасли хазонрез,
Ҳавои хушку мартуб офариданд.

Бирӯбанд аз сари раҳ то хасу хор,
Миёнбарбаста ҷорӯб офариданд.
Адолат ҷангу исён пеша дорад,
Ба пеши зӯр мағлуб офариданд.
Касе фармон нагирад дар раҳи хайр,
Баислоҳаш адабчӯб офариданд.

* * *

Лашкари гап дар миёни шаҳри мо лангар зада,
Кӯраки ғайбат ба роҳу кӯчаҳо чодар зада.
Офтоби гарм рӯи сабзаҳо нур афканад,
Сабза бар кибр омада худро ба карруфар зада.
Бо табар ҳар ҷо дарахти сабзро тан мебуранд,
Таънаҳо лекин ба ному пешаи раҳбар зада.
Рӯи кат холӣ кунанд аз кори худ сардорҳо,
Аҳли иғвогар дар ин ҷо хома бар дафтар зада.
Гӯш аз наздик карда мешавад девона кас,
Заҳр бар девонагӣ моро аз ин минбар зада.
Раҳгузар бошӣ агарчӣ, бо нигоҳи хосае
Бар дили ту метавонанд аз ғазаб ханҷар зада.
Мӯи сар яктош кардаст аз сияҳқалбӣ сафед,
Риши фитна шона дигар то ба пеши бар зада.
Беҳаёӣ такягоҳи нокасон бошад мудом,
Нокасӣ дар авҷ гашта, хайма болотар зада.
Гаштааст ифлос аз ин баднафасҳо бас ҳаво,
Ҳавзи сабри мо зи пур гаштан саропо сар зада.

* * *

Боз ҳар ду гирди хон истодаем,
Ру ба рӯ чун дӯстон истодаем.
Ин сафар ҳарфи дигар хоҳем гуфт,
Дар сари арзу баён истодаем.
Гоҳ мисли пирҳо гӯем панд,
Гоҳ дар гап чун ҷавон истодаем.
Шиква бисёр асту мақсад ноқавӣ,
Ҳамчу рози ноаён истодаем.

Бар хаёл оварда ранҷи душманӣ,
Решааш оташзанон истодаем.
Қавл дода аз вафою ростӣ,
Дар паноҳи ҳам ба ҷон истодаем.
Лек метарсам, ки мисли пештар
Мо ҳамонему ҳамон истодаем.

* * *

Дил метапад паси ҳам, инро чӣ метавон гуфт,
Ҳаргиз наяст беғам, инро чӣ метавон гуфт.
Воиз зи пушти минбар бо шеър арзи дил кард,
Гуфтанд нест одам, инро чӣ метавон гуфт.
Дунёи санҷиш астӣ дунёи пурфасона,
Гӯяд тамоми олам, инро чӣ метавон гуфт.
Дарё равад ба роҳаш, кӯҳ аст дар нигоҳаш,
Як дам нагирад он дам, инро чӣ метавон гуфт.
Моли ҳалолу арзон мардум бувад талабгор,
Бошад агарчи он кам, инро чӣ метавон гуфт.
Аз розҳои пинҳон гӯянд ошкоро,
Ҳар ҷо ба чашми пурнам, инро чӣ метавон гуфт.
Гӯянд рафтагонро як ҷо агар хатокор,
Як ҷо даҳою аъзам, инро чӣ метавон гуфт.
Аз кардаҳои кӯҳна афтода дар хиҷолат,
Чун бо навем ҳамдам, инро чӣ метавон гуфт.
Ҳоло ки мо ҷудоем аз нозу худпарастӣ,
Рӯзе шавем бо ҳам, инро чӣ метавон гуфт.

* * *

Чун пир шудам, пир нагардад ҳаваси ман,
Фарёд кашад дар раҳи фардо ҷараси ман.
Мурғе шуда хонам ғазали ишқи гули сурх,
Дар бандаму кас нест кушояд қафаси ман.
Аз хеш напартофтаам додрасиро,
Шояд ки пагаҳ ёфт шавад додраси ман.

Нотоб будам, аз нафасаш тоб гирифтам,
Баргӯй куҷо рафт ҳамон хушнафаси ман.
Дар рӯм бигӯянд ба сад меравӣ бешак,
«Гаштаст фано» ҳар кӣ бигӯяд зи паси ман.
Гӯӣ ки зи ҷон бештарат дӯст бидорам,
Баҳри чӣ наоӣ ба барам булҳаваси ман?
Шаҳбози хаёлам ба даме сайр кунад даҳр,
Мондаст валекин зи давидан фараси ман.

* * *

Айёми баҳор асту чаман лоладароғӯш,
Аз сабза тани санг бувад балки қабопӯш.
Аз навдаи ҳар нахл чакад оби тароват,
Сардиву карахтӣ шуда якбора фаромӯш.
Бӯи гули хор омада аз доманаи кӯҳ,
Мастат кунад аз чор тараф бе маю бе нӯш.
Ҷон дар бадани ҳар гияҳу сабза дамида,
Чун чашмаи хушкида, ки аз нав бизанад ҷӯш.
Дигар накунад дил ба мани маст итоат,
Саҳро даваду бӯса занад рӯи сияҳгӯш.
Аз хотирамояндаву бигзашта равад дур,
Дасти ману гул бошаду дилдору баногӯш.

* * *

Танамро дардҳо абгор карданд,
Ғамамро беғамон бисёр карданд.
Ду поямро набошад тоби рафтор,
Ҷудоям аз раҳу рафтор карданд.
На султон бошаму не банди султон,
Маро аз ҳар дуяш бекор карданд.
Ба гӯшам мерасад аз ғайб овоз:
Адабро «боадабҳо» хор карданд.
Фиребандозҳо андар фиребанд,
Ба худ иблисро сардор карданд.

Надонад кас чӣ ояд пеш охир,
Амал кам карда, гап хирвор карданд.
Ба кунҷи хона побандам зи нолиш,
Ки гӯӣ гирди ман девор карданд.

* * *

Сардор аз чӣ бошад пинҳон кунад гуноҳаш,
Шояд раво надонад гуфтан ба коргоҳаш.
Мардум кушода гӯяд ранҷу азоби ҷонро,
Аз шикваҳо натарсад кас пеши қиблагоҳаш.
Бешармро чӣ гӯӣ, он гаҳ ки мекунад бад,
Парвои он накарда, каҷ монад ӯ кулоҳаш.
Шоҳ аст ё гадое, умри дубораш нест,
Яздон нигоҳ дорад ҳар банда дар паноҳаш.
Чашми замона тез аст аз нури меҳр ҳам беш,
Коре ниҳон намонад зинҳор аз нигоҳаш.
Равшан ба кас набошад анҷоми гирумонҳо,
Соф аз азал намояд бар хеш ҳар ки роҳаш.
Ҳаргиз сиёҳ нагардад дар рӯзгори тоза
Он, ки намекунад гӯш ҳамроҳи дилсиёҳаш.

* * *

Шукрона ба ҷон мекунам аз бахти баландам,
Ношукрӣ, агар умри нав орад, написандам.
Дар фанди касе ман нафитодам чу як инсон,
Карданд агарчи ҳама дам зумрае фандам.
Мероси падар монд ба ман дасти кушода,
Бар рӯи касе ҳеҷ дари хайр набандам.
Бо нону намак дӯст кунам душмани худро,
З-ин паст шавад бар тани лоғаршуда қандам.
Дар мотами мотамзадаҳо талх бигирям,
Дар хандаи ғамбехаборон ҳеҷ нахандам.
Ҷое наравам, гарчи бувад базму тамошо,
Оянду ба он маърака гиранду барандам.

Дунболаи хубон шудан аз дил наравад дур,
Аммо чӣ кунам дар бағали шаст лавандам.
Бар гӯши касе шиква дигар кора насозад,
Ношукрӣ, агар умри нав орад, announce

* * *

Шамидан пеша дил кардаст садбарги таманноро,
Бупаймоям агарчи пои урён кӯҳу саҳроро.
Парастад офтоби рӯйхандонро гули варточ,
Парастам ман ҷамоли рӯҳбахши ёри зеборо.
Барише ояти Қуръон кунад бар нафъи худ тарғиб,
Мазамматгар манам дар ҳар ду олам фанди муллоро.
Нигаҳ дорад мудом ишкамчарон бар қулзуми дегон,
Ба пастӣ бингарад каргас паси сар карда болоро.
Бубинад хуб равшандил баду неки ниҳониро,
Набинад тирадил зинҳор пеши худ ҳувайдоро.
Сарам шуд аз мадоро доштан бо нокасон испед,
Намехоҳам аз ин пас чун сагу гургон мадороро.
Бигирам пеш размн беамон бар рағми душманҳо,
Ба дур андохта осоиши хуби ду дунёро.

* * *

Аз боғдорӣ дар ҷаҳон мақсуд ҳосил бошадо,
Як пешаи ошиқшавӣ сӯзондани дил бошадо.
Он ки надида ошиқӣ, беҳуда карда арзи меҳр,
Аз сӯхтан, аз дарду ғам дур асту ғофил бошадо.
Боде, ки орад бӯи ёр аз доманаш ё аз рухаш,
Медон, ки аз дил бар диле доно муҳосил бошадо.
Дунёи заҳмат дигару заҳри муҳаббат дигар аст,
Васлу ҷудоӣ душмани бар ҳам муқобил бошадо.
Одам кунад ноодамӣ гар аз паи фоидае,
Одамшавияш баъд аз ин бисёр мушкил бошадо.

Деҳе ба деҳ якҷо шавад, з-ободии мулк асту бас,
Дилро ба дил яктокунӣ аз ақли комил бошадо.
Беҳин бувад он манзиле, к-аз дӯстӣ гул мекунад,
Гар дӯстӣ набвад дар он, баргӯ, чӣ манзил бошадо?!

* * *

Хоҳам ҳама бигзораму бар пеши ту оям,
Аз сӯҳбати ту занги дили хеш зудоям.
Танҳоӣ ба ҷону тани ман гашта чу сӯҳон,
Ин гуна агар умр барам, дер напоям.
Бошад, ки дар ин давр кунӣ кори савобе,
То хонаи ту тарк насозам, набароям.
Охир чӣ кунам, ғайри ту дилхоҳ надорам,
Рӯзе набувад, ки зи ту ман лаб накушоям.
Ту зодаӣ аз чашмаи пурҷӯши муҳаббат,
Ман зода зи хуршеди пур аз сӯзу вафоям.
Ту нони танӯрастию ман гӯшаи зорам,
Ду дида ба нон дӯхта монанди гадоям.
Таърихи бузургам шуда як қиссаи ночиз,
Аз фанди калон хӯрдану аз ҷабри хатоям.

* * *

Ҳартарафрав чун кабӯтар нестам,
Дургарди хонаву дар нестам.
Бӯи нони гарм ояд аз дарам,
Тоқахӯр то рӯзи маҳшар нестам.
Шукр гӯям, хонаам пурбачча аст,
Ғайр аз ин ман бе бародар нестам.
Дар ҳаво бошам уқоби тезчанг,
Дар замин чун мурғи бепар нестам.
Дар дилам доғи Душанбе доғ баст,
Гарчи ҳаргиз доғпарвар нестам.
Ровие мулки дигар таъриф кард,
Гуфтамаш аз мулки дигар нестам.

Ман ба симу зар набахшам гарди хок,
Бевафои хоки кишвар нестам.
Орзуи дил баробар будан аст,
Орзу ҷуз рӯи дафтар нестам.
Хок месозад баробар ҷумларо,
Тарсам, он ҷо ҳам баробар нестам.

* * *

То шири одам хӯрдаам,
Ғам аз паи ғам хӯрдаам.
Дар рӯзгори дидаам
Нони фараҳ кам хӯрдаам.
Заҳмат кашида мӯ ба мӯ,
Заҳре дамодам хӯрдаам.
То шом чун гул сӯхта,
То субҳ шабнам хӯрдаам.
Доғ аз бародар дидаам,
Талхоби мотам хӯрдаам.
Тороҷ молам кардаанд,
Обкоми барҳамхӯрдаам.

* * *

Омаданду ҳар тараф аз ҳирс чанг андохтанд,
Чанг бар молу зари мо бедаранг андохтанд.
То таманно пеш оранд он сиёсатбозҳо,
Ҷанг оҳубарраро бо каркаданг андохтанд.
Дӯст хонда хешрову ҷо шуда дар гирди хон,
Дар даруни чойи мо пинҳонӣ банг андохтанд.
Аз гарангиҳои мо дар дил ниҳон хандон шуда,
Айби сад ҳушёр бори як гаранг андохтанд.
Ҳамчунон шоми ғарибон тира карда ақлҳо,
То бародарҳо ба қутти ҳам шаранг андохтанд.
Ҳар кӣ оёте зи Қуръон ёд кард аз эътиқод,
Зуд даври гарданаш банде таранг андохтанд.
Бехудоӣ дарс дода рӯзу шаб бар бандагон,
Бо худои хеш мардумро ба ҷанг андохтанд.

То нагардад ҳарф боло рағми ин сон гирудор,
Дар қафас якҷоя моро бо паланг андохтанд.
Борҳо гуфтанд: раҳрав мо шуморо кардаем,
Гарчи дар ҳар гом пеши пой санг андохтанд.
Муфт бурда ганҷи мо бо дилкушодии зиёд,
Содаҳои хешро бар ҳоли танг андохтанд.
Ҳар замон бо ҳукми худ хонданд моро гӯсфанд,
Гӯсфандонро ба пеши гурги ланг андохтанд.
Рӯзи мо аз зердастӣ гашт ҳар дам талху тор,
Талхиву торӣ бар он рангобаранг андохтанд.
Дӯст мегиряд, адӯ хандад ба ҳоли зори мо,
То ба чашми ризқёби мо хаданг андохтанд.

* * *

«Агар он турки шерозӣ ба даст орад дили моро»,
Ба пеши пош аз як лаб занам сар аҳли савдоро.
Ҳама нарху наво аз нав кунам бо ченаки инсоф,
Ба берунҳо барорам моли нопайдову пайдоро.
Арӯсонро шавад то кафши булғорӣ ба пои ноз,
Садои пошна овеза гардад гӯши дунёро.
Дарахти ноумедӣ барканам аз беху бунёдаш,
Ба пеши дидаҳо равшан кунам уммеди фардоро.
Чу хас оташ занам фанду фиреби корфармоён,
Кашам бар кӯчаи шармандакорӣ каҷкулаҳҳоро.
Ҳама мошинаҳо, ки муфт аз худ кардаанд эшон,
Ситонда бахшаме заҳматкашони дашту саҳроро.
Ба нодорон намоям тӯҳфа имконоти доро̄й,
Ба банди ҷабри нодорӣ бубандам сахт дороро.
Рафоқатро миёни ҷамъият подор гардонам,
Ба чоҳи нестиҳо афканам ҳар гуна иғворо.
Зи байни одамон чун чанги раҳ рӯбам ғалатфаҳмӣ,
Фурорам нархи як тин пурғараз фатвои муллоро.
Ба ҷои наҳсӣ аз серӣ кунам бунёд Наврӯзе,
Ба рақс оварда Зӯҳроро, ба хушхонӣ Сурайёро.

Шавад хурсанд мардум ҳамчу тифли модараш дида,
Ки дида дур нагзорад зи маддаш ин тамошоро.
Сипас бо турки шерозӣ, ки дил аз мо ба даст овард,
Тамошоҳо бароям Тоҷикистони дилороро.
Ба ҳар як гом пеши пош пояндоз партоям,
Ба пеши рӯш чун оина дорам пасту болоро.
Раҳорах гул ба мӯяш бандам аз гулҳои наврӯзӣ,
Ба Шугноваш барам, бахшам ба ҳукмаш кони тиллоро!..
Намонам, ки касе аз мо хасе дигар барад берун,
Хулоса карда инро, нуқта бигзорам таманноро.

* * *

Бар ваъдаи ту лаҳзаи итмом наомад,
Мо рӯза гирифтему дигар шом наомад.
Дар маъракаи мо, ки бувад аз сухан обод,
Шармид зи худ бодаву дар ҷом наомад.
Гуфтем гаҳе байни ҳам аз гуфтаи Хайём,
Ҷом аз паи ҷом омаду Хайём наомад.
Аз хубрухон рӯйхате хост дили мо,
Ҷуз номи ту дигар ба забон ном наомад.
Бо боди сабо рафта буд аз мо ба ту пайғом,
Бод омаду як ҳарф зи пайғом наомад.
Оғози муҳаббат ба ту дар ёд намонда,
Бар ҷӯшиши ин чашма, ки анҷом наомад.
Афсурда шавад, хор шавад, зомини умраш,
Бо меҳр касе соз ба айём наомад.

* * *

Фарёд кунам, ту нашнавӣ фарёдам,
Ку додрасе, ки ӯ расад бар додам.
Шабҳо ҳама шаб хоб равад аз чашмам,
З-он рӯз, ки чашм бар рухат бикшодам.
Гар ёд кунӣ, ё накунӣ, озодӣ,
Озод наям, ба чоҳи ғам афтодам.

Поям сари роҳ баста бебанд шуда,
Дилро ба ҳавои ту зи худ сар додам.
Сар додаму гуфтамаш, ки баргашта наё,
То он, ки наёбӣ оташи эҷодам.
Баргӯй ба гӯши ӯ, ки ман пир шудам,
Ояд ба барам, ҷавон шавад бунёдам.
«Аз ёри бамеҳр пирии пир равад»,
Мегуфт замоне ба ҳавас устодам.
Умрам бигузашту бас пушаймон гаштам
Аз он, ки наомӯхтаам аҷдодам.

* * *

Кам нест касоне, ки бағаммондаи хосанд,
Дар ҷодаи мардӣ ҳама марди басипосанд.
Дидам ба сафар дар сухану дар амалу сидқ
Онон, ки ба ҳар марҳала бемисл ғиёсанд.
Хушчақчақу пурхандаву бекинаву дилёб,
Бо покии худ кавкаби шабҳои аёсанд.
Бо мардуми заҳматкаше зуд унс бибанданд,
Дар сӯҳбати ӯ, дар бари ӯ рӯи палосанд.
Кам низ набошад, ки ба ин қавм ба олам
Ашхоси дигар ҳамчу муқобил ба қиёсанд.
Доғе бари оинаи дилҳо бинамоянд,
Аз фазлу хирад, меҳри ба кас гарм халосанд.
Аз пеши ману ту ҳама дам дур нишинанд,
Ҳар ҷо, ки нишинанд, фақат дар бари тосанд.
Хуб аст зи ҳам мову ту дурӣ напазирем,
Онон, ки шаванд аз паи ин, дардшиносанд.

* * *

Гапи бисёр донад, он ки хомӯш аст,
Палав дар дег пухта, зери сарпӯш аст.
Касе пур гап занад аз нуқс, дилсоф аст,
Тамоми софиҳои чашма аз ҷӯш аст.

Ҳавасҳоям нагунҷад дар ҷаҳон ҳаргиз,
Ҳавасҳо мурдаву ғам бор бар дӯш аст.
Ба кӣ гӯям аламҳои дили ноком,
Магар бо бода, ки дар шиша мадҳуш аст.
Дигар он ошиқии «ишқи печон» нест,
Ба хардумкаҳ гули наврӯ ҳамоғӯш аст.
Сухан озод бошад ҳам, хатар дорад,
Суханчин ҳар куҷо сар то ба по гӯш аст.
Магӯ, ки хона маҳкам дорию кас нест,
Паси деворҳо дар рафтуо муш аст.

* * *

Замоне шуд, ки мавқеи фазилат нест,
Ҷаҳолат пешдаст асту футувват нест.
Ба молу чиз савдо мекунанд имон,
Касеро тарс аз рӯзи қиёмат нест.
Бародар бо бародар душмани ҷон аст,
Ба одам дидай, ки қадру қиммат нест.
Зану шавҳар ба як ҷо дар муросоянд,
Вагарна дар дили онҳо муҳаббат нест.
Биёяд аз гулистон қар-қари зоғон,
Ба гул дар боғҳо рангу тароват нест.
Сухан, ки марҳами ҷон асту дилбоз аст,
Ба даври ҳуққабозон шарту ҳоҷат нест.
Умеди зиндагӣ кам гашта дар дилҳо,
Зи бас фарқи мурувват аз разолат нест.
Ба хурдон лутфи гурдонро намебинӣ,
Ба гурдон ҳеҷ касро майли ҳурмат нест.
Ба масҷид фосиқе хонад намоз акнун,
Ки ӯро дасту пои ботаҳорат нест.
Магар охиршавии даҳр наздик аст,
Ки бинӣ покие – асли фаросат нест.
Адолат, дар куҷоӣ, даст боло кун,
Сиёсат, дар куҷоӣ, о, ки тоқат нест.

* * *

Шикоят мекунӣ, ки халқ дар шӯр аст,
Яке аз дигаре шӯрида, ранҷур аст.
Ба ҷое мардуме рӯ тофтаст аз кор,
Ба ҷое ҳоюҳуи сахту мансур аст.
Талабҳои ҳама ҳақ бошаду аммо
Расидан то ба ҳақ бисёр ҳам дур аст.
Шаби тӯфоние дар рӯ ба рӯи мост,
Аз ин тӯфон гузаштан мушкилу зӯр аст.
Бале, ту рост мегӯӣ «хатоҳоро»,
Ба чашми тезбинон ҳар чӣ манзур аст.
Намедонӣ, ки дар бунёди тӯфонҳо
Ниҳон аз пеши дида машъалу нур аст.
Ба мисли сел бошад ин ҳама балво,
Ҳаводис аз муҳити аҳли ноҷӯр аст.
Чӣ бояд, ки бигардад соф рӯди сел?
Ба он даркор раҳпӯии пуршӯр аст.
Чу маҷро ёфт дарё, мешавад ором,
Каси ҳақгӯй дар оғоз мағрур аст.

* * *

Гап табиб аз дарди ту камтар занад,
Ранги зардат бар дилам ханҷар занад.
Ин қадар бераҳм бошад рӯзгор,
К-орзуҳоро ба хоки тар занад.
Ҷабр баҳр асту фароғат қатрае,
Қатрае, ки байни хокистар занад.
Заҳмати рӯзу шабӣ хунат макид,
Кирм доим нахли боровар занад.
Гар кунам иншо зи ҳолат мисрае,
Ашки хома бар рухи дафтар занад.
Хубии аҳволи худ хоҳад касе,
Бо муроде хеш бар ҳар дар занад.
Ҳаст сайёде,ки нахчир оварад,
Ҳаст сайёде, ки як кафтар занад.

Дил парастори набарди адлхоҳ,
Адл бояд гом дар кишвар занад.
Ҷунбиши пуршӯри мо айбе магир,
Пур шавад гар ҳавз, обаш сар занад.

* * *

Дар хонаи мо ҳар саҳарӣ ҷанг шавад,
Ҷанҷолу кашокаше ба ҳар ранг шавад.
Бому дари хонаро ба сар бардоранд,
Маҳшар шаваду ҷаҳон маро танг шавад.
Фарёди яке барои дафтар бошад,
Доди дигараш аз қаламу ранг шавад.
Попӯши яке даридаву пуркӯк аст,
«Шим нест!» дигар гуфта, ҳамоҳанг шавад.
Бар корравӣ дер шавад аз ҷанҷол,
Ҷанҷол зи бенангию аз нанг шавад.
Дилгир наям зи баччадорӣ ҳарчанд,
Дилгирам аз он, ки рӯ пурожанг шавад.
Ҳамсоя, ки дорост, ба мо механдад,
Қадре, ки зи хандаҳош беҳанг шавад.
Ӯ рангу баранг ҳар саҳар мепӯшад,
Ин пеша ба вай гӯӣ зи фарҳанг шавад.
Бар оташи ҷанги мо бирезад равған,
Тире ба ҷигар боз зи тӯфанг шавад.
Аспи амалам, ки меравад ҷониби пеш,
Кул хӯрда ба роҳу ногаҳон ланг шавад.
Дар чораи кори хеш музтар монам,
Чои саҳарӣ ба коми ман санг шавад.

* * *

Сӯхтам, то дил даме беғам шавад,
Ғам вале ҳар рӯз рӯи ҳам шавад.
Орзӯ кардам, ки сар бофам туро,
Панҷаҳоям шонае як дам шавад.

Чун насиби кас нагардад орзӯ,
Дасту погумкардаи мотам шавад.
Орзӯ аз орзӯ гардад зиёд,
Умр байни орзуҳо кам шавад.
Ашки шодӣ рӯи ту зебо кунад,
Ҳусни гул афзунтар аз шабнам шавад.
Ашки ғам пурчин кунад рӯи маро,
Оҳи дил, фарёди ҷонам зам шавад.
Бигзарад сад солу монад ин умед:
Одам аз одамгарӣ одам шавад.

* * *

Дарди зиёд дораму дармон намерасад,
Як зарра ҳам фароғате бар ҷон намерасад.
Рӯи гул аст бингарӣ аз бод пурғубор,
Абри сиёҳ тобаду борон намерасад.
Ту ормон шикастиву ман медавам ҳанӯз,
Дастам ба гирди домани армон намерасад.
Умре зи чоши хирмани ҳуд серу пур будем,
Ношукрие гузашт магар, нон намерасад.
Обам ҳамону мазраи сабзондаам ҳамон,
Ҳосил куҷо, ки гарди каҳ аз он намерасад.
Гӯӣ, ки ҷабру зулмати занҷир мекашам,
Баски дигар инояти ёрон намерасад.
Рав ту ба роҳи қисмату ман лаб кунам хамӯш,
К-ин қиссаи дароз ба поён намерасад.

* * *

Ба ту, сардори худбин, як-ду гап дорам,
Дурушту талх гӯям гар, сабаб дорам.
Фукатро аз ҳаво як дам ба поён гир,
Ки ман бар кибр нафрат рӯзу шаб дорам.
Ту овардиву ёрони ту қашшоқӣ,
Ба наҳсу наҳсоварҳо ғазаб дорам.
Шунидам: пеши ту, ҳам дар забони ту
Мани ҳақгӯ «ҳавоигӯ» лақаб дорам.

Ту худ боло шумориву дигарҳо паст,
Ба ин дунёи ханда зери лаб дорам.
Ба қадре ман шудам бедору дар размам,
Гумон дорӣ, ки ҳоло ҳам ғанаб дорам?!
Ту ҳамкори калони беадабҳоӣ,
Адабро дар канор аз беадаб дорам.
Сиришти ман туро дида дигар гашта,
Набарди сахт доим бо асаб дорам.
Ту умре ишрату базму тараб дорӣ,
Мани бечора умри бетараб дорам.
Гаҳе бо ман зимистони Сибир астӣ,
Гаҳе гармии саҳрои Араб дорам.
Аҷаб, ки ҳеҷ кас ломат намегӯяд,
Аз ин сон мурдахобиҳо аҷаб дорам.
Тавонам баст дасти ришвабозатро,
Барои банди дори ту канаб дорам.
Дарахтони куҳан ҳезум шуда рафтанд,
Аз ин ҷо рафтанатро ман талаб дорам.
Кафанворӣ ба худ карбос меҷӯям,
Барои йиртиши ту беқасаб дорам.

* * *

Соли нав омаду ман нав нашудам,
Дур аз дарду даводав нашудам.
Пои мӯҳтоҷи давон ҳар тараф аст,
Рӯи уммед ба Маскав нашудам.
Ба гумонам ҳама ҷо торик аст,
Соҳиби ҷилваи партав нашудам.
Хирмани пур будаму каҳ мондам,
Каҳ шуда, рӯи кафе ҷав нашудам.
Дигарон бин, ки ба ҳар мулк раванд,
Ман ба ин тоифа пайрав нашудам.
Ҳар ки шоҳ аст канори ватанаш,
Пир гаштам ману хусрав нашудам.

* * *

Аз чӣ бошад ин қадар бемеҳру бадбин гаштаӣ,
Мисли гурги гушнамонда сахт хашмин гаштаӣ.
Чашми худ кач кардаю дандон ба дандон мезанӣ,
Бар сари озодфикре тешаи кин гаштаӣ.
Думликонданҳои ту бар табъи сардорон хуш аст,
Баҳри эшон маркабе андар таҳи зин гаштаӣ.
Рост гуфтан, рост рафтан пеши ту дорад хатар,
Бо дурӯғангезият бар рост зомин гаштаӣ.
Сиркае дидам, ки бидҳад гӯсфандонро ба марг,
Ҳамчунон он сиркаи бадриш хоин гаштаӣ.
Ҳар ки бовар кард бар ту, гашт нобовар ба халқ,
Ҳамнишин ё аз муридони шаётин гаштаӣ.
Фахр бинмоӣ, ки дар айёми қашоқию наҳс
Аз ҳама моли ҷаҳон дар хона таъмин гаштаӣ.
Дар хаёлат, ки набошад аз ту қиматтар касе,
Асли гапро гӯямат, дар асл як тин гаштаӣ.

* * *

Аз паи ризқ шуда, банди ниёзанд ҳама,
Аз саҳар то дами шаб дар даву тозанд ҳама.
Кӯдакон дида ба раҳ дӯхта дар ҳасрати нон,
Гоҳ дар гиряву гоҳе ба арозанд ҳама.
Осиёбе, ки кунад орд, гулӯрав шудааст,
Дон ба дарё биравад, ғусса навозанд ҳама.
Чора ҷӯяд паи ҳам мардуми бечора, чӣ суд,
Худ агар дар дами оташ бигудозанд ҳама.
Дасти кӯтоҳ зи шохе натавон мева бичид,
Сари мансаббудагон дастдарозанд ҳама.
Эй басо хона гирифтанд ба номи бачу кач,
Боз бар номи касе хона бисозанд ҳама.
Нусхаи тирукамон бар дару девор кашанд,
Бандаи доимии молу ҷиҳозанд ҳама.
Лаб агар боз кунӣ, бар сари ту тез шаванд,
Аҷабо, пӯсттунук мисли пиёзанд ҳама.

Пеш аз ин дӯғ зада, «нест худо!» мегуфтанд,
Ҳолиё бӯсакуни ҷойнамозанд ҳама.
Тоза нест он, ки ба ин тоифа якҷо бошад,
Гургу саг дӯст шавад, рамма бибозанд[1] ҳама.

* * *

Он чӣ мехостам, эҷод нашуд,
Қаламам дар сухан устод нашуд.
Шуд дилам хонаи вайронаи ишқ,
Ҷуғзи ғам хаста зи фарёд нашуд.
Хостам, то ҳама дил шод кунам,
Ба гумонам, ки диле шод нашуд.
Ҳавасам рӯи ҷаҳонро бигирифт,
Тарафам чашми паризод нашуд.
Дасти кӯтоҳ сабабгор шуда,
Дастболое ба имдод нашуд.
Адл дар кӯчаи мо пой намонд,
Кохи ин масъала бунёд нашуд.
Ҳар чӣ гӯяд қаламам, озод аст,
Лек дил аз алам озод нашуд.

* * *

Сад дареғо, ҳарфи даркорӣ намонд,
Аз замона ҷуз дилозорӣ намонд.
Тӯдаи бадгӯю ғайбатпешаем,
Шеваи гарму парасторӣ намонд.
Рӯзи мотам балки механдем мо,
Бар мусибатдида ғамхорӣ намонд.
Рӯи ганҷашро набинад ранҷбар,
Чорааш ҷуз гиряву зорӣ намонд.
«Хез аз хоби гарон» аз ёд рафт,
Хоб ғолиб гашту бедорӣ намонд.
Нархи озод оҳу ваҳ бисёр кард,
Бар диле майли харидорӣ намонд.

[1] Бибозанд – ба маънои бохтану нест кардан.

Хушк шуд сарчашмаи ҷӯши вафо,
Балки дар саг ҳам вафодорӣ намонд.
Даври мо бошад магар даври қамар,
Меҳри фарзанду падардорӣ намонд.

* * *

Дилмонда гаштаам, ки қадри сухан намонда,
Завқи сухан шунидан дар марду зан намонда.
Дар кӯчаҳову бозор, дар хонаву сари кор
Гуфтор ғайри нархи дандоншикан намонда.
Фасли баҳор наздик, хушканд даштҳо, лек
Майле ба киштукори дашту даман намонда.
Уммед кас надорад аз кас дар ин замона,
Чашми уммед балки бар анҷуман намонда.
Ёрону дӯстонам аз ман канор рафтанд,
Пайғом балки з-эшон бар номи ман намонда.
Тифлони мактабиям ҳар рӯз гиря доранд,
Ҷуз обу нони хушке бас дар даҳан намонда.
Дарбеҳ занам паси ҳам бар куртаи сиёҳам,
Карбоси зардакие баҳри кафан намонда.
Аз дард пӯст гаштам болои устухонам,
Аз гӯшт ёдгоре андар бадан намонда.
Ранҷуру пуразобам, бо худ дар изтиробам,
Як ҷои нашъаёбам бас дар ватан намонда.
Гарчи ба зери нешам, ҳайрони тоби хешам,
Ки мурдан аст пешам, дил аз задан намонда.

* * *

Одамӣ даври ҷавонӣ доштаст,
Бе ҷавонӣ умри фонӣ доштаст.
Гар ҷавонӣ бошаду майдони разм,
Аз худ одам қаҳрамонӣ доштаст.
Шер ҳам будаст пешаш нотавон,
Қудрату зӯри ниҳонӣ доштаст.

Лаззати он давр дигар будааст,
Ҳар дамаш як шодмонӣ доштаст.
Нони хушку косаи оби хунук
Дар даҳан шаккарфишонӣ доштаст.
Лек он чун бод тозон бигзарад,
Дар ситодан нотавонӣ доштаст.
Бигзарад гар чи зи дунё ройгон,
Дарду сӯзи ҷовидонӣ доштаст.

* * *

Чашми бедорам, чӣ созам, хобро гум кардааст,
Гиря пеш ояд агар, ӯ обро гум кардааст.
Чанги пирӣ аз гиребонам кашад бар сӯи дар,
Ҳавлии торики ман маҳтобро гум кардааст.
Ку ҷавонӣ, ки намеояд дигар бар тан маро,
Боғбонам меваи ноёбро гум кардааст.
Дил чу мурғи канда пар худро занад болову паст,
Баски аз паҳлӯи хеш асҳобро гум кардааст.
Майл пеши дӯстон дорам, нагирад по гапам,
Ҳазрати муллои мо меҳробро гум кардааст.
Зулфи пуртоби туро гуфтам тамошое кунам,
Дидам он ҳам бо муруре тобро гум кардааст.
Вақт кай хуш бигзаронам, дигар аз ман ин мапурс,
Чун забонам шеваи дилёбро гум кардааст.
Дар худаш дарё кунад гирдоб эҳё аз хурӯш,
Ҷунбиши дарёи ман гирдобро гум кардааст.
То кунун «Биштоб!» мегуфтанд, бас биштофтам,
Гӯши ман бишнидани «Биштоб»-ро гум кардааст.

* * *

Рӯ ба рӯи равзанам шуд барги хурмоям хазон,
Ёд меорад маро аз пирии умри ҷавон.
Мебарад фикру хаёламро ба дунёи дигар,
Баргҳо, ки мефитанд аз бозии боди хазон.

Дар дили ман хона дорад ҳамчу кирми себ ғам,
З-он ки умри одамӣ гаҳ меравад бар ройгон.
Қарни мо ҳам пир гашта дар дами мурдан бувад,
Нест доруе дигар бахшад даво бар дарди он.
Зиндагӣ навхоҳ гашта, во кунад бар нав бағал,
Пирро бахшад табиби навҷавон аз дард амон.
Байни разми серу гушна кас наметарсад зи кас,
Ҳамчунон бозичаи тифлон шавад тиру камон.
Ҳар қадар кӯшӣ, ки мақсудат ба сомон оварӣ,
То дами охир намемонӣ вале аз гирумон.
Бахтдуздон бешуморанд, алҳазар аз беғамӣ,
Пушт бар девор дорад, пир гашта посбон.

* * *

Рафт аз мо мавҷу авҷи «Зинда бод!»
Ончуноне ки гузашт аз дашт бод.
Рехт аз мо обрӯи сохта,
Монд дар мо ҳою ҳую вою дод.
Бозсозӣ кард эъҷоз ихтироъ,
Роҳи нафси фитнабозонро кушод.
Каҷравон гаштанд ҳар ҷо минбарӣ,
Ростон ҳайрон зи даҳри каҷниҳод.
Ваъда резад аз лаби раҳбаршавон
Бар сари пиру ҷавони номурод.
Содаҳо бар ваъда созанд итминон
З-ибтидо то лаҳзаҳои хайрбод.
Хотири мардум парешон ҳасту бас
Аз чунин айёми пурфанду фасод.
Дил зи ғам торик бошад мисли шаб,
Чун чанор азбаски адл аз по фитод.
Кист ки бошад дар ин дам шодмон?
Шодмон аст он, ки аз модар назод!

* * *

Ҳар гаҳе моро кушад, аз ҳам ҷудоӣ мекушад,
Бо бародарҳои ҳамхун бевафоӣ мекушад.
Дӯст будан пеши рӯю дар паноҳӣ хасми ҷон,
Ин ниқоб, ин макр, ин гургошноӣ мекушад.
Бар кару бар кӯр бовар мекунад аз аблаҳӣ,
Он, ки худро дар раҳи мансабгадоӣ мекушад.
Бар сари минбар шуда нохонда бешарме ба ноз,
Дар дил уммеди ҳама бо фитназоӣ мекушад.
Рӯ натобад беҳунар дар роҳи нафъ аз ҳеҷ шар,
Боҳунар худ баҳри некӣ чун фидоӣ мекушад.
Баҳри нафъи халқ мурдан хубтар аз ҳар нишот,
Хешро хуршед бо партавфизоӣ мекушад.
Худнамоӣ бар хирадмандон намеояд писанд,
Рӯи гул шабнам худаш аз худнамоӣ мекушад.
Иттиҳоду худшиносӣ шаҳсутуни миллат аст,
Миллати ноаҳлро ин бенавоӣ мекушад.
Халқ мегӯяд, ки шав девонаю бегона не,
Ҳар кӣ шуд бегона, ӯро бехудоӣ мекушад.
Дар сари қолу мақоли бахти худ истодаем,
Бахти фаррухболи моро як хатоӣ мекушад.

* * *

Хонаат сӯзад, агар бошӣ ту дар озори мо,
Ҳар куҷо шарҳе диҳӣ кач маънии гуфтори мо.
Сарду гарм аз ҳай-ҳаи мо сӯҳбате барпо кунӣ,
Ё сабақ нагрифтаӣ то ҳол аз пайкори мо?!
Моли моро мебарӣ бо фанд чун яғмогаре,
Пои шумат наҳсие овард дар бозори мо.
Пур шуда занҷирпеч анбори ту аз симу зар,
Ғайри гарду чанг моле нест дар анбори мо.
Карнаи ҷоғи туро санги ҳаводис бишканад,
Хоҳу ноxоҳ асли таърих аст ин- такрори мо.

Нест кам дар ҷангали паҳнои мо шеру паланг,
Бишнаванд онҳо суруди хоб аз найзори мо.
Гушначашмиҳои ту ҷӯшонаду сӯзонадам,
Мешавад бедортар з-ин дидаи бедори мо.
Ман ба размат хестам, чун гуфтӣ бошад инқилоб,
Ходаи дор аст, бингар, килки оташбори мо.

* * *

Дасти нанг аз доманам бар сӯи майдон мекашад,
Разм дар майдон ба қурбонсозии ҷон мекашад.
Миллати тоҷикро бедор кардан давлат аст,
Давлати бедор кас паҳлӯи эҳсон мекашад.
Нони мардум хӯрдаам, бо нони ӯ гаштам калон,
Бар набарди бахти халқам ҳурмати нон мекашад.
Роҳи дуродури пур аз хорро тай кардаам,
Сӯзане аз пои ман хори биёбон мекашад.
Ҳар кӣ бадхоҳӣ кунад, бадхоҳ эълон мешавад,
Бар чунин раҳ, ки варо шавқи ҷиғилдон мекашад.
Навпарастонро бувад нури саҳаргаҳ пеш-пеш,
Куҳнахоҳонро ба худ зулмоти зиндон мекашад.
Бори аввал қисмати моро ба мо биспурдаанд,
Лек онро ҳар тараф як зумра шайтон мекашад.
Он яке таҳдиди озодӣ кунад дар пеши рӯ,
В-он дигар аз дуртар санги фалахмон мекашад.
Дидаи бедор кам бошад, дигар ҳушёр бош,
Эй ҳамоне, ки туро бар адл виҷдон мекашад.
Ҳисси миллӣ, меҳри мулк он кас, ки дорад, рӯ занад,
Юсуфи дар чоҳро уммеди Канъон мекашад.

* * *

Хомӯш машин, хез, ки айёми набард аст,
Олам ҳама азбаски ба банди ғаму дард аст.
Дорад писаре рағми падар шиква зи мардӣ,
Номард киҳоянд, надонем кӣ мард аст.

Касро накунад гӯш касе дар амали хеш,
Ҳаргиз натавон гуфт, ки дар фаҳм кӣ фард аст.
Гӯё ки бувад дар ҳама дунё чапакорӣ,
Сардӣ ҳама гармӣ шуда, гармӣ ҳама сард аст.
Он рӯй, ки хӯрдаст ҳақи мардуме, сурх аст,
В-ин рӯй ҳақи хеш нахӯрдаст, ки зард аст.
Гирд омадани ҳамватанон қудрати зӯрест,
Гирд ояд агар бод, зи раҳ рӯфта гард аст.
Як рӯз зи мо котиби таърих бипурсад,
К-аз баҳри Ватан сокини ин марз чӣ кардаст!

* * *

Дидаи ӯро, ки шайтонӣ кунад,
Ҷои равғандор султонӣ кунад.
Бо бунӣ гап мезанад фунгӣ барин,
Ҳар гаҳе ки ӯ суханронӣ кунад.
То бунӣ оё ки равған бастааст,
Ё ки нози салтанатронӣ кунад.
Чор мошин бошад андар хидматаш,
Ӯ ба онҳо ҳукми раббонӣ кунад.
Ҳар чӣ ёбад, мекашад аз чор сӯ,
Моли камчин бар худ арзонӣ кунад.
Қисми фанд иҷро намояд ошкор,
Қисми бешаш лек пинҳонӣ кунад.
Гандуми сурх оварад бар мурғҳош,
Гӯсфандонаш ба ҷав бонӣ кунад.
Орди навъи ду бар гав медиҳад,
Кай хаёли даври камнонӣ кунад.
Рӯи хонаш тути Яхшои Дара
Пеши писта китфҷунбонӣ кунад.
Бӯи зира хезад аз деги палав,
Кабки бирён пойафшонӣ кунад.
Ҳизб шуд дарбаста, ӯ дар кайф монд,
Муш дар анбор хушхонӣ кунад.

Гарчи дорад ҷаннате дар ихтиёр,
Боз кӯшиши фаровонӣ кунад.
Қолин орад, пойандоз оварад...
Зикрашон дар акти «вайронӣ» кунад.
Гург сар доданд аз дунболи мол,
То ба тарзи тоза «чӯпонӣ» кунад.
Бо чунин бераҳмию ғоратгарӣ
Даъвие боз аз мусулмонӣ кунад.
Ҳайфи сардоре, ки бар ӯ итминон
Чун шарикони дилоҷонӣ кунад.
Дида шоир савлати бехунияш
Пеши ӯ ин шеър қурбонӣ кунад.

* * *

Кор ба сардор н-афтад, эй худо,
К-ӯ худаш шаҳ хонаду моро гадо.
Миҷ-миҷаш бар ҷону дил сӯзан занад,
Ноз карда рӯй гардонад қафо.
Арзи худро чун биёрам бар забон,
Бо ғуруру кибр мегӯяд: «Чиво?»
Шаш телефонаш бувад болои миз,
Бо замин гап мезанад, ҳам бо само.
Бишнавад ногоҳ овози зане,
Нарм мегардад чу лои зери по.
Шеър ҳам хонад гаҳе бар гӯши ӯ,
Аз замину аз ҳаво бо сад хато.
Мезанад оташ ба як соат ҳама
Олами шарму ҳаёро бериё.
Дар забонаш шеваи ифлосӣ аст,
Бошад андар хидмати ифлосҳо.
Кайфи сӯҳбат мекунад ӯро асир,
Сӯи ман ҳаргиз намесозад нигоҳ.
«Тахту тоҷаш, эй худо, бар хок зан!»
Кош ояд мустаҷобат ин дуо.

* * *

Куҷо донанд бедардон чӣ сон аҳволи ман бошад,
Манам помоли ғамҳо ё ғаме помоли ман бошад.
Суханҳои тасаллобахш бар гӯшам намеояд,
Тасаллои мани бемор лабтабхоли ман бошад.
Ба уммеде кушоям ҳар саҳар девони Ҳофизро,
Надонам дар кадомин сафҳаи он фоли ман бошад.
Ҳамегӯянд ҳар чӣ бар сарат ояд, аз иқбол аст,
Киро пурсам чаро имрӯз паст иқболи ман бошад.
Газидам сахт дар тифлӣ магар пистони модарро,
Ки сахтие ба тору пуди ҳар аъмоли ман бошад.
Курундидаст аз беордиҳо суфраамро муш,
Бари девор ҳайрон муддате ғирболи ман бошад.
Дил аз бори аламҳо нотавон чун мурғи бебол аст,
Ба кунҷи сина нолон мурғаки беболи ман бошад.
Бар ҳар ҳоле, ки бошам, банд мебошам ба моломол,
Давои дардҳо шояд, ки моломоли ман бошад.

# САТРҲОИ ОХИРИН

* * *

Қудрати ақлу адабро то ба кор овардаем,
Пеши рӯ ояндаро оинавор овардаем.
Дафтари моро агар як бор хонӣ, пай барӣ,
Бо сухан дар фасли сармо навбаҳор овардаем.
Дасти пиронро гирифта бар чаманҳо бурдаем,
Навниҳолони чаманҳоро ба бор овардаем.
Оташ андар решаҳои душманӣ афканда мо,
Дӯстиро ояти парвардигор овардаем.
Бар шумори худпарастону ҷаҳолатпешаҳо
Аз шумори хатзаданҳо ихтисор овардаем.
Ҷуфти ёронро ҷудо не, ҷафстар бинмудаем,
Бар ҷудоандозҳо роҳи фирор овардаем.
Қиссаи Яъқубу Канъонро ба ҳасрат дода шарҳ,
Юсуфи гумгаштаро сӯи диёр овардаем.
Чун бародар дар раҳи инсоф аз баҳри худо,
Мо мададҳо бар ғарибони низор овардаем.
Ноумедиро чу дуд аз дил бадар андохта,
Пояи уммедҳоро иқтидор овардаем.
Дар замоне, ки ба хун омехт ин ҷо рӯзгор,
Наварӯси орзуро бар канор овардаем.
Дар намуди шамъ худро сӯхта то субҳдам,
Равшанӣ бар тинати щабҳои тор овардаем.
То ду чашми ёрро бинем дар шакли дигар,
Села-села аз ғизолон бе шикор овардаем.
Дил ба дил пайванд карда байни ғайру ошно,
Себи сурху нок аз шохи чанор овардаем.
Дар зарурат аз хурӯҷи нанги бо шир омада,
Сангро бо сар зада, берун шарор овардаем!

* * *

Ҷуз ёди ту дар сар нашавад ёди дигарҳо,
Доданд ба мо ёди туро ёд падарҳо.
Бо ёди ту шаб хоб равем аз ҳама фориғ,
Аз хоб ба ёди ту бихезем саҳарҳо.
Донем кучҷоиву надонем кучҷой,
Дар ҷон шудаӣ ҷой ту чун нури қамарҳо.
Ҳар ҷо ки равонем, туӣ ҳамсафари мо,
Пурнур шавад дида зи амвоҷи шарарҳо.
Як зарра ба дил нест нишон аз ғаму аз бим,
Афтад ба гурез аз раҳи мо шоми хатарҳо.
Мо бед шинонем агар дар лаби боғе,
Он бед диҳад дар назари нек самарҳо.
Худ, ки падаронем кунун дар шумари давр,
Аз он самари хайр бичинанд писарҳо.
Ҳар вакт, ки бар дидани он боғ дароем,
Моро ба нигаҳ хуб шиносанд шаҷарҳо.
Овоз бароранд, ки: «Оеду биёед,
Эй хонда дабистони ҳама илму ҳунарҳо!»
Оре, бувад ин ҳукм раво бекаму бекост,
Дар пешаи мо баски барор асту зафарҳо.
Меҳрат дигару бар сари ин ҳаст муайян,
Дорӣ зи кучҷое ту ба мо боз назарҳо.

* * *

Мезанад бар ҷону тан оташ дили шайдо маро,
Мефиристад бар адамҳо охир аз дунё маро
Бехудоӣ ҳокимият дошт чанде бо ғурур,
Бо фиреб афканд гоҳо дар чунин савдо маро.
Ҳар нафас уммедҳо дорам, ки монам зинда боз,
Мисли Одам гар бипартоянд аз боло маро.
Гар ҳалолӣ оятам бошад, худои меҳрубон
Аз қафои гӯсфандонам кунад Мӯсо маро.
Зумрае аз ашки чашмам дар ғами бечорагон,
Сахт механдаду мехонанд бемаъно маро.

Сайд агар аз тири сайёд аст тарсон дар гурез,
Мекушад дар ҷои худ як нуктаи беҷо маро.
Аз сухан тарсиданам аз ибтидо то интиҳост,
Шарҳи инро хома гӯяд лаҳзаи иншо маро.
Аҳлҳоро ҳам ба ранги мол ғорат мекунанд,
Чанг бар доман занад ҳар рӯз ин яғмо маро.
Бенавоӣ ҳамнишинам гаштааст аз файзи давр,
Аз дигарҳо зистан хуштар мабод асло маро.
Ту чӣ дорӣ, ӯ чиҳо дорад, пашорам мебарад,
Сархамиҳо нест пеши мардуми доро маро.
Кӯчаҳои шаҳр медонанд получ гаштанам,
Мастҳо девона мегӯянд бепарво маро.
Шеърҳоям пора-пора кардаву иртиш диҳед,
Рӯзи фавтам гар нагардад колае пайдо маро.

* * *

Ҳар чие гум кардаам, ман кардаам,
Бе каҳу бе дона хирман кардаам.
Монда танҳо дар биёбони фироқ,
Байни хори ғусса маскан кардаам.
Тирборон хандаҳоямро бибурд,
Тар зи ашки дида доман кардаам.
Дӯст, ки аз ман канорӣ гаштааст,
Тарк бе ӯ боғу гулшан кардаам.
Мушт бар сар мезанам, бар рӯй чанг,
Хешро бобанди шеван кардаам.
Сар надорад тоқати сармониям,
Кори дил зӯр аз тапидан кардаам.
Ҳеҷ не, ки ғам кунад аз ман фирор,
Ҳар қадар бо ӯ занозан кардаам.
Ҳоли худро дидаю ночор дил
Сард аз дунёи равшан кардаам.
Бехабар мондам, ки бо ғам ҷони хеш
Сахттар аз сангу оҳан кардаам.

* * *

Мо ташнаи нурему туро меҳри тамоме,
Ҳастем ғуломею ғуломею ғуломе!
Дорӣ ту ба лаб ҳарфи дуруштею вале мо
Дорем паёмею паёмею паёме!
Парвоз кунем аз асари шавқ чу кафтар,
Аз бом ба бомею ба бомею ба боме!
Боде, ки равад ҷониби ту, дар нафаси ӯ
Аз мост саломею саломею саломе!
Рӯзе шаваду аз ту ба мо мужда биёяд,
Мастем зи ҷомею зи ҷомею зи ҷоме.
Монанди ту аз олами ҳусни сара моро
Кас нест кироме ю кироме ю кироме!
Чун номи ту дар шеваи мо ҷилва намояд,
Некӯст каломею каломею каломе!
То дар назари тозаи ту бад нанамоем,
Морост низомею низомею низоме!
Як бор агар рӯи ту бинем, биёбем
Маҳтоб ба шомею ба шомею ба шоме!
Аз каф ҳама додему вале ҳаст ба дилҳо
Як пора маромею маромею мароме!

* * *

Ту ҳоло ҳам намедонӣ дили моро,
Маломат сахт дорӣ маҳфили моро.
Касе ғофил наяст аз мо, бадаш гӯӣ,
Ба некӣ ном гирӣ ғофили моро.
Чу дарёему дарёи пур аз шӯрем,
Набинӣ хушк дигар соҳили моро.
Чӣ гӯему чӣ пеш орем, ботил нест,
Ба худ бурдаст боде ботили моро.
Ба қотилҳо забони нафрате дорем,
Сано гӯӣ ба хилват қотили моро.

Шукӯҳи сӯҳбати мо ҳуррӯёнанд,
Ба санге куштаӣ ту Ҳобили моро.
Гунаҳ ҷустию моро беҷигар гуфтӣ,
Худ аз худ тарк кардӣ манзили моро.
Накӯ бингар, ки мо дар ҷӯши исёнем,
Алайҳи он, ки хоҳад нозили моро.
Нумӯи тозагӣ бахшад ҳавои хуш
Ба ин ҷою ба он ҷо моили моро.

* * *

Омадам, ки як нафас бо ту ҳаводорӣ кунам,
Дар ҷавоби ранҷи афсуни ту ғамхорӣ кунам.
Рӯзҳои рафтаро пешат намеорам ба ёд,
Тарки ёди рӯзҳои мардумозорӣ кунам.
Бешумар гаштанд кушта ошиқони бегуноҳ,
Бегуноҳиро бадал беҳ бар гунаҳкорӣ кунам.
Нест зинҳорам ғанимат умри ҳасратношикан,
Шиква аз умри абас дар байни бисёрӣ кунам.
Рози бар дил хуфтаат равшан бувад бе гап маро,
Талх ҳарфе ҳам бигӯӣ, сахт худдорӣ кунам.
Сӯҳбати гармат агар хоҳӣ яке бифрӯхтан,
Ман харидорӣ варо бо нархи бозорӣ кунам.
Навбаҳорон омаду рафт аз назар дар лаҳзае,
Гул надидам, ки аз он як бӯйбардорӣ кунам.
Мотами ёру диёр ашки равонам сохта,
Ашк гашта, хешро аз дидаҳо ҷорӣ кунам.
Дил зи санги доғу ҳасрат тухми ғавҷак гаштааст,
Тобу дармоне надорам, ки ба дил ёрӣ кунам.
Дар дами боди самуме дар биёбон мондаам,
То ту гирӣ дасти ман, пеши худо зорӣ кунам.

* * *

Мапурс аз рӯзи талхам – як дили оғӯшта дар хунам,
Парешонхотиру оворагарди дашту ҳомунам.
Вуҷуди аз муҳаббат сабзам аз ғам заъфарон боғест,
На себам гул кушодасту на бодому на зайтунам.
Табассум аз лабонам рафтааст аз даҳшати фардо,
Сари ҳар тори мӯ ларзонаму пуроҳу маҳзунам.
Касе парво надорад мемурам, ё зинда мемонам,
Бичӯшам, ё хамӯшам, дар таҳи писханди афзунам.
Ба боди номуродӣ вохӯрам дар ҳар қадам, эй вой,
Кашида ранҷҳои пешаму беганҷ акнунам.
Асои дасти пириям бувад аз чӯби пур аз хор,
Ки деви нотавонӣ карда бошад сахт афсунам.
Ба як дам рангу рӯям дар назар якранг метобад,
Дами дигар чу вақти ҷонканӣ бинӣ дигаргунам.
Хаёли бекасиву рӯзгори бесару сомон
Кунад дар ҳар нафас чун лашкари морон шабехунам.
Агар сад ваъда бар гӯшам кашад фарёд аз толеъ,
Набинад ҳеҷ кас аз ваъдаҳои хушк мафтунам.
Забон аз ишқу армон аст дар доми фаромӯшӣ,
На Ширинам, на Фарҳодам, на Лайлоям, на Маҷнунам.
Намонда зӯри бозӯ, к-он дарахт аз реша бармеканд,
Намонда нур дар чашму ҷило дар рӯи гулгунам,
Ба хубӣ ҳис намоям дар амал беқадрии худро,
Сухансанҷам, ҳунармандам, Арасту ё Фалотунам.
Пасандозе, ки бо заҳмат ба даст овардаам, надҳанд,
Намонад боз лаб бикшоданӣ як зумраи дунам.
Ба нӯги панҷаат хоре халад, аз он ба дод ой,
Маро ханҷар зананд ин ҷо, худам донам, ки худ чунам.
Агар сӯзу гудозу шевану ғам давлате бошад,
Бадавлаттар дар ин дунёи ғамовар зи Қорунам.
Ҳақиқатро агар гӯям, шавам ноҳақ гунаҳкоре,
Ки гӯӣ Туғрали қурбони роҳи ҳақ ба Зосунам.

Зи маҳфилҳои шӯҳратҷӯйҳо по кардаам кӯтаҳ,
Чӣ мегӯянду менозанд бо худ, ман ба берунам.
Шавад гоҳо ки боло менишонандам ба сӯҳбатҳо,
Ба боло ҳам нишинам, тоқа мисли нуқтаи нунам.
Чӣ бинвисам, чиҳо гӯям, ба ҳолам хандаҳо доранд,
Қаламкаш неву одам не, ба дида гӯӣ маймунам.
Фишори рӯзгори номуносиб бемадорам кард,
Ки пеш аз мӯҳлати қисмат дуто шуд қадди мавзунам.
Машом эҳсос натвонад кунад бӯи гуле ҳаргиз,
Гаранги кӯчаҳо баски зи бӯи бангу афюнам.
Ба ҳар як ҷой Заҳҳок асту ақли пок бар ӯ қут,
Агар ман Кова бошам, нест дардо, ки Фаридунам.
Чӣ мепурсӣ ба ҳайронӣ, ки дар айёми вайронӣ
Ба ҷуз дод аз алам набвад дигар маънову мазмунам.
Ҳама шавқ аз дилу аз дидаҳо бурданд зебоӣ,
Чу Собир беҳ, ки партоянд бо санге ба Ҷайҳунам.
Дар ин дунёву он дунё даво набвад ба худкарда,
Чунон кардам, ки помоли гуноҳи худ саропунам.
Зи кори кардаам шармандаам дар олами покон,
Аз ин рӯ бештар аз дидаҳо дониста макнунам.
Чӣ гап, ки муфлисӣ меҳмони ман гаштаст бедаъват,
Аҷаб меҳмон, ки мисли кирм хӯрдан дорад аз бунам.
Зи ночории нодорӣ рафиқон тарки ман карданд,
Ҷаҳаннам гаштааст аз тоқагӣ маъвои серунам.
Ба ғорат даст мебурдам аҷаб не, дар чунин наҳсӣ,
Намекуштам агар дар кӯдакияш нафси малъунам.
Куҷо, пеши кӣ бикшоям варақҳои дили садчок,
Даме бифрӯхта овоз бар як кулча собунам.
Чунин кардам, ки аз ман дар хурӯҷи хоргаштанҳо
Гурезон шуд чу ёри бевафо бахти ҳумоюнам.
Даре ҳар ҷой бикшодам паи сомони заҳматҳо,
Надидам ваъдае ҳатто ба ғайри шатта дар кунам.
Ба олам як каси дилсӯз мекобам, намеёбам,
Аз ин бадтар чӣ меоварда бошад чархи гардунам?!

* * *

Вобаста ҳама кори накӯ бар ҳунари мост,
Гар хор шавад марди ҳунар, ин зарари мост.
Аз шаб чӣ гурезӣ, агарат шавқи саҳар нест,
Торикии шаб аз назари бешарари мост.
Аз ҷониби мо кори баде ояд агар пеш,
Лаънат ҳама дар навбати худ бар падари мост.
Кӯр аст ҳамон, ки назараш моили мо нест,
Тарсем аз он кӯр, ки худ ҳамсафари мост.
Хоҳем, ки аз кину бадӣ пок бимонем,
Аммо чӣ кунем Аҳримане пушти дари мост.
Бемор шавем аз ғаму марҳам натавон ёфт,
Бемории мо доғ зи даври қамари мост.
Таърих ҳанӯз аз ғами мо сафҳа надорад,
Ҳар кас, ки навиштаст, чу як раҳгузари мост.
Дар қофилаи умр накӯ ном набурданд,
Имрӯзи пур аз фоҷиааш номбари мост.
Болишти паре, ки ба сар озор надорад,
Он аз пари мурғон наю аз болу пари мост.
Як рӯз шавад пири ҳақиқат ҳаками кор,
Уммед дар ин фосила чашму назари мост.
Ту бошӣ агар бо ману ман бо ту шавам як,
Мифтоҳи дари ҷумла муаммо ба бари мост.

* * *

Чиҳо кунад ба ҷони ман фиребгар замонаам,
Каҳам ба об бурдаву диҳад ба бод донаам.
Умед канда аз дилу фусурда сохт пайкарам,
Ба гурзи сӯзу ғам зада миёни ҳар ду шонаам.
Мусибате нарафтаву мусибати нав орадам,
Азогирифтаи абад зи дарди бекаронаам.
Зи чанги беадолатӣ гулӯи ман раҳо нагашт,
Фитода дар балои он магар ки ҷовидонаам?

Зи сар бадар шуда маро хаёли беҳшавии ҳол,
Ба дасти лашкари бадӣ асир дар миёнаам.
Ғубори тира пеши рӯ чу парда рӯи дидаҳост,
Дигар намонд равшанӣ, ки по ниҳам ба хонаам.
Чу кӯри беасо манам миёни роҳи пурмағок,
Ба фаҳм ҷо намешавад, ки бар куҷо равонаам.
Зи ҳар канор мерасад ба гӯш оҳи пургудоз,
Ба печи ҳалқаи ҷафо магӯ, ки худ ягонаам.
Қалам ба ҳоли зори ман ба сафҳа нола мекунад,
Ба ашки дида мебарад ба ҳар тараф нишонаам,
Фариштаи муҳаббатам ба зиндагӣ ҳалок гашт,
Бурида шуд ибодатам ба қиблаи таронаам.
Ривоҷи кори ман ҳама ба хоки тар фурӯ нишаст,
Ба мардуми суханталаб чӣ мешавад баҳонаам?

* * *

Аҷаб, ки дидаҳо пӯшида дорему ғунудан нест,
Дигар дар бистари роҳат насиб аз хоб будан нест.
Сари мо, к-аз фараҳ дирӯз то афлок судан дошт,
Кунун то астари тоқӣ варо маънои судан нест.
Агар оина бандад занг, хокистар кунад покаш,
Вале доғи дили моро илоҷе аз зудудан нест.
Рабуданд ояти одамгарӣ ҳам аз миён охир,
Вале бидҳанд фатво, ки дар ин манзил рабудан нест.
Гиреҳ андар гиреҳ афтад ба саъю пешаи мардум,
Ки бо дандону бо нохун раҳи онро кушудан нест.
Намояд хор дидори худаш бо гул тамошобоб,
Ҳунарҳояст дар мою ҳунарро вонамудан нест.
Шумори умр кам мондаст андар дафтари котиб,
К-аз ин дарду ғами ҷонсӯзро ғайри фузудан нест.
Биронад молдори чарх бо як чӯб молашро,
Ба мо ҳам некро аз бад хаёли озмудан нест.

* * *

Ба шавқе дар вафои шеъри тар гаштам, ту медонӣ,
Ба ёдаш аз замин то бар қамар гаштам, ту медонӣ.
Шудам саргарми маъною тароватҳои нав дар он,
Ба шаб дил дода, ғофил аз саҳар гаштам, ту медонӣ.
Чамидан дар чаманҳою шамидан гул ба гулшанҳо,
Надидам сер, балки бехабар гаштам, ту медонӣ.
Рагу пайванди ман якҷоя бо шеър аст андармон,
Ҷудоям гар шуд он, бе болу пар гаштам, ту медонӣ.
Касе бархонд шеърамрову равшан кард роҳеро,
Ба хидмат пеши ӯ бешӯру шар гаштам, ту медонӣ.
Хаёлам, ки насибам мешавад аз пешаам ҷаннат,
Ба содалавҳиям хуни ҷигар гаштам, ту медонӣ.
Падар гуфтам, ки роҳи дигаре бояд бигирӣ пеш,
Бурун аз маслиҳатҳои падар гаштам, ту медонӣ.
Тамоми умр сарфи ин амал кардам, дареғи умр!
Канора аз ҳама кори дигар гаштам, ту медонӣ.
Кӣ бошад хортар дар рӯзгор аз ман, кӣ мегӯяд?
Дар ин ҷо бастаи ҷабри ҳунар гаштам, ту медонӣ.
Китобамро, ки он аз оҳи дилҳо сафҳа пур кардаст,
Надидам во кунанд, озурдатар гаштам, ту медонӣ.
Тамасхур сатрҳои пургудозамро кунад Доро,
Ба Доробачча акнун сарбасар гаштам ту медонӣ.
Ба сарватмандияш монам муқобил хомаи урён,
Ҳамон хокам, ки по болои зар гаштам, ту медонӣ.
Ба ҳар боғе, ки заҳрафшон дарахте сар ба боло кард,
Ба бехи он сухан дар лаб табар гаштам, ту медонӣ.
Натарсидам, агар бар рӯи дорам кашкашон карданд,
Кашола бар ҷаре ё чун кавар гаштам, ту медонӣ.
Ба ҷуз майдони килку дафтар охир размгоҳам нест,
Дар ин майдон яли соҳибзафар гаштам, ту медонӣ.
«Якеро мекушад килкам, якеро зинда медорад»,
Ба дунёи дурӯя сеҳргар гаштам, ту медонӣ.

* * *

Рафтори мо ҳато шуд, сад дарду сад бало шуд,
По сар шуда ба ҳар ҷо, сар ҳар кучҷой по шуд.
Он, ки худой мегуфт аз ҳоли зори бисёр,
Доранда гашту ғофил якбора аз худо шуд.
Фисқу фуҷур балки авҷу ривоҷ дорад,
Ақли саломати мо девонаҷо ба ҷо шуд.
Фаҳму фаросат ин ҷо бар коми интиҳо рехт,
Ҳам ҷаҳлу ҳам разолат ҳар гӯша ибтидо шуд.
Ҳайрони зиндагонӣ гаштем, баски дидем,
Бар зӯр давлат афзуд, нозӯр бенаво шуд.
Дӯкон қатори дӯкон дорад ҳазор найранг,
Рӯзии мо ба дасти ҳар фитнаошно шуд.
Меҳру вафои одам бар одам аз миён рафт,
Уммеди зинда мондан чун дуд бар ҳаво шуд.
Бозори маҳшар, эй дил, наздик даррасидаст,
Вақто ки ин ҷудо шуд, вақто ки он ҷудо шуд.

* * *

Бори ғами кӣ мекашӣ, гаштаӣ сахт бемадор,
Аз ғами туст бар танам ҷони азиз беқарор.
Роҳ равӣ, чу навдае дар дами бод хам хӯрӣ,
Гоҳ ба роҳ мекунӣ роҳи дигар ту ихтиёр.
Во аҷабо, ки ҳусни ту ранги дигар гирифтааст,
Лола шудаст зардрӯ рӯзи баҳори гулнисор.
Ман чӣ кунам, ки сӯзи дил як тарафу ту як тараф,
Ҳуши сару нигоҳи чашм аз ту намеравад канор.
Рӯи варақ намеравад хомаи хушбаёни ман,
Тарки сухан намекунад гарчи ба ёди навбаҳор.
Нолаи мурғи шаб расад то ба саҳар ба гӯшҳо,
Нолаи ман намерасад, ҳеҷ дигар ба гӯши ёр.
Дарди фироқ бошадат, аз кӣ ҷудо шудӣ, бигӯ?
Соате ту ба рози худ сӯзи маро зи дил барор.

Ё ту ба ғусса мекушӣ шоири сархамидаро,
Ё туӣ аз забони ӯ шеъри баланд интизор?
Ҳар чӣ писанд бошадат, он бикуну маро мапурс,
Пешаи ёр мешавад гоҳ чунин ба рӯзгор.

* * *

То мардуми мо ғофил аз аҷдоду насаб шуд,
Бегона ба ҳам гаштаву худҷӯ ба лақаб шуд.
«Ту ониву ман инаму вай одами мо нест»,
Гуфтанд чунин беш, ки нохун ба асаб шуд.
Ҷаҳл омаду куфр омаду имон таги по шуд,
Шамшер баланд аз амали кину ғазаб шуд.
«Ғафлатзадаҳо», ки шуда «бедор» зи ғафлат,
Бедор касе буд, ба гирдоби ғанаб шуд.
Доно ҳама нодон шуду нодон ҳама доно,
Гумроҳии мо бар ҳама ҷанҷол сабаб шуд.
Хун рехт яке дар бадали ҳақнаписандӣ,
Аз ҳукми ғалат ҷон ба дами нори тааб шуд.
Аз дидани хун пода ба дод ояду шӯре,
Чун пода ҳама дар мағалу ҳоли аҷаб шуд.
Яғмо пас аз ин зӯр заду тор баромад,
Сарпӯши сари рӯз дигар чодари шаб шуд.
Умри кӣ бувад кӯтаҳу умри кӣ дароз аст,
Айши кӣ бувад пасту баланд аз кӣ, ваҷаб шуд.
Биност ба ҳар гӯша, ки пинҳон зи назарҳост,
Кӯрест ба ҳар кӯй, ки оинаталаб шуд.

* * *

Эй чӣ кунам, ки аз барам хома ҷудо намешавад,
Сӯҳбати байни мо ба ҳам ғайри вафо намешавад.
Шикваи зиндагӣ кунам, ё ки шавам ба мадҳи ӯ,
Ҳар тарафе, ки ҷон канам, вай ошно намешавад.
Будани ман дар ин ҷаҳон бе асар асту бе амон,
Чанги фано зи кашталам баски раҳо намешавад.

Ҳамсафаре наёфтам, бори ғамам кунад сабук,
Соя равад баробарам, ки муттако намешавад.
Бегунаҳӣ ба рӯи кас нури Муҳаммад оварад,
Хок ба сар кунам, ки ин ба рӯи мо намешавад.
Бар ғалате равонаем аз ғалате аз ибтидо,
Он чӣ дар ибтидо нашуд, дар интиҳо намешавад.
Бандаи пургунаҳ манам, як саги рӯсияҳ манам,
Тавба насӯҳ агар кунам, тавба хато намешавад.
Офиятам намондааст аз ситаму ҷафои умр,
Умри ба пеш мондаам беҳ ба даво намешавад.
Қарзи худо ба гарданам беш бувад зи мӯи сар,
Вой, ки мурда меравам, қарз адо намешавад.

* * *

Ҳамсояи бисёр бувад дар гузари ман,
Бемораму яктош нагирад хабари ман.
То бод нагардад, сари як шох наҷунбад,
Исбот кунад дам ба дам инро шаҷари ман.
Бар ҳар кӣ ба уммед зи худ суд расондам,
Ҳайҳот, ки дорад ҷадале бар зарари ман.
Як рӯз маро мекушад аз дасти рақибон
Исонафасии қалами лабшакари ман.
Марг ораду болот шавад замбари хоке,
Ин ҳам ба сари туст яқин, ҳам ба сари ман.
Марге, ки худо ҳадя кунад, арзи қабул аст,
Лекин чӣ бигӯед ба марги дигари ман:
Шармандаи дунёяму безори қиёмат,
Гар лаб бикушоянд зи айби писари ман.

* * *

Обрӯи одам аз нон будааст,
Нон набошад, дур аз шон будааст.
Номи бенон кас наорад бар забон,
Мардум аз бенон гурезон будааст.
Хира чашмаш гашта аз сели хаёл,
Бебадалхотир парешон будааст.

Ҳамчу тифли монда аз модар сағир
Чораноёбею ҳайрон будааст.
Деҳқон монад агар бенону зор,
Оламе дар ларзаи ҷон будааст.
Нон шуда бар ҳарфи мардум мубтадо,
Ҳар тараф шӯреву афғон будааст.
Шоиронро табъ гардида хамӯш,
Рӯзашон тору шабистон будааст.
Бебаён хобад ба рӯи сафҳа килк,
Шеър ҳам дар дасти деҳқон будааст.

* * *

*Назира бар ғазали худам*

Як бори дигар май ба қадаҳ мешуда бошад?
Аз бонги қадаҳ ҷӯши фараҳ мешуда бошад?
Гулгунии рухсораи дилдор ба дида
Рангин шафақи шоми сияҳ мешуда бошад?
Рӯе, ки бувад нек, дигар аз ҳаваси мо
Аз дидаи бадхоҳ панаҳ мешуда бошад?
Моем чу пайваста ба ӯ банди нигоҳе,
З-ӯ ҷониби мо ним нигаҳ мешуда бошад?
Кардем гуноҳе, ки нагунҷид ба дунё,
З-ин гуна гунаҳ пок пагаҳ мешуда бошад?
Оне, ки азон доду камон доду табаҳ кард,
Шармандаю дар ҳоли табаҳ мешуда бошад?
Чаҳкан, ки сари роҳи касон чоҳ биорост,
Афтода сарозер ба чаҳ мешуда бошад?
Як рӯз агар бори гунаҳ бар саре афтад,
Он сар ба сари дори гунаҳ мешуда бошад?
Авроқи сияҳкории айёми маҳалбоз
Чун барги хазонгашта ба таҳ мешуда бошад?
Хизре, ки ба мо буду малол аз бари мо рафт,
Баргашта ба мо боз ба раҳ мешуда бошад?

*12 феврали 1995*

* * *

Рӯ ба рӯ шинем, рӯ гул мекунад,
Бе шаробу бе сабӯ гул мекунад.
Розҳо гӯем он сон, к-аз ҳавас
Дар ману ту гуфтугӯ гул мекунад.
Сайругашти хеш бар ёд оварем,
Чун чаманҳо кӯ ба кӯ гул мекунад.
Ҳазли ноҷое агар ояд ба лаб,
Чеҳраи ту то гулӯ гул мекунад.
Кас надидаст оби ҷӯро гулнисор,
З-акси ту ҳар оби ҷӯ гул мекунад.
Рӯи худ бар об шӯӣ ҳар гаҳе,
Дар рухи ту шустушӯ гул мекунад.
Гул ки бошад, бӯй орад бар машом,
Маст гардад он, ки бӯ гул мекунад.
Сӯҳбати моро бубинад ҳар касе,
Бо муроде низ ӯ гул мекунад.

*сентябри 1995*

* * *

Доғҳо шаб ба дилам нӯлаи гургона заданд,
Хандаҳо бехабарон бар мани девона заданд.
Пеши чашмам ҳама сардию сиёҳист ғарам,
Қабри сайёр ба ман дар ҳарами хона заданд.
Одамон аз ситаму ҷаҳли замон хок шуданд,
Айби инро ба сари мардуми фарзона заданд.
Чашм бар чашм сари душманӣ дорад ба миён,
Худкушон теғ ба ҷони худу бегона заданд.
Кундаи сабри моро сахтию барҷоӣ гузашт,
Чун ба он теша зада, путк зада, фона заданд.
Адаб идбор бидид, беадабӣ бахт ситонд,
Гом ҳар ду паи мақсуд зада ё назаданд.

Шармсорӣ ба сари мо шуда з-ин фоҷиа бор,
Мӯҳр ин нукта ба ҳар қиссаву афсона заданд.
Ишқ ҳам пир шуда аз аламу мемурдаст,
Зинда гар ҳаст, варо дур ба завлона заданд.
Ғазали меҳру вафо беш суруданд ба даҳр,
Нуқтаҳо зеру забар сурати дурдона заданд.
Натавонем дигар даъвии хушгӯӣ кард,
«То сари зулфи суханро ба қалам шона заданд».

*сентябри 1995*

* * *

Эй ёри нигаҳдор, нигаҳ дор маро,
Беморату аз ҷой бубардор маро.
Дар такяи худ гир, дигар такя мабод,
Аз такяи нарми хеш нагзор маро.
Сад бор гунаҳ кардаму мункир нашавам,
Уммед, ки бахшӣ ту ба як бор маро.
Бе ёди ту гар нафас бигирам, хуш нест,
Бар ёди худат карда гирифтор маро.
Беморшавӣ барад ба ҳар кӯй хаёл,
Бошад, ки ту кардаӣ хабардор маро.
Ҳар дард, ки ояд ба танам, шукр кунам,
Шукронаи ту ҳаст ба гуфтор маро.

*феврали 1996*

* * *

Сахт шуд дардам, табибо, ҷуй тадбири дигар,
Нест дар доруи дирӯзи ту таъсири дигар.
Такя бар зоти худо дорем аз рӯзи азал,
Лек бар худ бояд одам дошт як пири дигар.
Ҳар чӣ кӯшидем, аз ғам уқдаи дил во нагашт,
Балки печидаст он дар банди занҷири дигар.
Захмҳои Тоҷикистон бетабобат мондаанд,

Мерасад бар ҷони ман ҳар лаҳза як тири дигар.
Аз худонотарсҳо тарсон шудам то зиндаам,
Ҳаст оҳам нолаи як мурғи шабгири дигар.
Хостам ханҷар занам одамкушонро бо қалам,
Лек аз ту, ҳамқалам, диданд тасвири дигар.
Фош созам гуфтам ин тазвир пеши хосу ом,
Пушти ҳар тазвир пайдо гашт тазвири дигар.
Сафҳаи таърих медонад ҷаҳонгирон зиёд,
Маҳв бинмояд ҷаҳонгире ҷаҳонгири дигар.
Хоб дидам, к-Аҳриман банду ғуломи Ҳурмуз аст,
Юсуф аммо дод бар ин хоб таъбири дигар.
Ҳар қадар сайёди бешафқат кунад нахчир сайд,
Боз мемонад ба кунҷе зинда нахчири дигар.
Шири одам хӯрдаему нест дар мо ақли кулл,
Шарт шояд ҳаст хӯрдан аз ягон шири дигар.
Панҷаи тақдир рӯи мо харошад, хун кунад,
Эй худои зиндагӣ, пеш ор тақдири дигар!

*8 августи 1996*

* * *

Дарди ман шаб бурдборӣ мекунад,
Ҷон ба пайкар беқарорӣ мекунад.
Дил ҷудову пову сар сӯзад ҷудо,
Сӯзовар майдакорӣ мекунад.
Нолишам берун шуда аз равзана,
Боди гардонро саворӣ мекунад.
То шавад мардум зи ҳолам бохабар,
Бод бо ташвиш ёрӣ мекунад.
Шаб дароз асту дароз, эй хайрият
Рӯз оҳамро наҳорӣ мекунад.
То саҳар пешам наояд гар табиб,
Хомаам бемордорӣ мекунад.

*29 сентябри 1996*

* * *

Дар бисотам ҷуз алам моли дигар мавҷуд нест,
Ғайри ғам аз хеш рондан дар дилам мақсуд нест.
Ҳар қадар болову поён медавам чун чораҷӯ,
Чора бар дарди мани афтода дур аз суд нест.
Тира гардад пеши чашмам ҳар замон аз абри ғам,
Ҳар куҷо оташ бувад дар сӯхтан, бедуд нест.
Сели ашке, к-андар ин маврид бирезондам зи сӯз,
Як тараф гар бандамаш, камтар зи оби рӯд нест.
Зиндагӣ осудагиву шодиям маҳдуд сохт,
Мустамандиҳо ба рӯям ҳеҷ гаҳ маҳдуд нест.
Ҳар чӣ ояд бар сарам, чун кӯҳ тоқат мекунам,
Нанги ман, номуси ман ё сабри ман нобуд нест.
Дар миёни ин ҳама суду зиёни худкушӣ
Шукр мегӯям, ки килки банда хунолуд нест.

*25 ноябри 1996*

* * *

Зодгоҳам ёд меояд, чӣ гап бошад?
Бо ҳама бунёд меояд, чӣ гап бошад?
Аз мазори арчазораш ояд овозе,
Ё фиғони бод меояд, чӣ гап бошад?
Хорҳояш бар кафи поям намешинанд,
Бӯи гул-обод меояд, чӣ гап бошад?
Бо хаёле хобаму бо ҳасрате бедор,
Гӯш дар фарёд меояд, чӣ гап бошад?
Бистари бемориям сангин шуда торафт,
Дарду сӯз озод меояд, чӣ гап бошад?
Модари аз даҳр кайҳо рафтаам имрӯз
Пеши рӯ ношод меояд, чӣ гап бошад?
Даст бар пешониям монад зи рӯи меҳр,
Гӯиё имдод меояд, чӣ гап бошад?

*30 ноябри 1996*

* * *

Дидаи масти ту сайёди ман аст,
Тир бар ҷону ба бунёди ман аст.
Дур ҳам дорам худамро аз назар,
Дилшикории ту дар ёди ман аст.
Нолаи талхе расад бар гӯшҳо,
Порае аз оҳу фарёди ман аст.
Дар фалак абре, ки гирён меравад,
Як варақ аз ишқи барбоди ман аст.
Бар ғаму дарди фаровонам маханд,
Ханда бар ғамхор ҷаллоди ман аст.
Субҳ аз рӯи ту дилбар мешавад,
Шабнами субҳ ашки навзоди ман аст.
Бӯсае duздам гар аз лабҳои ту,
Байти маҳбубе дар эҷоди ман аст.
Пеши даргоҳи ту мурдан зиндагист,
Дар садоқат марг устоди ман аст.

*7 декабри 1996*

* * *

То аз ҳама бигзашта, ғазалҷӯи ту гаштам,
Як нусханигори хати абрӯи ту гаштам.
Дар фасли баҳорон ҳама рафтанд чаманҳо,
Ман монда чаманҳою сари кӯи ту гаштаам.
Омад ба хаёлам рухи ту вақти намозам,
Шуд қибла фаромӯшаму бар сӯи ту гаштам.
Монд аз даҳанам дур яке «сураи ихлос»,
Якбора ба ихлос саногӯи ту гаштам.
Аз рӯи ту шуд ҷаннати пурнур намоён,
Мафтуни тамошои гули рӯи ту гаштам.
Чандест, ки аз дард манам мурдақаторӣ,
Пешам чу шудӣ, зинда ман аз бӯи ту гаштам.

*12 декабри 1996*

* * *

Чиҳо гӯям, ки аҳволам хароб аст,
Ба дӯшам бор харсанги азоб аст.
Танам чун химчаи дар байни оташ,
Миёни нори ғам дар печутоб аст.
Ду по меларзаду дармон надоранд,
Сарам дар чарх мисли осиёб аст.
Ватан дар хуни худ ғарқ асту гирён,
Касе дил дорад, аз сӯзаш кабоб аст.
Қасос аз кӣ ситонад бо чунин доғ?
Суоле бошад ин, ки беҷавоб аст.
Ба дасти зумрае тир асту пайкон,
Ба дасти зумрае ҷому шароб аст.
Яке дар лоф бошад қуллапаймо,
Яке дар фитнабозӣ комёб аст.
Надорад чашми дидан одам одам,
Канора аксар аз кори савоб аст.
Ҷаҳолат дасти боло дорад имрӯз,
Адаб хор асту беҳурмат китоб аст.
Маҳалбозӣ ба хунрезист печон,
Сари ҳар як қадам дору таноб аст.
Диёр аз дасти он шуд пора-пора,
Ҷафои ҷони мардум беҳисоб аст.
Алайҳи ин мараз, ки кушт моро,
Ду чашмам интизори инқилоб аст.

*14 декабри 1996*

* * *

Иблис туро ёру бародар шуда бошад,
Дар фитна валекин ба ту чокар шуда бошад.
Бо даъвати ту тиру ҳадаф шуд ҳама мардум,
Дасти туву килки ту ба хун тар шуда бошад.
Бе суд надорӣ амале, аз паси ҳар фанд
Бологузарии ту муқаррар шуда бошад.

Садҳо сару по боз кафондасту шикастаст
Санге, ки зи помонии ту ҷар шуда бошад.
Ҷинси туву зӯри ту ба ин дахл надорад,
Рӯбоҳ аҷалбахши ғазанфар шуда бошад.
Сайёд уқобе бикунад сайд, сабабгор
Дар ҳалқа бари найза кабӯтар шуда бошад.
Гапро чӣ кашам, ҳастияту хислати шумат
Бар душмании халқ баробар шуда бошад.
Мотамзадагон бар ту маломат бифиристанд,
Мавқуф гуноҳи ту ба маҳшар шуда бошад.

*18 декабри 1996*

* * *

Дили ёри ту бемор аст ин ҷо,
Канор аз пешат афгор аст ин ҷо.
Ду дида интизори рӯз дорам,
Даме султон шаби тор аст ин ҷо.
Маро рангест ҳоло заъфаронӣ,
Баҳор арчи паи кор аст ин ҷо.
Хабаргирам пур асту кам нагаштаст,
Ба наздам халқи бисёр аст ин ҷо.
Гули садбарг овардам азизе,
Саропо дидамаш хор аст ин ҷо.
Фишори хунам ар гардад шабе беш,
Шаби дигар ба такрор аст ин ҷо.
Агар ман пеш боре кардамат ёд,
Кунун ёди ту сад бор аст ин ҷо.
Ҷудоӣ мекунад ҳоли дилам бад,
Муҳаббат ё гунаҳкор аст ин ҷо.
Агар хоҳӣ, ки шоир зинда монад,
Равуои ту даркор аст ин ҷо.
Кунад вирди забон ин ҳарф бозӣ;
«Нигаҳдорам нигаҳдор аст ин ҷо.

*19 декабри 1996*

* * *

Ман киям? Як доғдори доғи сӯзони диёр,
Ашкрезе бар мазори куштаи хешу табор.
Булбули бехонумони сӯхта боғу чаман,
Тутии танҳо ба кунҷе монда аз гуфтугузор.
Сайди тарсонгаштае аз ҳайбати сайёду тир,
Кӯ ба кӯву ҷар ба ҷар, ҷангал ба ҷангал дар фирор.
Бенавое дар балои н-ошно бар ошно,
Бедавое дар каманди печ-печи рӯзгор.
Гушнаи ду кулчаи рӯи ғарибафтодагон,
Ташнаи лутфе, ки бояд рехт ҳамчун обшор.
Оҳ-оҳи дидаҳое хирабин гардидаанд,
Вой-вои пайкаре, к-онро набошад иқтидор.
Ҷони дар лаб бударо то соли нав овардаам
Бо қадамҳои асову раҳмати парвардигор.

*21 декабри 1996*

* * *

Гуфтам биё, ки дилро тоқат дигар намондаст,
Бар чашми роҳпӯям нуру шарар намондаст.
Шом аст, шом ин ҷо аз зӯри ноумедӣ,
Ҷуз шоми шомзоде субҳу саҳар намондаст.
Аз рӯи ҳуснрезат чандест бенасибам,
Ғам хӯрд ҷисму ҷонро, умр он қадар намондаст.
То бар замин ниҳоданд аҳли камон камонро,
Ғайри камони абрӯ бологузар намондаст.
Хоҳам, ки нома аз дур бо номи ту фиристам,
Ҳайфо, ки дар замона як номабар намондаст.
Абре дар осмонҳо гирён бувад ба ҳолам,
Ин ҷо вале зи ҳолам як бехабар намондаст.
Бемории дарозам охир баҳона доранд,
Аҳли баҳонаҷӯро танбеҳгар намондаст.
Гуфто, ки омаданҳо дорам ният, валекин
Аз дасти бадназарҳо раҳ бехатар намондаст.

* * *

Умри одам рафта-рафта бехабар кам мешавад,
Пирӣ ояд, сарви қомат чун камон хам мешавад.
Вақти пирӣ тифл мегардад ту гӯӣ одамӣ,
Аз ғазаб ларзон шуда, аз лутф гирён мешавад.
Ғайри одам нест одамро дигар душман ба даҳр,
Хорузор одам мудом аз дасти одам мешавад.
Аз ғарибони ватангумкарда меорам мисол,
Шикваи эшон, ки аз одам паиҳам мешавад.
Ашкашон дар ҳасрату ёди ватан хуноба аст,
Дардашон кам неву ҳар соат фароҳам мешавад.
Рӯзи сахтӣ одам одамро нагирад даст агар,
Доғи ӯро ашки ҳасратҳош марҳам мешавад.
Гуфтам ин андешаро берун кунам аз сар даме,
Лек сад андешаи нав бар сарам зам мешавад.

*23 декабри 1996*

* * *

Мепарастам дар миёни боғи гул ҷавлони шеър,
Беҳтарин гулбоғ бошад баҳри ман дӯкони шеър.
Сад чаман гардидаму н-омад писанди ман гуле,
Ёфтам хушрангу бӯ гул дар худ аз гулдони шеър.
То ба умри хеш бинам безаволии абад,
Шири ақлу ҳуш хӯрдам ҳар дам аз пистони шеър.
Дигарон майдон ҷудо карданду хунҳо рехтанд,
Ман нарафтам як ваҷаб ҳам дур аз майдони шеър.
Заҳмати кам дидаам ё беш дар ин гирудор,
Баччаҳои хешро кардам калон бо нони шеър.
Нури чашму хоби шаб эҳсон ба он бинмудаам,
То чароғе дар дилам пайдо шуд аз эҳсони шеър.
Гар худо бо раҳмате меҳмони ман гардонадат,
Саҷда орам дар қадамҳои ту бо фармони шеър.
Пеш аз он, ки чойҷӯшамро алав монам зи шавқ,

Пахн аввал мекунам пеши ту дастархони шеър.
Шеър султонам бувад дар шеваи ишқу вафо,
То ба ту дар шеър ҷо ёбам, манам султони шеър.
Вай, ки маҳсули баранҷи ақлу идроки ман аст,
Ҳар чӣ паймон ҳаст дар ман, ҳаст ин паймони шеър.
Мардуме имрӯз саргардони рӯзӣ гаштааст,
Чун паи рӯзӣ манам ҳамвора саргардони шеър.
Дар хаёлам шеър ҳам як ҷисми зинда ҳасту бас,
Байтҳо чун пайкару васфи ту бошад ҷони шеър.
Бедилон бар баддилон гар симу зар пайдо кунанд,
Тӯҳфаи волои ман бошад ба ту девони шеър.
Як табассум оварад ин тӯҳфа гар бар лаб туро,
Ҳар гаҳе қурбон кунам худро, кунам қурбони шеър.

*25 декабри 1996*

# МУНДАРИҶА

Сухан аз меҳру вафо ....................3
Саҳаргоҳи тамошо....................12
Манзара....................13
Эй дил....................14
Бачадорӣ....................15
Деҳқон ва каланд....................16
Фасли дӯстдор ....................19
Ашки ток....................20
Аз баландӣ ....................21
Агар як мағзи нон бинам таги по....................21
Ғазали модар....................23
Тифл аз ҳама кор бехабар буд....................23
Тоҷикистон ....................25
Машъале бошад забони тоҷикӣ....................26
Арзи меҳр....................28
Шаббода....................29
Бачаҳои ман ....................30

КУЛЧАИ ОРЗУ
Хонаи норӯфта ....................31
Мӯзаи мардона ....................32
Ёд ....................33
Бачагӣ....................36
Ҷуфти мӯза....................39
Доғ ....................40
Ветеран....................41
Боварӣ....................42
Мисли ӯ ман низ нолам беҳисоб....................43
Ашк....................45
Кулчаи орзу ....................46

НОЛАИ ДИЛ

Табиат кард номардии сахте ........ 64
Фоҷиаи инсон ........ 65
Тоири фикру хаёлам мулки арман меравад ........ 66
Сӯгворӣ ........ 67
Ғам аст аз мӯи сар бисёр ........ 69
Ба Наврӯз омадем ........ 70
Кӯҳи пурганҷ ........ 71
Ҳарфи сӯзон ........ 73
Доғ ........ 74
Ситора ........ 74
Саволи беҷавоб ........ 75
Орзу ........ 76
Дастаи гул ........ 76
Гиря ........ 77
Мирзо гузашт ........ 78

САТРҲОИ ГӮЁ

Хуб кардӣ омадӣ, эй навбаҳор! ........ 79
Деҳқони пир ........ 83
Сари бепаноҳ ........ 91
Сабақ ........ 93
Хостгор ........ 96
Ба ханда достон гаштам ........ 97
Сагпарастӣ ........ 100
Марсияи айём ........ 101
Ба дунё мебарад боде хабар аз мо ........ 107
Ситеза ........ 108
Сели ашкам сафҳаҳоро шуста бурд ........ 111
Гурезаҳо ........ 112
Кӣ мегуфту кӣ мегӯяд? ........ 114
Ҷома ........ 119

Хунобаҳо аз барги гул ........................................ 120
Мардуми озурдаро шаҳди сухан бахшад даво ......... 131
Мусаббаъ бар ғазали Ҳофиз ........................................ 135
Мутассаъ бар ғазали Камол ........................................ 138
Дархост ........................................ 140
Вализодаи мо ........................................ 140
Гулдастаи баҳорӣ ........................................ 142
Манзари рӯз ........................................ 151
Як вақт гули сӯҳбату лутфи сара будем ................... 158
Мулк сангистону мо бесангарем ................................ 160
Ману ту ........................................ 167
Намудам ҷангро дар хеш зиндонӣ ............................ 169
Дасти ман бояд расад бар меваҳо ............................. 170
Дарахт ........................................ 171
Саг ........................................ 172
Мусаммат бар ғазали Соиб ........................................ 173

ҒАЗАЛҲО

Пуштаи сабз ........................................ 176
Рӯзи сиёҳ ........................................ 260
Гулҳои сурхосафед ........................................ 282
Сатрҳои охирин ........................................ 309

АШӮР САФАР

**БОРОНИ ҲИДОЯТ**
*(Мунтахаби ашъор)*

Ороиш ва сафҳабандии Ромиш Лоиқзода
Муҳаррири саҳифабандӣ Меҳрӣ Саидова
Мусаҳҳеҳ Раъно Атоева

Ба матбаа 14.07.2008 супурда шуд. Ба чопаш 15.07.2008 имзо шуд. Андозаи 84х108 1/32. Ҷузъи чопӣ 10,5. Адади нашр 1000 нусха. Супориши № 51.

Нашриёти «Адиб»-и
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734018. Душанбе, кӯчаи Н.Қаробоев 17 «а».

Дар матбааи ҶДММ «Эр-граф» ба табъ расидааст.
734036, ш.Душанбе, кӯчаи Р.Набиев, 218.